# Сайре дар сираи набавӣ

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

**Баргадон ва таҳия аз:**

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Феҳисти матолиб


Дебоча ........ 5

а) Падидаҳои себуъдӣ: ........ 5

б) Мавҷи исломӣ: ........ 11

Муқаддима ........ 16

Маънии “сира” ва анвоъи он ........ 20

Умқи каломи Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) ........ 22

Умқи рафтори пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) ........ 24

Маънии “сира” ........ 26

Сабкшиносӣ ........ 27

Сабкҳои мухталиф дар рафтор ........ 29

Фалсафаи зикри мусибат ........ 33

Мантиқи амалии собит ........ 34

Тақсими мантиқ ........ 35

Оё метавон дар амал як мантиқи собит дошт? ........ 35

Достони талаба ва иқтидо дар намоз ........ 36

Намунаҳои таърихӣ ноқизи ин назария ........ 37

Алӣ ........ 37

Салмон ........ 38

Абӯзар ........ 39

Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ........ 40

Шайх Ансорӣ ........ 41

Бурҳон ва шеър ........ 41

Таърифи зуҳд ........ 44

Методология ........ 45

Саъду наҳси айём ........ 46

Сира ва нисбияти ахлоқ ........ 49

Оё ахлоқ нисбӣ аст? ........ 50

Сармояи шиа ........ 50

Усули мулғо ........ 51

а) Асли ғадр: ........ 51

б) Асли таҷовуз: ........ 52

в) Асли инзилом ва истирҳом: ........ 54

г) Асли қудрат ва асли эъмоли зӯр ........ 54

д) Асли соддагӣ дар зиндагӣ ва дурӣ аз иръоб ........ 57
Баёни Алӣ ........ 59
Искандар ва Диоген ........ 62
Оё ҳадаф василаро тавҷеҳ мекунад? ........ 67
Истифода аз василаи номашрӯъ дар таблиғи дин ........ 67
Ҷаъли ҳадис ........ 68
Оё достонҳои Қуръон ҳақиқат надорад? ........ 70
Ду сухани ботили шойеъ миёни мутаҷаддидин ва мутақаддимин ........ 71
Бидъат ва навоварӣ ........ 72
Алӣ ва истихдоми васила ........ 75
Расули Акрам ва истихдоми васила ........ 76
Истифода аз ҷаҳолати мардум ба нафъи дин ........ 77
Вафоти фарзанди пайғамбар ва гирифтани хуршед ........ 79
Василаи ҳақ барои ҳадафи ҳақ ........ 80
Алӣ ва бастани об ба рӯи душман ........ 81
Амру Ос ва истихдоми васила ........ 82
Имом Ҳусайн ва истихдоми васила ........ 84
Посух ба ду пурсиш ........ 86
Достони Довуд алайҳис салом ва масъалаи истихдоми васила ........ 86
Ҳақиқати достон ........ 88
Решаи пайдоиши ин достон ........ 90
Посух ........ 94
Тасоҳуби колои куффори Қурайш ва масъалаи истихдоми васила ........ 96
Сухани Ҳоҷӣ Мирзо Ҳусайни Нурӣ ........ 100
Арзиши масъалаи таблиғ ва шароити мубаллиғ ........ 105
Дархостҳои Мӯсо алайҳис салом аз Худо ........ 105
Хитоби Қуръон ба Расули Акрам ........ 106
Сухани сангин ........ 109
Арзиши масъалаи таблиғ ........ 110
Иблоғ ба ақлу фикр ........ 112
Иблоғ ба дил ........ 115
Достони Бӯалӣ ва Баҳманёр ........ 116
Балоғи мубин ........ 117
Нусҳ ё хулуси сухан ........ 119

Парҳез аз такаллуф ........................................ 120
Равиши таблиғ ........................................ 122
Табшир ва инзор ........................................ 122
Танфир ........................................ 123
Латофати руҳ ........................................ 126
Мусалмон ва ҳамсояи масеҳӣ ........................................ 127
Маломати зиёд ........................................ 128
Ислом дини богузашт ва осон ........................................ 129
Хашяти илоҳӣ ........................................ 131
Тазаккур ........................................ 133
Имон иҷборбардор нест ........................................ 134
Сираи набавӣ ва густариши сареъи ислом ........................................ 139
Нармиш дар масоили шахсӣ ва салобат дар масоили усулӣ ........................................ 141
Машварат ........................................ 146
Парҳез аз хушунат дар даъват ва таблиғ ........................................ 147
Моли Хадиҷа ва шамшери Алӣ ........................................ 148
Дифоъ аз тавҳид ........................................ 150
Озодии ақида ........................................ 152
Алӣ ва реҳлати Заҳро ........................................ 155
Замима ........................................ 158
Таърихчаи зиндагонии Паёмбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ: ........................................ 158
Вилодат ва даврони кӯдакӣ ........................................ 159
Мусофиратҳо ........................................ 161
Шуғлҳо ........................................ 162
Савобиқ ........................................ 162
Сайре дар суханони Расули Акрам ........................................ 168
Сад сухан аз калимоти кӯтоҳи ҳазрати Расул Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ: ........................................ 172

بسم الله الرحمان الرحيم

## Дебоча

### а) Падидаҳои себуъдӣ:

Падидаи даъват, ки фарде аз афроди як навъ соири афродро ба ақида ва мароме бихонад ва онҳоро ба сӯе бикашонад, аз мухтассоти ичтимои башарӣ аст.

Шуоъи таъсири ин даъватҳо аз ҳайси арзу тӯлу умқ яксон нест, мутафовит аст. Таъсири бештари онҳо кам буда ва дар абъоди кучаке сурат гирифта ва мегирад ва аз ин рӯ аз чанбаи таърихӣ ва ичтимоӣ қобили таваччӯҳ ва аҳаммият нест. Аммо порае аз даъватҳост, ки лоақал дар як буъд пешравӣ доштааст. Масалан, сатҳи васееро ҳарчанд барои муддати кӯтоҳе фаро гирифта ва ё қарнҳои мутамодӣ — ҳарчанд дар миёни мардуми андак — давом ёфта ва ё нуфузи решадор гарчӣ дар миёни мардуми андак ва дар замоне нисбатан кӯтоҳ пайдо кардааст. Ин гуна даъватҳо дар хӯри аҳаммият ва шоистаи баррасӣ ва таҳлил ва аҳёнан тачлил аст.

Он чи беш аз ҳама дар хӯри аҳаммият ва қобили таваччӯҳ аст, даъватҳое аст, ки дар ҳамаи абъод пешравӣ доштааст; ҳам сатҳи бисёр васееро ишғол карда ва ҳам қарнҳои мутамодӣ дар камоли иқтидор ҳукумат карда ва ҳам то аъмоқи руҳи башар реша давондааст.

Ин гуна даъватҳои себуъдӣ махсуси силсилаи паёмбарон аст. Кадом мактаби фикрӣ ва фалсафиро метавон пайдо кард, ки монанди адёни бузурги чаҳон бар садҳо миллион нафар дар муддати 30 қарну 20 қарн ва ҳадди ақал 14 қарн ҳукумат кунад ва ба сирри замирҳои афрод чанг биандозад? Ҳамин чиҳат сабаб шуда, ки паёмбарон мустақим ё ғайри мустақим офаринандаи аслии таърих бошанд.

Таърих ба дасти башар ва башар беш аз ҳар чизи дигар ба дасти паёмбарон сохта ва пардохта шудааст. Агар дар арсаи халлоқият ва созандагӣ, заминаро “инсон” фарз намоем, ҳеч ҳунарманд ва санъатгаре ба пойи паёмбарон намерасад. Номуси офариниш чаҳонро мусаххари инсон ва инсонро мусаххари нерӯи имон ва паёмбаронро силсилачунбони ин нерӯ қарор додааст.

Ҳар чизе чуз он чи имон ном дорад, аз ақлу илму ҳунару санъату қонуну ғайра, абзоре аст дар дасти одамӣ ва василае аст барои ирзои тамоюлот ва таскини ғароиз ва таъмини

хостаҳои поённопазири ӯ. Одамӣ ҳамаи инҳоро дар роҳи мақосид ва ҳавоҳои нафси хеш истихдом мекунад ва ҳамчун абзоре аз онҳо баҳра мебарад. Танҳо нерӯи имон аст, он ҳам аз навъи имоне, ки паёмбарон арза мекунанд, ки аз як тараф ба таъбири Қуръон ҳаёти тозае ба руҳ медиҳад,[1] яъне бо ироаи як силсила ҳадафҳои олӣ ва инсонӣ ва мофавқи табиӣ, хостаҳои наве ба вуҷуд меоварад ва ба дунболи он, эҳсосоти рақиқ ва авотифи латиф халқ мекунад ва билохира ҷаҳони даруни инсонро дигаргун сохта ва басе вусъат мебахшад. Ва аз тарафи дигар тамоюлот ва ғароизи табииро таъдил ва маҳор менамояд.

Дар муқобили қудрати илмӣ ва фаннии башар ҳеч дежи тасхирнопазире вуҷуд надорад ҷуз яке, он деж руҳу нафси одамӣ аст. Кӯҳу саҳро ва дарёву фазо ва замину осмон, ҳама дар қаламрави қудрати илмӣ ва фаннии башар аст. Танҳо марказе, ки аз ин қаламрав хориҷ аст, наздиктарини онҳо ба одамӣ аст. Мутеъ кардан ва мусаххар сохтани ин деж ба қавли Мавлавӣ:

*Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,*
*Шери ботин сухраи харгӯш нест.*

Ва аз қазо, хатарноктарин душманони осоишу оромиш, амнияту адолат, озодиву мусовот ва билохира хушбахтӣ ва саодати башар дар ҳамин деж пинҳон шуда ва камин кардааст:

أَعْدى عَدُوِّكَ نَفْسُكَ الَّتى بَيْنَ جَنْبَيْكَ

(*"Бузургтарин душмани ту ҳамон нафси туст, ки миёни ду паҳлӯи туст." (Ҳадиси набавӣ)*)

Башар имрӯз пас аз ин ҳама муваффақиятҳои илмӣ дардмандона менолад. Аз чӣ менолад? Касриҳо ва камбудҳояш дар кадом ноҳия аст? Оё ҷуз дар ноҳияи хулқу хӯй ва "одамият" аст? Башар имрӯз аз назари илмӣ ва фикрӣ по ба ҷое ниҳода, ки оҳанги сафари афлок карда ва Суқротҳо ва Афлотунҳо бояд ифтихори шогирдиашро бипазиранд, аммо аз назари руҳ ва хӯй ва маниш, як "зангии масти теғи буррон ба даст" беш нест.

Инсон имрӯз бо ҳамаи пешрафтҳои мӯъҷизаосо дар ноҳияи илму фанн, аз лиҳози мардумӣ ва инсоният гоме пеш нарафта, балки ба сиёҳтарин даврони сиёҳи хеш бозгаштааст, бо як тафовут. Ва он ин ки аз баракати қудрати илмӣ ва фалсафӣ ва адабии хеш, бар хилофи

---

[1] *Худо мефармояд:*

*يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ*

*"Эй касоне, ки имон овардаед! Даъвати Худо ва паёмбарро иҷобат кунед ҳангоме, ки шуморо ба сӯи чизе михонад, ки мояи ҳаётатон аст…" (Сураи Анфол, ояти 24*)

гузашта, тамоми ҷиноятҳоро дар зери пардае аз тазоҳур ба инсоният ва ахлоқ, навъпарастӣ, озодихоҳӣ ва сулҳдӯстӣ анҷом медиҳад. Сароҳат ва якрӯӣ ҷойи худро ба дурӯӣ ва фосила миёни зоҳиру ботин додааст. Дар ҳеч даврае монанди асри ҷадид дар бораи адолат, озодӣ, бародарӣ, инсондӯстӣ, сулҳ ва сафо, ростӣ ва дурустӣ, амонат ва садоқат, эҳсон ва хидмат сухан гуфта нашудааст ва дар ҳеч асре ҳам монанди ин аср бар зидди ин умур амал нашудааст. Дар натиҷа башари имрӯз мисдоқи сухани Худованд шудааст:

**وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يُعْجِبُكَ قَوْلُهُ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَيُشْهِدُ اللَّهَ عَلَى مَا فِي قَلْبِهِ وَهُوَ أَلَدُّ الْخِصَامِ. وَإِذَا تَوَلَّى سَعَى فِي الْأَرْضِ لِيُفْسِدَ فِيهَا وَيُهْلِكَ الْحَرْثَ وَالنَّسْلَ**

(*“Ва порае аз мардум ҳастанд, ки сухани онҳо дар (масолеҳи) зиндагонии дунё туро ба шигифт оварад ва хушоянди туст ва Худовандро бар он чи дар дил доранд гувоҳ мегиранд ва ҳол он ки сарсахттарини душманон ҳастанд ва чун аз назди ту бираванд, кӯшиш мекунанд, то дар замин фасод кунанд ва кишту заръ (манобеи иқтисодӣ) ва насл (нерӯҳои инсонӣ)-ро табоҳ созанд…” (Сураи Бақара, оятҳои 204 ва 205)*)

Дар ҷаҳони имрӯз аз як тараф лофи навъхоҳӣ ва башардӯстӣ бо бонге ҳар чӣ баландтар гӯшҳоро мехарошад ва аз тарафи дигар доманаи миллатпарастӣ — ки худ навъе таваҳҳуш аст — бо ҳамаи таассубот ва худхоҳиҳо ва қасоватҳо ва оташафрӯзиҳои ношӣ аз он, рӯз ба рӯз боло мегирад. Ин яке аз таноқузоте аст, ки мантиқи башар имрӯз гирифтори он аст.

Оё сухане ёватар ва даъвате пучтар аз ин метавон ёфт, ки аз тарафе, дин — он ягона пуштвонаи арзишҳои инсонӣ — ро пушти сар бигузорем ва аз тарафи дигар, дам аз инсоният ва ахлоқ бизанем ва бихоҳем бо зӯри лаффозӣ ва панду андарзҳои тухолӣ, табиати башарро тағйир диҳем? Коре аст аз қабили нашри банкнотҳои бидуни зомин ва пуштвона.

На ин аст, ки башари ин қарн ин нақсҳо ва камбудиҳоро эҳсос намекунад ва ё ба фикри чора наафтодааст. Хайр. Ба тамоми вуҷуди хеш онро ламс мекунад. Ин фалсафаҳои пуртумтуроқ ва созмонҳои азими байналмилалӣ ва эъломияҳои баландболо ба номи “ҳуқуқи башар”, мавлуди чӣ эҳсосе ғайр аз эҳсоси ин каму касрҳост? Аммо мутаассифона мисли ин ки таҷрибаи маъруфи “*Занг ва гурба*”[2] бори дигар такрор мешавад. Айбу ишколи кор ҳамон айбу ишкол аст: фуқдони қудрати иҷроӣ.

---

[2] *Афсонаи “Занг ва гурба” марбут ба гурӯҳе аз мушҳост, ки дар мавриди барномаи хунсо кардани таҳдиди як гурбаи ғоратгар баҳс мекунанд. Яке аз онҳо пешниҳод мекунад, ки*

Ин фалсафаҳо ва созмонҳо ва эъломияҳо ва қатъномаҳо суде ба инсони маҳрум набахшид, балки натиҷаи маъкус дод ва "сиркангабин сафро фузуд"; ресмонҳое, ки ба номи боло кашидани ӯ аз қаъри чоҳ ба вуҷуд омада, ба сурати ҳалқаҳое даври гулӯяш печида ва беш аз пеш онро фишор медиҳад.

Ҳақиқат ин аст: чизе, ки дар низоми офариниш маҳкуми чизи дигар офарида шуда, ба зӯри фалсафа ва эъломия ва мақола ва хитоба наметавон онро ҳоким бар он чиз қарор дод. Илму фикру фалсафа ҳоким бар табиати ҷаҳонӣ аст, аммо маҳкуми табиати инсонӣ. Ҳуқуқи башар то вақте, ки фақат шакли як фалсафа дорад, табъан абзоре барои табиати башар хоҳад буд.

Мо акнун дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки он чизе, ки маҳкуми табиати башар аст, сахт тавсиъа ёфта ва нерӯ гирифта, аммо он чизе, ки ҳоким бар табиати ӯст нотавон мондааст ва лоақал ба нисбати тавсиъа ва тавоноии он дигарӣ пеш нарафтааст. Натиҷаи он ҳама пешрафтҳо дар сатҳи масоиле, ки маҳкуми табиати башар аст ин шуда, ки ҳар кас дар роҳе, ки меравад ва дар пайи мақсуде, ки мехоҳад, сареътар ва пурқудраттар меравад ва медавад. Бидуни он ки дар навъи хоста ва тарзи тафаккури ӯ дар бораи зиндагӣ ва ҳадафи зиндагӣ ва дар эҳсосот ва тамоюлот ва авотифи ӯ ва билохира дар сатҳи масоиле, ки ҳоким бар табиати ӯст, кучактарин тағйире пайдо шуда бошад. Башар то тавониста муҳити атрофи худро тағйир дода бидуни он ки битавонад ё бихоҳад худро ва тарзи тафаккури худро ва авотиф ва тамоюлоти худро иваз кунад. Решаи мушкилоти имрӯзи башарро дар ҳамин ҷо бояд ҷуст, ҳамчунон ки решаи ниёзи башарро ба дин ва маънавият ва имон ва паёмбар низ дар ҳамин ҷо бояд ба даст овард.

Муслеҳ ва муфаккири бузурги исломӣ, Иқболи Лоҳурӣ мегӯяд:

"*Башарият имрӯз ба се чиз ниёзманд аст: таъбире руҳонӣ аз ҷаҳон, озодии руҳонии фард*[3] *ва усули асосии дорои таъсири ҷаҳонӣ, ки такомули иҷтимоии башариро бар мабнои руҳонӣ тавҷеҳ кунад*."

Он гоҳ изофа мекунад ва мегӯяд:

---

*зангеро даври гардани ӯ бигузоред, то бифаҳмем куҷост ва чӣ кор мекунад. Ин тарҳ тавассути дигарон мавриди таҳсин қарор мегирад, то ин ки як муш мепурсад, чӣ касе довталаб мешавад зангро рӯи гурба бигузорад? Ҳамаи онҳо баҳона мегиранд.*

[3] *Танҳо озодиҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ кофӣ нест.*

“*Шак нест, ки Урупои ҷадид дастгоҳҳои андешаӣ ва мисолӣ таъсис кардааст, вале таҷриба нишон медиҳад, ки ҳақиқате, ки аз роҳи ақли маҳз ба даст меояд, наметавонад он ҳарорати эътиқоди зиндаеро дошта бошад, ки танҳо ба илҳоми шахсӣ ҳосил мешавад. Ба ҳамин далел аст, ки ақли маҳз чандон таъсире дар навъи башар накарда, дар сурате, ки дин пайваста мояи иртиқои афрод ва тағйири шакли ҷавомеи башарӣ будааст. Мисолигарии Урупо ҳаргиз ба сурати омили зиндае дар ҳаёти он дарнаёмада ва натиҷаи он “ман”-и саргардоне аст, ки дар миёни демократияҳои носозгор бо якдигар ба ҷустуҷӯи худ мепардозад, ки кори мунҳасири онҳо баҳракашӣ аз дарвешон ба суди тавонгарон аст. Сухани маро бовар кунед, ки Урупои имрӯз бузургтарин монеъ дар роҳи пешрафти ахлоқи башарият аст.*“[4]

Агар Неҳру, нахуствазири фақиди Ҳинд, пас аз як умр лодинӣ, дар шомгоҳи умри хеш ба ҷустуҷӯи Худо бармеояд ва мӯътақид мешавад, ки: “*дар баробари халаъи маънавии тамаддуни ҷадиде, ки ривоҷ мепазирад, беш аз дирӯз бояд посуххои маънавӣ ва руҳонӣ биёбем*” барои ин аст, ки ба решаи аслии мушкилоти имрӯзи башар пай бурда ва дониста, ки башари имрӯз беш аз ҳар вақти дигар ниёзманд ба озодии руҳонӣ ва маънавӣ аст. Ва рафъи ин ниёзмандӣ бидуни ин ки дар тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии ӯ тағйири асосӣ дода шавад — ки ҳастӣ ва ҳаётро бомаънӣ бидонад, на пучу беҳуда — муяссар нест. Ва агар Бернард Шоуро мебинем, ки мегӯяд:

“*Чунин пешбинӣ мекунам ва аз ҳамакнун осори он падидор шудааст, ки имони Муҳаммад мавриди қабули Урупои фардо хоҳад буд ва ба ақидаи ман, агар марде чун ӯ соҳибихтиёри дунёи ҷадид шавад, тавре дар ҳалли масоил ва мушкилоти дунё тавфиқ хоҳад ёфт, ки сулҳу саодат, ки орзуи башар аст, таъмин хоҳад шуд.*“ —

— барои ин аст, ки эҳсос мекунад, ки илова бар лузуми тафсири руҳонӣ аз ҷаҳон ва лузуми озодии руҳонии афрод, усули асосии дорои таъсири ҷаҳонӣ лозим аст, ки такомули иҷтимоии башариро бар мабнои руҳонӣ тавҷеҳ кунад ва ба қавли Иқбол: “*мубтанӣ бар ваҳйе бошад, ки аз дарунитарин жарфнои зиндагӣ баён шавад ва ба зоҳирӣ будани сурии он ранги ботинӣ диҳад.*”

Қуръон дар оятҳои зебо ва дилнишини худ се чизро ба унвони шадидтарин ниёзмандиҳои башар ёдоварӣ мекунад:

---

[4] *Эҳёи фикри динӣ дар ислом, с.203 ва 204.*

1) имон ба “Аллоҳ”; имон ба ин ки “ҷаҳонро соҳибе бошад Худо ном”. Ба иборати дигар, тафсири руҳонӣ аз ҷаҳон;

2) имон ба расул ва рисолати ӯ; яъне имон ба таълимоти озодибахш ва ҷондоре, ки такомули иҷтимоъро бар мабнои руҳонӣ тавҷеҳ кунад ва ба зиндагии сурӣ ранги маънавӣ бидиҳад;

3) ҷиҳод ба молу нафс дар роҳи Худо;[5] яъне озодӣ ва озодагии маънавӣ.

Ниёзе мубрамтар аз ин ниёзҳо натавон ёфт.

Дар миёни мактабҳо ва маслакҳо ва динҳо ва ойинҳо, танҳо ислом аст, ки қудрати посухгӯӣ ба ин се ниёзро дорад. Пас аз 14 қарн, ки аз зуҳури ислом мегузарад, ҷаҳон ҳамон андоза ниёзманди он аст, ки дар рӯзи аввал буд. Он рӯзе, ки эҳсоси ин ниёзҳо умумият пайдо кунад — ва чунин рӯзе дур нест — башар роҳе ҷуз ин ки худро ба оғӯши ислом афканад нахоҳад дошт.

Имрӯз навъе заъфва эъроз нисбат ба ҳамаи динҳо машҳуд аст. Ислом низ дар даруни худ дучори навъе бӯҳрон аст. Ҳақиқат ин аст, ки ислом дар ин ҷиҳат ғаромати иштибоҳи калисоро мепардозад. Аксуламалҳои ноҳинҷоре, ки калисо дар давраи ренессанс дар баробари илму тамаддун нишон дод, зарбаи бузурге ба ҳайсияти дин ба таври умум ворид овард ва сабаб шуд, ки ақоиди диниро ба таври куллӣ мухолиф бо илму дониш талаққӣ кунанд. Ин қазоват дере нахоҳад поид. Аз ҳамакнун бар касоне, ки лоақал дар таърихи ислом мутолеае доранд, равшан аст, ки ҳисоби ислом аз калисо ҷудост. Ислом худ бунёнгузори як тамаддуни азим аст ва дар таърихи ифтихоромези худ донишгоҳҳо ба вуҷуд овард ва донишмандони нобиға ба ҷаҳон таҳвил дод ва ба илму тамаддун кӯмаки фаровон кард. Бо мутолеаи таърихи ислом, ба арзиши азим ва ғуруромези хадамоти ислом ба тамаддуни башарӣ ва дайни бисёр сангини Урупои имрӯз ба тамаддуни исломӣ воқиф мешавем; маълум мегардад, ки он чи дар бораи ислом содиқ аст, дуруст зидди он чизе аст, ки дар бораи калисо содиқ мебошад. Калисо на танҳо тамаддуне ба вуҷуд наёвард, балки тамаддунеро, ки ба ӯ гаравида буд фосид кард, вале ислом худ тамаддуни дурахшоне ба

[5] *Худо мефармояд:*

**تُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ وَتُجَاهِدُونَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ بِأَمْوَالِكُمْ وَأَنْفُسِكُمْ**

*“Ба Худо ва расули ӯ имон оред ва ба молу ҷон дар роҳи Худо талош кунед…” (Сураи Сафф, ояти 11)*

вуҷуд овард ва ба ҷаҳон арза дошт. Ислом танҳо дине аст, ки тавониста худ бунёнгузори як тамаддуни ҳамаҷониба бишавад. Ба қавли шайх Муҳаммад Абдуҳ:

“*Урупо аз он рӯзе, ки мазҳаби хешро раҳо кард ҷилав рафт ва мо аз он рӯзе, ки мазҳаби хешро раҳо кардем, ақиб рафтем*.“

Тафовути ду дин аз ҳамин ҷо равшан мешавад. Раҳо кардани Урупо мазҳаби хешро, пас аз бархӯрд бо ҷаҳони ислом сурат гирифт ва ин раҳо кардан ба сурати гароиш ба арзишҳои исломӣ анҷом шуд.

## б) Мавҷи исломӣ:

Ҳар ҳодисае дар ҷаҳони табиат (хоҳ табиати беҷон ё табиати ҷондор) ҷунбише меофаринад ва мавҷе гирдогирди хеш ба вуҷуд меоварад. Балки ҳар ҳодисае худ мавҷе ва ҷунбише аст, ки бар сатҳи ин укёнуси бекарон намудор мегардад.

Ин укёнус, ки мо онро бо номҳои ҷаҳон, табиат, гетӣ ва ғайра мехонем ва аз тӯлу арзу умқи он фақат Худо огоҳ аст, ҳамвора аз даруни хеш амвоҷе бурун мефиканад ва ҷунбишҳое тавлид мекунад. Он чи бар мо аз ин укёнус намудор мешавад ва дар ҳитаи ҳавосси мо қарор мегирад ва ақли мо дар ҷустуҷӯи кунҳ ва моҳияти онҳо бармеояд — аз назаре — ҳамин амвоҷ ва чину шиканҳост, ки онҳоро “ҳодиса” мехонем ва номҳои мухталиф бар онҳо мениҳем ва дар ҷустуҷӯи маърифати онҳо бармеойем. Агар ин амвоҷ ва чину шиканҳо ва ба иборати дигар, агар ин “тааюнот” намебуд, роҳе барои маърифат набуд, зеро нишоне набуд, балки табиат ва ҷаҳоне дар кор набуд. Чӣ, ҷудоии табиат аз ҷунбишу тамаввуҷ имконпазир нест.

Ҳамин нишонаҳо ва аломатҳо ва печу хамҳо ва нишебу фарозҳост, ки ба ҳавосси мо имкони аксбардорӣ аз ашё медиҳад ва он аксу тасвирҳо ба дасти қозии ақл супурда мешавад.

Аз ин рӯ, ҳар чизе дар табиат то ҳаст, мутамаввиҷ аст ва дар ҷунбишу такопӯст ва то мутамаввиҷ аст ва дар такопӯст ҳаст. Бемавҷӣ ва беҷунбишӣ мусовии нестӣ аст:

*Соҳили афтода гуфт: гарчи басе зистам,*

*Ҳеч на маълум шуд, оҳ, ки ман чистам.*

*Мавҷи зи худ рафтае тез хиромиду гуфт:*

*Ҳастам, агар меравам, гар наравам, нестам.*

*(Иқболи Лоҳурӣ)*

Амвоҷ тибқи хоссияти зотии худ, ба маҳзи пайдоиш, рӯ ба вусъату густариш мениҳанд; мутаволиян (пай дар пай) бар вусъати доираи хеш меафзоянд ва фосилаи муҳиту марказро

бештар мекунанд. Ва аз тарафи дигар, ба ҳар нисбат, ки бар вусъати доираи худ меафзоянд, аз қуввату шиддати тӯли онҳо коста мешавад; тадриҷан заифу заифтар мегарданд ва тӯлашон каму камтар мешавад, то он ки ба нестӣ ва нобудӣ — лоақал аз назари мо — мегароянд ва ба дунёи адам мепайванданд.

Бархӯрди амвоҷ бо якдигар сабаби хунсо шудани мавҷи заифтар мегардад. Амвоҷи қавитар ҷилави тавсиъаи амвоҷи заифтарро мегиранд ва онҳоро ба диёри нестӣ мефиристанд. Аз ин рӯ, бархӯрд бо мавонеъ ва омилҳои қавитар омили дигарест барои нобуд шудани амвоҷ ва ҳаводис ва падидаҳои ҷаҳон. Ҳукамо ин навъ аз нестӣ ва нобудиро, ки дар асари бархӯрд бо мавонеъ аст, “мавти ихтиромӣ”[6] ва навъи аввалро, ки аз поён ёфтани нерӯи бақо ношӣ мешавад, “мавти табиӣ” меноманд.

هُوَ الَّذِي خَلَقَكُمْ مِنْ طِينٍ ثُمَّ قَضَى أَجَلًا وَأَجَلٌ مُسَمًّى عِنْدَهُ

(*“Ӯст Худое, ки шуморо аз гиле офарид, пас фармони аҷалу маргро бар ҳама кас муайян кард ва аҷале, ки муайяну маълум аст ба назди ӯст…” (Сураи Анъом, ояти 2)*)

Муҳити иҷтимоии башарӣ бо маҷмӯи ҳаводиси бузургу кучак, судманд ё зиёноваре, ки дар он рух медиҳад, худ дарёест пур аз мавҷу ҷунбишу тӯфону ларзиш. Амвоҷи ин дарё низ ба тадриҷ рӯ ба вусъат мениҳанд ва дар бархӯрд бо ҳам, якдигарро мағлуб менамоянд. Аммо бархе аз амвоҷи ин дарёи азим, бар хилофи соири амвоҷ — ки ҳар чи бар вусъаташон афзуда мешавад, аз қудрату қувваташон коста мешавад ва рӯ ба нобудӣ меравprintln — ба мувозоти вусъати доира, бар қуввату қудрату тӯли онҳо афзуда мешавад ва тавони муқобилаи онҳо бо амвоҷи мухолиф фузунӣ мегирад; гӯӣ аз навъе хоссияти ҳаётӣ баҳраманданд ва нерӯи мармузи “нумӯ”-ву рушд дар онҳо нуҳуфтааст.

Оре, бархе аз амвоҷи иҷтимоӣ зиндаанд. Амвоҷи зинда ҳамонҳост, ки аз ҷавҳари ҳаёт сарчашма мегирад; масирашон масири ҳаёт ва ҷиҳаташон болоравӣ ва такомул аст.

Порае аз наҳзатҳои фикрӣ, илмӣ, ахлоқӣ ва ҳунарӣ аз он ҷиҳат ҷовид мемонанд, ки худ зиндаанд ва аз нерӯи мармузи ҳаёт баҳраманданд.

Зиндатарин амвоҷи иҷтимоӣ, амвоҷ ва ҷунбишҳои динӣ аст. Пайванди ин амвоҷ ва ин наҳзатҳо бо ҷавҳари ҳаёт ва фитрати зиндагӣ, аз ҳар чизи дигар асилтар аст. Дар ҳеҷ ҳаракат ва дар ҳеҷ мавҷи дигар ин андоза нерӯи ҳаётӣ ва қудрати рушду болbackandagӣ вуҷуд надорад.

---

[6] *Мавти ихтиромӣ иборат аст аз хомӯш шудани ҳарорати ғаризӣ ба воситаи авориз ва офот, на ба асбоби зарурӣ.*

Таърихи ислом, аз ин назар сахт омӯзанда ва такондиҳанда аст. Ислом дар ибтидо ба сурати як мавҷи бисёр кучаке падид омад. Он рӯз, ки ҳазрати Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) аз кӯҳи Ҳиро ба зер омад, дар ҳоле, ки дунёи дарунаш дигаргун шуда буд ва бо (дунёи) ғайб ва малакут иттисол ёфта ва аз файзҳои илоҳӣ лабрез шуда буд ва фарёд баровард:

قولوا لا إلهَ إلَّا اللهُ تُفلِحوا

*(“Бигӯед: нест худое ҷуз Аллоҳ, растгор мешавед.”)*

— ин мавҷ шурӯъ шуд. (Ва) бар хилофи ҳазорон амвоҷи пурсарусадо ва пурдабдабаи ҷаҳон, дар рӯзҳои аввал, аз чаҳордевори хонае, ки танҳо се тан: Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) ва Хадиҷа ва Алӣ (алайҳис салом)-ро дарбар мегирифт, таҷовуз намекард. Андаке тӯл накашид, ки ба соири хонаҳои Макка сироят кард. Пас аз ҳудуди даҳ сол, ба хориҷи Макка бахусус Мадина кашида шуд ва дар муддати каме, ба соири нуқоти ҷазиратулараб имтидод ёфт ва дар камтар аз ним қарн доманааш саросари ҷаҳони мутамаддини он рӯзро гирифт ва овояш ба ҳамаи гӯшҳо расид.

Ин мавҷ — ҳамон тавр, ки хоссияти мавҷҳои зинда аст — ба мувозоти ин ки рӯ ба вусъату густариш ниҳод, бар қуввату қудрату тӯли хеш афзуд. Ҳеҷ дин, ойин, маслак ва наҳзатеро наметавон ёфт, ки дар тӯли ин чаҳордаҳ қарн тахти таъсири ислом қарор нагирифта бошад ва ҳеч нуқтаи мутамаддинро наметавон пайдо кард, ки дар онҷо ислом нуфуз накарда бошад. Имрӯз низ пас аз чаҳордаҳ қарн ва дар оғози понздаҳумин қарни биъсат, башар шоҳиди вусъати тадриҷӣ ва қуввату қудрати рӯзафзуни он аст.

Таърих ва омор нишон медиҳад, ки ин ойини пок қарн ба қарн пештар рафта ва бар ададии пайравони хеш афзудааст ва ин пешрафт тадриҷӣ ва табиӣ будааст ва агар сарзаминеро монанди Андалус (Испания) ба зӯр аз зери сояи парчами муқаддасу пурҷалолаш берун бурдаанд, сарзаминҳои бузургтару пурҷамъияттаре монанди Индонезия ва Чин ва ғайра ба тавъу рағбат, ифтихори пайравиашро пазируфтаанд.

Қуръони Карим хоссияти рушду нумӯи ҷунбиши исломиро чунин тавсиф мекунад:

وَمَثَلُهُمْ فِي الْإِنْجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْأَهُ فَآزَرَهُ فَاسْتَغْلَظَ فَاسْتَوَى عَلَى سُوقِهِ يُعْجِبُ الزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ الْكُفَّارَ

*“Ва масали онҳо дар Инҷил масали зироате аст, ки аввал фақат сабзаи нозуке аз он аз замин бармедамад, пас Худованд ӯро нерӯманд месозад, он гоҳ ситабр мегардад, пас рӯи танаи хеш меистад, рушду нумӯи сареъ ва сабзӣ ва хуррамии ин зироат мӯҷиби шигифтии*

*ҳамаи кишоварзон мешавад, то Худованд кофирон ва бадхоҳонро ба хашм орад.“ (Сураи Фатҳ, ояти 29)*)

Мавҷи исломӣ дар тӯли таърихи чаҳордаҳ қарни худ бо амвоҷи мухолифи хавфноки нажодӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ рӯбарӯ шудааст. Бигзарем аз саддҳо ва деворҳое, ки мардуми лаҷуҷу мутаассиб ва ҷоҳили араби садри ислом дар ҷилави ин мавҷи муқаддас кашиданд ва яке пас аз дигаре дарҳам шикаст. Таърихи ислом, махсусан дар дивистсолаи аввал пур аст аз амвоҷи мухолифи мазҳабӣ, нажодӣ ва сиёсӣ, ки ҳеч кадом тоби муқовамат наёварда, несту нобуд шудаанд ва акнун ҷуз номе аз онҳо дар таърих нест ва танҳо дар ин қарн истеъморгарони ғарбӣ — ки ба ҳар ресмони пӯсидае алайҳи ислом даст меёзанд — дар садади баҳрабардорӣ аз онҳо афтодаанд.

Аз онҳо болотар, наҳзатҳо ва мавҷҳои фикрӣ ва фалсафӣ ва илмӣ ва билохира фарҳангии ин чаҳордаҳ қарн аст. Наҳзатҳои фарҳангӣ бо касе ва чизе сари инод надоранд, аммо ҳар монеъ ва саддеро аз ҷилави худ бармедоранд ва ҳар дарахти куҳансолеро, ки сари роҳро бигирад, решакан мекунанд.

Ислом дар таърихи чаҳордаҳ қарни худ на танҳо зарба ва садамае аз наҳзатҳои фарҳангӣ надидааст, балки худ мӯҷид (ба вуҷуд оваранда)-и наҳзатҳои азими фарҳангӣ шуд; тамаддуну фарҳангро дар хидмати хеш гирифт ва раҳбарӣ кард ва ба онҳо ҷону имон дод ва қавӣ ва пойдорашон сохт.

Акнун низ, ки нимаи дуввуми қарни бистум аст ва даврони ҷанги идеологияҳо ва ақоид аст, ислом рақиби сарсахте барои онҳо ба шумор меравад; онҳоро ё ба хидмати худ мегуморад ва ё пирӯзмандона бо онҳо дасту панҷа нарм мекунад. Чӣ нишоне барои ҷондор будан ва ҷовид мондан, беҳтар аз ин?!

Ислом аз тарафе, паймони хешро бо ақл сахт устувор кардааст; ақлро ба унвони яке аз аркони аслии дин пазируфта; болотар, паёмбари даруниаш хондааст. Аз тарафи дигар, мулку малакут, дунёву охират, ҷисму руҳ, зоҳиру ботин, моддаву маъниро якҷо дар назар гирифта ва ҳамаҷониба нигариста ва аз ҳар ифроту тафрите дурӣ ҷустааст. Аз инҳо гузашта, “барномаи комил”-и хешро ба василаи раҳбари шоиста ва муҷриёни лоиқ ба ҷаҳон арза кардааст.

Аз ин рӯ аҷиб нест, ки вақте имрӯз дар фосилаи чаҳордаҳ қарни тамом корномаи мушаъшаи ин ойини покро мутолеа мекунем, онро мамлув аз ифтихорот мебинем.

Бигзарем аз гурӯҳе муғриз ва ҷоҳил, ки ба иллатҳое — ки бар касе пӯшида нест — гоҳу бегоҳ қазоватҳои муғризона дар бораи ислом кардаанд. Виҷдони ҷаҳон тарозуи адли илоҳӣ аст. Ҳақиқат барои ҳамеша мактум намемонад. Ҳақиқат худ ба таҷриба нишон додааст, ки дар ниҳояти амр виҷдону инсофи душманро бармеангезад.

Нерӯмандтарин ва муҷаҳҳазтарин мухолифони ислом дар тӯли ин чаҳордаҳ қарн, масеҳиён будаанд. Ҳангоме, ки ба таърихчаи доварии ин рақиби нерӯманд менигарем, мебинем давра ба давра ба сӯи инсоф гароидааст; ва ин худ аз тарафе, нишонаи виҷдони ҷаҳонӣ аст ва аз тарафи дигар, нишонаи ҳақиқати ислом аст.

Мавҷе чунон зинда, ки фарҳангҳои ҷаҳонро дар худ ҷазб ва ақлҳои нерӯманди муфаккирону фалосифа ва донишмандонро дар пешгоҳи худ хозеъ ва инсофи душманро барангезад ва пайваста дар ҳоли рушду нумӯ бошад, то онҷо, ки дар ҳудуди ҳафтсад миллион[7] ҷамъияти башариро дар пешгоҳи худ хозеъ намояд, ҷуз ин ки аз самими "ваҳй" сарчашма бигирад ва паёми Худои башар барои башар бошад ва барои наҷоти башар расида бошад, чизи дигаре наметавонад бошад. Ҳаргиз мавҷе, ки аз димоғи як башар бархезад, наметавонад ин андоза хоссияту асар дошта бошад.

Ростӣ, ҳайратовар нест, ки марде "уммӣ" ва дарснахонда аз миёни мардуми бесавод (уммийин) ва дар сарзамине, ки ҷуз ҷаҳлу фасоду худхоҳиву худпарастӣ асаре дар он нест, бапо хезад ва наҳзате чунин муборaку маймуну пурсамар эҷод намояд?!

Оре,

فَأَمَّا الزَّبَدُ فَيَذْهَبُ جُفَاءً وَأَمَّا مَا يَنْفَعُ النَّاسَ فَيَمْكُثُ فِي الْأَرْضِ

(*"Аммо каф пучу табоҳ шуда аз байн меравад ва аммо он чи барои мардум судманд аст, дар замин мемонад." (Сураи Раъд, ояти 17)*)

---

[7] *Мутобиқи омори ҳамон замон.*

# Муқаддима

Яке аз манобеи шинохт аз назари ислом, сираи пешвоёни ислом аст. Гуфтаҳояшон ба ҷойи худ, шахсияташон яъне сира ва равишашон, манбаест барои шинохт. Сираи пайғамбар барои мо як манбаи илҳом аст ва низ сираи имомон; ҳеч фарқ намекунад.

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الْآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثِيرًا

(*“Барои шумо дар зиндагии Расули Худо сармашқи некӯест; барои онҳое, ки умед ба раҳмати Худо ва рӯзи растохез доранд ва Худоро бисёр ёд мекунанд.” (Сураи Аҳзоб, ояти 21)*)

Ин ки сираи пайғамбар яъне чӣ ва ба чӣ шакл барои мо як манбаи шинохт аст, тавзеҳашро арз хоҳам кард. Дар инҷо нуктаеро зикр мекунам:

Мо зулме назири зулме, ки дар мавриди Қуръон кардаем, дар мавриди сираи пайғамбар ва имомони атҳор кардаем. Вақте мегӯянд: пайғамбар чунин буд, мегӯем: ӯ, ки пайғамбар буд. Ё вақте мегӯянд: Алӣ чунин буд, мегӯем: ӯ, ки Алӣ буд, ту моро ба Алӣ қиёс мекунӣ?! Моро ба пайғамбар қиёс мекунӣ?! Моро ба Имом Ҷаъфари Содиқ қиёс мекунӣ?! Онҳо, ки “зи обу хоки дигар ва шаҳру диёри дигаранд”?! Ва чун “зи обу хоки дигар ва шаҳру диёри дигаранд”, дигар ба мо марбут нест, “кори поконро қиёс аз худ магир”.

Гоҳе як такмисроъ зарараш барои як миллат сад бор аз вабо ва тоун бештар аст. Аз он такмисроъҳои гумроҳкунанда дар дунё яке ҳамин аст: “*Кори поконро қиёс аз худ магир*”. Албатта, ин такмисроъ аз назари гӯяндааш як маъно дорад ва дар миёни мо маъное дигар роиҷ аст.

Мо мехоҳем бигӯем, кори худро қиёс аз покон магир, инро бо ин таъбир мегӯем: “Кор поконро қиёс аз худ магир”.

Ин шеър аз Мавлавӣ аст, зимни як достон омадааст, ки он достон чизи дигаре мегӯяд ва албатта афсона аст. Мегӯяд, баққоле тӯтие дошт: “*Буд баққолеву вайро тӯтие*”. Ин тӯтӣ забон дошт ва бо ӯ ҳарф мезад. Баққол гоҳе аз ӯ истифодаи як шогирдро мекард. Аҳёнан агар касе меомад онҷо, ӯ сарусадо роҳ меандохт ё ҳарф мезад ва ё баъд чизе мегуфт. Ва баққол бо ӯ маънус ва хуш буд.

Рӯзе ин тӯтии бечора масалан аз рӯи як ҷаъба парид рӯи ҷаъбаи дигар ё аз рӯи як шиша ба рӯи шишаи дигар, як шишаи равғани бодом рехт. Гузашта аз ин, равғани бодом рӯи аҷноси дигар рехт, хеле чизҳоро аз байн бурд ва як зарари фоҳише ба баққол ворид кард. Бо ин ки

баққол тӯтиро дӯст дошт, зад ту сари ин тӯтӣ: эй хок ба сарат, ки ин корро кардӣ. Ончунон зад, ки парҳои рӯи сари тӯтӣ рехт. Аз он ба баъд дигар тӯтӣ хомӯшу сокит шуд ва як калима ҳарф назад. Баққол аз кори худаш пушаймон шуд: аҷаб коре кардам! Тӯтии хушхони худамро чунин кардам. Ҳар кор кард (барояш нақлу набот рехт, ӯро навозиш кард), дигар тӯтӣ барои ӯ ҳарф назад, ки назад.

Муддатҳо гузашт. Рӯзе як одами качал (кал) омад дами дӯкони баққолӣ, ки як чизе бихарад. Тӯтӣ нигоҳ кард ба ӯ, дид, сари ӯ ҳам качал аст. То дид сараш качал аст, ба забон омад. Гуфт:

*К-аз чӣ эй кал бо калон омехтӣ?*

*Ту магар аз шиша равған рехтӣ?*

Гуфт: оё ту ҳам равғани бодомҳоро рехтаӣ, ки сарат качал шуда? Забонаш боз шуд.

Мавлавӣ дар инҷо матлаберо мегӯяд, баъд ба ашхосе ҳамла мекунад, ки худашонро миқёси бузургон қарор медиҳанд. Дар инҷо тӯтӣ худашро миқёс қарор дод; он качалро ба худаш қиёс гирифт, яъне качалро монанди худаш пиндошт. Мавлоно мегӯяд, ин корро накун, бузургонро монанди худат надон.

Ин ҳарфи дурусте аст. Ин бисёр иштибоҳ аст, ки инсон, ки худашро дорои як эҳсосоте мебинад (дигаронро низ чунин бидонад). Масалан, фарде наметавонад як намоз бо ҳузури қалб бихонад, мегӯяд: эй бобо! Дигарон ҳам ҳамин ҷур ҳастанд, магар мешавад намози бо ҳузури қалб хонд?! Яъне худашро миқёси дигарон қарор медиҳад.

Ин ғалат аст. Мо набояд дигаронро ба худамон қиёс кунем. “*Кори поконро қиёс аз худ магир*” яъне худатро миқёси покон қарор надеҳ. Ин ҳарфи дурусте аст. Вале ин шеърро мо ағлаб мехонем ва мегӯем:

Дигаронро миқёси худат қарор надеҳ. Яъне ту чӣ фикр мекунӣ, ки ман монанди пайғамбар бишавам (яъне аз пайғамбар пайравӣ кунам), монанд ва пайрави Алӣ бошам?!

Ин аст, ки мегӯям, ин шеър дар миёни мо гумроҳкунанда шуда. Ҳамон тавр, ки Қуръонро бардоштем ба тоқча боло гузоштем ва ба тоқи осмон кӯбидем, сираи анбиё ва авлиё ва махсусан сираи Пайғамбари Акрам ва имомони маъсуминро ҳам бардоштем ба тоқи осмон кӯбидем, гуфтем: ӯ, ки пайғамбар аст, ҳазрати Заҳро ҳам, ки дигар ҳазрати Заҳрост, амирулмӯъминин ҳам, ки ҳазрати Амирулмӯъминин аст, Имом Ҳусайн ҳам, ки Имом Ҳусайн аст.

Натиҷааш ин аст, ки агар як умр барои мо таърихи пайғамбар бигӯянд, барои мо дарс нест ва мисли ин аст, ки масалан бигӯянд, фариштагон дар олами боло чунин карданд. Хуб, фариштагон карданд, ба мо чӣ марбут? Як умр агар биёянд дар бораи Алӣ ҳарф бизананд, аслан кайкамон намегазад.

Мегӯем, Алӣ, ки намешавад миқёси мо қарор бигирад. Як умр барои мо аз Имом Ҳусайн ҳарф бизананд, кайкмон намегазад, ки дар роҳи Имом Ҳусайн ҳам бояд як қадам бардошт, чун "кори поконро қиёс аз худ магир". Яъне ин манбаи шинохтро ҳам аз мо гирифтанд.

Дар сурате, ки агар ин ҷур мебуд, Худо ба ҷои пайғамбар фаришта мефиристод. Пайғамбар яъне инсони комил, Алӣ яъне инсони комил, Ҳусайн яъне инсони комил, Заҳро яъне инсони комил. Яъне мушаххасоти башариятро доранд бо камоли олии мофавқи малакӣ. Яъне монанди як башар гурусна мешаванд, ғизо мехӯранд, ташна мешаванд, об мехӯранд, эҳтиёҷ ба хоб пайдо мекунанд, баччаҳои худашонро дӯст доранд, ғаризаи ҷинсӣ доранд, отифа доранд ва аз ин рӯ метавонанд муқтадо бошанд. Агар ин ҷур набуданд, имом ва пешво набуданд. Агар — алаёзу биллоҳ! — Имом Ҳусайн авотифи як башарро намедошт, яъне агар чунонки як башар аз ранҷе, ки бар фарзандаш ворид мешавад, ранҷ мебарад, Имом Ҳусайн аз ранҷе, ки бар фарзандаш ворид мешавад, ранҷ намебурд ва агар баччаҳояшро ҳам ҷилави чашмаш қитъа-қитъа мекарданд, ҳеҷ дилаш намесӯхт ва мисли ин буд, ки кундаро тикка-тикка кунанд. Ин ки камоли нашуд. Ман ҳам агар ин ҷур бошам, ин корро мекунам.

Иттифоқан, авотиф ва ҷанбаҳои башариашон аз мо қавитар аст ва дар айни ҳол дар ҷанбаҳои камоли инсонӣ аз фаришта ва аз Ҷабраили Амин болотаранд.

Ва аз ин рӯ Имом Ҳусайн метавонад пешво бошад, чун тамоми мушаххасоти башариро дорад. Ӯ ҳам вақте, ки ҷавони рашидаш меояд аз ӯ иҷоза мехоҳад, дилаш оташ мегирад ва сад дараҷа аз ману ту отифаи фарзанддӯстиаш бештар аст — ва отифа аз камолоти башарият аст — вале дар муқобили ризои Ҳақ по рӯи ҳамаи инҳо мегузорад.

فَاسْتَأْذَنَ اَباهُ فَأَذِنَ لَهُ

Омад гуфт: падарҷон! Ба ман иҷоза медиҳӣ? Фармуд: бирав фарзанди азизам. Инҷо муаррихин нукоти хуберо мутаарриз шудаанд. Навиштаанд:

فَنَظَرَ اِلَيهِ نَظَرآيِسٍ مِنْهُ وَاَرْخى عَيْنَيْهِ

Як нигоҳе кард, нигоҳи касе, ки аз ҳаёти дигарӣ маъюс аст. Аз ҷанбаҳои равоншиносӣ ва таъсири ҳолатҳои руҳӣ дар аворизи бадании инсон, ин як амри возеҳе аст, ки инсон вақте

муждае ба ӯ медиҳанд, беихтиёр мешукуфад ва чашмҳояш боз мешавад. Инсон агар бар болини як азизи худаш нишаста бошад, дар ҳоле, ки яқин дорад, ки ӯ мемирад, вақте ба чеҳраи ӯ нигоҳ мекунад, ниме аз чашмҳояш хобидааст, бо он ними дигар нигоҳ мекунад, яъне чашмҳояш рӯи ҳам мехобад, гӯӣ ин ки дил намедиҳад хира бишавад, ба хилофи онҷое, ки масалан фарзандаш қаҳрамонӣ нишон дода ё шаби арӯсии ӯст.

Вақте нигоҳ мекунад, ҳамин ҷур хира аст. Мегӯянд, Ҳусайнро дидем дар ҳоле, ки чашмҳояшро хобонд ва ба ҷавонаш назар меандохт:

فَنَظَرَ اِلَيْهِ نَظَرَ آيِسٍ مِنْهُ

Гӯӣ ҷозибаи Алии Акбар чанд қадам Ҳусайнро пушти сари худаш мекашонад. Ӯ рафт, диданд, Ҳусайн чанд қадам ҳам пушти сари ӯ равона шуд. Гуфт:

*Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,*
*Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.*
*(Саъдӣ)*

Омад ва омад ҷилав. Якмартиба он садои мардонаашро баланд кард, Умари Саъдро мухотаб қарор дод: эй писари Саъд! Худо наслатро бибуррад, ки насли маро қатъ кардӣ:

قَطَعَ اللهُ رَحِمَكَ كَما قَطَعْتَ رَحِمی

# Маънии “сира” ва анвоъи он

**Бисмиллоҳир Раҳонир Раҳим**

*Алҳамду лиллоҳи раббил оламин, бориъил халоиқи аҷмаъин, вассалоту вассалому ало абдиллоҳи ва расулиҳи ва ҳабибиҳи ва сафийиҳи ва ҳофизи сирриҳи ва мубаллиғи рисолотиҳи, сайидино ва набийино ва мавлоно Абилқосими Муҳаммадин ва олиҳит тайибинат тоҳиринал маъсумин. Аъузу биллоҳи минаш шайтонир раҷим:*

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الْآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثِيرًا

(“*“Барои шумо дар зиндагии Расули Худо сармашқи некӯе буд; барои онҳое, ки умед ба раҳмати Худо ва рӯзи растохез доранд ва Худоро бисёр ёд мекунанд.” (Сураи Аҳзоб, ояти 21)*”)

Яке аз манобеи шинохт, ки як нафар мусалмон бояд диду биниши худро аз он роҳ ислоҳ ва такмил бикунад, сираи вуҷуди муқаддаси Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) аст.

Як муқаддимаи кучак ёдоварӣ бикунам. Ва он ин ки: яке аз неъматҳои Худо бар мо, мусалмонон ва яке аз ифтихороти мо, мусалмонон нисбат ба пайравони адёни дигар ин аст, ки аз тарафе қисмати бисёр зиёде аз суханони пайғамбари мо — ки шак нест, ки сухани эшон аст, яъне мутавотир ва мусаллам аст — имрӯз дар даст аст, дар сурате, ки ҳеч як аз адёни дигар наметавонанд чунин иддаое бикунанд, ки ба сурати қатъ бигӯянд, фалон ҷумла ҷумлае аст, ки аз забони масалан Мӯсо (алайҳис салом) ва ё Исо (алайҳис салом) ва ё як паёмбари дигар шунида шудааст; ҷумлаҳои зиёде ҳаст, вале он қадарҳо мусаллам ва қатъӣ нест. Ва мо суханони мутавотир аз пайғамбари худамон зиёд дорем.

Ва аз тарафи дигар, таърихи пайғамбари мо таърихи бисёр равшан ва мустанаде аст. Дар ин ҷиҳат ҳам раҳбарони дигари ҷаҳон бо мо ширкат надоранд. Ҳатто дақоиқ ва ҷузъиёте аз зиндагии Пайғамбари Акрам ба сурати қатъ ва мусаллам имрӯз дар даст аст, ки дар бораи ҳеч каси дигар чунин нест; аз солу моҳ ва ҳатто рӯзи таваллудаш ва ҳатто рӯзи ҳафтуми таваллудаш, даврони ширхорагиаш, давроне, ки дар саҳро зиндагӣ кардааст, даврони қабл аз булуғаш, мусофиратҳояш ба хориҷи Арабистон, шуғлҳое, ки қабл аз нубувват маҷмӯан доштааст, издивоҷаш дар чӣ синну соле будааст, чӣ фарзандоне барои ӯ мутаваллид шудаанд ва онҳояшон, ки қабл аз худаш аз дунё рафтаанд, дар чӣ синне аз дунё рафтаанд ва амсоли инҳо.

То мерасад ба даврони рисолат ва беъсаташ, ки иттилоот дақиқтар мегардад, чун ҳодисаи бузурге мешавад: аввал касе, ки ба ӯ имон овард, кӣ буд? Дуввумин ва севвумин фард, кӣ буд? Фалон кас дар чӣ соле имон овард? Чӣ суханоне миёни ӯ ва дигарон мубодила шуд? Чӣ корҳое кард? Чӣ равише дошт?

Дар сурате, ки ҳазрати Исо — ки наздиктарин пайғамбар аз пайғамбарони бузурги соҳиби шариат ба мост — агар таъйиди Қуръон аз ӯ набуд, ки мусалмонони олам Исоро ба ҳукми Қуръон як пайғамбари ҳақиқӣ ва илоҳӣ донистаанд, аслан Исоро дар дунё намешуд исбот ва таъйид кард. Худи масеҳиҳо аз ҷанбаи таърихӣ аслан эътиқод надоранд ба таърихи мелодӣ, ки масалан мегӯянд, аз таърихи мелоди ҳазрати Масеҳ 1975 сол гузаштааст; як ҳарфи қарордодӣ аст, на ҳақиқӣ. Агар мо мегӯем, аз ҳиҷрати пайғамбари мо 1395 соли қамарӣ ва 1354 соли шамсӣ гузаштааст, ба истилоҳ, мӯ лойи дарзаш намеравад.[8] Аммо ин ки аз мелоди Масеҳ 1975 сол гузашта бошад, як ҳарфи қарордодӣ аст ва таърих онро ҳеч таъйид намекунад. Эҳтимол ҳаст дивист-сесад сол қабл аз ин таърих буда ва эҳтимол меравад дивист-сесад сол баъд аз ин таърих будааст.

Ва иддае аз масеҳиҳои ҷуғрофиёӣ — на масеҳие, ки имоне ҳам ба Масеҳ дошта бошад — асосан мегӯянд: оё Масеҳе дар дунё вуҷуд дошта ё Масеҳ як шахсияти афсонаӣ аст ва ӯро сохтаанд? Аслан дар вуҷуди Масеҳ шак мекунанд. Албатта ин ҳарф аз назари мо чаранд аст. Қуръон вуҷуди Масеҳро таъйид карда ва мо аз он ҷиҳат, ки ба Қуръон имон дорем, дар ин матлаб шак надорем. (Ҳамчунин ин ки) ҳавориҳои Исо чӣ касоне буданд? Инҷил дар чӣ таърихе ва чандсад сол баъд аз Исои Масеҳ ба сурати китоб даромад? Чанд Инҷил буд? Инҳо ҳама маҳдуш аст. Вале барои мо, мусалмонон, ин манбаъ, чӣ манбаи гуфтор ва чӣ манбаи рафтори Пайғамбари Акрам ба сурати ду манбаи бисёр мусаллам ва то шуоъи бисёр зиёде қатъӣ — на фақат занниии қобили эътимод — вуҷуд дорад.

Ин матлабе буд, ки дар муқаддимаи ин баҳс хостам арз кунам.

Ҳол, он чи мо мувазздафем аз вуҷуди Пайғамбари Акрам истифода кунем, ҳам дар гуфтор аст ва ҳам дар рафтор, ҳам дар қавл аст ва ҳам дар феъл. Яъне суханони пайғамбар барои мо роҳнамо ва санад аст ва бояд аз он баҳра бигирем ва ҳамчунин феъл ва рафтори

[8] *Мӯ лойи дарзаш намеравад, киноя аз кучактарин нуқтаи заъф ё ҷойи ишколу эрод надоштан.*

пайғамбар. Дар инҷо бояд тавзеҳе барои ин матлаб арз кунам. Аввал ин баҳсро роҷеъ ба сухан ва гуфтор бикунам, то баъд дар рафтор ҳам битавонам тавзеҳ бидиҳам.

## Умқи каломи Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!)

Умда дар калимоти бузургон ин аст, ки нукоти бисёр дақиқе, ки дар ин калимот гунҷонида шудааст, афрод битавонанд дарк кунанд, хусусан, ки Пайғамбари Акрам дар бораи суханони худаш фармуд (ва амал ҳам нишон дод):

أُعْطيتُ جَوامِعَ الْكَلِمِ

“*Худо ба ман калимоти ҷомеъ додааст.*” Яъне Худо ба ман қудрате додааст, ки бо як сухани кучак як дунё матлаб метавонам бигӯям.

Суханони пайғамбарро ҳама мешуниданд, вале оё ҳама метавонистанд ба умқи суханони пайғамбар он чунонки бояд, бирасанд? Абадан. Шояд саду наваду нӯҳашон ҳам намерасиданд. Худи Пайғамбари Акрам бибинед чӣ гуна матлабро пешбинӣ мекунад. Ҷумлае дорад, ки муфоди он ин аст:

Суханоне, ки аз ман мешунавед, забт ва нигаҳдорӣ кунед ва ба наслҳои оянда таҳвил бидиҳед ва бисупоред. Эй басо наслҳои оянда ва хеле дур маънии ҳарфи маро беҳтар бифаҳманд аз шумо, ки имрӯз пойи минбари ман ҳастед. Дар он ҳадиси маъруфе, ки дар кутуби мӯътабари мо ҳаст ва аз аҳодисе аст, ки шиа ва суннӣ ривоят кардаанд ва дар “*Кофӣ*” ва “*Туҳафул-уқул*” ва китобҳои дигар ҳаст, Пайғамбари Акрам фармуд:

نَضَّرَ اللّهُ عَبْداً سَمِعَ مَقالَتى فَوَعاها وَبَلَّغَها مَنْ لَمْ يَسْمَعْها

“*Худо хуррам созад чеҳраи он бандаеро, ки сухани маро бишнавад ва забт кунад ва бирасонад ба касоне, ки онҳо аз ман нашунидаанд!*”

Баъд ин ҷумларо изофа фармуд:

فَرُبَّ حامِلِ فِقْهٍ غَيْرِ فَقيهٍ وَرُبَّ حامِلِ فِقْهٍ اِلى مَنْ هُوَ اَفْقَهُ مِنْهُ

(*“Басо касе, ки ҳомили фиқҳест, вале худаш фақеҳ нест ва басо фарде, ки фиқҳеро ҳамл мекунад, баъд мунтақил мекунад ба касе, ки аз ӯ фақеҳтар аст.”* (*Сафинатул-биҳор, ҷ.1, с.392*))

Ин ҷумла хеле нукта дар он ҳаст, яъне ишорае аст ба оянда. “Фиқҳ” яъне фаҳми амиқ, вале дар инҷо мақсуд ҷумлае аст, ки умқ дошта бошад. “Фиқҳ” бо “фаҳм” фарқаш ин аст, ки “фаҳм” мутлақи фаҳмидан аст ва “фиқҳ” фаҳми амиқро мегӯянд. Вақте, ки “фиқҳ” ба калом

итлоқ бишавад яъне сухане, ки умқи зиёд дорад. Фармуд: басо мардуме, ки ҳомили як сухани амиқанд, вале худашон амиқ нестанд. Ҷумларо ҳамеша нақл мекунад, вале худаш наметавонад ба умқи он пай бибарад. Боз фармуд: басо мардуме, ки ҷумлаеро, фиқҳеро ҳамл мекунанд, яъне ҷумлаеро, ки аз ман шунидаанд ҳифз доранд, фақеҳ ҳам ҳастанд, вале нақл мекунад барои касе, ки аз худи ӯ фақеҳтар аст. Яъне нақл мекунад барои касе, ки аз ӯ амиқтар аст ва умқи фикраш бештар аст. Ӯ, ки вақте барояш нақл мекунад, чизҳое мефаҳмад, ки худи ин, ки барои ӯ нақл карда намефаҳмад.

Ин аст, ки мо мебинем, суханони пайғамбар дар ҳар риштае, дақиқан қарн ба қарн умқи бештаре (намегӯям пайдо карда) барои он кашф шудааст. (Албатта медонед ҳисоби авсиёи пайғамбар, имомони атҳор ҷудост. Калимоти онҳо мисли калимоти пайғамбар аст. Роҷеъ ба афроди оддӣ дорам сӯҳбат мекунам.) Дар қарни аввал ва дуввум ҳаргиз ба андозаи қарни севвум наметавонистанд ба умқи матолиби пайғамбар бирасанд ва дар қарни севвум ба андозаи қарни чаҳорум ва дар қарни чаҳорум ба андозаи қарни панҷум.

Таърихи улуми исломӣ ин амрро нишон медиҳад. Агар шумо ахлоқро мутолеа кунед, фиқҳро мутолеа кунед, маориф ва фалсафаро мутолеа кунед, ирфонро мулоҳиза кунед, мебинед, дар ҳар қисмат, ки пайғамбар сухан гуфтааст, муфассирине, ки дар давраҳои баъд омадаанд, воқеан беҳтар тавонистаанд ба умқи каломи пайғамбар бирасанд. Эъҷози пайғамбар дар ҳамин аст.

Мо танҳо агар фиқҳи худамонро дар назар бигирем, чунончи як нобиғаи ҳазор сол пешро масалан дар назар бигирем, Шайх Садуқ ва Шайх Муфид ва ҳатто Шайх Тӯсиро дар фаҳми маъонӣ (калимот)-и пайғамбар дар масоили фиқҳӣ дар назар бигирем ва баъд биёем нӯҳсад сол баъдаш Шайх Муртазо Ансориро дар назар бигирем, мебинем, Шайх Муртазо Ансорӣ дар нӯҳсад сол баъд аз Шайх Тӯсӣ ва Шайх Муфид ва Шайх Садуқ беҳтар метавонад сухани пайғамбарро таҳлил кунад.

Оё аз ин ҷиҳат аст, ки Шайх Муртазо нубуғи бештаре аз Шайх Тӯсӣ доштааст? На. Илми замони ӯ вусъати бештаре аз илми замони Шайх Тӯсӣ дорад; илм ҷилавтар рафтааст ва дар натиҷа ин беҳтар метавонад ба умқи сухани пайғамбар бирасад, то ӯ, ки дар ҳазор сол қабл будааст. Оянда ҳам ҳамин тавр аст. Сад соли дигар, дивист соли дигар афроде пайдо хоҳанд шуд, ки хеле амиқтар аз Шайх Ансорӣ суханони пайғамбарро дарк кунанд. Ин дар гуфтор.

## Умқи рафтори пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!)

Дар тафсиру тавҷеҳи рафтори пайғамбар ҳам айнан ҳамин матлаб ҳаст. Ҳамин тавр, ки сухани пайғамбар маънӣ дорад ва барои як маънӣ адо шудааст, рафторҳои пайғамбар ҳам ҳама маънӣ ва тафсир дорад ва бояд дар онҳо тааммуқ кард:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الْآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثِيرًا

("*"Барои шумо дар зиндагии Расули Худо сармашқи некӯест; барои онҳое, ки умед ба раҳмати Худо ва рӯзи растохез доранд ва Худоро бисёр ёд мекунанд." (Сураи Аҳзоб, ояти 21)*")

Махсусан бо таъбире, ки Қуръон мегӯяд, ки дар вуҷуди пайғамбар усва ва таассие (сармашқ) аст барои шумо ва вуҷуди пайғамбар конуне аст, ки мо аз он конун бояд (равиши зиндагиро) истихроҷ кунем. Сирфи ин ки як нафар биёяд калимоти пайғамбарро ривоят кунад (кофӣ нест). Хеле ровиҳо ҳастанд, ки чизе дарк намекунанд. Ин ки мо биёем таърихи Пайғамбари Акрамро нақл кунем, ки Пайғамбари Акрам дар фалон ҷо чунин кард, кофӣ нест, тафсиру тавҷеҳи амали пайғамбар муҳим аст. Дар фалон ҷо пайғамбар ин тавр рафтор кард, чаро ин тавр рафтор кард? Чӣ манзуре дошт?

Пас ҳамин тавр, ки гуфтори пайғамбар ниёз ба тааммуқ ва тафсир дорад, рафтори пайғамбар ҳам ниёз ба тааммуқ ва тафсир дорад.

Мо наметавонем аз ин изҳори таассуф дар бораи худамон худдорӣ кунем, ки мо, ки уммати пайғамбари охируззамон ҳастем, аз ҳар кадомамон агар бипурсанд, на чанд то сухан аз пайғамбар баладем (ҳатто лафзашро ҳам балад нестем, чӣ расад ба маънӣ ва тафсираш) ва на аз сира ва рафтори пайғамбар метавонем чанд калима бигӯем.

Инро ман дар баъзе аз ҷаласоти дигар ҳам гуфтаам, ки: яке аз нависандаҳои маъруфи Эрон, ки ду се сол пеш мурд ва албатта мазҳабӣ набуд (ибтидои умраш, ки ҳеч мазҳабӣ набуда, ин охири умр ба воситаи китобҳое аз ман, ки мунташир шуда буд, бо ман иртибот ва тамоюле ба мазҳаб пайдо карда буд), як вақте ба ман гуфт: ман дорам китоберо тарҷима мекунам дар ҳикмати адён, яъне ҳикматҳое, ки дар динҳои мухталифи олам вуҷуд дорад: ҳикматҳое, ки имрӯз дар дини яҳуд вуҷуд дорад, ҳикматҳое, ки дар Инҷил вуҷуд дорад, ҳикматҳое, ки ба Зардушт нисбат медиҳанд, ҳикматҳое, ки ба Будо нисбат медиҳанд, ҳикматҳое, ки аз Конфутсий аст ва ҳикматҳое, ки аз пайғамбари мост. Гуфт: ман фақат ба раги сайидиам бархӯрда, зеро аз ҳар касе калимоти зиёде нақл карда, вале ба пайғамбари

ислом, ки расида чанд ҷумлаи кӯтоҳ нақл карда. Ва чун тарҷимаи ман тарҷимаи озод аст, мехоҳам андаке бештар нақл кунам, вале ман, ки дастрасӣ надорам. Гуфт: ман тасмим гирифтаам, сад оят аз Қуръон нақл кунам, сад ҷумла аз калимоти пайғамбар ва сад ҷумла аз калимоти амирулмӯъминин. Дар мавриди Қуръон гуфт: чун Қуръоне мутарҷам (Қуръони оқои Қумшаӣ) ҳаст, худам метавонам чанд оят интихоб кунам. Аз калимоти амирулмӯъминин ҳам чун "*Наҳҷул-балоға*"-ҳои мутарҷам ҳаст, метавонам интихоб кунам, вале роҷеъ ба сухани пайғамбар чун ман ба арабӣ чандон ворид нестам ва дар форсӣ ҳам ҳарчи гаштам, пайдо накардам, агар метавонӣ сад ҷумла аз пайғамбар барои ман пайдо кун ва тарҷима ҳам бикун, вале баъд ба қалами худам дармеоварам, ки мутобиқи завқи худам бошад. Гуфтам, бисёр хуб. Ман сад ҷумла аз Расули Акрам ҷамъоварӣ кардам ва дар ихтиёраш қарор додам. Тарҷима ҳам кардам, ки як вақт дар маънояш иштибоҳ накунад. Баъд ҳам ӯ дар китобе ба номи "*Ҳикмати адён*" чоп кард. Албатта онҷо исм набурд, ки ин сад ҷумлаи пайғамбарро аз куҷо гирифтааст. Ман ҳам намехостам, чун манзурам ин буд, ки ин кор анҷом шавад.

Ба ҳар ҳол як вақт ба ман расид ва гуфт: фалонӣ! Пайғамбари мо якчунин суханоне дошта? Ман, ки намедонистам. Дар сурате, ки худи ин нависанда як нависандаи маъруфи Эрон ва касе аст, ки дар кишварҳои хориҷӣ аҳёнан рӯи ӯ ҳисоб мекунанд ва вақте мехоҳанд нависандаҳои дараҷаи аввали Эронро бишуморанд, яке ҳам ӯро мешуморанд. Як одаме, ки ба қавли худаш сайид аст ва (дар ҳамаи) умраш ҳам сару кораш бо китоб будааст, хабар надошт, ки пайғамбари мо чунин суханоне дорад. Ба ман гуфт: пайғамбари мо якчунин суханоне дошта ва ман намедонистам? Гуфтам: бале. Баъд, ки китоб чоп шуд, гуфт: фалонӣ, ман ҳоло мебинам суханони пайғамбари ислом бар суханони тамоми пайғамбарони олам мечарбад; ин қадр амиқ ва пурмаъност.

Чаро мо, мусалмонҳо бояд ин қадр кӯтоҳӣ карда бошем, ки як нависандаи мо — ки ӯ ҳам кӯтоҳӣ кардааст — иттилоъ надошта бошад, ки аслан пайғамбар суханони ҳикматомезе ҳам дорад ё надорад; бо ин ки ман ин суханонро интихоб накарда будам, баъзе дар зеҳнам буд, бархеро аз рӯи "*Исно ашария*" ва баъзеро аз рӯи "*Туҳафул-уқул*" навиштам ва дар ихтиёраш қарор додам.

Дар сира ва рафтори пайғамбар шояд мо аз ин ҳам бештар кӯтоҳӣ карда бошем. Чанд сол пеш ман фикр кардам, ки дар заминаи сираи Пайғамбари Акрам китобе бинависам ба ҳамин сабке, ки арз хоҳам кард. Миқдори зиёде ёддошт таҳия кардам, вале ҳарчи ҷилавтар рафтам,

дидам, мисли ин аст, ки дорам вориди дарёе мешавам, ки ба тадриҷ амиқтар мешавад. Албатта сарфи назар накардам ва медонам, ки ман наметавонам иддао кунам, ки метавонам сираи пайғамбарро бинависам, вале

ما لا يُدْرَكُ كُلُّهُ لا يُتْرَكُ كُلُّهُ

("*Он чи ҳамааш дарк нашавад, ҳамааш тарк намешавад*") Билохира тасмим дорам ба ҳавлу қувваи илоҳӣ рӯзе чизе дар ин замина бинависам, то баъд дигарон биёянд беҳтарашро бинависанд. Вале вақте инсон тааммуқ мекунад, мебинад, чӣ қадр амиқ аст. Ҳамин тавр, ки суханони пайғамбари мо амиқ аст, рафтори пайғамбари мо он қадр амиқ аст, ки аз ҷузъитарин кори пайғамбар мешавад қонунҳо истихроҷ кард. Як кори кучаки пайғамбар як чароғ аст, як шӯъла аст, як нурафкан аст барои инсон, ки то масофатҳои бисёр дурро нишон медиҳад.

## Маънии "сира"

Ибтидо луғати "сира"-ро маънӣ кунам, ки то ин луғатро маънӣ накунам, наметавонам сираи пайғамбарро тафсир кунам. "Сира" дар забони арабӣ аз моддаи "сайр" (ё сийр) аст.[9] "Сайр" яъне ҳаракат, рафтан, роҳ рафтан. "Сира" яъне навъи роҳ рафтан. Сира бар вазни "фиъла" аст ва фиъла дар забони арабӣ далолат бар навъ мекунад. Масалан, "ҷалса" яъне нишастан ва "ҷилса" яъне сабк ва навъи нишастан. Ва ин нуктаи дақиқе аст. Сайр яъне рафтан, рафтор, вале сира яъне навъ ва сабки рафтор. Он чи муҳим аст, шинохтани сабки рафтори пайғамбар аст. Онҳо, ки сира навиштаанд, рафтори пайғамбарро навиштаанд. Ин китобҳое, ки мо ба номи "сира" дорем, сайр аст, на сира.

Масалан, "*Сираи Ҳалабийя*" сайр аст, на сира. Исмаш сира ҳаст, вале воқеаш сайр аст. Рафтори пайғамбар навишта шудааст, на сабки пайғамбар дар рафтор, на услуби рафтори пайғамбар, на методи пайғамбар.

---

[9] *Луғати "сира"-ро шояд аз қарни аввал ва дуввуми ҳиҷрӣ мусалмонон ба кор бурданд. Гӯ ин ки дар амал, муаррихони мо аз ӯҳда хуб барнаомаданд, вале луғати бисёр олие интихоб карданд. Шояд қадимтарин сираҳоро Ибни Исҳоқ навишта, ки баъд аз ӯ Ибни Ҳишом онро ба сурати як китоб даровардааст. Ва мегӯянд, Ибни Исҳоқ шиа буда ва дар ҳудуди нимаи қарни дуввуми ҳиҷрӣ мезистааст.*

# Сабкшиносӣ

Масъалаи метод (равиш) хеле муҳим аст. Масалан, дар боби шеър, Рӯдакиро мегӯем шоир, Саноиро ҳам мегӯем шоир, Мавлавиро ҳам мегӯем шоир, Фирдавсиро ҳам мегӯем шоир, Соибро ҳам мегӯем шоир, Ҳофизро ҳам мегӯем шоир. Барои як одаме, ки вориди сабки шеър набошад, ҳама шеър аст. Мегӯяд, шеър, шеър аст дигар, шеър, ки фарқ намекунад. Вале як одами ворид мефаҳмад, ки шеър сабкҳои мухталиф дорад. Шеър ба сабки ҳиндӣ дорем, шеър ба сабки Хуросон дорем, шеър масалан ба сабки ирфон дорем ва сабкҳои дигар. Дар шеършиносӣ он чи муҳим аст, сабкшиносӣ аст, ки Маликушшуарои Баҳор китобе дар сабкшиносӣ навиштааст. Ҳатто дар наср ҳам сабкшиносӣ ҳаст ва ихтисос ба шеър надорад. Сабкшиносӣ ғайр аз шеършиносӣ ва ғайр аз насршиносӣ аст.

Насрро он вақт инсон метавонад бишносад, ки сабки насрҳои мухталифро ба даст биёварад ва шеърро он вақт метавонад бишносад, ки сабкҳои мухталиф дар шеърро ба даст биёварад. Меойем суроғи ҳунар. Барои як одаме, ки ворид дар ҳунар нест, баннойӣ дигар баннойӣ аст, кошикорӣ дигар кошикорӣ аст, катибанависӣ дигар катибанависӣ аст. Вале шумо биравед суроғи ҳунаршиносҳо, мебинед, шояд даҳҳо сабк дар дунё вуҷуд дорад ва санъатҳо ва ҳунарҳо ҳар кадом як сабке аст. Масалан, китобе ба номи "*Ҳунари исломӣ*"-ро, ки як олмонӣ навишта ахиран тарҷима кардаанд, китоби хубе ҳам ҳаст, як вақте ҳам ба ман доданд, ки онро дар маҷолис таблиғ кунам, вале ман чун сабкам набуд, ки таблиғ кунам, нагуфтам, алъон ҳам ба забонам омад. Ба ҳар ҳол китобе навиштаанд роҷеъ ба ҳунари исломӣ, ки сабки ҳунари исломӣ як сабки махсус ба худ аст. Дар дунёи ислом, дар тамаддуни исломӣ як сабк (дар ҳунар) ба вуҷуд омад махсус ба худ ва албатта мисли ҳамаи сабкҳои дигар мумкин аст дар он иқтибосҳое аз ҷоҳои дигар шуда бошад, вале худаш ҳам истиқлол дорад ва сабки махсус ба худ аст.

Аз инҳо болотар, меойем суроғи тафаккурот. Аз назари як одами ғайри ворид, Арасту як олим ва файласуф ва мутафаккир аст, Абӯрайҳони Берунӣ як олим ва мутафаккир аст, Бӯалӣ Сино як олим ва мутафаккир аст, Афлотун як олим ва мутафаккир аст, Фрэнсис Бэкон як олими мутафаккир аст, Стюарт Милл ва Декарт ва Гегел ҳамин тавр. Баъд, аз он тараф биравем суроғи як иддаи дигар: Шайх Садуқ як олим аст, Шайх Кулайнӣ як олим аст, Ихвонуссафо як идда уламо буданд ва ҳамаашон ҳам шиа ҳастанд, Хоҷа Насируддин як олим аст.

Вале як одами ворид медонад, ки миёни сабк ва методу равиши ин олимҳо аз замин то осмон тафовут аст. Як олим сабкаш сабки истидлолӣ ва қиёсӣ аст, яъне дар ҳамаи масоил аз мантиқи арастуӣ пайравӣ мекунад: агар тиббро дар ихтиёри ӯ қарор бидиҳӣ, тиббро мехоҳад бо мантиқи арастуӣ ба даст биёварад, агар фиқҳро ҳам ба ӯ бидиҳӣ, мехоҳад бо мантиқи арастуӣ истидлол кунад, агар адабиёт ва наҳву сарфро ҳам дар ихтиёраш қарор бидиҳӣ, мантиқи арастуиро дар он ба кор мебарад, сабкаш ин гуна аст.

Яке дигар сабкаш сабки таҷрибӣ аст, мисли бисёре аз уламои ҷадид. Мегӯянд, фарқи сабки Абӯрайҳони Берунӣ ва сабки Бӯалӣ Сино ин аст, ки сабки Бӯалӣ Сино мантиқи арастуӣ аст, вале сабки Абӯрайҳони Берунӣ бештар ҳиссӣ ва таҷрибӣ будааст, бо ин ки инҳо муосири ҳам ва ҳар ду ҳам нобиға ҳастанд. Як нафар сабкаш ақлӣ аст, дигаре сабкаш нақлӣ аст. Баъзе аслан сабки ақлӣ ҳеч надоранд, дар ҳамаи масоил эътимодашон фақат ба манқулот аст. Ғайр аз манқулот дигар ба ҳеч чиз эътимод надоранд. Масалан, марҳуми Маҷлисӣ агар тибб ҳам бихоҳад бинависад, мехоҳад тиббе бинависад бар асоси манқулот; ва чун такяаш рӯи манқулот аст, хеле аҳаммият ҳам намедиҳад ба саҳеҳ ва (сақимаш) ё лоақал дар китобҳояш ҳамаро ҷамъ мекунад. Агар мехоҳад дар саъду наҳси айём ҳам бинависад, боз ба манқулот истинод мекунад.

Яке сабкаш манқул аст, яке сабкаш маъқул аст, яке сабкаш ҳиссӣ аст, яке сабкаш истидлолӣ аст, яке сабкаш ба қавли имрӯзиҳо диалектикӣ аст, яъне ашёро дар ҷараён ва ҳаракат мебинад, яке сабкаш статикӣ аст, яъне аслан ҳаракатро дар низоми олам дахолат намедиҳад. Чандин сабк вуҷуд дорад.

Ҳол, меойем дар рафторҳо. Рафторҳо низ сабкҳои мухталиф дорад. Сирашиносӣ яъне сабкшиносӣ. Аввалан як куллияте дорад: салотини олам ба таври куллӣ як сабк ва як сира ва як равиши махсус ба худ доранд бо ихтилофоте, ки миён онҳо ҳаст. Фалосифа як сабки махсус ба худ доранд, риёзаткашҳо як сабки махсус ба худ доранд, пайғамбарон ба таври куллӣ як сабки махсус ба худ доранд ва ҳар якро, ки ҷудо дар назар бигирем (як сабки махсус ба худ дорад). Масалан, Пайғамбари Акрам як сабки махсус ба худ дорад.

Дар инҷо як нуктаи дигарро бояд арз кунам: ин ки арз кардам дар ҳунар сабкҳо мухталиф аст, дар шеър сабкҳо мухталиф аст, дар тафаккур сабкҳо мухталиф аст, дар амал сабкҳо мухталиф аст, ин барои одамҳое аст, ки сабк дошта бошанд. Аксарияти мардум аслан сабк надоранд. Хеле афрод, ки шеър мегӯянд, аслан сабк надоранд, сабк сараш намешавад. Хеле аз ҳунармандҳо (шояд *кубистҳо* ин тавр бошанд) асосан сабк сарашон намешавад. Хеле аз

мардум дар тафаккурашон аслан сабк ва мантиқ надоранд. Як дафъа ба нақл истинод мекунад, як дафъа ба ақл истинод мекунад, як дафъа ҳиссӣ мешавад, як дафъа ақлӣ мешавад. Инҳо модуни мантиқанд. Ман ба модуни мантиқҳо коре надорам.

Дар рафтор ҳам аксарияти қариб ба иттифоқи мардум сабк надоранд. Агар ба мо бигӯянд сабкатро (дар рафтор) бигӯ, сираи худатро баён кун, равишатро баён кун, ту дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ (чӣ равише дори?, посухе надорем). Ҳар касе барои худаш дар зиндагӣ ҳадаф дорад, ҳадафаш ҳарчи мехоҳад бошад; яке ҳадафаш олӣ аст, яке ҳадафаш паст аст, яке ҳадафаш Худост, яке ҳадафаш дунёст. Билохира инсонҳо ҳадаф доранд. Баъзе афрод барои ҳадафи худашон аслан сабк надоранд, равиш интихоб накардаанд, равиш сарашон намешавад. Вале қалиле аз мардум ҳастанд, ки дар роҳе, ки мераванд, сабку равиш доранд. Қалиле аз мардум ин ҷуранд, вагарна аксарияти мардум дуни мантиқанд, дуни сабканд, дуни равишанд, ба истилоҳ, ҳарҷу марҷ (бар аъмолашон ҳукмфармост ва) ҳамаҷун раъо (ҳастанд).

Сираи пайғамбар яъне сабки пайғамбар; методе, ки пайғамбар дар амал ва дар равиш барои мақосиди худаш ба кор мебурд. Баҳси мо дар мақосиди пайғамбар нест; мақосиди пайғамбар феълан барои мо мӯҳраз аст. Баҳси мо дар сабки пайғамбар аст, дар равише, ки пайғамбар барои ҳадаф ва мақсади худаш ба кор мебурд. Масалан, пайғамбар таблиғ мекард. Равиши таблиғи пайғамбар чӣ равише буд? Сабки таблиғи пайғамбар чӣ сабке буд? Пайғамбар дар ҳамон ҳол, ки мубаллиғ буд ва исломро таблиғ мекард, як раҳбари сиёсӣ барои ҷомеаи худаш буд. Аз вақте, ки омад ба Мадина, ҷомеа ташкил дод, ҳукумат ташкил дод, худаш раҳбари ҷомеа буд. Сабк ва методи раҳбарӣ ва мудирияти пайғамбар дар ҷомеа чӣ методе буд? Пайғамбар дар ҳамон ҳол қозӣ буд ва миёни мардум қазоват мекард. Сабки қазоваташ чӣ сабке буд? Пайғамбар мисли ҳамаи мардуми дигар зиндагии хонаводагӣ дошт, занони мутаъаддид дошт, фарзандон дошт. Сабки пайғамбар дар зандорӣ чӣ гуна буд? Сабки пайғамбар дар муошират бо асҳоб ва ёрон ва ба истилоҳ, муридҳо чӣ гуна буд? Пайғамбар душманони сарсахте дошт. Сабк ва равиши пайғамбар дар рафтор бо душманон чӣ буд? Ва даҳҳо сабки дигар дар қисматҳои мухталифи дигар, ки инҳо бояд равшан бишавад.

## Сабкҳои мухталиф дар рафтор

Раҳбарҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, баъзе асосан сабкашон — яъне он чи, ки ба он эътимод доранд — фақат зӯр аст, ҷуз зӯр ба чизи дигаре имон ва эътимод надорад. Мантиқашон ин аст: як

гирех шох аз ду заръ дум беҳтар аст, яъне ғайри зӯр ҳарчи ҳаст, бирез дур. Сиёсате, ки алъон омрикоиҳо дар дунё амал мекунанд, ки мӯътақиданд, мушкилотро фақат ва фақат бо зӯр мешавад ҳал кард, ғайри зӯрро раҳо кун. Баъзе дигар дар сиёсат ва дар идораи умур, беш аз ҳар чизе ба найрангу фиреб эътимод доранд: сиёсати англисмаобона, сиёсати муовияӣ. Он аввалӣ сиёсати язидӣ буд. Язид ва Муовия ҳар ду аз назари ҳадаф яке ҳастанд; ҳар ду шақӣ ва ашқулашқиё ҳастанд. Вале методи Язид бо методи Муовия фарқ мекунад. Методи Язид "улдурам булдурам" яъне зӯр буд, вале методи Муовия беш аз ҳар чизи дигар, найранг, фиреб, нифоқ, ҳуққабозӣ ва маккорӣ буд.

Як нафари дигар мумкин аст, методаш бештар ахлоқ ба маънии воқеӣ бошад, на тазоҳур ба ахлоқ, ки боз мешавад ҳамон найранги муовияӣ. Садоқат, сафо ва самимият. Тафовути сираи Алӣ алайҳис салом ва сираи Муовия дар сиёсат дар ҳамин буд. Аксари мардуми замон сиёсати Муовияро тарҷеҳ медоданд; мегуфтанд: сиёсат яъне ҳамин коре, ки Муовия мекунад.[10] Меомаданд, ба Алӣ алайҳис салом мегуфтанд: ту чаро ҳамон методеро, ки Муовия ба кор мебарад, ба кор намебарӣ, то корат пеш биравад? Ту ба ин фикр бош, ки корат пеш биравад, ҳоло ҳарчи шуд; як ҷо одам бояд пул қарз кунад, аз ин бигирад ба он бидиҳад, як ҷо ҳам як ваъдае медиҳад, дурӯғ ҳам даромад, даромад; метавонад ваъда бидиҳад, баъд ҳам амал накунад. Бигузор корат пеш биравад, он муҳимтар аст. То ҷое, ки барои баъзе таваҳҳум пайдо шуд, ки шояд Алӣ ин роҳҳоро балад нест, Муовия зираку заранг аст, Алӣ ин зарангиҳоро надорад. Алӣ фармуд: чаро иштибоҳ мекунед?

وَاللهِ ما مُعاوِيَةُ بِاَدْهى مِنّى

"Ба Худо қасам, ки Муовия аз ман доҳиятар ва зирактар нест."

Шумо хаёл мекунед, ман, ки ғадр ба кор намебарам, роҳашро балад нестам?!

وَلكِنَّهُ يَغْدِرُ وَيَفْجُرُ

"(Ва лекин) ӯ ғадру найранг ба кор мебарад ва фисқу фуҷур мекунад."

---

[10] *Ҳанӯз ҳам луғати "сиёсат" дар миёни мо мусовӣ аст бо найрангу фиреб ва ҳол он ки сиёсат яъне идора ва соис яъне мудир. Мо дар бораи имомон мегӯем:*

*وَسَاسَةُ الْعِبادِ*

*Яъне сиёсатмадорони бандагон, соисҳои бандагон, вале кам-кам ин луғат мафҳуми найрангу фиребро пайдо кард.*

وَلَوْ لا كَراهِيَةُ الْغَدْرِ لَكُنْتُ مِنْ اَدْهَی النّاسِ

“Агар набуд, ки Худои Мутаъол дӯст намедорад ғаддориро, он вақт медидед, ман ба он маъное, ки шумо исмашро гузоштаед дуҳоъ ва Муовияро доҳия мехонед, (доҳия ҳастам ё на?) Он вақт медидед, ки доҳия кист, ман доҳия ҳастам ё Муовия?

وَلكِنْ كُلُّ غَدْرَةٍ فَجْرَةٌ وَكُلُّ فَجْرَةٍ كَفْرَةٌ وَلِكُلِّ غادِرٍ لِواءٌ يُعْرَفُ بِهِ يَوْمَ الْقِيامَةِ

Ман чӣ гуна дар сиёсат найранг ба кор бибарам, дар сурате, ки медонам, “ғадру найрангу фиреб фисқу фуҷур аст ва ин фисқу фуҷурҳо дар ҳадди куфр аст ва дар қиёмат ҳар ғаддоре бо парчаме маҳшур мегардад.” Абадан ман ғадр ба кор намебарам. (*Наҳҷул-балоға, хутбаи 200*)

Инҳоро мегӯянд сабк: сабке, ки ба зӯр эътимод мекунад; сабке, ки ба найранг эътимод мекунад, сабке, ки ба тамовут эътимод мекунад, яъне худро ба мушмурдагӣ задан, худро ба бехабарӣ задан. Як сиёсатмадори пирамарде буд, ки дар чанд сол пеш мурд ва ба ин қазия маъруф буд. Ҳоло намедонам, воқеан содда буда ё на, вале иддае мегӯянд, худашро ба соддагӣ мезад. Нахуствазир буд. Яке аз муллоҳои хеле бузургро гирифта буданд, баъд рафта буданд суроғаш, ки оқо, чаро ӯро гирифтанд? Гуфта буд, кори дасти кист? Ҳоло нахуствазири мамлакат аст, мегӯяд, кори дасти кист? Ман ба кӣ мурочеа кунам? Хуб, ӯ ҳам сабке интихоб карда буд, ки худашро ба ҳамоқат ва нафаҳмӣ ва нодонӣ бизанад ва аз ҳамин роҳ ба истилоҳ, харашро аз пул бигузаронад. Ҳадаф ин аст, ки хараш аз пул бигузарад, ҳарчанд ин ки мардум бигӯянд, ӯ аҳмақ аст. Ин ҳам як сабке аст: сабки тамовут, яъне худро ба мурдагӣ задан, худро ба ҳамоқат задан, худро ба бехабарӣ задан. Ва иддае бо ин сабк кори худашонро пеш мебаранд.

Баъзе сабкашон дар корҳо дафъулвақт кардан аст, воқеан ба дафъулвақт эътимод доранд. Баъзе сабкашон бештар дурандешӣ аст. Баъзе дар сабки худашон қотеъ ва буранда ҳастанд. Баъзе дар сабкашон қотеъ ва баранда нестанд. Баъзе дар сабки худашон фардӣ ҳастанд, яъне танҳо тасмим мегиранд. Баъзе асосан ҳозир нестанд, танҳо тасмим бигиранд, ончо ҳам, ки комилан матлаб барояш равшан аст, боз танҳо тасмим намегиранд. Ва ин махсусан дар сираи Пайғамбари Акрам аҷиб аст: дар мақоми нубувват, дар мақоме, ки асҳоб ончунон ба ӯ имон доранд, ки мегӯянд, агар ту фармон бидиҳӣ худро ба дарё бирезем, ба дарё мерезем, дар айни ҳол намехоҳад сабкаш инфиродӣ бошад ва дар масоил танҳо тасмим бигирад. Барои ин ки ақалли зарараш ин аст, ки ба асҳоби худаш шахсият надода, яъне гӯӣ шумо

асосан фикр надоред, шумо, ки фаҳму шуъур надоред, шумо абзоред, ман бояд фақат дастур бидиҳам ва шумо амал кунед. Он вақт лозимааш ин аст, ки фардо ҳар каси дигар ҳам раҳбар бишавад, ҳамин тавр амал кунад ва бигӯяд: лозимаи раҳбар ин аст, ки раҳбар фикру назар бидиҳад ва ғайри раҳбар ҳар, ки ҳаст, фақат бояд абзорҳои билоиродае бошанд ва амал кунанд.

Вале пайғамбар дар мақоми нубувват чунин кореро намекунад. Шӯро ташкил медиҳад, ки асҳоб! Чӣ бикунем? “Бадр” пеш меояд, шӯро ташкил медиҳад, “Уҳуд” пеш меояд, шӯро ташкил медиҳад: инҳо омадаанд наздики Мадина, чӣ маслиҳат медонед? Аз Мадина хориҷ бишавем ва дар беруни Мадина бо онҳо биҷангем ё дар ҳамин Мадина бошем ва вазъи худамонро дар дохил мустаҳкам кунем? Инҳо муддате моро муҳосира мекунанд, агар муваффақ нашуданд, шикастхӯрда бармегарданд. Бисёре аз солхӯрдагон ва таҷрибакорҳо ташхисашон ин буд, ки маслиҳат ин аст, ки дар Мадина бимонем. Ҷавонҳо, ки бештар ба истилоҳ, ҳолати ғурурӣ доранд ва ба ҷавониашон бармехӯрд, гуфтанд: мо дар Мадина бимонем ва биёянд моро муҳосира кунанд?! Мо тан ба чунин коре намедиҳем, меравем берун, ҳар ҷур ҳаст меҷангем. Таърих менависад, худи Пайғамбари Акрам маслиҳат намедид, ки аз Мадина хориҷ бишаванд, мегуфт: агар дар Мадина бошем, муваффақиятамон бештар аст. Яъне назараш бо он солхӯрдагон ва таҷрибакорҳо мувофиқ буд, вале дид, аксарияти асҳобаш, ки ҳамон ҷавонҳо буданд, гуфтанд: на ё Расулуллоҳ! Мо аз Мадина мезанем берун, меравем дар доманаи Уҳуд, ҳамон ҷо бо онҳо меҷангем. Ҷаласа тамом шуд. Як вақт диданд, пайғамбар аслиҳа пӯшида берун омад ва фармуд: биравем берун. Ҳамонҳое, ки ин назарро дода буданд, омаданд гуфтанд: ё Расулуллоҳ! Чун шумо аз мо назар хостед, мо ин ҷур назар додем, вале дар айни ҳол мо тобеи шумо ҳастем. Агар шумо маслиҳат намедонед, мо бар хилофи назари худамон, дар Мадина мемонем. Фармуд: пайғамбар ҳамин қадр, ки аслиҳа пӯшид ва берун омад, дигар саҳеҳ нест аслиҳаашро канор бигузорад. Ҳоло, ки бино шуд биравем берун, меравем берун.

Ғараз ин ҷиҳат аст, ки инҳо сабкҳо ва равишҳои мухталиф аст, ки хуб аст дар қисматҳои мухталиф баррасӣ бишавад. Инҳо феҳристҳои мухтасаре буд, ки барои шумо арз кардам. Шояд ҳар шабе тавфиқ пайдо кунем, ки шева ва равиши пайғамбарро дар ҳар қисмате аз ин қисматҳо барои шумо баён кунем.

## Фалсафаи зикри мусибат

Айём, аз назаре, ба ҳазрати Заҳро (Саломуллоҳи алайҳо!) тааллуқ дорад. Нуктаеро чун дишаб яке аз ҷавонон суол кард, мехоҳам бароятон арз кунам, шояд хуб бошад. Албатта ман ҳеч вақт исрор надорам, ки дар ҳар суханронӣ лузуман зикри мусибат кунам. Агар сухан расид ба ҷое, ки бибинам зикри мусибат кардан ба худам таҳмил кардан аст ва бояд аз ҷое ба ҷои дигар биравам, намегӯям. Вале аксар, хусусан дар айёми мусибат, ҳарчанд ба таври ишора ҳам шудааст, зикри мусибат мекунам.

Ҷавоне аз ман пурсид, ки оё ин кор зарурате ё ҳусне дорад ё на? Агар биност мактаби Имом Ҳусайн алайҳис салом эҳё бишавад, оё зикри мусибати Имом Ҳусайн ҳам зарурате дорад? Гуфтам, бале, дастуре аст, ки имомони атҳор ба мо додаанд ва ин дастур фалсафае дорад. Ва он ин ки: ҳар мактабе агар чошние аз отифа надошта бошад ва сирфан мактаб ва фалсафа ва фикр бошад, он қадрҳо дар руҳҳо нуфуз надорад ва шонси бақо надорад. Вале агар як мактаб чошние аз отифа дошта бошад, ин отифа ба он ҳарорат медиҳад.

Маъно ва фалсафаи як мактаб он мактабро равшан мекунад, ба он мактаб мантиқ медиҳад, он мактабро мантиқӣ мекунад. Бидуни шак, мактаби Имом Ҳусайн мантиқ ва фалсафа дорад, дарс аст ва бояд омӯхт. Аммо агар мо доиман ин мактабро сирфан ба сурати як мактаби фикрӣ бозгӯ кунем, ҳарорат ва ҷӯшиш гирифта мешавад ва асосан кӯҳна мегардад. Ин, бисёр назари бузург ва амиқонае будааст, як дурандешии фавқулъода аҷиб ва маъсумонае будааст, ки гуфтаанд, барои ҳамеша ин чошниро аз даст надиҳед; чошнии отифа, зикри мусибати Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ё амирулмӯъминин ё Имом Ҳасан ё имомони дигар ва ё ҳазрати Заҳро (Саломуллоҳи алайҳо!) Ин чошнии отифаро мо ҳифз ва нигаҳдорӣ кунем.

Чун ин айём фосилаи замони вафоти Расули Акрам ва вафоти ҳазрати Заҳро ҳаст, қаҳран тааллуқи бештаре ба вуҷуди муқаддаси эшон дорад. Ду се калимае зикри мусибат мекунам. Навиштаанд:

ما زالَتْ بَعْدَ اَبيها مُعَصَّبَةَ الرَّأْسِ، ناحِلَةَ الْجِسْمِ، باكِيَةَ الْعَيْنِ، مُنْهَدَّةَ الرُّكْنِ

Заҳроро баъд аз падар надиданд, ки ҳеч вақт исобае (сарбанде)-ро, ки ба сар баста буд, аз сар боз кунад. Рӯз ба рӯз Заҳро лоғартар ва нотавонтар мешуд. Баъд аз падар ҳамеша Заҳроро бо чашми гирён диданд.

**مُنْهَدَّةَ الرُّكْنِ**

Ин ҷумла маънии аҷибе дорад. “Рукн” яъне поя, мисли як сохтмон, ки пояҳое дорад ва рӯи он пояҳо истодааст. Аз назари ҷисмонӣ, по ва сутуни фақарот рукни инсон аст. Яъне инсон, ки меистад, рӯи ин бинои устухонӣ меистад. Гоҳе аз назари ҷисмӣ ин рукн хароб мешавад, мисли касе, ки фарз кунед, поҳояшро бурида бошанд ё сутуни фақароташ дарҳам шикаста бошад. Вале гоҳе инсон аз назари руҳӣ дарҳам кӯбида мешавад, ки гӯӣ он пояҳои руҳӣ, ки рӯи он истодааст хароб шудааст. Заҳроро баъд аз падар инчунин тавсиф кардаанд. Заҳро ва пайғамбар ошиқона якдигарро дӯст медоранд. Ба фарзандонаш, Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн, ки нигоҳ мекунад, беихтиёр мегиряд, мегӯяд: фарзандони ман! Куҷо рафт он падари меҳрубони шумо, ки шуморо ба дӯш мегирифт, шуморо ба доман мегузошт ва дасти навозиш ба сари шумо мекашид?

**ولا حول ولا قوّة إلاّ بالله العلي العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطّاهرين**

## Мантиқи амалии собит

Агарчӣ ибтидо дар назар доштам, ки аз имшаб вориди як-як аз қисматҳои мухталифи сираи Расули Акрам бишавам, вале матлабе ба назар расид, ки лозим донистам он матлабро дар дунболаи аройизи дишаб арз кунам.

Дишаб арз кардам, ки “сайр” ғайр аз “сира” аст. Сайр яъне рафтор. Ҳар касе дар оламе ҳамчунон ки гуфтор дорад, рафтор ҳам дорад. Вале **сира иборат аст аз сабку услубу методи хоссе, ки афроди соҳиби услубу сабку мантиқ дар сайри худашон ба кор мебаранд**. Ҳамаи мардум сайр доранд, вале ҳамаи мардум сира надоранд. Яъне инчунин нест, ки ҳамаи мардум дар рафтори худашон аз як мантиқи хосс пайравӣ кунанд ва як силсила усул дар рафтори худашон дошта бошанд, ки он усул меъёри рафтори онҳо бошад. Барои афроде, ки филҷумла бо мантиқ ошно ҳастанд, ин ду ҷумларо арз мекунам ва рад мешавам: дар мантиқи фикрӣ, ҳамаи мардум фикр мекунанд, вале ҳамаи мардум мантиқӣ фикр намекунанд. Мантиқӣ фикр кардан яъне инсон як силсила меъёрҳо ба номи “мантиқ”, ки дар илми мантиқ муҳраз аст, дар даст дошта бошад ва тафаккураш бар асоси он меъёрҳо бошад. Афроди маъдуде ҳастанд, ки вақте тафаккур мекунанд, ин ҳисоб дар дасташон ҳаст, ки тафаккурашон мунтабиқ бо он меъёрҳо ва миқёсҳо бошад. Ҳамчунин афроди каме пайдо мешаванд, ки рафторашон мантиқ дорад, яъне бар асоси як силсила меъёрҳои мушаххасе аст, ки аз он меъёрҳо ва усул ва мавозеъ ҳаргиз ҷудо намешаванд, вагарна аксари мардум

рафторашон мантиқ надорад ва ҳамин тавр, ки фикрашон мантиқ надорад ва ҳарҷу марҷ бар он ҳоким аст, ҳарҷу марҷ бар рафторашон ҳам ҳоким аст.

Матлаби дигареро барои ин ки баҳси мо ноқис намонад, ба арз мерасонам. Агар гоҳе истилоҳоти илмиро зикр мекунам, кӯшиш мекунам, ки хеле мухтасар арз кунам, ки бо вазъи аксарияти шунавандаҳои мо ноҷур дарнаёяд, вале чун зикр накардан, нақси матлаб аст, ночорам зикр кунам.

## Тақсими мантиқ

Дар ҳикмат ва фалсафа ин ҳарф гуфта шудааст, ки ҳикмат бар ду қисм аст: назарӣ ва амалӣ. Илоҳиёт, риёзиёт (ҳисоб, ҳандаса, ҳайат, мусиқӣ) ва табииёт (физик, ҳайвоншиносӣ, гиёҳшиносӣ)-ро мегӯянд ҳикмати назарӣ ё фалсафаи назарӣ. Ва дар муқобил ахлоқ, сиёсат ва тадбири манзилро мегӯянд ҳикмати амалӣ. Дар мантиқ чунин сухане гуфта нашудааст, вале матлаби саҳеҳ аст. Яъне **ҳамчунон ки фалсафа бар ду қисм аст: назарӣ ва амалӣ, мантиқ ҳам яъне меъёрҳои башар ҳам бар ду қисм аст: меъёрҳои назарӣ (ҳамон мантиқҳои маъмулӣ) ва меъёрҳои амалӣ. Меъёрҳои амалӣ ҳамон аст, ки мо номи онҳоро “сира” ё равиш мегузорем**.

## Оё метавон дар амал як мантиқи собит дошт?

Қаблан гуфтам, ки баъзе афрод дорои мантиқанд ва баъзе нестанд. Инҷо ин масъала тарҳ мешавад — ва махсусан ҷавонон мумкин аст таваҷҷӯҳашон ҷалб ба ин матлаб шавад — ки оё як инсон метавонад дар амал, дар ҳамаи шароити замонӣ ва макони як мантиқ дошта бошад, як мантиқи собити муҳкам, ки аз мантиқи худаш таҷовуз накунад? Мо дар бораи Пайғамбари Акрам чунин ҳарфе мезанем, ки **Пайғамбари Акрам марде буд, ки дар амал сира дошт, равиш ва услуб дошт, мантиқ дошт ва мо, мусалмонон муваззафем, ки сираи эшонро бишносем, мантиқи амалии эшонро кашф кунем барои ин ки аз он мантиқ дар амал истифода кунем**.

Ҳол, оё як инсон метавонад аз аввал то охири умр як мантиқ дошта бошад, ки он мантиқ барои ӯ асл бошад ва асолат дошта бошад? Ё аслан башар наметавонад як мантиқи собит дошта бошад, яъне инсон тобеъи шароити замонӣ ва макони ва тобеъи шароити зиндагӣ ва махсусан тобеъи мавзеъгирии табақотӣ аст ва дар ҳар вазъе аз шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки бошад, ҷабран аз як мантиқи бахусусе пайравӣ мекунад?

Ин як масъалаи муҳимме аст, ки дар дунёи имрӯз матраҳ аст. Марксизм бар ин асос аст. Марксизм, ки барои фикр ва ақида ва имон асолате дар муқобили шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва махсусан мавқеияти табақотӣ қоил нест, мегӯяд: асосан як инсон наметавонад дар шароити мухталиф як ҷур фикр кунад ва як мантиқро ба кор бибарад. Инсон дар кох ва дар кӯх ду мантиқ дорад. Дар кох як ҷур фикр мекунад, дар кӯх ҷури дигаре. Кох як ҷур ба инсон мантиқ медиҳад, кӯх ҷури дигаре. Як одами маҳрум, як одаме, ки ҳамеша дар зери зулму шиканҷа ва ихтиноқ будааст ва анвоъи маҳрумиятҳоро чашида ва мечашад, хоҳ нохоҳ як ҷур фикр мекунад, яъне вазъи зиндагиаш барои ӯ як ҷур фикр ба вуҷуд меоварад; ӯст, ки мегӯяд адолат, ӯст, ки мегӯяд мусовот ва баробарӣ, ӯст, ки мегӯяд озодӣ. Воқеан ҳам фикраш ин аст, чун вазъаш иқтизо мекунад, ки ин тавр фикр кунад.

Ҳамин одам агар вазъаш тағйир кунад, ин одами хокнишин агар кохнишин бишавад ва хок кох бишавад, шароити хориҷӣ барои ӯ тағйир мекунад ва дар ин сурат фикраш ҳам иваз мешавад ва мегӯяд, ки на, ин ҳарфҳо, ки мегӯянд саҳеҳ нест, маслиҳат ҳам таври дигаре иқтизо мекунад; мусовот чандон ҳарфи дурусте нест, каме ҷилави озодиҳоро ҳам бояд гирифт. Ва адолатро ҳам ҷури дигаре тафсир мекунад. Яъне вазъи зиндагӣ, ки хоҳ нохоҳ тағйир кард, манофеъ ва масолеҳаш, ки тағйир кард, чун инсон наметавонад аз манофеъ ва масолеҳи худаш даст бикашад, фикраш низ тағйир мекунад. Ба ҳасби ин мактаб, ақрабаи фикри башар ин тавр сохта шуда, ки он магниташ манофеи худаш аст. Вақте, ки манофеаш дар ҷиҳати табақаи маҳрум аст, ин ақраба ба нафъи табақаи маҳрум мегардад. Вақте, ки манофеаш иваз шуд ва ӯ омад ба табақаи мураффаҳ, ақрабаи фикр ҳам хоҳ нохоҳ ва ҷабран дар ҷиҳати табақаи мураффаҳ мечархад.

## Достони талаба ва иқтидо дар намоз

Дар қадим як ҳарфҳоеро мо ба унвони шӯхӣ талаққӣ мекардем, ҳоло мебинем баъзеҳо аслан барои инҳо фалсафа дуруст кардаанд; мегӯянд, инҳо шӯхӣ нест, балки ҷиддӣ аст. Як шӯхӣ буд, ки талабаҳои Машҳад мекарданд; мегуфтанд, талабае мегуфтааст: ман ҳамеша ба он оқое, ки ба ман пул бидиҳад, иқтидо мекунам ва намози ман саҳеҳ аст. Ҳар кас ба ман пул бидиҳад, ба ӯ иқтидо мекунам ва намози ман қатъан саҳеҳ аст. Мегуфтанд: агар ҳар кас ба ту пул бидиҳад, ба ӯ иқтидо мекунӣ, пас ту барои пул иқтидо мекунӣ. Мегуфт: ҳар кас, ки ба ман пул надиҳад, чун ба ман пул намедиҳад, ақидаам ин мешавад, ки ӯ фосиқ аст ва он вақт агар ман пушти сараш намоз бихонам, намозам ботил аст. Аммо ҳамон соате, ки ба ман пул бидиҳад, пул, ки ба дастам меояд, мебинам ақидаам ҳам тағйир кард, аз ҳамон соат

ақидаам ин мешавад, ки он оқо одил аст ва он вақт, ки намоз мехонам, намозам ҳам дуруст аст. Чун ақидаи ман тобеъи пули ман аст; агар пул ба ман бидиҳад ақидаам воқеан ин мешавад, ки ӯ одил аст ва агар надиҳад, ақидаам воқеан ин мешавад, ки ӯ фосиқ аст. Бинобар ин, ман бояд ҳамеша ҳар кас, ки ба ман пул надиҳад, пушти сараш намоз нахонам, чун намозам ботил аст ва ҳар, ки ба ман пул бидиҳад, пушти сараш намоз бихонам ва намозам дуруст аст.

Мо инро ҳамеша ба сурати як шӯхӣ талаққӣ мекардем. Ҳоло мебинем, на, ин худаш каму беш як фалсафае аст дар дунё, ки ақрабаи фикри башар ончунон сохта шудааст, ки наметавонад дар ғайри ҷиҳати манофеъ ва масолеҳи худаш фикр кунад, ҷабри таърих аст, ҷабри иқтисод аст ва ғайр аз ин барои ӯ имкон надорад.

## Намунаҳои таърихӣ ноқизи ин назария

Ин ҳам як ҳарфе аст, вале иддаост ва инчунин иддаоҳоро мо аз куҷо метавонем бифаҳмем, ки оё дуруст аст ё нодуруст? Мо дар амал бояд бифаҳмем. Воқеан биравем таҷриба кунем, бибинем, оё ҳамин тавр аст? Бояд рӯи афроди башар таҷриба кунем, бибинем, воқеан афроди башар виҷдонашон ин қадр малъабаи манофеашон аст? Воқеан башар чунин сохтмоне дорад? Виҷдони башар то ин ҳадд малъабаи манофеи ӯст? Оё ин мунтаҳои иҳонат ба башар нест? Оё ин назария як назарияи сад дар сад зидди инсонӣ нест? Меравем мегардем.

Инсофан матлаб аз ин қабил нест. Дар мавриди онҳое, ки мантиқ надоранд; онҳое, ки имон надоранд, бидуни шак ҳамин тавр аст, вале намешавад гуфт, башар илзоман ва иҷборан чунин аст, ба далели садҳо мавриде, ки бар зидди он пайдо мекунем.

## Алӣ

Нависандаи арабие ҳаст ба номи Алӣ ал-Вардӣ, ки аслан ироқӣ аст, устоди донишгоҳ буда ва дар ҳудуди бист сол пеш китобҳое аз ӯ мунташир шуд, ки баъзе аз онҳо ба форсӣ ҳам тарҷима шуд. Ӯ шиа аст, вале дар айни ҳол тамоюлоти марксистӣ дорад.

Дар китоби худаш, ҳам тамоюли мазҳабии шиъӣ дорад ва ҳам тамоюли марксистӣ ва чун дар айни ҳол каме тамоюли мазҳабӣ дорад, монее нест, ки дар баъзе аз мавorид бар зидди марксизм ҳарф бизанад.

Мегӯяд: инсоф ин аст, ки Алӣ алайҳис салом дар зиндагии худ ин асли Марксро нақз кард, ки як инсон наметавонад дар коху дар кӯх як ҷур фикр кунад. Хоҳ нохоҳ фикраш иваз мешавад ва он ақрабаи фикраш дар ҷиҳати вазъи иҷтимоияш тағйир мекунад.

Таърихи Алӣ алайҳис салом нишон дод, ки матлаб аз ин қабил нест. Ба ҷиҳати ин ки мо Алиро дар ду вазъи табақотии иҷтимоии мухталиф мебинем; дар он ҳадди наздик ба сифр ва дар он нуқтаи авҷ, ки аз он болотар нест. Яъне як рӯз мо Алиро мебинем, ба сурати як коргар, ба сурати як сарбози соддаи фақир, ба сурати як касе, ки субҳ аз хонаи худаш ҳаракат мекунад ва меравад барои масалан қанот (канал) ҷорӣ кардан, дарахт кишт кардан, зироат кардан ва аҳёнан муздурӣ (аҷирӣ) кардан, заҳмат кашидан ва музд гирифтан, ба сурати як коргар. Алиро мо дар қиёфаи як коргар мебинем, мебинем, як ҷур фикр мекунад. Ҳамин Алӣ баъдҳо, ки ислом тавсиа пайдо мекунад ва амволи зиёде дар ихтиёри мусалмонон қарор мегирад ва ҳатто дар замони хилофат, ҳамон тавр фикр мекунад.

Албатта вақте ислом тавсиа пайдо кард, дунёи ислом сарватманд шуд ва ғаноим ба сӯи он сарозер шуд. Инро мо ҳам қабул дорем, ки он гоҳ, ки сели сарват ба дунёи ислом рехт, имони садҳо нафар аз мусалмононро ҳам бо худаш бурд. Мо асли таъсирро дар бораи бисёре аз афрод инкор намекунем. Вале гуфтем, инро ба сурати асли куллӣ қабул намекунем. Зубайр як мусалмони боимон буд. Зубайрро чӣ фосид кард? Сарвати ҳангуфт ва ғаноими беҳисоб, ки ба доманаш рехт ва шуд соҳиби ҳазор асб, ҳазор ғулом ва чандин хона: як хона дар Миср, як хона дар Куфа ва як хона дар Мадина. Талҳаро чӣ фосид кард? Ҳаминҳо.

Вале агар ин асли куллӣ саҳеҳ мебуд, бояд тамоми асҳоби пайғамбар — Алаёзу биллоҳ! — дар як масир қарор бигиранд ва ҳамин қадр, ки пулу мақом омад, ин сели пулу мақом ҳамаро як ҷур ҳаракат бидиҳад. Вале мо мебинем дар ин миён устувонаҳое ҳастанд, ки ин селҳои азим, ки ҳаракат кард ва омад, натавонист онҳоро такон бидиҳад.

## Салмон

На танҳо ин ҷоҳу мақомҳо ва ин сарватҳои фавқулъода Алиро натавонист такон бидиҳад, шогирдонашро ҳам натавонист такон бидиҳад. Магар Салмонро тавонист як зарра иваз кунад? Салмони ҳокими Мадоин, ҳамон Салмони аҳди пайғамбар аст.

Салмоне, ки халифа ӯро дар Мадоин ба унвони ҳоким муайян кардааст, чун эронӣ аст ва Мадоин ҳам ба истилоҳ, пойтахти Эрони қадим будааст ва сиёсати халифа иқтизо мекунад, ки мусалмонеро аз худи эрониҳо бифиристад, то онҳо аз ҷанбаи нажодӣ ваҳшат накунанд ва нагӯянд, чаро ғайри нажоди мо ба инҷо омадааст ва бибинанд аз нажоди худашон як

фарди сад дар сад мӯъмин омада; дар мақарре, ки Анушервон ҳукумат мекарда; дар мақарре, ки Хусрави Парвиз ҳукумат мекарда бо ҳазорҳо ғулом ва ҳазорҳо каниз; дар онҷо, ки Яздгирд буда, ки навозишгаронаш чандин ҳазор нафар буданд ва даҳ-дувоздаҳ ҳазор нафар зан фақат дар ҳарамаш ҳабс ва гирифтор буданд; оре, ҳамин Салмони эронии тарбиятшудаи ба тарбияти ислом, аз аввал то охири таърихи ҳукуматаш тамоми лавозими зиндагиашро фақат як кӯлабор ташкил медиҳад. Яъне вақте мехоҳад лавозимашро ҷамъ кунад, худаш метавонад ба пушташ бигирад, ҳаракат кунад аз онҷо биравад, баъд аз ин ки футуҳоте рух дода ва ғаноими зиёде омадааст.

## Абӯзар

Алӣ ал-Вардӣ мегӯяд: зиндагии Алӣ назарияи Марксро нақз кард. Ман мегӯям: зиндагии Салмон ҳам назарияи Марксро нақз кард, зиндагии Абӯзар ҳам назарияи Марксро нақз кард. Магар Абӯзар то авосити давраи Усмон набуд? Дар ҳамон замоне, ки дигарон пулҳои садҳазор динор ва ҷоизаҳои садҳазор дирҳам аз халифа мегирифтанд, ҷайбҳояшонро пур мекарданд ва барои худашон рамаҳои гӯсфанд ва галлаҳои асп ва ғуломҳо ва канизҳо дуруст мекарданд, Абӯзар буд ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва ҷуз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чизи дигаре надошт.

Усмон ҳарчи кӯшиш кард забони Абӯзарро, ки зарараш аз садҳо шамшер барои Усмон бештар буд бибандад, нашуд. Ба Шом табъидаш кард, нашуд. Овард кутакаш зад, нашуд. Ғуломе дошт, як кисаи пул ба ӯ дод ва гуфт: агар битавонӣ ин кисаи пулро ба Абӯзар бидиҳӣ, қонеъаш кунӣ, ки ин пулро аз мо бигирад, туро озод мекунам. Ғуломи чарбзабон омад пеши Абӯзар, ҳар кор кард ва ҳар мантиқе ба кор бурд, Абӯзар гуфт: пули чист, ки ба ман медиҳад? Ин аввал бояд равшан бошад. Агар саҳми маро мехоҳад ба ман бидиҳад, саҳми дигаронро чӣ тавр? Саҳми дигаронро медиҳад, ки ҳоло мехоҳад саҳми маро бидиҳад? Агар саҳми дигарон аст, ки дуздӣ аст, агар саҳми ман аст, пас ку саҳми дигарон? Агар моли дигаронро бидиҳад, моли манро ҳам бидиҳад, мепазирам. Аммо чаро танҳо ба ман мехоҳад бидиҳад? Ҳар кор кард қабул накард.

Охир ин ғулом аз як роҳи динӣ ворид шуд, гуфт: Абӯзар! Оё ту дилат намехоҳад як банда озод бишавад? Гуфт: чаро, хеле ҳам дилам мехоҳад. Гуфт: ман ғуломи Усмонам, Усмон бо ман шарт карда, ки агар ту ин пулро бигирӣ, маро озод кунад. Маҳзи ин ки ман озод бишавам, ин пулро бигир. Ин пулро бигир, на барои худат, балки барои ин ки ман озод

бишавам. Гуфт: хеле дилам мехоҳад ту озод бишавӣ, вале хеле мутаассифам, ки агар ин пулро бигирам, ту озод шудаӣ, вале худам ғуломи Усмон шудаам.

## Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ

Алӣ ал-Вардӣ мегӯяд: зиндагии амалии Алӣ ин назарияро нақз кард. Ман арз мекунам, на танҳо зиндагии Алӣ ин назарияро нақз кард, қабл аз Алӣ зиндагии пайғамбар онро нақз кард. Пайғамбари шиъби Абӯтолибро бибинед ва пайғамбари рӯзи вафотро бибинед. Пайғамбари шиъби Абӯтолиб, ӯст ва як ҷамъи қалил аз асҳоб, ки дар даррае маҳбусанд; об, ғизо ва эҳтиёҷоти дигар ба онҳо намерасад ва ончунон бар онон сахт аст, ки баъзе аз мусалмононе, ки дар Макка исломашонро махфӣ карда буданд, бо баъзе мусалмононе, ки дар шиъб буданд ва бахусус Алӣ алайҳис салом робита барқарор карда буданд ва дар он торикиҳои шаб аз гӯшаҳо мерафтанд ва ғизое меоварданд ва мусалмонон ҳар кадом андаке мехӯрданд, ҳамин қадр, ки садди ҷуъашон бишавад. Ин пайғамбар баъд мерасад ба соли даҳуми ҳиҷрӣ; дар соли даҳуми ҳиҷрӣ ҳукуматҳои ҷаҳон рӯяш ҳисоб мекунанд ва дар муқобили ӯ эҳсоси хатар мекунанд; на танҳо тамоми ҷазиратуларaб таҳти нуфузи ӯст ва ба сурати як қудрати тамом даромадааст, балки сиёсатмадорони ҷаҳон пешбинӣ мекунанд, ки ин қудрат ба наздикӣ аз ҷазиратуларaб мегузарад ва мутаваҷҷеҳи онҳо хоҳад шуд. Дар ҳамон ҳол пайғамбари соли даҳуми ҳиҷрат бо пайғамбари соли даҳуми беъсат, ки дорад аз шиъби Абӯтолиб берун меояд, як зарра аз назари руҳия фарқ накардааст.

Дар ҳудуди соли даҳуми ҳиҷрат, ки бираву биё зиёд аст ва шӯҳрати пайғамбар дар ҳама ҷо печидааст, як араби биёбонӣ меояд хидмати пайғамбар. Вақте, ки мехоҳад бо пайғамбар ҳарф бизанад, рӯи он чизҳое, ки шунида руъби пайғамбар ӯро мегирад, забонаш ба лукнат меафтад. Пайғамбар нороҳат мешавад: аз дидани ман забонаш ба лукнат афтод?! Фавран ӯро дар бағал мегирад ва мефишорад, ки баданаш бадани ӯро ламс кунад: бародар!

هَوِّنْ عَلَيْكَ

Осон бигир, аз чӣ метарсӣ? Ман аз он ҷабборҳое, ки ту хаёл кардаӣ, нестам:

لَسْتُ بِمَلِكٍ

Ман писари он зане ҳастам, ки бо дасти худаш аз пистони буз шир медӯшид. Ман мисли бародари ту ҳастам, ҳарчи мехоҳад дили тангат, бигӯ.

Оё ин вазъ, ин қудрат, ин нуфуз, ин тавсиа ва ин имконот як зарра тавонистааст руҳи пайғамбарро тағйир бидиҳад? Абадан. Арз кардам, ки танҳо пайғамбар чунин нест,

пайғамбар ва Алӣ мақомашон хеле болотар аз ин ҳарфҳост; бояд биравем суроғи Салмонҳо, Абӯзарҳо, Амморҳо, Увайси Қаранихо ва садҳо нафар амсоли инҳо.

## Шайх Ансорӣ

Биёем ҷилавтар, биравем суроғи Шайх Ансориҳо. Мебинем марде, ки мешавад марҷаъи кулли шиа, он рӯзе, ки мемирад, бо он соате, ки ба сурати як талабаи фақири дезфулӣ ба Наҷаф рафта ҳеч фарқ накардааст. Вақте, ки меравaнд хонаашро нигоҳ мекунанд, мебинанд мисли фақиртарин мардум зиндагӣ мекунад. Як нафар ба ӯ мегӯяд, оқо! Ту хеле ҳунар мекунӣ, ин ҳама вуҷуҳ (пулҳо) ба дасти ту меояд, ҳеч даст ба он намезанӣ.

Мегӯяд, чӣ ҳунаре кардаам? Мегӯянд, ҳунар аз ин болотар! Мегӯяд: ҳадди аксар кори ман кори харакчиҳои Кошон аст, ки меравaнд то Исфаҳон ва бармегарданд. Оё харакчиҳои Кошон, ки пул ба онҳо медиҳанд, ки биравед аз Исфаҳон коло бихаред, биёед Кошон, ҳеч вақт шумо дидаед, ки ба пули мардум хиёнат кунанд? Ман як аминам, ҳақ надорам дар моли мардум даст бибарам. Ин масъалаи муҳимме нест, ки хеле ба назаратон муҳим омада. Ончунон мақоми марҷаият як зарра наметавонад руҳи ин марди бузургро таҳти тасхири худаш қарор бидиҳад.

Пас мо ин масъаларо, ки оё башар метавонад дар мантиқи амалӣ як мантиқи собит ва якнавохт дошта бошад ва тағйир накунад, аз куҷо метавонем кашф кунем? Бояд рӯи афрод мутолеа кунем. Оқои Маркс иштибоҳ карда, мутолеоташ ноқис буда, рӯи афроде назири Марвони Ҳакам ва Усмон ва Зубайр ва Талҳа — ки инҳо моли таърихи исломанд — ва ҳазорҳо амсоли инҳо, ки дар дунё будаанд мутолеа дошта, рӯи одамҳои ҳисобӣ мутолеа надошта, ки ин ҳарфро задааст. Агар рӯи одамҳои ҳисобӣ мутолеа медошт, ҳаргиз чунин ҳарфе намезад.

Пас ин асле аст, ки афроде дар дунё ҳастанд ва Пайғамбари Акрам дар раъси онҳо, ки инҳо дорои сира ва мантиқи амалӣ ҳастанд; дорои як силсила меъёрҳо ҳастанд, ки аз он меъёрҳо тахаллуф намекунанд. Яъне шароити иҷтимоӣ, авзоъи иқтисодӣ ва мавқеиятҳои табақотӣ қодир нест он усулро аз онҳо бигирад.

## Бурҳон ва шеър

Дар мантиқи назарӣ, мо бурҳон дорем ва шеър. Бурҳон назири далоиле аст, ки дар риёзиёт барои матлаб иқома мекунанд. Як донишомӯз, ки дорад риёзиёт мехонад ва масалан аҳкоми мусалласро барояш баён мекунанд, вақте мегӯянд маҷмӯи завоёи як мусаллас мусовӣ аст бо

180 дараҷа ва маҳол аст, ки баробар бишавад бо 181 дараҷа ё 179 дараҷа, барояш бурҳон зикр мекунанд. Бурҳонро, ки мегӯянд, мебинад дуруст аст. Оё муаллими риёзиёт чунин қудрате дорад, ки ихтиёр дасти ӯ бошад, яъне якдафъа дилаш бихоҳад, бурҳон иқома кунад бар ин ки завоёи мусаллас мусовӣ аст бо ду қоима яъне 180 дараҷа ва якдафъа ҳам бурҳони дигаре иқома мекунад, ки маҷмӯи завоёи мусаллас мусовӣ аст бо масалан 120 дараҷа? Ихтиёр бо ӯ нест. Мабодии ақли назарӣ ба ихтиёри инсон нест, башар бояд тобеъи онҳо бошад. Агар Эйнштейнро ҳам дар дунё биёваранд ва бихоҳад он тавр бурҳон иқома кунад, як донишомӯз метавонад ӯро маҳкум кунад. Чаро? Чун дорад ҳарфи зӯр мезанад ва ҳарфи зӯрро ақл намепазирад. Чизеро, ки ақл намепазирад, қавитарин афроди дунё ҳам наметавонад бар хилофаш ҳарф бизанад, чун ҳисоб, ҳисоби бурҳон аст.

Аммо меравем суроғи шеър. Шеър яъне чизе, ки мисли мум дар ихтиёри инсон аст. Инсон метавонад барои ҳар чизе мутобиқи майли худаш бо ташбеҳ ва истиора ва тахайюл як чизе бисозад. Шеър аст дигар, мантиқ ва бурҳон, ки нест. Масалан, ба шоир мегӯянд фалон чизро мадҳ кун, мадҳ мекунад. Ҳамонро бигӯянд мазаммат кун, мазаммат мекунад. Фирдавсӣ як рӯз аз Султон Маҳмуд хушаш меояд, ӯро мадҳ мекунад; чӣ мадҳе!

*Ҷаҳондор — Маҳмуд, шоҳи бузург*
*Ба обишхур орад ҳаме мешу гург.*

Як рӯз ҳам аз ӯ бадаш меояд ва меранҷад; мегӯяд:

*В-агар модари шоҳ бону будӣ,*
*Маро симу зар то ба зону будӣ…*
*Ба подош ганҷе маро дар кушод,*
*Ба ман ҷуз баҳои фуқоҳе надод…*
*Парасторзода наёяд ба кор,*
*Агарчанд дорад падар шаҳриёр.*

Ба як шоир бигӯ, мусофиратро мадҳ кун, мегӯяд, бале, мусофират хуб аст, як ҷо будан яъне чӣ?!

*Дарахт агар мутаҳаррик будӣ зи ҷой ба ҷой,*
*На ҷаври арра кашидиву не ҷафои табар.*

Ин дарахт, ки мебинӣ ҳей меоянд ба он арра мекашанд ва табар мезананд, чун як ҷо нишаста. Агар мусофир буд, ин тавр набуд. Мегӯӣ, биё баръакс шеър бигӯ дар мадҳи ин ки одам хуб аст сари ҷояш бошад, сангин бошад, ин сӯву он сӯ наравад, мегӯяд, бале, ин кӯҳро,

ки бо ин ҳама азамат мебинед, чун сари ҷояш аст, аммо ин бод, ки мебинед ҳеч кас ба он эътино намекунад, чун доиман ҳаракат мекунад.

Ин ҷур шеър гуфтан яъне бо тахайюл чизеро ба чизи дигар ташбеҳ кардан. Иштибоҳ нашавад, шеър ба маънои тахайюлро мегӯям, ҳар назмеро ман шеър намегӯям, каломи манзумро намегӯям, шеъри ба истилоҳ мантиқро мегӯям, яъне бо тахайюл масоилро ҷур кардан. Тахайюл миқёсу мизон надорад.

Яке аз салотин душмане дошт, ки муддатҳо махфӣ буд, то билохира ӯро гир овард ва ба дор кашид ва муддатҳо ҳам болои дор буд. Шоире, ки ба истилоҳ муриди он шахси ба дорзада шуда буд, қасидае дар мадҳи ӯ гуфт ва дар миёни мардум пахш кард ва касе нафаҳмид, ки гӯяндааш кист. Албатта баъдҳо маълум шуд. Дар як шеъраш мегуфт:

عُلُوٌّ فِى الْحَياةِ وَفِى الْمَماتِ

لَعَمْرِى ذاكَ اِحْدَى الْمُحْكَماتِ

Гуфт: баҳ-баҳ, дар зиндагӣ воло мезист, дар мурдагӣ ҳам боло мезист. Ҳамон, ки ӯро дор зада буд, гуфт: дилам мехост касе маро ба дор мекашид ва ин шеърро дар мадҳи ман мегуфтанд. Шеър аст дигар, ҳама ҷур мешавад гуфт.

Мантиқи амалии афрод ҳам ин тавр аст. Баъзе дар мантиқи амалӣ монанди бурҳонанд. Яъне сифту муҳкам. Усул ва мабодиеро, ки пайравӣ мекунанд, ҳеч қудрате наметавонад аз онҳо бигирад; зӯр маҳол аст, тамаъ маҳол аст, шароити иҷтимоӣ маҳол аст, авзоъи иқтисодӣ маҳол аст, вазъи табақотӣ маҳол аст. Усули муҳкам мисли усули бурҳонӣ, мисли усули риёзӣ, ки ба ихтиёри фард нест, ки бихоҳад тағйир бидиҳад, дилбахоҳӣ нест, ба отифа марбут нест. Инчунин усули муҳкаме доранд.

Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) яъне касе, ки чунин усуле дорад. Алӣ алайҳис салом яъне касе, ки чунин усуле дорад. Ҳусайн алайҳис салом яъне касе, ки чунин усуле дорад, балки пайравони инҳо: Салмон яъне касе, ки чунин усуле дорад. Абӯзар, Аммор ва Микдод яъне касоне, ки чунин усуле доранд. Шайх Муртазо Ансорӣ яъне касе, ки чунин усуле дорад. Аммо як идда аз мардум усулашон дар зиндагӣ мисли усули фикрии як шоир аст. Пул ба ӯ бидеҳ, фикраш иваз мешавад. Ваъда ба ӯ бидеҳ, фикраш иваз мешавад. Чун фикри ӯ мабдаъ ва асл надорад.

Пас, яке аз умда матлабҳое, ки мо дар муқаддимаи сираи Пайғамбари Акрам бояд рӯи он баҳс кунем ин аст, ки аслан оё мактаби ислом чунин мактабе ҳаст, ки (тибқи он) инсон

чунон фитрат ва сиришт ва сохтмоне дорад, ки ҳамчунон, ки метавонад дар мантиқи назарӣ аз мантиқи пӯлодин ва ғайри қобили тағйир пайравӣ кунад, дар мантиқи амалӣ ҳам метавонад ба пояе бирасад, ки ҳеч қудрате натавонад ӯро мутазалзил кунад:

كَالْجَبَلِ الرّاسِخِ لا تُحَرّكُهُ الْعَواصِفُ

(*"Мисли кӯҳе устувор ва муҳкам, ки бодҳои тунд қодир нестанд аз ҷо ҳаракаташ бидиҳанд." (Наҳҷул-балоға, хутбаи 37, бо андаке ихтилоф*)

Ин ки дар боби имон гуфтаанд: мӯъмин монанди кӯҳ аст, ки ҳеч боди тунде қудрат надорад ӯро аз ҷо ҳаракат бидиҳад (ба ҳамин маънӣ аст). Он бодҳои тунд чист? Бодҳои тунд, яке ҳаминҳост. Як нафарро маҳрумият аз ҷо такон медиҳад, дигареро рафоҳ аз ҷо такон медиҳад:

وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يَعْبُدُ اللَّهَ عَلَى حَرْفٍ فَإِنْ أَصَابَهُ خَيْرٌ اطْمَأَنَّ بِهِ وَإِنْ أَصَابَتْهُ فِتْنَةٌ انْقَلَبَ عَلَى وَجْهِهِ خَسِرَ الدُّنْيَا وَالْآخِرَةَ

(*"Баъзе аз мардум Худоро танҳо бо забон мепарастанд; ҳамин, ки дунё ба онҳо рӯ кунад ва нафъу хайре ба онон расад, ҳолати итминон пайдо мекунанд, аммо агар мусибате ба унвони имтиҳон ба онҳо бирасад, дигаргун мешаванд ва ба куфр рӯ меоваранд. Ва ба ин тартиб, ҳам дунёро аз даст додаанд ва ҳам охиратро…" (Сураи Ҳаҷ, ояти 11)*)

Қуръон мегӯяд, баъзе аз мардум роҳи имон ва ҳақро то вақте мераванд, ки манофеашон ҳам дар он роҳ таъмин бишавад, ҳамин қадр, ки зарар бибинанд, ба он пушт мекунанд. Инҳо имон нест.

## Таърифи зуҳд

Ҷумлае дорад мавлои муттақиён Алӣ алайҳис салом дар "*Наҳҷул-балоға*" дар таърифи зуҳд, ки дигар беҳтар аз ин намешавад гуфт. Таърифи зуҳдро аз Алӣ бояд гирифт. Мефармояд:

اَلزُّهْدُ كُلُّه بَيْنَ كَلِمَتَيْنِ مِنَ الْقُرْآنِ

(*"Тамоми зуҳд байни ду калима аз Қуръон аст…" (Наҳҷул-балоға, ҳикмати 439)*) Зуҳд дар ду ҷумлаи Қуръон баён шуда. (Яъне зуҳд ин хушкамуқаддасбозиҳо нест, зуҳд ба руҳи инсон марбут аст) онҷо, ки дар сураи Ҳадид мефармояд:

لِكَيْلَا تَأْسَوْا عَلَى مَا فَاتَكُمْ وَلَا تَفْرَحُوا بِمَا آتَاكُمْ

(*“Барои он чи аз шумо фавт шуда таассуф нахӯред ва ба он чи ба шумо додааст дилбаста ва шодмон набошед…” (Сураи Ҳадид, ояти 23)*) Ин ки бирасед ба ин марҳила, ки агар дунёе, ки доред аз шумо гирифта шуд, ғамзада нашавед; ғами дунё шуморо нагирад. Ва агар чизе надоред, дунё якмартиба ба шумо рӯ биёварад, шодизада нашавед. Ва ба иборати дигар, агар тамоми дунё дар дасти шумост, чунончи онро аз шумо бигиранд, ту ҳамон одам бошӣ, ки ҳеч чиз надошта бошӣ ва ҳамаи дунёро ҳам ба ту бидиҳанд, ту ҳамон одам бошӣ.

Алӣ зуҳдро ҳамон чизе таъриф мекунад, ки амсоли Маркс наметавонанд дар мавриди башар тасаввур кунанд. Онҳо мегӯянд, аслан маҳол аст башар битавонад он чунон ки Алӣ зуҳдро таъриф карда зоҳид бошад, яъне башар он чунон шахсияти олӣ дошта бошад, ки мофавқи табақот ва манофеъ қарор бигирад.

Вале мактаби ислом бар ин асос аст. Мактаби ислом ё ба истилоҳи имрӯз, гуманизми (инсонгароии) ислом, асолатулинсони ислом, инсони ростини ислом бар ин асос аст, ки инсон метавонад зоҳид бишавад, аммо на он зоҳидҳое, ки мо исмашонро мегузорем зоҳид, балки зоҳиде, ки Алӣ таъриф карда, ки:

لِكَيْلَا تَأْسَوْا عَلَى مَا فَاتَكُمْ وَلَا تَفْرَحُوا بِمَا آتَاكُمْ

Пас натиҷа ин шуд, ки сира яъне мантиқи амалӣ ғайр аз мантиқи назарӣ аст ва мешавад инсон алорағми шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва мавқеъҳои табақотии мухталиф, дорои як мантиқи собит бошад. Яъне тези ислом ин аст ва тарбиятшудагони воқеии ислом ҳам нишон доданд, ки башар метавонад чунин бошад.

## Методология

Гуфтем, ки дар мантиқи амалӣ, мисли мантиқи назарӣ сабкҳо ва методҳо мухталиф аст. Яъне роҳи ҳалҳое, ки афрод ҷустуҷӯ мекунанд, фарқ мекунад. Ба унвони мисол, гуфтем, яке мантиқаш мантиқи зӯр аст, дигаре мантиқаш мантиқи муҳаббат ва ахлоқ ва раъфат аст, севвуме мантиқаш мантиқи дурандешӣ ва тадбир аст, чаҳоруме мантиқаш мантиқи суръат ва тасмими фаврӣ ва муаттал нашудан аст. Яке дигар мантиқаш мантиқи найрангу фиреб аст, яке мантиқаш мантиқи тамовут ва худро ба мурда задан аст ва мисол задем.

Акнун дар татиммаи суханам ҳамин қадр арз кунам, ки дар мантиқи назарӣ, иддае тобеи мантиқи қиёсӣ буданд, иддае тобеи мантиқи таҷрибӣ ва ҳиссӣ шуданд ва иддае тобеи мантиқи оморӣ. Қиёсиҳо таҷрибиҳоро нафй мекарданд, таҷрибиҳо қиёсиҳоро нафй

мекарданд ва вазъ ба ҳамин минвол буд. Дар асри ахир, аз корҳои бисёр хубе, ки шуд ин буд, ки илме ба номи “методология” яъне илми методшиносӣ ба вуҷуд омад. Ин илм мегӯяд: онҳо, ки мегӯянд методи қиёсӣ ва методҳои дигарро нафй мекунанд, иштибоҳ мекунанд. Онҳо ҳам, ки мегӯянд методи таҷрибӣ ва методи қиёсиро нафй мекунанд, иштибоҳ мекунанд. Он ҳам, ки масалан мегӯяд методи диалектикӣ ва на статикӣ, иштибоҳ мекунад. Умда ин аст, ки инсон ҷояшро бишносад; куҷо ҷойи услуби қиёсӣ аст, куҷо ҷойи услуби таҷрибӣ ва куҷо ҷойи он дигарӣ.

Ин муқаддимаро барои ин арз кардам, ки дар мантиқи амалӣ ҳам айнан матлаб аз ҳамин қарор аст. Дар мантиқи назарӣ баъзе аз услубҳо ба куллӣ тард шуд, чун онҳо услуби илмӣ набуд, мисли ин ки инсон дар масоили илмӣ бихоҳад ба гуфтаҳои дигарон ҳатто бузургон эътимод кунад ва масалан бигӯяд, фалон матлабро чун Арасту гуфта, дигар намешавад ғайр аз ин бошад. Гуфтаи ҳеч олиме ҳуҷҷат нест.

## Саъду наҳси айём

Дар мантиқи амалӣ ҳам бисёре аз сабкҳо аз асос мансух аст, ислом ҳам онҳоро мансух медонад. Масалан, оё пайғамбар дар корҳо ва дар методи худаш, аз саъду наҳси айём истифода мекард? Ин худаш масъалае аст. Мо биравем сираи пайғамбарро аз аввал то охир бибинем. Тамоми китобҳоеро, ки шиа ва суннӣ дар таърихи пайғамбар навиштаанд, мутолеа кунем, бибинем, оё Пайғамбари Акрам дар равиш ва методи худаш яке аз чизҳое, ки аз он истифода мекард, масъалаи саъду наҳси айём буд ё на?

Масалан, оё мегуфт, имрӯз душанбе аст, барои мусофират хуб нест ё имрӯз сездаҳи иди Наврӯз аст, ҳар кас берун наравад, гарданаш мешиканад, он ҳам аз сездаҳ ҷо, на аз як ҷо? Оё чунин ҳарфҳое ҳаст? Дар сираи Алӣ алайҳис салом чӣ тавр? Дар сираи имомон алайҳимус салом чӣ тавр?

Мо ҳаргиз намебинем, ки пайғамбар ё имомони атҳор худашон дар амал аз ин ҳарфҳо як зарра истифода карда бошанд, балки аксашро мебинем. Дар “*Наҳҷул-балоға*” ҳаст, ки вақте, ки Алӣ алайҳис салом тасмим гирифт биравад ба ҷанги Хавориҷ, Ашъаси Қайс — ки он вақт ҷузъи асҳоб буд — бо аҷала ва шитобон омад: ё амирулмӯъминин! Хоҳиш мекунам сабр кунед, ҳаракат накунед, барои ин ки яке аз хешовандони ман, ки мунаҷҷим аст, як ҳарфе дорад ва мехоҳад ба арзи шумо бирасонад. Фармуд: бигӯ биёяд. Омад, гуфт: ё амирулмӯъминин! Ман мунаҷҷим ва мутахассиси шинохтани саъду наҳси айёмам. Ман дар ҳисобҳои худам ба инҷо расидаам, ки агар шумо алъон ҳаракат кунед; биравед ба ҷанг,

қатъан шикаст мехӯред ва шумо ва аксарияти асҳоби шумо кушта хоҳанд шуд. Фармуд: ҳар кас, ки туро тасдиқ кунад, пайғамбарро такзиб карда, ин музахрафот чист, ки мегӯӣ?! Асҳоби ман!

سيروا عَلَى اسْمِ الله

Бигӯед ба номи Худо, ба Худо эътимод ва таваккул кунед ва ҳаракат кунед, биравед! Алорағми назари ин шахс, ҳамин алъон ҳаракат кунем, биравем. Ва медонем, ки дар ҳеч ҷанге Алӣ алайҳис салом ба андозаи ин ҷанг фотеҳ нашуд.

Ин ҳадис дар "*Васоил*" аст: Абдулмалик ибни Аъйан меояд хидмати Имом Содиқ алайҳис салом. Абдулмалик бародари Зурора аст ва худаш ҳам аз ровиёни бузург ва марди олиме аст. Ӯ нуҷум хонда буд ва ба ҳамин ҷиҳат ба ин чизҳо амал мекард. Кам-кам эҳсос кард, барои худаш мусибат дуруст карда. Масалан, аз хона берун меояд, як вақт мебинад, ки имрӯз қамар дар ақраб аст, агар биравам чунин хоҳад шуд. Як рӯз мебинад, фалон ситора аз ҷилаваш даромад. Кам-кам худро бечора эҳсос кард, ки дасту пояш ба куллӣ баста шудааст. Рӯзе омад хидмати Имом Содиқ алайҳис салом ва арз кард: ё Ибна Расулиллоҳ! Ман ба нуҷуми аҳкомӣ мубтало шудаам.[11] Ман китобҳое дар ин замина дорам ва кам-кам эҳсос мекунам, ки мубтало шудаам, аслан гирифтор шудаам ва то ба ин китобҳо мурочеа накунам, дар ҳеч коре наметавонам тасмим бигирам. Таклифи ман чист?

Имом Содиқ бо тааҷҷуб фармуд: ту аз асҳоби мо, ту ровии ривоятҳои мо ба ин чизҳо амал мекунӣ? Бале, ё Ибна Расулиллоҳ! Фармуд: алъон баланд шав, бирав манзил; ба маҳзи расидан, тамоми ин китобҳоро оташ бизан ва дигар набинам, ки ҳатто ба як калима аз ин ҳарфҳо амал кардаӣ.

Алорағми як силсила ривоятҳо, ки дар ин замина ҳаст, мо як силсила ривоятҳои дигар дорем, ки дар тафсири "*Алмизон*" дар зайли яке аз оятҳои сураи Фуссилат –

فِي أَيَّامٍ نَحِسَاتٍ

— (*Сураи Фуссилат, ояти 16*) зикр шудааст. Аз маҷмӯи ривоятҳое, ки аз аҳли байти атҳор расидааст, ин матлаб истинбот мешавад, ки ин умур ё асосан асар надорад ва ё агар ҳам асар

---

[11] *Албатта нуҷуми риёзӣ ғайр аз нуҷуми аҳкомӣ аст. Иштибоҳ нашавад, ду нуҷум дорем. Нуҷуми риёзӣ яъне ҳисоби хусуфу кусуф ва амсоли инҳо ва ҷузъи риёзиёт аст. Нуҷуми аҳкомӣ аст, ки беэътибор аст*

дорад, таваккул ба Худо асари инҳоро аз байн мебарад. Бинобар ин, як мусалмон, шиаи воқеӣ, дар амал ба ин умур эътино намекунад. Агар мехоҳад ба мусофират биравад, садақа бидиҳад, ба Худо таваккул кунад, ба авлиёи Худо тавассул биҷӯяд ва ба ҳеч як аз ин умур эътино накунад. Аз ҳама болотар ин аст, ки шумо бибинед дар таърихи пайғамбар ва имомони атҳор оё якдафъа ҳам иттифоқ афтода, ки худи онҳо ба ин масоил амал кунанд? "Сира" яъне чунин чизҳо. Оё онҳо дар мантиқи амалии худашон аз ин ҷур умур истифода кардаанд ё на?

Дар Хуросон як чизе маъруф аст, ки ман дар баъзе аз шаҳристонҳои Эрон дидаам ҳаст ва дар баъзе дигар нест ва устоди бузургвори мо, марҳум Ҳоҷӣ Мирзо Алиоқо Шерозӣ решаи онро ба даст дод, ки ин чӣ буда ва аз куҷо пайдо шудааст. Дар вилояти мо, Фаримон хеле шойеъ буд ва шояд ҳанӯз ҳам ҳаст, ки мегуфтанд: агар шахсе бихоҳад ба мусофират биравад, чунончи аввал касе, ки ба ӯ бармехӯрад, сайид бошад, ин амр наҳс аст ва ӯ қатъан аз он сафар барнамегардад, вале агар ғурбатӣ ба ӯ барбихӯрад, ин сафар сафари маймуне аст. Воқеан ин ҷур мӯътақид буданд.

Марҳум Ҳоҷӣ Мирзо Алиоқо Шерозӣ гуфт, ин як решае дорад: дар давраи Банӣ Аббос содотро (сайидҳоро) — ки бечораҳо, авлоди пайғамбар, махфӣ буданд — дар хонаи ҳар кас гир меоварданд, на танҳо худи онҳо, балки тамоми он хонадон аз байн мерафтанд. Кам-кам ин фикр барои мардум пайдо шуд, ки сайид наҳси ба ин маъност; наҳси сиёсӣ аст, на наҳси фалакӣ. Яъне як сайид дар хонаи ҳар касе омад, ӯ дигар хонахароб аст. Ин наҳси сиёсӣ кам-кам дар фикри мардум табдил ба наҳси таквинӣ ва фалакӣ шуд. Баъд Банӣ Аббос ҳам, ки аз байн рафтанд, кам-кам занҳо ва баччаҳо ва мардуми соддалавҳ гуфтанд, аслан сайид наҳс аст, хусусан дар мусофират.

Барои худи ман иттифоқ афтод: сафари дуввум ё севвуме буд, ки мехостам ба Қум биравам. Аз манзиламон, ки берун омадем, савори асп шудам, чун дар ду фарсахӣ меҳмон будем ва аз онҷо мехостем савори мошин бишавем ва биравем. Дӯстон барои бадрақа омада буданд ва мо ҳам дар манзил бо марҳумаи волида ва дигарон худоҳофизӣ кардем ва омадем берун. Хеле ҳам алоқа доштам, ки зудтар биёям. Савори асп, ки шудам, як вақт дидам сайиде аз ҷилав дорад меояд. Гуфтам, Худо накунад занҳо бифаҳманд, ки агар бифаҳманд, нахоҳанд гузошт биравам. Худо-худо мекардам, истодам. Сайид омад, ҷилави аспи манро гирифт; мехост аз ман бипурсад, ки шумо, ки меравед ба он деҳ — ки исмаш Ромон буд — оё аз Ромон яксара меравед Қум ё бармегардед инҷо ва аз инҷо савори мошин мешавед ва

меравед? Гуфт: оқо, иншоаллоҳ дигар барнамегардед. Гуфтам: на, иншоаллоҳ дигар барнамегардам. Бо худ гуфтам, агар ин ба гӯши занҳо бирасад, ки сайид ҷилав омада ва баъд ҳам гуфта иншоаллоҳ, ки дигар барнамегардӣ, маҳол аст бигузоранд ман биравам. Аммо рафтам ва баргаштам ва ҳоло дорам бо шумо ҳарф мезанам, 30 сол ҳам аз он замон мегузарад.

Як фарди мусалмон набояд фикри худашро бо ин мавҳумот хаста кунад. Пас таваккул барои чист? Мо, ҳам дам аз таваккул мезанем, ҳам дам аз таваассул ва ҳам аз гурбаи сиёҳ метарсем. Одаме, ки мегӯяд таваккул ва бахусус мегӯяд таваассул ва вилоят, дигар набояд ин ҳарфҳоро бизанад. Он, ки мегӯяд вилоят, мегӯяд агар таваассул дорӣ, ба ин мӯҳмалот эътимод накун.

Пас, ҳар як аз инҳо худаш як асле аст: ғадру найранг ва низ истифода аз ваҳмҳо дар сираи Пайғамбари Акрам мулғо аст. (Яъне вуҷуд надорад.)

## Сира ва нисбияти ахлоқ

Баҳсе, ки қаблан тарҳ кардем дар атрофи ин ки оё як инсон мумкин аст дар шароити мухталифи замонӣ ва макониӣ ва дар авзоъи мухталифи иҷтимоӣ ва дар мавқеиятҳои мутафовити табақотӣ, дорои меъёрҳо ва мантиқҳои амалии собит бошад, (он баҳс) аз он ҷиҳат лозим ва зарурӣ буд, ки агар ғайри он ки гуфтам бошад, асосан баҳс аз — ба таъбири Қуръон — “усва” (сармашқ) яъне баҳс аз ин ки як инсони комилро мо имом ва муқтадо ва пешвои худ қарор бидиҳем ва аз зиндагии ӯ шинохт бигирем, қаҳран дигар маънӣ нахоҳад дошт: як инсоне дар ҳазору чаҳорсад сол пеш бо мантиқи хоссе амал кардааст, ман, ки дар шароити ӯ нестам, ӯ ҳам дар шароити ман набудааст ва ҳар шароите мантиқеро эҷоб мекунад. Ин сухан маъноаш ин аст, ки ҳеч фарде наметавонад улгу бошад.

Ва ман барои ҳамин ҷиҳат баҳси қаблиро арз кардам барои ин ки ҷавобе ба ин матлаб дода бошам ва дар баҳсҳое ҳам, ки дар оянда хоҳам кард иншоаллоҳ ва агар Худои Мутаъол тавфиқ иноят фармояд, боз дилам мехоҳад рӯи ин матлаб бештар такя кунам. Зеро дар асри мо масъалае ба забонҳо афтодааст, ки чун дуруст онро дарк накардаанд, сабаби як силсила бадомӯзиҳо шудааст. Ва он масъалаи нисбияти ахлоқ аст. Яъне оё меъёрҳои инсонӣ — ин ки чӣ чиз хуб аст ва чӣ чиз бад, инсон хуб аст чӣ гуна бошад ва хуб аст чӣ гуна набошад — амрест нисбӣ ва ё мутлақ? Агар ин матлаб зиёд дар навиштаҳои имрӯз, дар китобҳо, мақолаҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо матраҳ набуд, онро тарҳ намекардам, вале чун зиёд тарҳ мешавад, бояд мо тарҳ кунем.

## Оё ахлоқ нисбӣ аст?

Иддае мӯътақиданд, ки ба таври куллӣ ахлоқ нисбӣ аст. Яъне меъёрҳои хубу бади ахлоқӣ нисбӣ аст ва ба ибораги дигар, инсон будан амре аст нисбӣ. **Маънои нисбияти як чиз ин аст, ки он чиз дар замонҳо ва маконҳои мухталиф тағйир мекунад. Як чиз дар як замон, дар як шароит, аз назари ахлоқӣ хуб аст, ҳамон чиз дар замон ва шароити дигар зидди ахлоқ аст. Як чиз дар як авзоъу аҳвол инсонӣ аст, ҳамон чиз дар авзоъу аҳволи дигар зидди инсонӣ аст. Ин, маънии нисбияти ахлоқ аст**, ки бисёр ба сари забонҳо афтодааст.

Матлабест, ки ман акнун асли муддаоро арз мекунам, баъд дар атрофаш тавзеҳ медиҳам. Ва он ин аст, ки: усули аввалияи ахлоқ, меъёрҳои аввалияи инсоният ба ҳеч ваҷҳ нисбӣ нест, мутлақ аст, вале меъёрҳои сонавӣ нисбӣ аст. Ва дар ислом ҳам мо бо ин масъала мувоҷеҳ ҳастем, ки ин баҳсе, ки роҷеъ ба сираи набавӣ мекунам, ин матлабро тадриҷан тавзеҳ хоҳад дод.

Дар сираи Расули Акрам як силсила усулро мебинем, ки инҳо усули ботил ва мулғо аст. Яъне пайғамбар дар сира ва равиши худаш, дар мантиқи амалии худаш ҳаргиз аз ин равишҳо дар ҳеч шароите истифода накардааст, ҳамчунон ки имомони дигар ҳам аз ин усул ва меъёрҳо истифода накардаанд. Инҳо аз назари ислом бад аст дар тамоми шароит ва дар тамоми замонҳо ва маконҳо.

## Сармояи шиа

Мо шиаён сармояе дорем, ки аҳли тасаннун ин сармояро надоранд. Ва он ин аст, ки барои онҳо давраи маъсум яъне даврае, ки як шахсияти маъсум дар он вуҷуд доштааст, ки аз сираи ӯ мешавад ба таври ҷазм баҳра бурд, бисту се сол бештар нест. Чун танҳо маъсумро Пайғамбари Акрам медонанд. Ва дуруст аст, ки пайғамбар дар тӯли бисту се сол бо шароити мухталиф будааст ва дар шароити мухталиф, бисёр сираи пайғамбар омӯзанда аст. Вале мо шиаён ҳамон бисту се солро дорем ба иловаи тақрибан 250 соли дигар. Яъне мо маҷмӯан дар ҳудуди 273 сол давраи исмат дорем ва аз сираи маъсум метавонем истифода кунем; аз замони беъсати Пайғамбари Акрам то замони вафоти ҳазрати Имом Аскарӣ алайҳис салом, яъне соли 260 ҳиҷрӣ. 260 сол, ки аз ҳиҷрат мегузарад, ибтидои ғайбати суғро аст, ки умум дастрасӣ ба имоми маъсум надоранд. Он 260 сол ба иловаи 13 сол аз беъсат то ҳиҷрат, тамом барои шиа давраи исмат аст. Дар ин 273 сол шароит ва авзоъ чандин гуна иваз шуда ва дар

тамоми ин давраҳо маъсум вуҷуд доштааст. Ва аз ин рӯ мо дар шароити мухталиф, метавонем равиши саҳеҳро истинбот кунем. Масалан, Имом Содиқ дар даврони Банӣ Аббос ҳам будааст, дар сурате, ки даврае шабеҳи давраи Банӣ Аббос барои Пайғамбари Акрам рух надодааст. Аз ин ҷиҳат, сармояҳои мо ғанитар ва ҷомеътар аст.

## Усули мулғо

### а) Асли ғадр:

Баъзе аз усулро мо мебинем аз пайғамбар то Имом Аскарӣ ҳама онро тард кардаанд; мефаҳмем, ки инҳо меъёрҳои қатъӣ ва ҷазмӣ аст, ки дар ҳамаи шароит бояд нафй бишавад. Онҳое, ки мегӯянд ахлоқ мутлақан нисбӣ аст, мо аз онҳо суол мекунем: масалан, яке аз меъёрҳо, ки афрод дар сираҳояшон мумкин аст ба кор бибаранд, ҳамон асли ғадру хиёнат аст. Аксарияти қариб ба иттифоқи сиёсатмадорони ҷаҳон аз асли ғадру хиёнат барои мақсад ва мақсуди худашон истифода мекунанд. Баъзе тамоми сиёсаташон бар асоси ғадру хиёнат аст ва баъзе лоақал ҷое аз он истифода мекунанд, яъне мегӯянд, дар сиёсат ахлоқ маънӣ надорад, бояд онро раҳо кард; як марди сиёсӣ қавл медиҳад, паймон мебандад, савганд мехӯрад, вале то вақте пойбанд ба қавлу паймону савганди худаш ҳаст, ки манофеаш иқтизо кунад. Ҳамин қадр, ки манофеъ дар як тараф қарор гирифт, паймон дар тарафи дигар, фавран паймонашро нақз мекунад.

Черчил дар он китобе, ки дар таърихи ҷанги байналмилалии дуввум навиштааст ва як вақт рӯзномаҳои Эрон мунташир мекарданд ва ман миқдоре аз онро хондам, вақте, ки ҳамлаи муттафиқин ба Эронро нақл мекунад, мегӯяд: “*Агарчӣ мо бо эрониҳо паймон баста будем, қарордод доштем ва тибқи қарордод набояд чунин коре мекардем…*” Баъд худаш ба худаш ҷавоб медиҳад, мегӯяд: “*Вале ин меъёрҳо: паймон ва вафои ба паймон, дар миқёсҳои кучак дуруст аст. Ду нафар вақте бо ҳамдигар қавлу қарор мегузоранд, дуруст аст, аммо дар сиёсат вақте, ки пойи манофеи як миллат дар миён меояд, ин ҳарфҳо дигар мавҳум аст. Ман наметавонистам аз манофеи Британияи кабир ба унвони ин ки ин кор зидди ахлоқ аст, чашм бипӯшам, ки мо бо як кишвари дигар паймон бастаем ва нақзи паймон бар хилофи усули инсоният аст. Ин ҳарфҳо асосан дар миқёсҳои куллӣ ва дар шуоъҳои хеле васеъ дуруст нест.*”

Ин ҳамон асли ғадру хиёнат аст; асле, ки Муовия дар сиёсаташ мутлақан аз он пайравӣ мекард. Он чи, ки Алӣ алайҳис саломро аз сиёсатмадорони дигари ҷаҳон — албатта ба

истиснои Пайғамбари Акрам — мутамойиз мекунад ин аст, ки ӯ аз асли ғадру хиёнат дар равиш пайравӣ намекунад, ҳарчанд ба қимати ин ки он чи дорад ва ҳатто хилофат, аз дасташ биравад. Чаро? Чун мегӯяд, асосан ман посдори ин усулам, фалсафаи хилофати ман посдории ин усули инсонӣ аст; посдории садоқат аст, посдории амонат аст, посдории вафост, посдории дурустӣ аст ва ман халифаам барои инҳо, он вақт чӣ тавр мумкин аст, ки ман инҳоро фидои хилофат кунам?

На танҳо худаш чунин аст, дар фармоне, ки ба Молики Аштар навиштааст низ, ба ин фалсафа тасреҳ мекунад. Ба Молики Аштар мегӯяд: Молик! Бо ҳар касе паймон бастӣ, ҳарчанд бо кофири ҳарбӣ, мабодо паймони худатро нақз кунӣ. Модоме, ки онҳо сари паймони худашон ҳастанд, ту низ бош. Албатта вақте онҳо нақз карданд, дигар паймоне вуҷуд надорад. Қуръон ҳам мегӯяд:

فَمَا اسْتَقَامُوا لَكُمْ فَاسْتَقِيمُوا لَهُمْ

(“*Модоме, ки дар баробари шумо вафодор бошанд, шумо низ вафодорӣ кунед…” (Сураи Тавба, ояти 7)*) Дар мавриди мушрикин ва бутпарастҳост, ки бо пайғамбар паймон баста буданд: модоме, ки онҳо ба аҳди худашон вафодор ҳастанд, шумо ҳам вафодор бошед ва онро нашиканед. Аммо агар онҳо шикастанд, шумо низ бишканед. Мефармояд: Молик! Ҳаргиз аҳду паймонеро, ки мебандӣ, бо ҳар, ки бошад, бо душмани хунии худат, бо куффор, бо мушрикин, бо душманони ислом, онро нақз накун. Баъд тасреҳ мекунад, мефармояд: барои ин ки аслан зиндагии башар бар асоси инҳост. Агар инҳо шикаста бишавад ва мӯҳтарам шинохта нашавад, дигар чизе боқӣ намемонад. (*Наҳҷул-балоға, фармони Молики Аштар*)

Ҳоло, инҳое, ки мегӯянд ахлоқ мутлақан нисбӣ аст, ман аз инҳо мепурсам: оё шумо барои як раҳбар асли ғадру хиёнатро ҳам нисбӣ медонед? Яъне мегӯед, дар як ҷо бояд хиёнат кунад, дар ҷои дигар хиёнат накунад, дар як шароит асли ғадру хиёнат дуруст аст, дар шароити дигар хилофи он? Ё на, асли ғадру хиёнат мутлақан маҳкум аст.

## б) Асли таҷовуз:

Асли таҷовуз чӣ тавр? Яъне аз ҳадд як қадам ҷилавтар рафтан ҳатто бо душман. Оё он ҷо, ки аспи мо меравад, бо душман ҳарчанд мушрик, ҳоло, ки ӯ душман аст ва мушрик ва зидди маслак ва ақидаи мо, дигар ҳадде дар кор нест? Қуръон мегӯяд, ҳадд дар кор аст ҳатто дар мавриди мушрик. Мегӯяд:

وَقَاتِلُوا فِي سَبِيلِ اللَّهِ الَّذِينَ يُقَاتِلُونَكُمْ وَلَا تَعْتَدُوا

Эй мусалмонон! Бо ин кофирон, ки бо шумо меҷанганд биҷангед, вале “таҷовуз накунед”. Инҷо асосан сухан аз кофир аст: бо куффор ва мушрикин ҳам, ки меҷангед, ҳаддро аз даст надиҳед. Яъне чӣ ҳаддро аз даст надиҳед? Инро дар тафосир зикр кардаанд, фиқҳ ҳам баён мекунад: Пайғамбари Акрам дар васоёи худашон ҳамеша дар ҷангҳо тавсия мекарданд, Алӣ алайҳис салом низ дар ҷангҳо тавсия мекард — ва дар “*Наҳҷул-балоға*” ҳаст — ки вақте душман афтода ва маҷрӯҳ аст ва масалан дигар дасте надорад, то бо ту биҷангад, ба ӯ коре надошта бошед. Фалон пирамард дар ҷанг ширкат накарда, ба ӯ коре надошта бошед. Ба кӯдаконашон коре надошта бошед. Обро бар онҳо набандед. Аз ин корҳое, ки имрӯз хеле маъмул аст (мисли истифода аз газҳои саммӣ) накунед. Газҳои саммӣ дар он замон набуда, вале истифода аз он назири ин корҳои ғайри инсонӣ ва зидди инсонӣ ва мисли ин аст, ки обро бибанданд. Инҳо дигар аз ҳадд таҷовуз кардан аст. Ҳатто бибинед роҷеъ ба хусуси куффори Қурайш, Қуръон чӣ дастур медиҳад? Инҳо аладдулхисоми (сарсахттарин душманони) пайғамбар ва касоне буданд, ки на танҳо мушрик ва бутпараст ва душман буданд, балки ҳудуди бист сол бо пайғамбар ҷангида буданд ва аз ҳеч коре, ки аз онҳо сохта бошад кӯтоҳӣ накарда буданд. Амуи пайғамбарро ҳаминҳо куштанд, азизони пайғамбарро инҳо куштанд, дар давраи Макка чӣ қадр пайғамбар ва асҳоб ва азизони ӯро заҷр доданд! Дандони пайғамбарро ҳаминҳо шикастанд, пешонии пайғамбарро ҳаминҳо шикастанд ва дигар коре набуд, ки накунанд. Вале он охирҳо, давраи фатҳи Макка мерасад. Сураи Моида охирин сурае аст, ки бар пайғамбар нозил шуда. Боқимондаҳои аз душман боқӣ монда, вале дигар қудрат дасти мусалмонон аст. Дар ин сура мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُونُوا قَوَّامِينَ لِلَّهِ شُهَدَاءَ بِالْقِسْطِ وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلَى أَلَّا تَعْدِلُوا اعْدِلُوا هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَى وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ

(*“Эй касоне, ки имон овардаед! Ҳамеша барои Худо қиём кунед ва аз рӯи адолат гувоҳӣ диҳед. Душманӣ бо гурӯҳе шуморо ба гуноҳи тарки адолат накашонад; адолат кунед, ки ба парҳезкорӣ наздиктар аст ва аз Худо бипарҳезед, ки аз он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст.” (Сураи Моида, ояти 8)*)

Яъне эй аҳли имон! Мо медонем дилҳои шумо аз инҳо пур аз уқда ва нороҳатӣ аст; шумо аз инҳо хеле нороҳатӣ ва ранҷ дидед, вале мабодо он нороҳатиҳо сабаб бишавад, ки ҳатто дар бораи ин душманҳо аз ҳадди адолат хориҷ бишавед.

Ин асл чӣ асле аст? Оё мешавад гуфт, ки аз ҳадд таҷовуз кардан, дар як мавориде ҷоиз аст? На. Аз ҳадд таҷовуз кардан дар ҳеч мавриде ҷоиз нест. Ҳар чизе мизон ва ҳадд дорад, аз он ҳадд набояд таҷовуз кард. Ҳадди таҷовуз дар ҷанг чист? Мепурсам, бо душман барои чӣ меҷангӣ? Як вақт мегӯӣ, барои ин ки уқдаҳои диламро холӣ кунам. Он, моли ислом нест. Вале як вақт мегӯӣ, ман бо душман меҷангам, то хореро аз сари роҳи башарият бардорам. Хуб, хорро, ки бардоштӣ, дигар кофӣ аст. Он шоха, ки хор нест, шохаро барои чӣ мехоҳӣ бардорӣ? Ин, маънии ҳадд аст.

## в) Асли инзилом ва истирҳом:

Асли инзилом ва истирҳом аз усуле аст, ки ҳаргиз пайғамбар ё авсиёи пайғамбар аз ин асл пайравӣ накарданд. Яъне оё буда дар як ҷое, ки чун душманро қавӣ медиданд, ба яке аз ин ду васила чанг бизананд: яке ин ки истирҳом кунанд, яъне гарданашонро каҷ кунанд ва шурӯъ кунанд ба илтимос кардан, нола ва зорӣ кардан, ки ба мо раҳм кун? Абадан. Инзилом чӣ тавр? Яъне тан ба зулм додан. Ин ҳам абадан. Инҳо як силсила усул аст, ки ҳаргиз Пайғамбари Акрам ва ҳамчунин авсиёи бузургвори ӯ ва балки ҳамчунин тарбиятшудагони мактаби ӯ аз ин усул истифода накардаанд.

Вале як силсила усул аст, ки ҳамеша аз он усул истифода кардаанд, ҳарчанд ба таври нисбӣ. Инҷост, ки масъалаи нисбият дар баъзе аз маворид матраҳ мешавад.

## г) Асли қудрат ва асли эъмоли зӯр

Мо як асл дорем ба номи асли қудрат ва як асли дигар дорем ба номи асли эъмоли зӯр. Асли қудрат яъне асли тавоно будан; тавоно будан барои ин ки душман тамаъ накунад, на тавоно будан барои ба сари душман задан. Тасреҳи Қуръон аст:

وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ مِنْ قُوَّةٍ وَمِنْ رِبَاطِ الْخَيْلِ تُرْهِبُونَ بِهِ عَدُوَّ اللَّهِ وَعَدُوَّكُمْ

(*"Дар баробари онҳо (душманон) он чи тавоноӣ доред аз нерӯ омода созед (ва ҳамчунин) аспҳои варзида (барои майдони набард), то ба василаи он душмани Худо ва душмани хешро битарсонед…" (Сураи Анфол, ояти 60)*)

Асли иқтидор, асли муқтадир будан, асли нерӯманд будан дар ҳадде, ки душман битарсад аз ин ки таҳоҷум кунад. Ҳамаи муфассирон гуфтаанд, мақсуд аз “турҳибуна” (битарсонед) ин аст, ки душман ба худаш иҷозаи таҳоҷум надиҳад.
Ҳол, ин асл оё як асли мутлақ аст ё як асли нисбӣ? Оё ислом ин аслро дар як замони хосс мӯътабар медонад ё дар ҳамаи замонҳо?
Дар ҳамаи замонҳо. Модом, ки душман вуҷуд дорад, асли қудрат ҳам ҳаст. Вале як асли дигар дорем ба номи асли эъмоли қудрат. Эъмоли қудрат ғайр аз худи қудрат ва тавоноӣ (аст). Ва ба маънии эъмоли зӯр аст. Оё ислом эъмоли зӯрро ҷоиз медонад ва раво медорад ё на? Пайғамбари Акрам дар сираи худаш эъмоли зӯр ҳам мекарда ё намекардааст?
Мекарда, вале ба таври нисбӣ. Яъне дар як мавориде эъмоли зӯрро иҷоза медод; он ҷое, ки ҳеч роҳи дигаре боқӣ намонда буд. Ба таъбири маъруф, мегӯянд:

آخِرُ الدَّواءِ الْكَيُّ

Ба унвони охируддавоъ иҷоза медод. Ҳол, таъбире аз амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом (аст). Алӣ ҷумлае дар бораи Пайғамбари Акрам дорад, ки дар “*Наҳҷул-балоға*” аст ва сираи пайғамбарро дар як қисмат баён мекунад. Мефармояд:

طبيبٌ

Пайғамбар пизишке буд барои мардум. Албатта, маълум аст, ки мақсуд пизишки бадан нест, ки масалан барои мардум нусхаи дору медод, балки мақсуд пизишки равон ва пизишки иҷтимоъ аст.

طَبيبٌ دَوّارٌ بِطِبِّهِ

Дар аввалин ташбеҳ, ки ӯро ба табиб ташбеҳ мекунад, мехоҳад бигӯяд, равиши пайғамбар равиши як табиби муолиҷ бо беморони худаш буд. Як табиби муолиҷ бо бемор, чӣ гуна рафтор мекунад? Аз ҷумлаи хусусиёти табиби муолиҷ нисбат ба бемор, тараҳҳум ба ҳоли бемор аст, ҳамон тавр, ки худи Алӣ алайҳис салом дар “*Наҳҷул-балоға*” мефармояд:

وَاِنَّما يَنْبَغى لِاَهْلِ الْعِصْمَةِ وَالْمَصْنوعِ اِلَيْهِمْ فِى السَّلامَةِ اَنْ يَرْحَموا اَهْلَ الذُّنوبِ وَالْمَعْصِيَةِ

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 140*) Ашхосе, ки Худо ба онҳо тавфиқ дода, ки пок мондаанд, бояд ба беморони маъсият тараҳҳум кунанд.
Гунаҳкорон лоиқи тараҳҳуманд. Яъне чӣ? Оё чун лоиқи тараҳҳуманд, пас чизе ба онҳо нагӯем? Ё на, агар мариз лоиқи тараҳҳум аст, яъне фуҳшаш (дашномаш) надеҳ ва бетафовут

ҳам набош, муолиҷааш кун. Пайғамбари Акрам равишаш равиши як табиби муолиҷ буд. Вале мефармояд: табиб ҳам бо табиб фарқ мекунад. Мо табиби собит дорем ва табиби сайёр. Як табиб дӯконе боз карда, тоблуяшро ҳам насб карда ва дар матабби худаш нишаста, ҳар кас омад ба ӯ мурочеа кард, ки маро муолиҷа кун, ба ӯ нусха медиҳад, касе мурочеа накард ба ӯ коре надорад. Вале як табиб табиби сайёр аст, қонеъ нест ба ин ки маризҳо ба ӯ мурочеа кунанд, ӯ ба маризҳо мурочеа мекунад ва суроғи онҳо меравад.

Пайғамбар суроғи маризҳои ахлоқӣ ва маънавӣ мерафт. Дар тамоми даврони зиндагиаш кораш ин буд. Мусофираташ ба Тоиф барои чӣ буд? Асосан, дар Масҷидулҳаром, ки суроғи ину он мерафт, Қуръон мехонд, инро ҷалб мекард, онро даъват мекард, барои чӣ буд? Дар айёми моҳҳои ҳаром, ки масунияте пайдо мекард ва қабоили араб меомаданд барои ин ки аъмоли ҳаҷро ба ҳамон тартиби бутпарастонаи худашон анҷом бидиҳанд, вақте дар Арафот ва Мино ва бахусус дар Арафот ҷамъ мешуданд, пайғамбар аз фурсат истифода мекард ва ба миёни онҳо мерафт. Абӯлаҳаб ҳам аз пушти сар меомад ва ҳей мегуфт: ҳарфи инро гӯш накунед, писари бародари худам аст, ман медонам, ки ин дурӯғгӯст — Алаёзу биллоҳ! — ин девона аст, ин чунин аст, ин чунон аст. Вале ӯ ба кори худ идома медод. Ин барои чӣ буд?

(Алӣ) мефармояд: пайғамбар равишаш равиши табиб буд, вале табиби сайёр, на табиби собит, ки фақат биншинад, ки ҳар кас омад аз мо пурсид, мо ҷавоб медиҳем, ҳар кас напурсид, дигар мо масъулияте надорем. На. Ӯ масъулияти худашро болотар аз ин ҳарфҳо медонист. Дар ривоятҳои мо ҳаст, ки Исои Масеҳ алайҳис саломро диданд, ки аз хонаи як зани бадкора берун омад. Муридҳо тааҷҷуб карданд: ё Руҳаллоҳ! Ту инҷо чӣ кор мекардӣ? Гуфт: табиб ба хонаи мариз меравад… Хеле ҳарф аст.

**طَبيبٌ دَوّارٌ بِطِبِّهِ، قَدْ اَحْكَمَ مَراهِمَهُ وَاَحْمى مَواسِمَهُ**

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 107*) Нисбияти методҳо ва сираҳоро Алӣ алайҳис салом ин гуна зикр мекунад. Оё пайғамбар бо мардум бо нармиш рафтор мекард ё бо хушунат? Бо мулотафат ва меҳрубонӣ амал мекард ё бо хушунат ва эъмоли зӯр? Алӣ мегӯяд: ҳар ду, вале ҷойи ҳар кадомро мешинохт. Ҳам марҳам дошт, ҳам мавсам. Ин таъбири худи амирулмӯъминин аст: дар як дасташ марҳам буд ва дар даст дигараш мавсам. Вақте мехоҳанд захмиро бо як даво нарм-нарм муолиҷа кунанд, рӯи он марҳам мегузоранд. Мавсам яъне олати ҷарроҳӣ, олати доғ кардан. Дар як даст марҳам дошт, дар дасти дигар мавсам. Он ҷо, ки бо марҳам мешуд муолиҷа кунад, муолиҷа мекард, вале ҷоҳое, ки марҳам

коргар набуд, дигар сукут намекард, ки бисёр хуб, ҳол, ки марҳамамон коргар нест, пас бигузорем ба ҳоли худаш бошад. Агар як узви фосидро дигар бо марҳам намешавад муолиҷа кард, бояд доғаш кард ва бо ин васила муолиҷа намуд, бо ҷарроҳӣ бояд қатъаш кард, бурид ва дур андохт.

Пас, дар ҷое эъмоли зӯр, дар ҷои дигар нармиш ва мулотафат. Ҳар кадомро дар ҷои худаш ба кор мебурд.

Пас, асли қудрат як матлаб аст, асли эъмоли зӯр матлаби дигар. Дар ислом ин асл ҳаст. Ҷомеаи исломӣ бояд қавитарин ҷомеаҳои дунё бошад, ки душман натавонад ба манобеаш, ба сармояҳояш, ба сарзаминҳояш, ба мардумаш ва ба фарҳангаш тамаъ бибандад. Ин дигар асли нисбӣ нест, асли мутлақ аст. Вале эъмоли қудрат, як асли нисбӣ аст. Дар як ҷо бояд ин корро кард, дар ҷои дигар на.

## д) Асли соддагӣ дар зиндагӣ ва дурӣ аз иръоб

Яке дигар аз усуле, ки аз як назар мутлақ аст, агарчӣ аз як назар бояд гуфт нисбӣ аст, асли соддагӣ дар зиндагӣ аст. Интихоби соддагӣ дар зиндагӣ барои Пайғамбари Акрам, як асл буд.

Дар бораи аҳвол ва сираи Пайғамбари Акрам мо манобеи зиёде дорем. Мо аз забони Алӣ алайҳис салом сираи пайғамбарро шунидаем, аз забони Имом Содиқ шунидаем, аз забони имомони дигар шунидаем, аз забони бисёре аз саҳоба шунидаем. Махсусан ду ривоят дар ин боб ҳаст. Ва ривояте, ки аз ҳама муфассалтар аст, ривояте аст, ки ровии он Имом Ҳасани Муҷтабо алайҳис салом аст аз доии нотаниашон. Шояд камтар шунида бошед, ки Имом Ҳасани Муҷтабо як доии нотанӣ доштаанд. Доии нотании ҳазрат мардест ба номи Ҳинд ибни Абиҳола. Ӯ фарзандхондаи Пайғамбари Акрам буд ва дар воқеъ бародари нотании ҳазрати Заҳро ба шумор мерафт, яъне фарзанди Хадиҷа аз шавҳари қабл аз Расули Акрам буд.

Ҳинд мисли Усома ибни Зайд, ки модараш Зайнаб бинти Ҷаҳш буд, писархондаи пайғамбар буд, вале Усома кучактар аст ва фақат даврони Мадинаи пайғамбарро дарк кардааст. Аммо Ҳинд чун бузургтар буда, дар он сездаҳ соли Макка ҳам дар хидмати пайғамбар буда ва дар даҳ соли Мадина ҳам буда ва ҳатто дар хонаи пайғамбар ва мисли фарзанди пайғамбар будааст. Ҷузъиёти аҳволи пайғамбарро ин мард гуфтааст ва Имом Ҳасан нақл кардаанд. Дар ривоятҳои мост, ки Имом Ҳасан алайҳис салом бачча буд, ба Ҳинд гуфт: Ҳинд! Ҷаддам пайғамбарро он чунонки дидӣ, барои ман тавсиф кун ва Ҳинд барои Имом Ҳасани кучак

тавсиф кардааст ва Имом Ҳасан ҳар чиро, ки Ҳинд гуфта айнан барои дигарон нақл карда ва дар ривоятҳои мо ҳаст. Оқоён агар бихоҳанд мутолеа кунанд, дар тафсири “*Алмизон*”, ҷилди шашум ин ҷумлаҳо ҳаст, ки шояд ба андозаи ду варақ яъне чаҳор сафҳа бошад. Ҷузъиёти зиндагии пайғамбарро ин мард нақл кардааст ва дигарон ҳам нақл кардаанд.

Яке аз касоне, ки қисматҳое аз зиндагии пайғамбарро нақл кардааст, яке аз саҳобаи маъруфи ҳазрат аст, ки хаёл мекунам, Абӯсаъиди Худрӣ бошад.

Яке аз ҷумлаҳое, ки тақрибан ҳама гуфтаанд ин аст (вале ин таъбир моли яке аз онҳост):

**كانَ رَسولُ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ خَفيفَ الْمَؤونَةِ**

Пайғамбари Акрам дар зиндагӣ равиши соддагиро интихоб карда буд. Дар ҳама чиз; дар хӯрок, дар пӯшок, дар маскан ва дар муоширeт ва бархӯрд бо афрод равишаш соддагӣ буд. Дар тамоми хусусиёт аз асли соддагӣ ва сабук будани маъуна истифода мекард. Ва ин асле буд дар зиндагии он ҳазрат. Пайғамбар аз ба кор бурдани равиши иръоб (тарсондан) — ки худаш як равише аст — иҷтиноб мекард. Ағлаб қудратмандони олам аз равиши иръоб истифода мекунанд ва бархе равиш иръобро ба ҳадде расондаанд, ки мегӯянд касе фикр ҳам набояд бикунад.

Дар китобе, ки чанд сол пеш Милован Ҷилас (*Milovan Djilas*) навишта буд, хондам — ва дар таърихи дигаре нахондам — ки Муҳаммадхони Қоҷор дар вақте, ки дар Кирмон буд ва он қатли оммҳоро кард ва он ҳама мардумро кӯр кард ва он ҳама қанот (канал)-ҳоро пур кард ва он ҳама хаpобкорӣ кард, ки воқеан аҷиб аст, рӯзе яке аз сарбозҳо омад ба ӯ гузориш дод, ки фалон сарбоз ё афсар тасмим дорад туро ба қатл бирасонад. Дастур дод, таҳқиқ кунанд. Вақте таҳқиқ карданд, маълум шуд, ки дурӯғ аст, байни ин сарбоз ва он сарбоз ё афсар сари як духтар рақобате буда ва он сарбоз ё афсар он духтарро гирифта ва ин барои ин ки битавонад аз ӯ интиқом бигирад, омада чунин гузориши ғалате додааст. Фатҳалишоҳ, ки исми кучакаш Бобохон аст, дар он замон валиаҳдаш буд. (Худаш, ки бачча надошт, бародарзодааш аст). Ба Фатҳалишоҳ гуфт: Бобохон! Бирав, дар ин қазия таҳқиқ кун. Вақте рафт таҳқиқ кард, дид, қазия аз ин қарор ва дурӯғ аст. Муҳаммадхон гуфт: ҳоло ба ақидаи ту, мо чӣ бикунем? Гуфт: маълум аст, ин бобо гузориши дурӯғ дода, бояд муҷозот бишавад. Гуфт: он чи ту мегӯӣ, бо мантиқи адолат ҳарфи дурусте аст, вале бо мантиқи сиёсат дуруст нест. Аз назари мантиқи адолат, ҳамин ҳарф дуруст аст; ӯ муқассир аст ва бояд муҷозот бишавад. Вале ҳеч фикр кардаӣ дар ин чанд рӯз, ки ту дорӣ дар атрофи ин қазия таҳқиқ мекунӣ, ҳамааш сухан аз куштани Муҳаммадхони Қоҷор аст; ҳамааш сӯҳбат аз куштани

ман аст; ин мегӯяд, ту қасд доштӣ бикушӣ, он мегӯяд, ман қасд надоштам бикушам, шоҳидҳо омаданд шаҳодат доданд, ки на, қасди куштан дар кор набуда. Чанд шабонарӯз аст, ки дар фикри инҳо тасаввури куштани ман ҳаст, дар фикри шоҳидҳо ҳаст, дар фикри муттаҳам ҳаст, дар фикри он касе ҳам, ки иттиҳом зада ҳаст. Мардуме, ки чанд шабонарӯз дар мағзи худашон фикри куштани манро роҳ дода бошанд, як рӯз ҳам ба фикри куштан меафтанд. Маслаҳат нест касоне, ки чанд рӯз тасаввури куштани манро кардаанд, зинда бошанд.

Ҳамаи инҳоро иттиҳом зан, муттаҳам ва ҳатто шоҳидҳоро дастур додам якҷо бикушанд, чун чанд рӯз ин фикр дар мағзашон омадааст.

Чингиз чӣ кор мекард? Темур чӣ кор мекард? Дараҷаи кучакаш ин аст, ки лоақал аз авҳоми мардум истифода кунанд, яъне дабдабаҳо ва тантанаҳо эҷод кунанд барои ин ки мардум таҳти таъсири он қарор бигиранд.

## Баёни Алӣ

Алӣ алайҳис салом дар "*Наҳҷул-балоға*" ҷумлае дорад, ки сираи Пайғамбари Акрамро тафсир мекунад ва аҷиб аст. Ман вақте, ки ба ин нукта бархӯрд кардам, ба қадре таҳти таъсири он қарор гирифтам, ки ҳадд надорад. Достони рафтани Мӯсо ва Ҳорун ба пешгоҳи Фиръавн барои даъвати Фиръавнро нақл мекунад. Мефармояд, инҳо вақте маъмур шуданд, дар либоси чӯпонӣ, монанди ду то чӯпон (таъбири чӯпон аз ман аст) бар Фиръавн ворид шуданд.

وَعَلَيْهِما مَدارِعُ الصّوفِ

Ҳар ду ҷомаҳои пашмина пӯшида буданд, ки соддатарини ҷомаҳо буда.

وَبِاَيْديهِمَا الْعِصِىُّ

Ва ҳар кадом як асо ба даст гирифта буданд ва тамоми сармояи ин ду нафар ҳамин буд. Ҳоло Фиръавни бо он ҷалолу шавкат, ду нафар бо либосҳои мундараси пашмина ва дуто асо омадаанд назди ӯ ва бо камоли қудрат ва тавоноии руҳӣ доранд ба ӯ хитоб мекунанд, ки мо паёме дорем, рисолате дорем, омадаем ин рисолатро таблиғ кунем. Асли матлабро мусаллам гирифтаанд, ки мо дар ин рисолати худамон пирӯзем, омадаем бо ту итмоми ҳуҷҷат кунем. Мегӯянд: аввал омадем пеши худат, ки агар аз фиръавнмаобии худат даст

бардорӣ ва воқеан ислом биёварӣ,[12] мо иззат ва мулкро барои ту тазмин мекунем, вале дар мадори ислом. Фиръавн нигоҳе ба атрофаш мекунад ва мегӯяд:

اَلا تَرَوْنَ هذَيْنِ

Ин дуторо намебинед бо ин либосҳои кӯҳнаи мундарасашон ва бо ин дуто чӯби хушк, ки ба даст гирифтаанд?! Асли масъала барояшон мусаллам аст, ки инҳо пирӯзанд, тоза омадаанд бо ман шарт мекунанд, ки агар мехоҳӣ баъд ҳам азиз бошӣ ва ба хоки мазаллат наяфтӣ, биё ислом биёвар.

Ҳол, мантиқи Фиръавн чист?

فَهَلاّ اُلْقِیَ عَلَیْهِما اَساوِرَةٌ مِنْ ذَهَبٍ

Инҳо агар ба ростӣ чунин ояндае доранд, пас ин сару вазъашон чист? Пас ку тилло ва ҷавоҳирҳояшон? Пас ку ташкилоту ташрифоташон? Алӣ алайҳис салом мегӯяд:

اِعْظاماً لِلذَّهَبِ وَجَمْعِهِ وَاحْتِقاراً لِلصّوفِ وَلُبْسِهِ

Ба назараш, пул хеле бузург омада ва либоси содда кучак омада. Бо худаш фикр мекунад ин агар рост мегӯяд ва бо як мабдаи илоҳӣ иртибот дорад, он Худояш биёяд ба ӯ даҳ баробари мо ганҷу ҷавоҳиру дабдаба бидиҳад. Пас чаро надорад?

Баъд (ишора мекунад) ба фалсафаи ин ки чаро Худо пайғамбаронро ин гуна мабъус мекунад ва ҳамроҳи онҳо аз ин таҷҳизоти зоҳирӣ ва ташкилоту қудратҳои бираву биё ва пулу ҷавоҳир намедиҳад. Мегӯяд: агар Худо инҳоро бидиҳад, дигар ихтиёр дар воқеъ аз байн меравад.

Агар имони ҷабрӣ дар кор бошад, ҳамаи мардум меоянд имон меоваранд, вале он дигар имон нест. Имон он аст, ки мардум аз рӯи ҳақиқат ва ихтиёр (гароиш пайдо кунанд), вагарна — таъбири худи амирулмӯъминин аст — Худо метавонад ҳайвонотро мусаххари инҳо қарор бидиҳад (ки ба таври намуна барои Сулаймони пайғамбар ин корро кард), мурғҳоро мусаххари инҳо қарор бидиҳад ва вақте, ки ин ду нафар назди Фиръавн меоянд, мурғҳо аз болои сарашон ҳаракат кунанд, ҳайвонҳо онҳоро таъзим кунанд, то дигар ҳеч шакке барои мардум боқӣ намонад ва аслан ихтиёр ба куллӣ аз байн биравад. Мефармояд, дар ин сурат:

---

[12] *Ислом яъне ҳамон дини ҳақ, ки дар ҳамаи замонҳо буда ва ба дасти Пайғамбари Акрам ба ҳадди камоли худаш расида. Қуръон ҳамаро ислом медонад ва таъбири он "ислом" аст.*

**لا لَزِمَتِ الْأَسماءُ مَعانِيَها**

Ин имон дигар имон нест. Имон он имоне аст, ки ҳеч навъ ҷабре дар кор набошад. Мӯъҷиза ва кароматҳам дар ҳадди ин ки далел бошад (эъмол мешавад). Вақте то ҳадди далел аст, Қуръон мегӯяд оят, мӯъҷиза, аммо агар аз ҳадди далел бештар бихоҳанд, мегӯяд, пайғамбар корхонаи мӯъҷизасозӣ наёварда. Ӯ омадааст имони худашро бар мардум арза бидорад ва барои ин ки шоҳид ва гувоҳе ҳам бар сидқи нубуввату рисолаташ бошад, Худо ба дасти ӯ мӯъҷиза ҳам зоҳир мекунад.

Ҳамин қадр, ки итмоми ҳуҷҷат шуд, дигар дари мӯъҷизасозӣ баста мешавад. На ин ки як мӯъҷиза инҷо, як мӯъҷиза онҷо; ӯ бигӯяд, фалон мӯъҷизаро анҷом бидеҳ, бисёр хуб, он яке пешниҳоди дигар бикунад, бисёр хуб (мисли ин маъракагирҳо), яке бигӯяд, ки ман мегӯям, он одамро суск кун, дигаре бигӯяд, ман мехоҳам, ки ин улоғро табдил ба асп кунӣ. Бадеҳӣ аст, ки масъала ин нест. Алӣ алайҳис салом мегӯяд, агар ин тавр мебуд, дигар имонҳо имон набуд.

Ҷумлаи баъдаш, ки маҳалли шоҳиди ман аст ин аст, мегӯяд: Худо аз ин ҷур ташрифоту ташкилоту дабдабаҳо ва тантанаҳо ҳаргиз ба пайғамбараш намедиҳад, ин ҷур нерӯҳо, ки воҳимаи мардумро тахти таъсир қарор бидиҳад, Худо ба пайғамбарон намедиҳад ва пайғамбарон ҳам аз ин равиш пайравӣ намекунанд:

**وَلكِنَّ اللهَ سُبْحانَهُ جَعَلَ رُسُلَهُ أُولى قُوَّةٍ فى عَزائِمِهِمْ**

Худо ҳар нерӯе, ки ба пайғамбарон дода, дар ҳимматашон дода, дар иродаашон дода, дар азмашон дода, дар руҳашон дода, ки меояд бо он либоси пашмӣ ва асои чӯбӣ ба даст, дар муқобили Фиръавн меистад ва бо чунон қудрате сухан мегӯяд:

**وَضَعَفَةً فيما تَرَى الْأَعْيُنُ مِنْ حالاتِهِمْ**

(*"Ва дар ҳолоташон, ки ба чашми дигарон меояд заифу нотавон қарорашон додааст."*) Баъд мефармояд:

**مَعَ قَناعَةٍ تَمْلَأُ الْقُلوبَ وَالْعُيونَ غِنىً، وَخَصاصَةٍ تَمْلَأُ الْأَبْصارَ وَالْأَسْماعَ اَذىً**

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 192*) Худо ба онҳо дар дарунашон нерӯи азму тасмиму ирода дод бо як қаноате, ки дилҳо ва чашмҳоро аз назари бениёзӣ пур мекунад. Як касе шумо мебинед бо "доштан", ки чӣ дорам ва чӣ дорам, мехоҳад чашмҳоро пур кунад, як касе бо "надорам, вале бениёзам ва эътино надорам" чашмҳоро пур мекунад. Алӣ алайҳис салом мегӯяд,

пайғамбарон ҳам чашмҳоро пур мекарданд, вале бо “надорам ва бениёзам”, на бо ин ки ин боғро дорам, ин хонаро дорам, ин қадр асп пушти сари ман ҳаракат мекунад, ин қадр навкар пушти сари ман ҳаракат мекунад, ин ҷалолу ҷабарут ва бираву биёро дорам. Ҳеч аз ин бираву биёҳо ба худашон намебастанд. Дар ниҳояти соддагӣ, вале ҳамон соддагӣ он ҷалолу ҷабарутҳо ва ҳашаматҳоро хурд мекард.

## Искандар ва Диоген

Ҳакими маъруфе аст аз ҳукамои калбӣ[13] ба номи *Диоген*, ки мусалмонон ба ӯ мегуфтанд Дюҷонис ва он шеъри маъруфи Мавлавӣ дар девони Шамс ишора ба ӯст:

*Дӣ Шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,*

*К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.*

*Гуфтанд ёфт менашавад гаштаем мо,*

*Гуфт он кӣ ёфт менашавад, онам орзуст.*

Достони марбут ба ҳамин Диоген аст, ки мегӯянд, дар рӯз чароғ ба даст гирифта буд ва роҳ мерафт. Гуфтанд: чаро чароғ ба даст гирифтаӣ? Гуфт: дунболи як чизе мегардам. Гуфтанд: дунболи чӣ мегардӣ? Гуфт: дунболи одам.

Искандар баъд аз он ки Эронро фатҳ кард ва футуҳоти зиёде насибаш шуд, ҳама омаданд дар муқобилаш курниш ва тавозӯъ карданд. Диоген наомад ва ба ӯ эътино накард. Охир дили Искандар тоқат наовард, гуфт, мо меравем сурoғи Диоген. Рафт дар биёбон суроғи Диоген. Ӯ ҳам ба қавли имрӯзиҳо ҳаммоми офтоб гирифта буд. (Яъне загар мегирифт.) Искандар меомад. Он наздикиҳо, ки сару садои аспҳо ва ғайра баланд шуд, Диоген каме баланд шуд, нигоҳе кард ва дигар эътино накард. Думартиба хобид, то вақте, ки Искандар бо аспаш расид болои сараш. Ҳамон ҷо истод. Гуфт: баланд шав. Ду се калима бо ӯ ҳарф зад ва ӯ ҷавоб дод. Дар охир Искандар ба ӯ гуфт: як чизе аз ман бихоҳ. Гуфт: фақат як чиз мехоҳам. Гуфт: чӣ? Гуфт: соятро аз сари ман кам кун. Ман инҷо офтоб гирифта будам, омадӣ, соя андохтӣ ва ҷилави офтобро гирифтӣ. Вақте, ки Искандар бо сарони сипоҳи худаш баргашт, сарон гуфтанд: аҷаб одами пасте буд, аҷаб одами ҳақире! Одам яъне ин

---

[13] *Албатта инҳо дар ин корҳо ифрот мекарданд, яъне мардумони ба истилоҳ зоҳидпеша ба шакли аҷибе буданд ва ба молу абзори дунё ҳеч эътино надоштанд. Ӯ ҳатто хона ва зиндагӣ ҳам надошт.*

қадр паст! Давлати олам ба ӯ рӯ оварда, ӯ метавонист ҳама чиз бихоҳад. Вале Искандар дар муқобили руҳи Диоген хурд шуда буд.

Ҷумлае гуфта, ки дар таърих мондааст, гуфт: “*Агар Искандар набудам, дӯст доштам Диоген бошам*”. Вале дар ҳоле, ки Искандар ҳам буд, боз дӯст дошт Диоген бошад…

Алӣ алайҳис салом мегӯяд, пайғамбарон дар либоси қаноат ва соддагӣ буданд ва ин сиёсаташон буд; сиёсати илоҳӣ. Онҳо ҳам дилҳоро пур мекарданд, вале на бо ҷалолу дабдабаҳои зоҳирӣ, балки бо ҷалоли маънавӣ, ки тавъам бо соддагиҳо буд. Ба қадре Пайғамбари Акрам аз ин ҷалолу ҳашаматҳо танаффур дошт, ки саросари зиндагии ӯ пур аз ин қазия аст. Агар як ҷо мехост роҳ биафтад, чунончи иддае мехостанд пушти сараш ҳаракат кунанд, иҷоза намедод. Агар савора буд ва як пиёда мехост бо ӯ биёяд, мегуфт, бародар! Яке аз ин корҳоро бояд интихоб кунӣ: ё ту ҷилав бирав, ман аз пушти сарат меоям, ё ман меравам, ту баъд биё. Ё аҳёнан агар мумкин буд, ки ду нафар савор бишаванд, мефармуд: биё, дунафарӣ бо ҳамдигар савор мешавем. Ман савора бошам, ту пиёда, ин ҷур дарнамеояд. Маҳол буд иҷоза бидиҳад ӯ савора ҳаракат кунад ва як нафар пиёда. Дар маҷлис, ки менишаст, мегуфт, (ба шакли) ҳалқа биншинем, ки маҷлиси мо болову поин надошта бошад. Агар ман дар садри маҷлис биншинам ва шумо дар атроф, шумо мешавед ҷузъи ҷалолу дабдабаи ман ва ман чунин чизеро намехоҳам.

Пайғамбар то зинда буд, аз ин асл таҷовуз накард, махсусан аз як назар инро барои як раҳбар зарурӣ ва лозим медонист. Ва аз ин рӯ, мо мебинем Алӣ алайҳис салом ҳам дар замони хилофати худаш, дар ниҳояти дараҷа ин аслро риоят мекунад. Як раҳбар — махсусан агар ҷанбаи маънавӣ ва руҳонӣ ҳам дошта бошад — ҳаргиз ислом ба ӯ иҷоза намедиҳад, ки барои худаш ҷалолу ҷабарут қоил бишавад. Аслан ҷалолу ҷабаруташ дар ҳамон маънавияташ аст, дар ҳамон қаноаташ аст, дар руҳаш аст, на дар ҷисмаш ва на дар ташкилоти зоҳириаш. Амирулмӯъминин дар замони хилофат вақте, ки омаданд ба Мадоин — ки наздики Бағдод аст ва қасри қадимии Анушервон яъне қасри Мадоин дар онҷо буд — рафтанд дохили ин қаср ва онро тамошо мекарданд. Шахсе шурӯъ кард ба хондани як шеъри арабӣ дар бевафоии дунё, ки рафтанд ва … Фармуд инҳо чист? Ояти Қуръон бихон:

**كَمْ تَرَكُوا مِنْ جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ. وَزُرُوعٍ وَمَقَامٍ كَرِيمٍ. وَنَعْمَةٍ كَانُوا فِيهَا فَاكِهِينَ**

(*“Чӣ боғистонҳо ва чашмаҳо ва зироатҳо ва маҷолиси некӯ ва айшу нӯшҳои фаровонеро, ки дар онҳо дил хуш буданд, раҳо намуданд.” (Сураи Духон, оятҳои 25-27)*)

Вақте, ки ҳазрат вориди сарзамини Эрон шуданд ва эрониҳо хабардор шуданд, ки Алӣ алайҳис салом меояд, як идда аз даҳоқин,[14] иддае аз сарони кишоварзон омаданд ба истиқболи ҳазрат ва шурӯъ карданд дар ҷилави эшон давидан. Ҳазрат садояшон кард ва фармуд: чӣ кор мекунед? Гуфтанд: ин эҳтироме аст, ки мо барои бузургони худ баҷо меоварем, ки дар рикобаш дар ҷилаваш медавем. Ба эҳтироми шумо чунин коре мекунем. Фармуд: шумо бо ин коратон худатонро ҳақиру паст мекунед, ба он бузург ҳам як зарра суд намерасад. Ин корҳо чист?! Ман аз ин ташрифот барӣ ва мубарро ҳастам. Инсон ҳастед ва озод. Ман башаре ҳастам, шумо ҳам башаре.

Ин аст, ки яке аз усули зиндагии Расули Акрам ва аз усули равишҳои Пайғамбари Акрам асли соддагӣ буд, ки:

**كانَ رَسولُ اللهِ خَفيفَ الْمَؤونَةِ**

Ва то охири умр ин аслро риоят кард. Дар яке аз аҳодис нақл кардаанд (аҳли тасаннун ҳам нақл кардаанд), ки Умар ибни Хаттоб ба утоқи Пайғамбари Акрам ворид мешавад, дар он ҷараёне, ки ҳазрат аз занҳояшон эъроз карданд ва онҳоро миёни талоқ ва ё сабр кардан ба зиндагии содда мухайяр намуданд.

Иддае аз занҳо гуфтанд, охир мо вазъамон хеле содда аст, мо ҳам зару зевар мехоҳем, аз ғаноим ба мо ҳам бидиҳед. Фармуд: зиндагии ман зиндагии содда аст. Ман ҳозирам шуморо талоқ бидиҳам ва тибқи маъмул, ки як зани муталлақаро — ба таъбири Қуръон — бояд тасреҳ кард (яъне бояд муҷаҳҳаз кард ва як чизе ҳам ба ӯ дод), ҳозирам чизе ҳам ба шумо бидиҳам. Агар ба зиндагии соддаи ман месозед, бисозед ва агар мехоҳед раҳоятон кунам, раҳоятон кунам. Албатта ҳамаашон гуфтанд, хайр, мо ба зиндагии содда месозем, ки ҷараён муфассал аст. Навиштаанд, Умар ибни Хаттоб вақте, ки иттилоъ пайдо кард ҳазрат аз занҳояшон норoҳат шудаанд, рафт, ки бо ҳазрат сӯҳбат кунад. Мегӯяд, он ҷо касе буд, ки дар воқеъ ба манзилаи дарбон буд, ки ҳазрат ба ӯ супурда буданд, касе наёяд. То рафтам он ҷо, гуфтам ба ҳазрат бигӯ, ки Умар аст. Рафт ва омад, гуфт: ҷавобе надоданд. Ман рафтам ва думартиба омадам. Иҷоза хостам, боз ҳам ба ман ҷавоб надод. Дафъаи севвум гуфт: биё. Вақте рафтам, дидам пайғамбар дар як утоқе, ки фақат фарше, ки гӯӣ аз лифи хурмост, дар он афтода истироҳат карда ва вақте ман рафтам, мисли ин ки ҳазрат каме аз ҷо ҳаракат

[14] *Даҳоқин ҷамъи деҳқон аст, ки арабишудаи деҳгон аст ва асли маънии деҳқон яъне кадхудо, на кишоварзи оддӣ.*

карданд, дидам, хушунати ин фарш рӯи бадани муборакаш асар гузошта. Хеле норохат шудам. Баъд мегӯяд (ва шояд бо гиря): ё Расалуллоҳ! Чаро бояд ин ҷур бошад? Чаро кисроҳо ва қайсарҳо ғарқ дар танаъум бошанд ва ту, ки пайғамбари Худо ҳастӣ, чунин вазъе дошта бошӣ? Ҳазрат мисли ин ки норохат мешавад, аз ҷо баланд мешавад ва мефармояд: чӣ мегӯӣ ту? Ин мӯҳмалот чист, ки мебофӣ? Ту хеле ба назарат ҷилва карда, хаёл кардаӣ ман, ки инҳоро надорам, ин маҳрумияте аст барои ман? Ва хаёл кардаӣ он неъмат аст барои онҳо? Ба Худо қасам, ки тамоми онҳо насиби мусалмонон мешавад, вале инҳо барои касе ифтихор нест.

Бибинед, зиндагии пайғамбар чӣ гуна буд. Вақте, ки реҳлат кард, аз худаш чӣ боқӣ гузошт? Вақте, ки Алӣ реҳлат кард, аз худаш чӣ боқӣ гузошт? Пайғамбар вақте, ки аз дунё меравад, як духтар бештар надорад. Тибқи маъмул, ҳар инсоне тибқи отифаи башарӣ ва агар аз ин меъёрҳо пайравӣ кунад, билохира духтараш аст, дилаш мехоҳад барояш захираҳое масалан хона ва зиндагӣ таҳия кунад. Вале баръакс, як рӯз вориди хонаи Фотима мешавад, мебинад, Фотима дастбанде аз нуқра ба даст дорад ва як пардаи алвон ҳам овехтааст. Бо он алоқаи муфрите, ки ба ҳазрати Заҳро дорад, бидуни ин ки ҳарфе бизанад, бармегардад. Ҳазрати Заҳро эҳсос мекунад, ки падараш ин миқдорро ҳам барои ӯ намеписандад. Чаро? Зеро давраи аҳли суффа аст. Заҳро, ки ҳамеша аҳли эсор будааст ва он чи аз моли дунё дорад, ба дигарон мебахшад. То пайғамбар бармегардад, фавран он дастбанди нуқраро аз дасташ берун мекунад, он пардаи алвонро ҳам меканад ва ҳамроҳи касе мефиристад хидмати Расули Акрам; ё Расулаллоҳ! Духтаратон фиристодааст ва арз мекунад инро ба ҳар масрафи хайре, ки медонед, бирасонед. Он вақт аст, ки чеҳраи пайғамбар мешукуфад ва ҷумлае аз ин қабил мефармояд: эй падараш ба қурбонаш!

Шаби арӯсии Заҳрост. Барои Заҳро фақат як пероҳани нав ба унвони пероҳани шаби зифоф харидаанд ва як пероҳани қаблӣ ҳам доштааст. Соиле (гадое, пурсандае) дар шаби зифоф меояд дари хонаи Заҳро садо мекунад: ман урёнам, касе нест маро бипӯшонад? Дигарон мутаваҷҷеҳи ин соил намешаванд, ки чизе ба ӯ бидиҳанд. Заҳро, ки арӯси ин хона аст ва ба истилоҳи маъруф арӯсе аст, ки ба тахт аст, мебинад касе мутаваҷҷеҳ нест, фавран танҳо ҳаракат мекунад, меравад дар хилват, ин либоси наврро аз танаш меканад ва либоси кӯҳнаи худашро мепӯшад ва либоси наврро тақдими соил мекунад. Вақте меояд, мепурсанд, пероҳанат ку? (Мегӯяд) дар роҳи Худо додам. Барои Заҳро инҳо чӣ азамате ва чӣ аҳаммияте дорад?! Либос яъне чӣ?! Ташкилоту дабдаба яъне чӣ?! Заҳро агар дунболи Фадак меравад,

аз боби ин аст, ки ислом эҳқоқи ҳақро воҷиб медонад, вагарна Фадак чӣ арзише дорад?! Чун агар дунболи Фадак намерафт, тан ба зулм дода буд ва инзилом буд, вагарна сад мисли Фадакро онҳо дар роҳи Худо медоданд. Чун инзилом набояд кард, Заҳро ҳаққи худашро мутолиба мекунад. Яъне арзиши Фадак барои ҳазрати Заҳро аз ҷанбаи ҳуқуқӣ буд, на аз ҷанбаи иқтисодӣ ва моддӣ. Аз ҷанбаи иқтисодӣ ва моддӣ арзишаш фақат ин қадр буд, ки агар Фадак дошта бошам, ба дигарон битавонам бирасам.

Оре, Заҳро чунин шаби арӯсие дошт. Вале Заҳро қабл аз вафот махсусан либоси покизае пӯшид, ки эҳтизораш дар он ҳолат бошад. Асмо бинти Умайс мегӯяд: як рӯз (ҳол ё ҳафтоду панҷ рӯз ва ё наваду панҷ рӯз баъд аз вафоти Расули Акрам) дидам, мисли ин ки ҳоли Бибӣ беҳтар аст. Аз ҷо ҳаракат кард ва нишаст, сипас ҳаракат кард ва ғусл намуд ва баъд фармуд: Асмо! Он либосҳои покизаи маро биёвар.[15] Ман хеле хушҳол шудам, ки алҳамду лиллоҳ мисли ин ки ҳоли Бибӣ беҳтар аст. Вале Бибӣ ҷумлае гуфт, ки тамоми умедҳои Асмо ба бод рафт. Фармуд: Асмо! Ман алъон рӯ ба қибла мехобам, ту лаҳзае бо ман ҳарф назан, ҳамин ки муддате гузашт, маро садо кун, агар дидӣ ҷавоб надодам, бидон, ки лаҳзаи марги ман аст. Инҷо буд, ки тамоми умедҳои Асмо ба бод рафт. Тӯле накашид, ки Асмо фарёд кашид ва ба суроғи Алӣ рафт ва Алиро аз масҷид садо кард ва Ҳасанайн омаданд.

**ولا حول ولا قوة إلاّ بالله العلي العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطّاهرين**

**باسمك العظيم الأعظم الأجلّ الأكرم يا الله**

Худоё! Моро қадрдони ислом ва Қуръон қарор бидеҳ!
Тавфиқи амал ва хулуси ният ба ҳамаи мо кaромат бифармо!
Анвори муҳаббату маърифати худатро дар дилҳои мо қарор бидеҳ!

---

[15] *Асмо хидматгузору ин ҳарфҳо набуда. Ӯ ба истилоҳ ҷории қаблии ҳазрати Заҳро буда. Яъне қаблан зани ҷаноби Ҷаъфар буд, ки он вақт мешуд ҷории ҳазрати Заҳро. Баъд аз ҷаноби Ҷаъфар зани Абӯбакр шуд, ки Муҳаммад ибни Абӯбакр, ки бисёр марди шарифе аст, аз ҳамин Асмо ба дунё омад. Баъд аз Абӯбакр ҳазрати амир бо Асмо издивоҷ карданд, ки Муҳаммад ибни Абӯбакр писархондаи амирулмӯъминин шуд ва тарбиятшудаи амирулмӯъминин аст ва валои амирулмӯъмининро дорад… Ғараз ин аст, ки Асмо зани муҷаллалае аст. Ҳамон вақт ҳам, ки ҳамсари Абӯбакрост, валояш бо Алӣ алайҳис салом аст, дӯсти Алӣ аст ва иродатманд ба хонадони Алӣ, на ба хонадони шавҳараш.*

Нури муҳаббату маърифати пайғамбар ва оли пайғамбаратро дар дилҳои мо битобон! Амвоти мо машмули инояту раҳмати худат бифармо!

وعجّل فی فرج مولانا صاحب الزمان

## Оё ҳадаф василаро тавҷеҳ мекунад?

Яке аз масоиле, ки аз сираи Расулуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) бояд омӯхт, кайфияти истихдоми васила аст. Инсон аввалан бояд дар аҳдофи худаш яъне дар ҳадафҳо мусалмон бошад, яъне ҳадафаш муқаддас ва олӣ ва илоҳӣ бошад. Ва сониян, бояд дар истихдоми васила барои ҳамон ҳадафҳо ҳам воқеан мусалмон бошад.

Баъзе аз мардум аз назари ҳадаф мусалмон нестанд. Яъне дар зиндагӣ ҳадафе ҷуз хӯрду хӯроку пӯшоку лаззатгароӣ надоранд; танҳо ҳадафе, ки дар бораи он фикр мекунанд ин аст, ки чӣ гуна зиндагӣ кунанд ва рӯзашон гузарад. Дар ҳақиқат ҳадафҳои инҳо аз ҳадди ҳадафи як ҳайвон таҷовуз намекунад. На танҳо мусалмон ба инҳо намешавад гуфт, инсон ҳам ба инҳо намешавад гуфт. Як инсон аз он ҷиҳат, ки инсон аст, бояд идеяе болотар аз ҳудуди шаҳавоти ҳайвонӣ дошта бошад ва агар инсон воқеан мусалмон бошад, тамоми ҳадафҳо дар як калима хулоса мешавад. Ва он, Худост ва ризои Ҳақ.

Дар марҳилаи баъд, инсон барои ҳадафҳои поку муқаддас ва олии худаш, ночор аз васоиле бояд истифода кунад. Масъалае, ки матраҳ аст ин аст, ки оё ҳамин кофӣ аст, ки ҳадаф инсонӣ бошад ва болотар ин ки ҳадаф илоҳӣ бошад? Агар ҳадаф илоҳӣ буд, дигар васила фарқ намекунад ва аз ҳар василае барои он ҳадафи муқаддас метавон истифода кард? Фарз ин аст, ки ҳадафи мо ҳадафи муқаддасе аст. Оё барои ҳадафи муқаддас, аз ҳар васила ҳарчанд васоили номуқаддас ва палид метавон истифода кард? Ё на, барои ҳадафи муқаддас, аз василаи муқаддас бояд истифода кард, на аз василаи номуқаддас ва палид. Ҳол, мисолҳое зикр мекунем, то матлаб равшан бишавад.

## Истифода аз василаи номашрӯъ дар таблиғи дин

Ҳадафи мо таблиғи дин аст. Дигар аз ин беҳтар, ки намешавад. Як вақт ҳадафи ман дар коре, шахси худам аст, кореро барои худам мехоҳам бикунам, барои рифоҳ ва манфиати худам мехоҳам анҷом бидиҳам. Онҷо муҳраз аст. Вале агар ман бихоҳам кореро на барои худам, балки барои дин анҷом бидиҳам, дар ин сурат оё ҷоиз аст аз ҳар василае истифода кунам?

Агар ман бихоҳам барои манофеи худам кор кунам, масалан вақте кори ман гири пулӣ ё идорӣ дорад, биёям пеши шумо — ки метавонед мушкили маро ҳал кунед — чаҳорто дурӯғ

ҷаъл кунам барои ин ки мушкилам ҳал бишавад, дар инҷо ҳама маро маломат мекунанд; мегӯянд, инро бибин, барои ин ки мушкилаш ҳал бишавад, тамаллуқ мегӯяд, чоплусӣ мекунад, дурӯғ мегӯяд, тӯҳмат мезанад.

Вале як вақт ҳадаф чизи дигар аст; ман мехоҳам як масҷид бисозам, барои худам, ки намехоҳам бисозам. Воқеан ҳам дар масҷид сохтан ҳадафи номуқаддасе надорам. Ман ҷузъи касоне ҳастам, ки бонӣ шудаем дар фалон маҳал, ки масҷид надорад, масҷиде сохта бишавад, ки дар онҷо мардум биёянд намоз бихонанд, маҷолиси ваъз ташкил бишавад, баччаҳо биёянд дастурҳои динро ёд бигиранд ва ҷаласоте бошад. Ин масҷид масолеҳ мехоҳад, гирифториҳои дигар дорад, ишколоти идорӣ мумкин аст пайдо кунад ва аз мардум низ бояд пул гирифт. Ҳоло, як одами аҳли хайр пошнаи геваро вар кашида[16] барои ин ки кори ин масҷидро дуруст кунад. Назди касе меравад, як ҳарфе мезанад, ки ҳар ҷур ҳаст аз ӯ пул дарбиёварад. Чаҳорто дурӯғ мегӯяд, вале билохира панҷ ҳазор тумон пул барои масҷид дармеоварад. Дуто дурӯғ ба як нафари дигар мегӯяд, чаҳорто тамаллуқ ва чоплусӣ нисбат ба дигаре мекунад, ки шумо чунин ҳастед, чунон ҳастед, мо ба шумо аз қадим иродат дорем, хоб дидам, ки доштед дар биҳишт калла муаллақ мезадед.[17] Даҳ ҳазор тумон ҳам аз ин мегирад. Панҷоҳ ҳазор тумон аз яке дигар мегирад.

Ҳол, инро мо чӣ мегӯем? Шояд бисёре аз мардум ин амалро тақдис ва навъе фидокорӣ талаққӣ мекунанд; мегӯянд, бибин, ин бечора барои худаш, ки кор намекунад, аз субҳ то ғуруб пошнаи геваро вар кашида, фақат барои масҷид. Бибин, барои ин кор, дигар чӣ намекунад ин одам! Ба ҳар кас мерасад, ба ҳар васила шуда билохира ин пулро барои ин масҷид дармеоварад, воқеан марди фидокор ва богузаште аст.

Оё ин кор дуруст аст ё дуруст нест?

## Ҷаъли ҳадис

Масъалае дар таърих рух додааст. Барои ин ки мардумро ҳидоят ва роҳнамоӣ кунад, меояд ҳадисе аз пайғамбар ё имом ҷаъл мекунад. Ғарази шахсӣ надорад, балки ғаразаш ҳидояти мардум аст, вале фикр мекунад, ки агар чунин ҳадисеро аз пайғамбар ё имом барои мардум нақл кунад, мардум беҳтар мепазиранд. Масалан (бо худ мегӯяд) мардуме, ки ин қадр ғайбат

---

[16] *Пошнаи геваро вар кашидан: омодаи анҷом додани коре шудан.*

[17] *Калла муаллақ задан: сар бар замин ниҳодан ва пойҳо барафроштан ва ба пушт бар замин омадан.*

мекунанд ва ҳарфи лағв мезананд, хуб аст барои ин ки ғайбат накунанд ва ҳарфи лағв нагӯянд, ман биёям ҳадисе ҷаъл кунам дар фазилати фалон дуо, ки мардум ин ҳадисро бихонанд ва ба ҷои ҳарфи лағв ва беҳуда ва ғайбат, бираванд дуо бихонанд, ё дар савоби Қуръон бигӯям агар фалон сураи Қуръонро чиҳил бор пушти сари якдигар бихонед, фалон асарро дорад.

Оё ин, кори хубе аст? Ҳадаф муқаддас аст, вале касе мехоҳад бо дурӯғ ва ҷаъл, ин ҳадафи муқаддасро таъмин кунад. Оё ин дуруст аст ё дуруст нест?

Дар таърих хелеҳо будаанд, ки чунин коре кардаанд. Ҳадисе аст, ки дар ағлаби китобҳои тафсир навиштаанд, зоҳиран дар муқаддимаи "*Маҷмаъул-баён*" ҳам ҳаст ва ман мукаррар дар китобҳо хондаам. Ин ҳадисро аз Убай ибни Каъб нақл мекунанд дар фазоили махсуси қироати сураҳои Қуръон, масалан барои хондани сураи "Саббиҳисма" фазилати хоссе зикр мекунанд, сураи "Ҳал атока ҳадисул-ғошия" фазилат ва савоби дигаре, сураи "Лам якунил-лазина кафару" савоби дигаре, сураи Бақара савоби дигаре, сураи Оли Имрон савоби дигаре; барои ҳар кадом як чизе гуфтаанд. Ҳама ҳам аз пайғамбар ривоят шуда. Шахсе рафт аз он касе, ки ин ҳадисро ривоят мекард пурсид: охир чӣ тавр аст, ки фақат ту ин ҳадисро ривоят мекунӣ ва як нафари дигар ғайр аз ту ривоят накарда? Гуфт: росташро бихоҳед, ман ин ҳадисро барои ризои Худо ҷаъл кардам; дидам, мардум дар маҷолис, ки менишинанд, шурӯъ мекунанд ба афсонаҳо ва таърихи ҷоҳилиятро нақл кардан ва ашъори ҷоҳилиятро хондан. Дидам вақти мардум дорад беҳуда талаф мешавад. Барои ин ки ба ҷои ин кори беҳуда, мардумро водор ба тиловати Қуръон кунам, омадам ин ҳадисро аз забони пайғамбар гуфтам; ин ки айбе надорад.

Дигаре меояд барои фалон мақсад як хоб ҷаъл мекунад ва фикр мекунад бо ин хоб мардумро ҳидоят мекунад. Оё ин корҳо дуруст аст, ки инсон барои ҳадафи муқаддас, аз васоили номуқаддас истифода кунад?

На. Ин кор ғалат аст. Ин матлаб қаблан дар зеҳни худам мукаррар омада буд, ҳамин имрӯз, ки боз тафсири "*Алмизон*"-ро дар ҳамин замина мутолеа мекардам, дидам эшон (марҳум Аллома Таботабоӣ) адаби таблиғи нубувватро, ки аз Қуръон истинбот кардаанд — ки ба таври куллӣ чӣ одоберо ҳамаи анбиё ва аз ҷумла Расули Акрам риоят мекарданд — аз ҷумла ҳамин матлабро зикр кардаанд, ки ҳаргиз анбиё дар сира ва равиши худашон, барои расидан ба ҳақ, аз ботил истифода намекунанд, барои расидан ба ҳақ ҳам аз худи ҳақ истифода мекунанд.

# Оё достонҳои Қуръон ҳақиқат надорад?

Баъзе аз мисриҳо роҷеъ ба бархе қасаси Қуръон як ҳарфи муфте задаанд — ки гоҳе дар калимоти ғайри мисриҳо ҳам дида мешавад — ки фалон достон дар таворихи дунё пайдо нашудааст. Хуб, пайдо нашуда бошад. Магар тамоми қазоёе, ки дар дунё воқеъ шуда дар китобҳои таърих ҳаст? Китобҳои таърихӣ, ки мо алъон дорем, аз ҳудуди се ҳазор сол пеш аст. Яъне аз ҳудуди ҳазору чаҳорсад сол пеш аз давраи ислом ба ин тараф мешавад гуфт таърихи дунё то ҳадде равшан аст. Аз он ҷилавтар аслан мо таърихи дурусте дар дунё надорем. Аз чаҳор-панҷ ҳазор сол қабл ба он тарафро асосан мегӯянд замони моқабли таърих.

Баъзеҳо роҷеъ ба бархе аз қасаси Қуръон гуфтаанд, ки Қуръон ҳадафаш муқаддас аст; қасасро нақл мекунад барои панду ибрат гирифтан. Қуръон, ки китоби таърих нест, ки бихоҳад вақоеънигорӣ кунад; вақоеъро барои пандҳо зикр мекунад. Вақте, ки ҳадаф панд аст, дигар фарқ намекунад, ки он воқеае, ки нақл мекунад воқеан воқеъ шуда бошад ё онро ба сурати як достон нақл кунад, ки натиҷа бигирад.

Магар нест, ки бисёре аз ҳакимони дунё пандҳои бисёр бузургро аз забони ҳайвонот баён кардаанд, ки ҳамаи мардум медонанд, ки инҳо воқеият надорад? Мисли достонҳои Калила ва Димна, ки харгӯш чунин гуфт, рӯбоҳ чунин гуфт, шер чунин гуфт, шер омад бо рӯбоҳ чунин сухан гуфт, баъд харгӯш маъмурият пайдо кард ва ғайра… Вақте мехоҳад бигӯяд, ки инсон бояд оқил ва фатин бошад ва ҳайкалу зӯр наметавонад бо ақлу фикру хуш баробарӣ кунад, мегӯяд харгӯш ба ин кучакӣ ва камқуввай шери ба он бузургӣ ва зӯрмандиро охир дар чоҳ муаллақ мекунад. Инро барои панду андарз мегӯяд, вагарна достоне воқеъ нашуда, ки воқеан шере бошад ва рӯбоҳе ва харгӯше ва бо ҳамдигар ҳарф зада бошанд.

Баъзе хостаанд чунин ҳарфе — Алаёзу биллоҳ! — бигӯянд, ки аслан зарурате надорад мо дар боби қасаси Қуръон, роҷеъ ба ин ҷиҳаташ фикр кунем, ки оё қасаси Қуръон таърих аст ё тамсил барои панду андарз?

Вале ин ҳарф бисёр ҳарфи муфте аст. Маҳол аст, ки анбиё дар мантиқи нубувват, барои як ҳақиқат — Алаёзу биллоҳ! — як амри воқеънашуда ва як дурӯғро ҳарчанд ба сурати тамсил баён кунанд. Дар адабиёти дунё аз ин ҳарфҳо зиёд аст. Ғайр аз онҳое, ки аз забони ҳайвонот гуфтаанд, онҳое ҳам, ки аз забони ҳайвонот нагуфтаанд (аз тамсил истифода кардаанд). Ҳатто ҳамин достонҳои Саъдӣ, ки дар "*Гулистон*" ва "*Бӯстон*" ва ғайра омада, ҳеч маълум нест, ки арзиши таърихӣ дошта бошад ва хеле аз онҳо мусаллам шубҳа надорад, ба ҷиҳати

ин ки аслан достон худашро нақз мекунад. Масалан мегӯяд: дар Ҳиндустон, ки будам, рафтам дар бутхонаи Суманот, онҷо Занду Позанд[18] мехонданд, баъд задам бутҳоро шикастам, чунин кардам, чунон кардам. Аслан маълум нест Саъдӣ ба умраш ба онҷо рафта бошад. Ва ба илова, агар дар бутхонаи Суманот рафта, онҷо Занду Позанд чӣ кор мекардааст?! Ё мегӯяд: дар Кошғар, ки будам, баччаеро дидам, ки дошт фалон китоби наҳвро мехонд, ман ба ӯ чунин гуфтам ва ӯ ба ман чунин ҷавоб дод. На, ӯ ҳадафаш он андарзе аст, ки мехоҳад бидиҳад. Аз забони Султон Маҳмуд ва Аёз ҳарфҳое мегӯяд. Инҳо воқеияте надорад.

Қуръон, пайғамбар, имомон ва касоне, ки тарбиятшудаи ин мактаб ҳастанд, маҳол аст, ки барои ҳадафи муқаддас, аз як амри номуқаддас масалан аз як амри пуч, аз як амри ботил, аз як амри беҳақиқат ҳарчанд як тамсил истифода кунанд. Ин аст, ки мо шак надорем, ки тамоми қасаси Қуръон ҳамон тавр, ки Қуръон нақл кардааст, айни воқеият аст. Достоне, ки Қуръон нақл мекунад, мо баъд аз нақли Қуръон эҳтиёҷе надорем, ки таъйиде аз таворихи дунё пайдо кунем. Таворихи дунё бояд аз Қуръон таъйид бигиранд. Эшон (Аллома Таботабоӣ) дар тафсири “*Алмизон*” ин аслро бо далелҳое аз оятҳои Қуръон собит мекунанд, ки асосан дар сираи анбиё чунин чизе вуҷуд надошта, ки ҳатто барои ҳадафи муқаддасашон аз як амри номуқаддас истифода кунанд.

## Ду сухани ботили шойеъ миёни мутаҷаддидин ва мутақаддимин

Дар ин замина як ҳарфе дар миёни мутаҷаддидини мо пайдо шуда ва як ҳарфе дар миёни баъзе аз мутақаддимини мо ва ҳар дуи инҳо ончунон ба ҳақиқат зарба задаанд, ки Худо медонад.

Аммо он чи, ки дар миёни мутаҷаддидин ба истилоҳ тарҳ шуда ва хеле ҳам рӯяш такя мешавад, аз фарангиҳо гирифта шудааст ва мисриҳо бо ин қоида ва ба ин таъбир баён мекунанд:

---

[18] *Занду Позанд: занд дар луғати паҳлавӣ ба маънои тафсир ва ташреҳ мебошад ва “Занд” китобест дар тафсири Авесто, ки қисмате аз он боқӣ мондааст ва “Позанд” ҳам хулоса ва соддашудаи “Занд” аст.*

اَلْغاياتُ تُبَرِّرُ الْمَبادِئ

Яъне ҳадаф василаро мубоҳ мекунад. Пас кӯшиш кун ҳадафат муқаддас бошад, барои ҳадафи муқаддасат аз ҳар васила, ҳарчанд номуқаддас метавонӣ истифода кунӣ. Ва он чи, ки дар миёни баъзе аз мутақаддимини мо то ҳадде маъмул шуда ин аст, ки ҳадисе нақл мекунанд,[19] ки агар аҳли бидъатро дидед, яъне агар афродеро дидед, ки дар дин бидъат эҷод мекунанд –

فَباهِتوهُمْ

(*“Онҳоро мабҳут кунед!”*) “Онҳое, ки дар дин бидъат эҷод мекунанд”, яъне афроде, ки дар дин чизҳое ҷаъл мекунанд ва меоваранд, ки ҷузъи дин нест.

اِدْخالُ ما لَيْسَ من الدّينِ فِى الدّين

-ро бидъат мегӯянд. Яъне касе биёяд чизеро, ки ҷузъи дин нест, ба номи дин вориди дин кунад, ба тавре, ки мардум хаёл кунанд ин ҷузъи дин аст. Аксаш ҳам ҳаст: чизеро, ки ҷузъи дин ҳаст коре кунад, ки мардум хаёл кунанд ин ҷузъи дин нест. Ҳар ду сураташ бидъат аст. (Дар инҷо қабл аз тавзеҳи ин ҳадис, зикри як нукта зарурӣ аст.)

## Бидъат ва навоварӣ

Имрӯз “навоварӣ”-ро мегӯянд “бидъат”. Навоварӣ дар ғайри амри дин, айбе надорад. Касе дар шеър мехоҳад навовар бошад, касе дар ҳунар мехоҳад навовар бошад, касе дар фалсафа мехоҳад навовар бошад. Ин монее надорад, вале дар дин навоварӣ маънӣ надорад. Чун оварандаи дин мо нестем. Ҳатто имом ҳам оварандаи дин нест. Имом васийи пайғамбар ва хазонаи илми ӯст. Он чи, ки пайғамбар гуфтааст, (ӯ баён мекунад). Худи пайғамбар ҳам оварандаи дин нест. Худо ба василаи малак ва гоҳе бидуни василаи малак, динро ба пайғамбар ваҳй мекунад, пайғамбар ба мардум иблоғ мекунад ва ҳамаашро якҷо барои имом баён мекунад.

Оварандаи дин ҳатто пайғамбар ҳам нест. Дар дин навоварӣ ғалат аст, бидъат аст ва ҳаром.

---

[19] *Албатта ин ҳадис ҳаст ва ҳатто Шайх Ансорӣ — Ризвонуллоҳи алайҳ! — дар “Макосиби муҳаррама” онро нақл карда ва дар ду ҷо ҳам нақл карда; дар як ҷо тафсир намекунад, вале дар ҷои дигар тафсир мекунад.*

Бале, нав истинбот кардан дуруст аст, ки он нававарӣ нест. Ахборийин[20] иҷтиҳодро хаёл мекунанд нававарӣ аст; мегӯянд, иҷтиҳодҳо ҳама бидъат аст. Иштибоҳ мекунанд. Иҷтиҳод яъне ҳусни истинбот. Мумкин аст муҷтаҳиде матлаберо аз нав истинбот кунад, ки қаблан худи ӯ ё дигарон ҷури дигар истинбот мекардаанд. Ин, масъалаи истинбот аст, на оварандагӣ.

Имрӯз мутлақи нававариро "бидъат" меноманд ва аз бидъат ҳимоят мекунанд ва масалан мегӯянд, фалон кас бидъатовар аст. Вале мо набояд иштибоҳ кунем. Аслан ин истилоҳ ғалат аст. Дар миёни мо аз қадим "бидъат" яъне нававарӣ дар дин:

اِدْخالُ ما لَيْسَ من الدّينِ فِى الدّين

Набояд чизи дигарро "бидъат" биномем, баъд кам-кам бигӯем пас бидъат ишколе надорад. Хостам инро бигӯям, то баъзе аз ҷавонҳо иштибоҳ накунанд. Агар имрӯз нававариро "бидъат" мегӯянд, ин бидъат агар дар масоили ҳунарӣ, шеърӣ, фалсафӣ ё илмӣ аст, на фақат айб нест, балки камол аст, вале дар дин, он ҳам ба маънии овардан на ба маънии иҷтиҳод, яъне чизеро, ки дар дин нест, аз худ ҷаъл кардан, дар ҳадди бузургтарини гуноҳон аст. Ҳатто ҳадис аст:

مَنْ زارَ مُبْدِعاً (مُبْتَدِعاً) فَقَدْ خَرَّبَ الدّينَ

Агар касе ба дидани як аҳли бидъат биравад, динро хароб кардааст. Яъне агар касе бидъате дар дин эҷод мекунад, бар дигарон ҳаром аст, ки бо ӯ диду боздид кунанд. Диду боздид ҳам ҳаром аст.

Боре, дар заминаи аҳли бидъат ҳадисе дорем, ки дар зимни он омадааст, ки ҳар гоҳ аҳли бидъатро дидед –

---

[20] *Ахборийин: гурӯҳе аз фақеҳони шиа, ки ахбор ва аҳодиси имомони шиаро танҳо манбаи фиқҳ ва танҳо мабнои истинботи аҳкоми шаръӣ медонанд. Ин гурӯҳ, ки аз қарни 11 қамарӣ ба баъд зуҳур карданд, ба коргирии равишҳои иҷтиҳодӣ ва дониши усули фиқҳро раво намешуморанд. Дар муқобили онон, фақеҳони усулӣ равишҳои иҷтиҳодӣ ва усули фиқҳро дар истинботи аҳкоми фиқҳӣ лозим медонанд.*

فَباهِتوهُمْ

“Боҳитуҳум” аз моддаи “баҳата” аст ва ин модда дар ду маврид ба кор бурда мешавад: яке, дар мавриди мабҳут кардан, маҳкум кардан ва мутаҳайир сохтан (ки дар худи Қуръон омадааст, ки ҳазрати Иброҳим бо он ҷаббори замони худаш, ки мубоҳиса кард, дар ниҳояти амр –

فَبُهِتَ الَّذِي كَفَرَ

(*“(Дар инҷо) он марди кофир мабҳут шуд…” (Сураи Бақара, ояти 258)*) Ӯ дар муқобили мантиқи Иброҳим дармонд, мабҳут шуд, маҳкум шуд, муфтазаҳ шуд). Ва дигар, дар мавриди бӯҳтон яъне дурӯғ ҷаъл кардан, ки медонем дар ояти:

سُبْحَانَكَ هَذَا بُهْتَانٌ عَظِيمٌ

(*“Худовандо! Муназзаҳӣ ту, ин бӯҳтони бузурге аст!” (Сураи Нур, ояти 16)*) Бӯҳтони азим яъне дурӯғи бузург. Шайх Ансорӣ тасреҳ мекунад, ки маънои ин ки агар бо аҳли бидъат рӯбарӯ шудед, “боҳитуҳум” яъне бо мантиқи қавӣ бо онҳо рӯбарӯ шавед, мабҳуташон кунед, он чунонки Иброҳим бо ҷаббори замони худаш, Намруд мубоҳиса кард ва мабҳуташ намуд:

فَبُهِتَ الَّذِي كَفَرَ

Бар аҳли бидъат бо мантиқ ворид бишавед, то мардум бифаҳманд инҳо аҳли бидъат ҳастанд ва дурӯғ мегӯянд. Бо онҳо мубоҳиса кунед ва маҳкумашон намоед.
Иддае омадаанд аз ин ҳадис ин тавр истифода кардаанд, ки агар аҳли бидъатро дидед, дигар дурӯғ гуфтан ҷоиз аст; ҳар нисбате мехоҳед, ба инҳо бидиҳед, ҳар дурӯғе мехоҳед бибандед. Яъне барои кӯбондани аҳли бидъат, ки як ҳадафи муқаддас аст, аз ин василаи номуқаддас яъне дурӯғ бастан истифода кунед, ки ин амр доирааш васеътар ҳам мешавад. Одамҳои ҳисобӣ ҳаргиз чунин ҳарферо намезананд. Одамҳои ноҳисобӣ гоҳе дунболи баҳонаанд.
Макоиди нафс аҷиб аст! Макрҳои нафси аммора аҷиб аст! Инсон гоҳе нафсаш ончунон макр мекунад, ки худаш ҳам намефаҳмад. Масалан, шаби вилодати пайғамбар аст, мехоҳад ҷашн бигирад, шаби сурур аст, ҳоло, ки шаби сурур аст фиску фуҷур баҷо меоварад ва мегӯяд, шаби сурур аст, шаби вилодати пайғамбар, магар ишкол дорад?! Ман ба хотири пайғамбар чунин коре мекунам.

Достоне аст марбут ба он замоне, ки як “шоҳӣ” арзиш дошт. Гуфтанд, як нафар рафт дами дӯкони арақфурӯшӣ ва ба фурӯшанда гуфт: як шоҳӣ арақ бидеҳ. Арақфурӯш гуфт: як шоҳӣ, ки арақ намешавад. Гуфт: ҳарчи мешавад, билохира як шоҳӣ ҳам як чизе мешавад. Ӯ исрор мекард, ки намешавад. Гуфт: агар як қирон арақ мешавад, онро тақсим бар бист кун, ҳамонро ба ман бидеҳ. Гуфт: ин маънояш ин аст, ки таҳи як стакан ҳам пур нашавад. Гуфт: ҳамонро бидеҳ. Гуфт: мардум арақ мехӯранд, ки маст бишаванд, фоидааш чист, ки онро ба ту бидиҳам? Гуфт: ту ҳамонро бидеҳ, бадмастиаш бо худам.

Баъзе аз мардум дунболи баҳона ҳастанд барои бадмастӣ, дигар бадмастиаш бо онҳо. Кофӣ аст як баҳона пайдо кунад барои ҳарзагӣ кардан ва бадмастӣ. Гуфтаанд: иҷоза додаанд ҳар дурӯғе, ки диламон бихоҳад, барои аҳли бидъат ҷаъл кунем. Баъд бо ҳар касе, ки кинаи шахсӣ пайдо мекунад, фавран ба ӯ як нисбате медиҳад, як тӯҳмате мезанад ва баъд мегӯяд, ӯ аҳли бидъат аст. Шурӯъ мекунад ба ҷаъл кардан, дурӯғ гуфтан ва тӯҳмат задан. Чаро? Мегӯяд, ба мо иҷоза додаанд. Он вақт шумо бибинед, бар сари дин чӣ меояд?! Фарангимаоби мо мегӯяд:

اَلْغاياتُ تُبَرِّرُ الْمَبادئ

Ҳадаф бояд хуб бошад, ҳадаф, ки хуб буд, васила ҳарчи шуд шуд. Мутақаддиммаоби мо ҳам мегӯяд: ба мо гуфтаанд:

فَباهِتوهُمْ

Ҳақ дорем ҳарчи диламон бихоҳад бигӯем ва мегӯем ҳарчи дили худамон бихоҳад. Он вақт бибинед, ба сари дин чӣ меояд?!

## Алӣ ва истихдоми васила

Сиёсати Алӣ чаро инъитоф намепазируфт? Шак нест, ки ҳадафаш муқаддас буд.

Пешниҳоди Ибни Аббосҳо магар чӣ буд? Пешниҳоди Муғира ибни Шӯъбаҳо магар чӣ буд? Ҳамин Муғира ибни Шӯъба, ки баъдҳо ҷузъи асҳоби хосси Муовия ва аз душманони Алӣ алайҳис салом шуд, дар оғози хилофати амирулмӯъминин омад бо ҳазрат сӯҳбат кард.

Ибтидо сиёсатмадорона ба ҳазрат пешниҳод кард, ки ман ақидаам ин аст, ки шумо феълан дар бораи Муовия як калима ҳарф назанед ва ҳатто тасбиташ кунед, яъне ӯро ҳам монанди афроди дигар, ки лоиқи ҳукумат ҳастанд, феълан тасбит кунед, бигузоред хаёлаш роҳат бишавад; ҳамин ки авзоъ барқарор шуд, якмартиба аз кор барканор кунед. Ҳазрат фармуд: ман чунин коре намекунам, барои ин ки агар бихоҳам Муовияро ҳарчанд барои муддати

муваққат тасбит кунам, маъноят ин аст, ки ман Муовияро ҳарчанд дар ин муддати муваққат солеҳ медонам. Ва ман ӯро солеҳ намедонам ва дар ин замина ба мардум дурӯғ ҳам намегӯям, таҳмил ҳам намекунам. Вақте дид ҳарфаш асар намекунад, гуфт: ман ҳам фикр кардам, дидам, ки ҳамин корро бояд бикунед, ҳақ бо шумост. Инро гуфт ва рафт. Ибни Аббос гуфт: аввал, ки он назарро дод, ақидааш буд, вале дуввум, ки инро гуфт, ақидааш набуд.

Муғира инро гуфт ва назди Муовия рафт. Чаро Алӣ қабул намекард? Барои ин ки идомадиҳандаи роҳу равиши анбиё буд ва он сиёсатбозиҳо ва сиёсатпешагиҳоро надошт. Ин ки гуфтаанд, Абӯбакр нобиға буд, Умар нобиға буд, он нобиға буданҳо ҳамин буд, ки аз ҳар василае барои он ҳадафе, ки доштанд истифода мекарданд.

Чаро иддае намехоҳанд сиёсати Алиро бипазиранд? Чун мебинанд як сиёсати инъитофнопазире дорад; ҳадафе дорад ва василаҳое. Ҳақро ӯ ҳадаф дида; вақте мехоҳад ба он ҳақ бирасад, дар ҳар гому василае, ки ҳақ бошад, истифода мекунад, то ба он ҳадафи ҳақ бирасад. Вале дигарон агар ҳам ҳадафашон фарз кунем ҳақ аст, дигар ба васоил аҳаммият намедиҳанд, мегӯянд, ҳадаф дуруст бошад.

## Расули Акрам ва истихдоми васила

Иддае аз қабилаи Сақиф омаданд хидмати Расули Акрам: ё Расулаллоҳ! Мо мехоҳем мусалмон бишавем, вале сето шарт дорем, ин шартҳоро бипазир. Яке ин ки иҷоза бидеҳ, як соли дигар мо ин бутҳоро парастиш кунем (мисли онҳое, ки мегӯянд, бигузор мо як шиками сер бихӯрем), бигузор як соли дигар мо хуб инҳоро парастиш кунем… Дуввум ин ки ин намоз хеле бар мо сахт ва ногувор аст. (Араб он такаббураш иҷоза намедод рукӯъу суҷуд кунад, чун тамоми намоз хузӯъу хушӯъ аст ва аз ин ҷиҳат бар табиати инҳо гарон буд). Севвум ин ки бути бузургамонро ба мо нагӯ ба дасти худатон бишканед.

Фармуд: аз ин се пешниҳоде, ки мекунед, пешниҳоди охиратон, ки фалон бутро ба дасти худатон нашиканед, монее надорад, ман як нафари дигарро мефиристам. Аммо онҳои дигар, чунин чизе маҳол аст.

Яъне пайғамбар ҳаргиз чунин фикр накард, ки як қабила омада мусалмон бишавад, ӯ, ки чиҳил сол бутро парастида, бигузор як соли дигар ҳам парастиш кунад, баъд аз як сол биёяд мусалмон бишавад. Зеро ин яъне сиҳҳа гузоштан рӯи бутпарастӣ. На фақат як сол, балки агар мегуфтанд: ё Расулаллоҳ! Мо бо ту қарордод мебандем, ки як шабонарӯз бут бипарастем ва баъд аз он мусалмон бишавем — ки ин як шабонарӯзро пайғамбар тибқи

қарордод пазируфта бошад — маҳол буд бипазирад. Агар мегуфтанд: ё Расалуллоҳ! Иҷоза бидеҳ, ки мо як шабонарӯз намоз нахонем, баъд мусалмон бишавем ва намоз бихонем — ки он як шабонарӯз намоз нахондан тибқи қарордод ва имзои пайғамбар бошад — маҳол буд пайғамбар иҷоза бидиҳад. Аз ҳар василае истифода намекард.

## Истифода аз ҷаҳолати мардум ба нафъи дин

Аз ҳама аҷибтар ба назари ман ин аст: аз василаи номуқаддас истифода кардан, як матлаб аст, матлаби дигар, ки аз ин ҳам рақиқтар ва дақиқтар аст ин аст, ки оё аз хоби мардум барои ҳақ мешавад истифода кард ё на?

Масъалае аст: аз хоби ғафлати мардум, аз ҷаҳолат ва нодонии мардум ба нафъи дин истифода кардан. Ба назар мерасад, камтар касе бигӯяд ин кор монее дорад. Мегӯянд, ин бечора одами ҷоҳиле аст, одами нодоне аст, одами бехабаре аст, дар ҳамон олами бехабарӣ ва ҷаҳолат ва нодонии худаш, як эътиқодҳое пайдо карда. Фалон кас аз роҳи Бибӣ Шаҳрбону масалан, як ақида ва имоне пайдо карда. Ҳоло мо чӣ кор дорем, ки ӯро аз хобаш бедор кунем? Ӯ билохира аз ҳамин роҳ эътиқод пайдо карда, ки воқеан Шаҳрбону модари ҳазрати Саҷҷод дар Карбало будааст ва баъд, ки Имом Ҳусайн шаҳид шудааст, якмартиба савори аспе, ки дар онҷо баста буда шуда ва ба ин асп шаллоқ зада ва баъд ҳам атбоъи Умари Саъд ӯро таъқиб кардаанд, ӯ фирор карда ва онҳо омадаанд. Ҳоло агар бигӯем, аспи Бибӣ Шаҳрбону назаркарда буда, ночор бояд бигӯем аспҳои лашкари Умари Саъд ҳам назаркарда будаанд, ки саду панҷоҳ фарсах як нафас омаданд ва тоза онҳо назаркардатар будаанд, чун Бибӣ Шаҳрбону ба он кӯҳ, ки расид, дигар аспаш дошт аз роҳ мемонд, онҳо доштанд мерасиданд. Вақте доштанд ӯро мегирифтанд, мехост бигӯяд: “Ё Ҳу!” маро бигир, иштибоҳ кард, гуфт: “Ё кӯҳ!” маро бигир! Ва кӯҳ ҳам гирифт.[21]

---

[21] *Шаҳрбону ба эътиқоди бархеҳо, шоҳзодаи эронӣ ва духтари Яздгирди севвум, охирин подшоҳи сосонӣ буд, ки дар ҳамлаи мусалмонон ба Эрон, ки ба шикасти сипоҳи шоҳи Эрон ва суқути силсилаи сосонӣ анҷомид, ба асорати мусалмонон даромад. Бархе муддаӣ ҳастанд, ки Имом Ҳусайн ибни Алӣ бо Шаҳрбону издивоҷ кардааст ва ҳосили ин издивоҷ Имом Саҷҷод (Алӣ ибни Ҳусайн) аст. Муртазо Мутаҳҳарӣ ва низ Сайидҷаъфари Шаҳидӣ ва Алӣ Шариатӣ дар сиҳҳати достони издивоҷи Имом Ҳусайн бо Шаҳрбону тардид карда ва ин ривоятро рад кардаанд.*

Аҷиб аст! Гуфт: Хасан ва Хусайн духтарони Муғовия! Таърих ва ҳадис ба мо мегӯяд, волидаи мукаррамаи ҳазрати Саҷҷод (Саломуллоҳи алайҳи!) дар нифос яъне баъд аз вазъи ҳамл аз дунё рафт ва асосан дар Карбало вуҷуд надошт. Як мақталро шумо намебинед, ки гуфта бошад волидаи ҳазрати Саҷҷод (ҳоло Бибӣ Шаҳрбону ё ҳар каси дигаре) аслан дар Карбало вуҷуд доштааст. Афсонае аст, ки афсонасозҳо ҷаъл кардаанд, як идда ҳам ба он эътиқод доштаанд.

Иддае мегӯянд, ҳоло мо чӣ кор ба ин ҳарф дорем, дурӯғ аст, ки дурӯғ бошад, вале мардум аз ҳамин роҳ билохира як имон ва эътиқоде пайдо кардаанд.

Ин дуруст аст ё на? Яъне мардум аз хоби ғафлат, аз ҷаҳолат ва нодонӣ, аз як силсила хурофот, билохира ба як ақидаи саҳеҳе расидаанд; оё мо ҳақ дорем инҳоро тасбит ва имзо кунем ё на?

На. Дар каломи амирулмӯъминин, ки қаблан хондам нуктае буд, ки ёдам рафт арз бикунам. Он ҷо, ки мефармояд:

**طَبيبٌ دَوّارٌ بِطِبِّهِ، قَدْ اَحْكَمَ مَراهِمَهُ وَاَحْمى مَواسِمَهُ**

Баъд зайлаш мефармояд:

---

*Дар таъзияи маҷлиси Шаҳрбону (ки чӣ афсонаҳое бофта намешавад) омадааст: чун Ҳусайн кушта мешавад, Зулҷаноҳ (аспи Имом Ҳусайн) ба хайма омада ва Шаҳрбонуро ба шаҳри Рай мебарад. Шаҳрбону ба иштибоҳ ба ҷойи "Ё Ҳу!", "Ё кӯҳ!" гуфта. Ва кӯҳ аз ҳам шикофта мешавад.*

*Дар достонҳои афсонамонанд омада, ки дар набарди Карбало Шаҳрбону ба назди Имом Ҳусайн меравад ва мегӯяд: "Ман дар инҷо зане ғарибам, таклифам чист?" Имом Ҳусайн мегӯяд: "Савори Зулҷаноҳ шав, ҳар ҷо муқаддар аст, хоҳӣ расид." Зулҷаноҳ парвоз мекунад ва Шаҳрбонуро дар кӯҳе дар канори шаҳри Рай фуруд меоварад. Ӯ аз Худо ёрӣ мехоҳад, аммо аз тарси муҳоҷимон, ба ҷойи ин ки бигӯяд: "Ё Ҳу!", мегӯяд: "Ё кӯҳ!" Ҳамон лаҳза кӯҳ даҳон боз мекунад ва ӯро паноҳ медиҳад, аммо гӯшаи чодураш берун мемонад ва ин маҷолро ба дӯстдорони Ҳусайн медиҳад, то ба ин роз пай бибаранд ва онҷо мақбарае барои Шаҳрбону бисозанд.*

يَضَعُ مِنْ ذلِكَ حَيْثُ الْحاجَةُ اِلَيْهِ مِنْ قُلوبٍ عُمْيٍ وَاذانٍ صُمٍّ وَاَلْسِنَةٍ بُكْمٍ

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 107*) Пайғамбар абзору васоиле, ки ба кор мебурд, як ҷо қудрат ва мавсам ба кор мебурд, як ҷо марҳам; як ҷо бо хушунат ва салобат рафтор мекард, як ҷо бо нармӣ, вале мавоpидашро мешинохт. Ва баъд ин тавр таъбир мекунад: дар ҳама ҷо аз ин васоил, ки истифода мекард, дар ҷиҳати бедорӣ ва огоҳии мардум истифода мекард. Шамшерро ҷое мезад, ки мардумро бедор кунад, на ба хоб кунад. Ахлоқро дар ҷое ба кор мебурд, ки сабаби огоҳӣ ва бедорӣ мешуд. Шамшерро дар ҷое ба кор мебурд, ки дили кӯреро бино мекард, гӯши кареро шунаво мекард, чашми кӯреро боз мекард, забони гунгеро гӯё мекард. Яъне тамоми васоиле, ки пайғамбар ба кор мебурд, дар ҷиҳати бедории мардум буд.

## Вафоти фарзанди пайғамбар ва гирифтани хуршед

Достоне аст, ки дар китобҳои ҳадисии мо омадааст ва ҳатто аҳли тасаннун ҳам нақл кардаанд. Расули Акрам писаре аз Морияи Қибтия дорад ба номи Иброҳим ибни Расулиллоҳ. Ин писар, ки мавриди алоқаи Расули Акрам аст, дар ҳаҷдаҳ моҳагӣ аз дунё меравад. Расули Акрам, ки конуни отифа буд, қаҳран мутаассир мешавад ва ҳатто ашк мерезад ва мефармояд: дил месӯзад ва ашк мерезад, эй Иброҳим, мо ба хотири ту маҳзунем, вале ҳаргиз чизе бар хилофи ризои парвардигор намегӯем. Тамоми мусалмонон нороҳат ва мутаассир ба хотири ин ки ғуборе аз ҳузн бар дили мубораки Пайғамбари Акрам нишастааст.

Ҳамон рӯз тасодуфан хуршед мункасиф (кусуф) мешавад ва мегирад. Мусалмонон шак накарданд, ки гирифтани хуршед ҳамоҳангии олами боло ба хотири пайғамбар буд. Яъне хуршед гирифт барои ин ки фарзанди пайғамбар аз дунё рафтааст. Ин матлаб дар миёни мардуми Мадина печид ва зану мард якзабон шуданд, ки дидӣ?! Хуршед ба хотири ҳузне, ки оризи Пайғамбари Акрам шуд, гирифт. Дар ҳоле, ки пайғамбар ба мардум нагуфта — Алаёзу биллоҳ! — ки гирифтани хуршед ба хотири ин будааст. Ин амр сабаб шуд, ки ақида ва имони мардум ба пайғамбар изофа шавад ва мардум ҳам дар ин гуна масоил беш аз ин фикр намекунанд.

Вале пайғамбар чӣ мекунад? Пайғамбар намехоҳад аз нуқоти заъфи мардум барои ҳидояти мардум истифода кунад; мехоҳад аз нуқоти қуввати мардум истифода кунад. Пайғамбар намехоҳад аз ҷаҳолат ва нодонии мардум ба нафъи ислом истифода кунад; мехоҳад аз илму

маърифати мардум истифода кунад. Пайғамбар намехоҳад аз ноогоҳӣ ва ғафлати мардум истифода кунад; мехоҳад аз бедории мардум истифода кунад. Чун Қуръон ба ӯ дастур дода:

**ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ**

(*"Ба роҳи парвардигорат бо ҳикмат (далоили ақлӣ) ва андарзи некӯ даъват кун ва бо беҳтарин равиш бо онон ба баҳсу муҷодила пардоз…" (Сураи Наҳл, ояти 125)*) Васоиле зикр карда. (Пайғамбар нафармуд) авом чунин ҳарфе аз рӯи ҷаҳолаташон гуфтаанд, (ҳоло) —

**خُذِ الْغاياتِ وَاتْرُكِ الْمَبادِئ**

("*Ба ҳадафҳо бипардоз ва васоилро раҳо кун.*") Билохира натиҷаи хуб аз ин гирифтаанд, мо ҳам, ки ба онҳо нагуфтем, мо дар инҷо сукут мекунем. Сукут ҳам накард. Омад болои минбар сӯҳбат кард, хотири мардумро роҳат кард, гуфт: ин ки хуршед гирифт, ба хотири баччаи ман набуд.

Марде, ки ҳатто аз сукуташ суистифода намекунад, ин гуна бояд бошад. Чаро? Барои ин ки аввалан ислом эҳтиёҷ ба чунин чизҳое надорад. Бигузор касоне биравand аз хобҳои дурӯғ, аз ҷаълҳо ва аз ин ҷур сукутҳо истифода кунанд, ки динашон мантиқ надорад, бурҳону далел надорад ва осори ҳаққонияти динашон равшану намоён нест. Ислом ниёзе ба ин ҷур чизҳо надорад.

Сониян, ҳамон касе ҳам, ки аз ин васоил истифода мекунад, дар ниҳояти амр иштибоҳ мекунад. Масали маъруф: ҳамагонро ҳамеша наметавон дар ҷаҳолат нигоҳ дошт. Яъне баъзе аз мардумро ҳамеша мешавад дар ҷаҳолат нигоҳ дошт, ҳамаи мардумро ҳам дар як замон мешавад дар ҷаҳолат ва бехабарӣ нигаҳ дошт, вале ҳамагонро барои ҳамеша намешавад дар ҷаҳолат нигаҳ дошт.

Гузашта аз ин ки Худо иҷоза намедиҳад (ва ба иборати дигар) агар ин асл ҳам дар кор набуд, пайғамбаре, ки мехоҳад динаш то абад боқӣ бимонад, оё намедонад, ки сад соли дигар, дивист соли дигар, ҳазор соли дигар мардум меоянд ҷури дигаре қазоват мекунанд?! Ва болотар ҳамин, ки Худо ба ӯ иҷоза намедиҳад.

## Василаи ҳақ барои ҳадафи ҳақ

Барои ҳақ бояд аз ҳақ истифода кард. Маънии ин ҳарф ин аст: агар ман бидонам чунончи як ҳарфи ноҳақ ва нодуруст, як дурӯғ бигӯям ё як ҳадиси заиф; ҳадисе, ки худам медонам дурӯғ аст, барои шумо бихонам, ҳамин имшаб ҳамаи гунаҳкорони шумо тавба мекунанд ва ҳамаи

шумо намозишабхон мешавед, (дар айни ҳол) ислом ба ман чунин kореро иҷоза намедиҳад. Оё ислом иҷоза медиҳад, мо дурӯғ бигӯем, ки мардум барои Имом Ҳусайн ашк бирезанд? Он ки мешунавад, ки намедонад дурӯғ аст, ашк рехтан барои Имом Ҳусайн ҳам, ки шак надорад аҷру савоб дорад, оё ислом иҷоза медиҳад?

Абадан. Ислом ниёзе ба ин дурӯғҳо надорад. Ҳақро бо ботил омехтан, ҳақро аз миён мебарад. Вақте инсон ҳақро замимаи ботил кард, ҳақ дигар намеистад, худаш меравад. Ҳақ тоби ин ки ҳамроҳи ботил боқӣ бимонад, надорад.

Гуфтанд: яке аз уламои бузурги яке аз шаҳристонҳо пойи минбаре нишаста буд. Як оқое, ки шоли сайидӣ ба сар дошт, равзаҳои дурӯғ мехонд. Он оқо, ки аз муҷтаҳидини хеле бузург буда, аз пойи минбар гуфт: оқо! Инҳо чист дорӣ мегӯӣ? Як вақт ӯ аз болои минбар фарёд зад: ту бирав дунболи фиқҳу усулат, ихтиёри ҷадди худамро дорам, ҳарчи дилам бихоҳад мегӯям. “Ихтиёри ҷаддамро дорам” яъне чӣ?!

Ғаразам ин аст: яке аз роҳҳое, ки аз он роҳ бар дин аз ҷанбаҳои мухталиф зарба ворид шудааст, риояt накардани ин асл аст, ки мо ҳамон тавр, ки ҳадафамон бояд муқаддас бошад, васоиле ҳам, ки барои ин ҳадафи муқаддас истихдом мекунем, бояд муқаддас бошад.

Масалан, мо набояд дурӯғ бигӯем, набояд ғайбат кунем, набояд тӯҳмат бизанем. На фақат барои худамон набояд дурӯғ бигӯем, ба нафъи дин ҳам набояд дурӯғ бигӯем, яъне ба нафъи дин ҳам набояд бединӣ кунем. Чун дурӯғ гуфтан бединӣ аст. Ба нафъи дин дурӯғ гуфтан, ба нафъи дин бединӣ кардан аст. Ба нафъи дин тӯҳмат задан, ба нафъи дин бединӣ кардан аст. Ба нафъи дин ғайбат кардан, ба нафъи дин бединӣ кардан аст. Дин иҷоза намедиҳад ҳарчанд ба нафъи худаш мо бединӣ кунем.

**ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ**

Бибинед, сираи таблиғи Пайғамбари Акрам — ки аз муҳимтарин сираҳои эшон аст — чӣ гуна буда! Пайғамбар исломро чӣ гуна таблиғ кард? Чӣ гуна иршод ва ҳидоят кард? Баъдан – иншоаллоҳ — дар бораи сираи таблиғии Расули Акрам сӯҳбат мекунам ва ароизе арза медорам.

## Алӣ ва бастани об ба рӯи душман

Мо воқеан бояд дар аҳволи пешвоёни бузурги динамон яъне дар аҳволи маъсумин тааммул ва тафаккур кунем, бибинем, онҳо чӣ гуна буданд. Ин хеле фикр дорад: ҷанги Сиффин дар яке аз каронаҳои Фурот рух дод. Асҳоби Муовия “шариа” яъне маҳаллеро, ки мешуд об

бардошт, мегиранд. Баъд Алӣ алайҳис салом ворид мешавад. Асҳобаш бе об мемонанд. (Пайкеро) назди Муовия мефиристад, ки охир, мо аввал барои музокира ва сӯҳбат кардан омадаем, балки Худованд бо мусолимат ин мушкилро аз миёни мусалмонон бардорад ва ҳал кунад; чаро даст ба чунин коре задӣ? Вале Муовия, ки фикр мекунад пирӯзии бузурге ба даст оварда, гӯшаш бадеҳкор нест. Вақте, ки амирулмӯъминин мебинад, ки фоида надорад, дастури ҳамла медиҳад ва ҳамон рӯз ба Шом нарасида, асҳоби Муовия ронда мешаванд ва асҳоби Алӣ алайҳис салом шариаро мегиранд. Баъд асҳоб мегӯянд: мо ҳоло дигар муқобила ба мисл мекунем ва иҷоза намедиҳем инҳо об бардоранд. Алӣ алайҳис салом мегӯяд: вале ман ин корро намекунам, чун об як чизе аст, ки Худо онро барои кофиру мусалмон қарор дода. Ин кор дур аз шаҳомат ва футувват ва мардонагӣ аст. Онҳо чунин карданд, шумо накунед. Алӣ намехоҳад пирӯзиро ба баҳои як амали ноҷавонмардона ба даст биёварад. Ин нукот дар сираи бузургон зиёд аст.

## Амру Ос ва истихдоми васила

Достонеро мегӯям, шояд хеле аз афрод бигӯянд, агар мо ба ҷои Алӣ будем, ин корро намекардем. Амр ибни Ос муҷассамаи шайтанат ва разолат аст. Рӯзе Алӣ алайҳис салом дар Сиффин омад ва фарёд кард: Муовия! Чаро ин ҳама мардуми мусалмонро ба куштан медиҳӣ? Худат биё бо якдигар набард кунем, ҳар, ки ғолиб шуд ва ҳар, ки мағлуб шуд. Мантиқи равшан буд, натиҷа ҳам аз аввал маълум аст. Амри Ос гоҳе сар ба сари Муовия мегузошт; мегуфт: Муовия! Рост мегӯяд, ҳарф ҳамин аст, ту ҳам, ки марди шуҷоъе ҳастӣ, аслиҳа бипӯш, бирав ба ҷанги Алӣ.

Муовия, ки ҳисоб дасташ буд, бо найранг тавонист рӯзе Амри Осро ба ҷанг бифиристад, вале на ба ҷанг бо Алӣ алайҳис салом. Албатта ӯ фӣ ҳадди зотих (ба худии худаш) марди шуҷоъе буда, Мисрро ӯ фатҳ карда буд. Амри Ос аслиҳа пӯшид, омад дар майдони ҷанг ва мубориз талабид:

يا قادَةَ الْكوفَةِ مِنْ اَهْلِ الْفِتَنْ

يا قاتِلى عُثْمانَ خَيْرِ الْمُؤْتَمَنْ

يا اَيُّهَا الْأَشرافُ مِنْ أَهْلِ الْيَمَنْ

اَضْرِبُكُمْ وَلا أرى اَبا حَسَنْ

(*“Эй сардорони Куфа, ки аҳли фитнаҳо ҳастед! Эй қотилони Усмон; он марди амин! Эй ашрофи Яман! Шуморо мезанам ва Алиро (дар миёни шумо) намебинам.” (Китоби Сиффин, Наср ибни Музоҳим, с.371)*)

Зимнан гӯшаву канорро нигоҳ мекард, ки як вақт бо ҳазрати Алӣ мувоҷеҳ нашавад. Мегуфт: шуморо мезанам, вале Алиро намебинам. Аз ҷумлаи ҷоҳое, ки навиштаанд ҳазрати Абулфазл (ҳузур дошта), зоҳиран ҳамин ҷо буда, ки ҷавоне чаҳордаҳсола будааст. Амирулмӯъминин оҳиста ба гунае, ки Амри Ос ибтидо нафаҳмад, ки Алӣ аст — вале намехост, то охир ҳам дар ғафлат боқӣ бимонад — омад ва омад. Амри Ос нафаҳмид, ки Алӣ алайҳис салом аст. Ҳазрат наздик, ки расид, нахост боз ҳам ӯ нафаҳмад бо кӣ мувоҷеҳ аст, гуфт:

اَنَا الْإِمامُ الْقُرَشِىُّ الْمُؤْتَمَن

“Манам имоми қурайшии муътаман.” Худашро муаррифӣ кард: ман Алӣ ҳастам, ки дигар Амри Ос худашро бохт, фавран сари аспро баргардонд ва шурӯъ ба фирор кард. Амирулмӯъминин ӯро таъқиб кард, шамшере ба ӯ зад, ӯ аз рӯи асп парид ва ба замин хӯрд. Ман намедонам қаблан чӣ пешбиние карда буд; фавран кашфи аврат кард, чун медонист Алӣ марде нест, ки бо як одаме инчунин мувоҷеҳ шавад. То ин чур кард, ҳазрат рӯяшонро баргардонданд ва рафтанд. Муовия то охири умр мегуфт: Амри Ос! Вале ту шафеъи хубе пайдо кардӣ; дар ҳамаи дунё ман як нафарро пайдо намекунам, ки шафеъе ба ин муқаддасӣ пайдо карда бошад.

Ҳоло одамҳое, ки барои ҳадафҳо аз ҳар василае истифода мекунанд, типи Амри Осанд.

Ҳар касе дигар бошад, мегӯяд: вой! Бибин, чӣ одамеро Алӣ дар чӣ фурсате раҳо кард! Хуб, як шамшер ҳаволааш мекардӣ, падарашро дармеовардӣ.

Вале Алӣ марде набуд, ки ҳарчанд барои куштани Амри Ос (ин марде, ки барои наҷоти худаш ба аврати худаш мутавассил шуда) аз масири ҳақ мунҳариф шавад. Рӯяшро

баргардонд ва рафт. Ва мо назоири инҳоро дар сираи имомони атҳор ва Пайғамбари Акрам зиёд мебинем; бо душман ҳам, ки рӯбарӯ мешаванд, даст аз он маъолии ахлоқ ва макорими ахлоқи худашон барнамедоранд. Инҳост, ки нишон медиҳад, ки инҳо дар як сатҳи дигаре буданд ва дар сатҳи дигаре фикр мекарданд. Онҳо худашонро посдори ҳақ ва ҳақиқат медонанд.

## Имом Ҳусайн ва истихдоми васила

Барои Имом Ҳусайн масъала ин нест, ки кушта бишавад ё кушта нашавад; масъала ин аст, ки дин кушта нашавад… Субҳи Ошуро мешавад. Шимр ибни Зилҷавшан, ки дар бадсириштӣ шояд дар дунё назире надорад, шитоб дорад, ки қабл аз шурӯи ҷанг биёяд авзоъро бибинад. Фикр кард аз пушти хаймаҳо биёяд, балки даст ба ҷинояте бизанад. Вале намедонист, ки қаблан Имом Ҳусайн пешбинӣ дидааст; дастур дода хаймаҳоро наздики якдигар ба шакли хатти мунҳанӣ дарбиёваранд, пушташ ҳам як хандақ бикананд ва миқдоре найи хушк дар онҷо бирезанд ва оташ бизананд, ки душман натавонад аз пушти сар биёяд. Вақте (Шимр) омад, бо ин вазъ мувоҷеҳ шуд, нороҳат шуд ва шурӯъ кард ба фаҳҳошӣ кардан. Баъзе асҳоб ҷавоб доданд, албатта на фаҳҳошӣ. Яке аз бузургони асҳоб гуфт: ё Абӯадуллоҳ! Иҷоза бидиҳед алъон бо як тир ҳамин ҷо ҳаромаш кунам. Фармуд: на.
Хаёл кард ҳазрат таваҷҷӯҳ надоранд ба ин ҷиҳат, ки ӯ чӣ одаме аст. Гуфт: ё Ибна Расулиллоҳ! Ман инро мешиносам ва медонам чӣ шақийе аст. Фармуд: медонам. Пас чаро иҷоза намедиҳед? Фармуд: ман намехоҳам шурӯъ карда бошам. То дар миёни мо ҷанг барқарор нашудааст, ҳанӯз ба сурати ду гурӯҳи мусалмон рӯбарӯи якдигар ҳастем. То онҳо даст ба ҷангу хунрезӣназананд, ман даст ба ҷанг намезанам. Ин асли қуръониро, ки дар Қуръон аст:

الشَّهْرُ الْحَرَامُ بِالشَّهْرِ الْحَرَامِ وَالْحُرُمَاتُ قِصَاصٌ فَمَنِ اعْتَدَى عَلَيْكُمْ فَاعْتَدُوا عَلَيْهِ بِمِثْلِ مَا اعْتَدَى عَلَيْكُمْ

(*“Моҳи ҳаром дар муқобили моҳи ҳаром аст (пас агар мушрикин дар моҳи ҳаром бо шумо ҷангиданд, шумо ҳам дар моҳи ҳаром бо онон биҷангед) ва дар чизҳои мӯҳтарам қисос ҷоиз аст. Пас, ҳар кас ба шумо таҷовуз кард, шумо ҳам ба ҳамон андоза, ба ӯ таҷовуз кунед…” (Сураи Бақара, ояти 194)*), ки ҳазрати амир ҳам дар Сиффин ба ҳамин оят истинод мекард ва мегуфт, ман ба ҳукми ин оят шурӯъ намекунам, вале агар шурӯъ карданд, дифоъ мекунем. Имом Ҳусайн дар мавриди Шимр ҳам риоят мекунад ва мегӯяд, қабл аз он ки ҷанг амалан аз тарафи душман шурӯъ бишавад, аз тарафи мо набояд шурӯъ бишавад. Ин нукот аст, ки

мақоми маънавияти Имомро нишон медиҳад, ки онҳо чӣ гуна фикр мекарданд: як асли кучак ҳарчанд як мустаҳаб ҳам набояд поймол шавад.

Вале дар душман ин фикрҳо нест. Кам-кам рӯз бармеояд. Лашкари Умари Саъд омода мешаванд. Имом Ҳусайн алайҳис салом ҳам маймана ташкил медиҳад, майсара ташкил медиҳад, қалб ташкил медиҳад, парчамдор қарор медиҳад ва фикр намекунад, ки онҳо 30 ҳазор нафаранд, мо 72 нафар. Майманаро ба Зуҳайр медиҳад, майсараро ба Ҳабиб ва парчамро ба бародараш Абулфазли Аббос (Саломуллоҳи алайҳи!) Марду мардона дар муқобили 30 ҳазор нафар лашкар меистад.

Вале душман усулӣ нест, асле надорад, барои ӯ мардонагӣ ва номардӣ матраҳ нест.

Умари Саъд ҳам тамаъи дунё ва ҳукумати Рай ҷилави чашмашро гирифтааст ва тамоми корҳояш шакли чоплусӣ ва ҷалби ризояти Убайдуллоҳи Зиёдро дорад, ки чӣ кор кунем, ки вақте назди Убайдуллоҳ меравем, ӯ аз мо бештар розӣ бошад ва дигар эроду ишколе дар ҳукумати Рай ворид нашавад. Як вақт тиреро ба камон мекунад. Аввалин тирро худи писари Саъд ба тарафи лашкари Имом Ҳусайн партоб мекунад ва баъд мегӯяд: айюҳаннос, лашкариёни ман! Ҳамаи шумо дар ҳузури амир шаҳодат бидиҳед, ки аввалин тирро худам партоб кардам.

Писари Саъд ҳадди ақал чаҳор ҳазор тирандоз дорад. Тир мисли борон ба тарафи асҳоби Имом Ҳусайн омад. Навиштаанд, иддае аз асҳоби Имом Ҳусайн ҳам, ки тирандоз буданд, махсусан як зонуро хам карданд ва як зонуро баланд ва мардона шурӯъ карданд ба тирандозӣ кардан.

Дар муқобили ҳар нафарашон, ки меафтод, чанд нафар аз душман меафтоданд, ки шояд бештари асҳоби Абӯадуллоҳ дар ҳамин тирандозӣ аз байн рафтанд. Вале Ҳусайн шурӯъ накард. Ҷанги рӯзи Ошуро бо як тир оғоз шуд ва бо як тир поён ёфт: бо тири Умари Саъд оғоз шуд ва бо як тири сешӯъбаи заҳролуд поён ёфт.

### فَوَقَفَ لِيَسْتَرِيحَ ساعَةً

Ҳусайн истод, то лаҳзае истироҳат кунад. Душман, ки абадан фикр намекунад Ҳусайн як нафар аст ва бо шамшер меҷангад ва бояд аз наздик бо ӯ ҷангид, чун медонад агар Ҳусайн тамоми нерӯҳояш ҳам заиф шуда бошад, наметавонад бо ӯ биҷангад, аз дур санг мепаронанд. Пешонии муқаддаси Абӯадуллоҳ мешиканад. Пероҳанро боло мебарад, ки хунҳоро пок кунад. Инҷост, ки ҷанги Ошуро поён меёбад. Абӯадуллоҳ аз рӯи асп ба рӯи

замин меафтад. Дигар намегӯям чӣ шуд, ҳамин қадр арз мекунам, ки як вақт шуниданд, ки фармуд:

بِاسْمِ اللهِ وَبِاللهِ وَعَلى مِلَّةِ رَسولِ الله

وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

باسمك العظيم الأعظم الأجلّ الأكرم يا الله

Парвардигоро! Оқибати амри ҳамаи мо хатми ба хайр бифармо!

Моро кадрдони исލому Қуръон қарор бидеҳ!

Моро ҳақшинос ва истифодакунанда аз василаи ҳақ қарор бидеҳ!

Анвори муҳаббату маърифати худатро дар дилҳои мо қарор бидеҳ!

Анвори муҳаббату маърифати пайғамбарат ва оли пайғамбаратро дар дилҳои мо битобон!

Амвоти мо машмули иноятӯ мағфирати худат бифармо!

وعجّل في فرج مولانا صاحب الزمان

## Посух ба ду пурсиш

## Достони Довуд алайҳис салом ва масъалаи истихдоми васила

Дар мавзӯи истихдоми васила, ки барои даъват ва иршод ба ҳақ аз ботил набояд истифода кард суол кардаанд: пас дар достони Довуди пайғамбар, ки дар Қуръони Карим омадааст матлаб аз чӣ қарор аст?

Мумкин аст бархе бо ин достон собиқа надошта бошанд. Достон он тавр, ки дар Қуръон омадааст, ҳамин қадр аст, ки мефармояд: достони бандаи мо Довудро ёд кун он гоҳ, ки дар меҳроб буд ва ногоҳ аз болои меҳроб ҷамъе (гурӯҳи мутахосим) омаданд, ки зоҳир ин аст, ки беш аз ду нафар будаанд, агарчӣ дар як ҷо ба забони фард мегӯяд:

إِنَّ هَذَا أَخِي

Вале таъбирҳои дигар таъбирҳои ҷамъ аст ва мисли ин ки беш аз ду нафар будаанд. Қуръон матлабро ба ин сурат тарҳ кардааст, ки ин ду нафар назди Довуд омаданд. (Ва медонед, ки Довуд аз касоне аст, ки ҳам пайғамбари Худо ва ҳам малик ва подшоҳ яъне ҳоким дар миёни қавми худаш будааст). Яке аз ин ду нафар аз дигаре шикоят кард (ё яке аз афрод ба намояндагии ҷамъ аз дигаре шикоят кард), гуфт: ин бародари ман аст (ҳоло ё воқеан

бародари сулбӣ будааст ё бародари динӣ), наваду нӯҳ гӯсфанд дорад ва ман яке бештар надорам, дар айни ҳол омада аз ман ҳамон якеро ҳам бо хушунат мутолиба мекунад:

فَقَالَ أَكْفِلْنِيهَا وَعَزَّنِي فِي الْخِطَابِ

(*"Ин якро ҳам гуфта ба ман вогузор ва бо ман ба қаҳру ғалаба ва таҳдидомез хитоб кардааст." (Сураи Сод, ояти 23)*) Қуръон ҳамин миқдор нақл мефармояд, ки шикояткунанда чунин изҳор дошт ва дигар нақл намекунад, ки дигаре аз худаш дифоъ кард ё накард. Баъд мефармояд, ки Довуд гуфт:

لَقَدْ ظَلَمَكَ بِسُؤَالِ نَعْجَتِكَ إِلَى نِعَاجِهِ وَإِنَّ كَثِيرًا مِنَ الْخُلَطَاءِ لَيَبْغِي بَعْضُهُمْ عَلَى بَعْضٍ

(*"Албатта бар ту зулм карда, ки хостааст як меши туро ба мешҳои (наваду нӯҳгонаи) худ изофа кунад..." (Сураи Сод, ояти 24)*) Ӯ бо ин кораш ба ту ситам кардааст. Бале, бисёре аз афрод, шурако, афроде, ки бо якдигар наздиканд ва ихтилофе бо ҳам доранд, баъзе ба баъзе дигар зулм мекунанд.

Баъд Қуръон мегӯяд, ки Довуд "занна" — ки гуфтаанд ба маънои "алима" (донист, илм пайдо кард) аст — донист, ки ин аз тарафи мо имтиҳоне будааст:

وَظَنَّ دَاوُودُ أَنَّمَا فَتَنَّاهُ

(*"Ва Довуд донист, ки мо ӯро сахт имтиҳон кардаем." (Сураи Сод, ояти 24)*), ки мо мавриди ибтило ва имтиҳонаш қарор додаем, пас ба тазаррӯъу тавбаву истиғфор афтод ва Худо ҳам тавбаи ӯро пазируфт. Қуръон беш аз ин матлабро баён накардааст.

Дар инҷо ду суол матраҳ аст: яке ин ки онҳое, ки назди Довуд омаданд, кӣ буданд? Оё воқеан инсонҳое буданд ва ин достон ҳам достони воқеӣ буд? Воқеан инсонҳое буданд ва яке аз онҳо гӯсфандони зиёде дошт ва дигаре яке дошт ва он ки зиёд дошт, мехост моли он дигареро ҳам бибарад ва баъд ӯ шикоят кард ва Довуд қазоват намуд? Ё на, инҳо асосан инсон набуданд, фариштагоне буданд, ки Худо барои имтиҳони Довуд фиристод ва чун фаришта буданд, мавзӯъ ҳақиқат надошт. Яъне воқеан гӯсфанде дар кор набуд, ду бародаре набуданд, тааддӣ ва таҷовузе набуд, балки инҳо ба амри Худо омаданд ин саҳнаро барои имтиҳони Довуд ва ба таъбири онҳо, барои танаббуҳи Довуд сохтанд. Довуд ҳам ногаҳон мутаваҷҷеҳ шуд ва ба истиғфор афтод. Ва агар инҳо фаришта буданд, чаро омаданд, то сабаби бедории Довуд бишаванд?

Дар инҷо ривоятҳое аз аҳли тасаннун бахусус ҳаст ва намедонам дар шиа ҳам ҳаст ё на, вале тафсири “*Алмизон*” аз “*Маҷмаъул-баён*” нақл мекунад, ки Маҷмаъ хулосаи инҳоро зикр карда ва такзиб ва рад намудааст. Ба ҳар ҳол, ривоят агар заиф бошад, фарқ намекунад моли шиа бошад ё суннӣ. Дар баъзе аз ривоятҳо омадааст, ки ин достон чунин будааст, ки Довуди пайғамбар занони мутаъаддиде дар хона дошт, дар айни ҳол дар ҷараёне (шефтаи зане шуд). Ҷараён ин буд, ки Довуд дар меҳробаш ибодат мекард, шайтон ибтидо ба сурати як мурғи зебо дар он равзанае, ки дар он ҷойгоҳи ибодат вуҷуд дошт зоҳир шуд. Ончунон ин мурғ зебо буд, ки Довуд намозашро шикаст. Рафт онро бигирад. (Паранда) он тарафтар парид. Рафт бигирад. (Мурғ) рӯи пушти бом парид. Довуд ҳам давид ва ба пушти боми дорулимора ва доруссалтанааш рафт. Иттифоқан, зани яке аз сарбозҳо ба номи Уриё (дар хонаи муҷовир) оббозӣ мекард ва зане буд дар ниҳояти ҷамолу зебоӣ. Дили Довудро бурд. Таҳқиқ кард ин кист? Ин зани фалон сарбоз аст. Он сарбоз куҷост? Дар майдони ҷанг аст. Номае ба сардори худаш навишт, ки ҳар ҷур ҳаст ин сарбозро ба ҷое бифирист, ки ҷони солим бадар набарад ва кушта шавад. Ӯ ҳам он сарбозро ба муқаддами ҷабҳа фиристод ва ӯ кушта шуд. Вақте, ки ӯ кушта шуд, ин зан биломонеъ шуд. Иддааш, ки тамом шуд, Довуд бо ӯ издивоҷ кард.

Малоика ин саҳнаи сохтагиро барои ин сохтанд, ки ба ӯ бигӯянд: масали ту масали одаме аст, ки наваду нӯҳ гӯсфанд дорад ва рафиқаш як гӯсфанд дорад. Бо ин ки худаш наваду нӯҳ гӯсфанд дорад, тамаъ ба як гӯсфанди дигарон ҳам бастааст. Довуд тоза мутаваҷҷеҳ шуд, ки муртакиби гуноҳ шудааст, ки тавба кард ва Худо ҳам тавбаашро қабул кард.

## Ҳақиқати достон

Дар китоби “*Уюну ахборир Ризо*” дар мубоҳисоте, ки Имом Ризо алайҳис салом бо асҳоби милалу мақолот яъне бо намояндагони мазоҳиби мухталифи ғайри исломӣ ва баъзе мазоҳиби исломӣ, бо яҳудиҳо, насрониҳо, зардуштиҳо, ситорапарастон ва баъзе аз уламои аҳли тасаннун анҷом дода, ривоят шудааст, ки дар маҷлисе, ки Маъмун ташкил дода буд ва Имом мубоҳиса мекард, ҳазрати Ризо аз яке аз пешвоёни аҳли тасаннун суол кард, ки шумо дар бораи достони Довуд, ки иҷмолаш дар Қуръон омадааст, чӣ мегӯед?

Ӯ ҳамин ҳарфро зад. Имом фармуд: Субҳоналлоҳ! Чӣ тавр шумо ба пайғамбари Худо чунин нисбате медиҳед?! Охир, ин чӣ пайғамбаре шуд, ки машғули намоз бошад, чашмаш ба як кабӯтари зебо, ки биафтад, ончунон дастпоча бишавад, ки намозашро бишканад?! Ин гуноҳи аввал, яъне фисқ.

Тоза, баъд аз шикастани намозаш, мисли баччаҳо дунболи кабӯтар бидавад. Дар ҳоле, ки ҳам пайғамбар аст ва ҳам подшоҳ. Ва гӯӣ касе ҳам набуда, ки ба ӯ бигӯяд, он кабӯтарро барои ман бигир. То пушти бом биравад ва онҷо як кабӯтари дигар аз навъи инсон барояш пайдо бишавад, чашмаш ба як зани зебо биафтад, ин дил, ки дунболи кабӯтар буд, кабӯтарро раҳо кунад ва ошиқи ин зан бишавад. Ин гуноҳи дуввум.
Тоза, таҳқиқ кунад, ки ин зан шавҳар дорад ё надорад. Ба ӯ бигӯянд, шавҳар дорад. Зани чӣ касе аст? Зани як сарбози фидокор, ки дорад дар майдони ҷанг фидокорӣ мекунад. Тавтиа кунад, ки ин сарбоз кушта бишавад барои ин ки бо зани ӯ ҳамбистар бишавад. Пас фисқ ҳаст, фуҷур ҳаст, қатли нафс ҳаст, намоз шикастан ҳаст, ишқ ба зани шавҳардор ҳаст. Охир ин чӣ пайғамбаре шуд?!
Ҳоло решаи қазия чист? Аз Имом суол карданд: пас қазия чист? Фармуд: Қуръон, ки аслан ин ҳарфҳоро тарҳ накарда. Ин ҳарфҳо чист, ки аз худатон сохтаед?! Қазия ин аст: рӯзе Довуд — ки ҳикматҳо ва қазоватҳои ӯ зарбулмасал аст — кучактарин уҷбе (худбиние) дар қалбаш пайдо шуд, ки агар қазоват ҳам ҳаст, қазовати довудӣ аст; овчунон саҳеҳ дар миёни мардум қазоват мекунам, ки ҳеч вақт як зарра тахаллуф намешавад (мисли достони Юнус ва достони Одам ва достонҳои дигар). Як зарра уҷб сабаб мешавад, ки Худо иновати худашро аз банда бигирад, то банда аҷзаш бар худаш собит бишавад. Мо дар дуоҳоямон мехонем:

وَلا تَكِلْنى اِلى نَفْسى طَرْفَةَ عَيْنٍ اَبَداً

Инсон дар ҳар мақоме, ки бошад, ҳамеша бояд ба Худо арз кунад: Худоё! Маро як чашм бар ҳам задан ба худам вомагузор! Умми Салама (ҳамсари гиромии ҳазрати паёмбар (с)) мегӯяд: як шаб дар дили шаб бедор шудам, дидам, пайғамбар дар бистар нест. Як вақт мутаваҷҷеҳ шудам, дар гӯшаи утоқ машғули ибодат аст. Ба суханонаш гӯш кардам, дидам, мегӯяд:

إلهى لا تُشْمِتْ بى عَدُوّي وَلا تَرُدَّني اِلى كُلِّ سوءٍ اسْتَنْقَذْتَنى مِنْهُ... وَلا تَكِلْني اِلى نَفْسى طَرْفَةَ عَيْنٍ أبَداً

Худоё! Маро ба бадиҳое, ки аз онҳо раҳонидаӣ барнагардон! Худоё! Маро душманшод нафармо!… Худоё! Маро як лаҳза, як чашм ба ҳам задан, ба худам вомагузор! Яъне иноят ва лутфи худатро аз ман магир. Ба инҷо, ки расид, Умми Салама беихтиёр шурӯъ кард ҳиқ-ҳиқ гиря кардан ва фарёд задан.

Дуои намози пайғамбар, ки тамом мешавад, мефармояд: Умми Салама! Чаро мегирйӣ? Арз мекунад: ё Расалаллоҳ! Вақте, ки шумо ин суханро мегӯед, ки Худоё! Маро як чашм ба ҳам задан ба худ вомагузор, пас вой ба ҳоли мо!
(Паёмбар) нафармуд, ман таоруф кардам — Алаёзу биллоҳ! — барои таълими ту гуфтам, (балки) фармуд: албатта ҳамин аст. Бародарам Юнус Худо як лаҳза ӯро ба худ вогузошт ва омад ба сараш он чи омад.
Ҳол, чӣ тавр мешавад Худо инояти худашро бигирад? Кучактарин тасаввуре аз маният барои як пайғамбари Худо пеш биёяд, инояти Худо гирифта мешавад ва сукуташ ҳамон.
Имом Ризо фармуд: дар дили муқаддаси ин пайғамбари бузург ин учб пайдо шуд, ки оё аз ман беҳтар қозӣ ҳам дар олам ҳаст? Тасаввури “ман” дар қалби Довуд пайдо шуд. Довуд! Ту дигар набояд фикри “ман”, тасаввури “ман” дар зеҳнат бошад. Худо ин имтиҳонро пеш овард. Инояти Худо, ки аз Довуд гирифта шуд, дар қазоваташ шитоб кард, ҳатто ба сурати тақдирӣ. Яъне ёдаш рафт, ки вақте муддаӣ даъвии худашро тарҳ мекунад, қозӣ набояд як калима ҳарф бизанад, ҳарчанд ба сурати тақдиру фарз. Як нафар омада мегӯяд: ин оқо, ки мебинед, моли бандаро бурдааст; бо сарвати зиёде, ки дорад (наваду нӯҳ гӯсфанд дорад ва ман яке дорам), ба ин як гӯсфанди ман ҳам тамаъ карда. Довуд таҳти таъсири авотифи инсондӯстии худаш қарор гирифт, сабр накард, ки бибинад тараф чӣ мегӯяд. Охир ӯ ҳам аз худаш дифоъе дорад. Фавран гуфт: дар воқеъ — шояд ҳам ба сурати тақдир: агар ин тавр бошад — ӯ ба ту зулм кардааст.
То чунин пешдастӣ кард, якмартиба мутаваҷҷеҳ шуд, ки Довуд! Шарти қазоват ин набуд, ки ҳарфи дигареро нашунида, сухан бигӯӣ; қозӣ бояд сукут кунад, бигузорад дигаре ҳам ҳарфашро бизанад ва аз худаш дифоъ кунад, он вақт ҳарфашро бизанад.
Инҷо буд, ки Довуд фаҳмид иштибоҳ кардааст. На танҳо фаҳмид дар амри қазоват иштибоҳ карда, балки решаи иштибоҳи худашро ҳам фавран ба даст овард: Довуд! Аз куҷо хӯрдӣ? Аз онҷо, ки фикри “ман” кардӣ, гуфтӣ, манам. Ин зарбае буд, ки аз он “ман” хӯрдӣ.
Дар Қуръон сӯҳбати зане нест, сӯҳбати Уриёе нест, сӯҳбати мурғе, ки парида бошад нест, сӯҳбати ин ҳарфҳо нест.

## Решаи пайдоиши ин достон

Ҳол, чӣ тавр шуд, ки ин достон дар баъзе аз китобҳои мо, мусалмонон пайдо шуд? Ҳамин қадр ба шумо бигӯям, амон аз дасти яҳуд, ки бар сари дунё аз дасти инҳо чӣ омад! Яке аз корҳое, ки Қуръон ба инҳо нисбат медиҳад, ки ҳанӯз ҳам идома дорад, масъалаи таҳриф ва

қалби ҳақоиқ аст. Инҳо шояд боҳуштарин мардуми дунё бошанд. Як нажоди фавқулъода боҳушу мутаққаллиб. Ин нажоди боҳуши мутаққаллиб ҳамеша дасташ рӯи он шоҳрагҳои ҷомеаи башарият аст; шоҳрагҳои иқтисодӣ ва шоҳрагҳои фарҳангӣ. Агар касе битавонад таҳрифҳоеро, ки инҳо ҳатто дар ҳоли ҳозир дар таъриххо, ҷуғрофиҳо ва хабарҳои дунё мекунанд (ҷамъоварӣ кунад, кори муфиде аст). Албатта, иддае ин корро кардаанд, вале на ба қадри кофӣ. Алъон хабаргузориҳои бузурги дунё — ки яке аз он шоҳрагҳои хеле ҳассос аст — ба дасти яҳуд мечархад, барои ин ки қазоёро то ҳадде, ки барояшон мумкин аст, он тавр, ки худашон мехоҳанд, ба дунё таблиғ кунанд ва бирасонанд. Дар ҳар мамлакате агар битавонанд, он шоҳрагҳоро, васоили ба қавли имрӯзиҳо иртиботи ҷамъӣ мисли матбуот ва ба таври куллӣ он ҷоҳое, ки фикрҳоро мешавад тағйир дод, таҳриф кард, таблиғ кард ва гардонд ва низ шоҳрагҳои иқтисодиро (дар даст мегиранд). Ва инҳо аз қадимулайём корашон ин буда. Қуръон дар як ҷо мефармояд:

أَفَتَطْمَعُونَ أَنْ يُؤْمِنُوا لَكُمْ وَقَدْ كَانَ فَرِيقٌ مِنْهُمْ يَسْمَعُونَ كَلَامَ اللَّهِ ثُمَّ يُحَرِّفُونَهُ مِنْ بَعْدِ مَا عَقَلُوهُ وَهُمْ يَعْلَمُونَ

(*"Оё тамаъ доред, ки яҳудон ба (дини) шумо бигараванд? Дар сурате, ки гурӯҳе аз онон каломи Худоро шунида ва ба дилхоҳи худ таҳриф мекунанд, бо он ки дар каломи худ тааққул карда ва маънии онро дарёфтаанд." (Сураи Бақара, ояти 75)*)

(Яъне) Мусалмонон! Шумо ба имони инҳо чашм (доред)?! Оё инҳоро намешиносед?! Инҳо ҳамон касоне ҳастанд — яъне алъон ҳам, руҳ ҳамон руҳ аст, вагарна касе аҷдодаш фосид бошанд, далели фасоди имрӯзаш намешавад. Инҳо ҳамон руҳи аҷдоди худашонро ҳифз кардаанд — ки бо Мӯсо ҳам, ки буданд, сухани Худоро, ки мешуниданд, вақте, ки бармегаштанд, онро мутобиқи майли худашон иваз мекарданд, на аз рӯи ҷаҳолат ва нодонӣ, (балки) дар камоли доноӣ.

Таҳриф ва қалби ҳақоиқ яке аз корҳои асосии яҳуд аз чанд ҳазор сол пеш то имрӯз аст. Дар миёни ҳар қавме дар либоси худи он қавм зоҳир мешаванд ва афкор ва андешаҳои худашонро аз забони худи он мардум пахш мекунанд, манвиёти худашонро аз забони худи он мардум мегӯянд.

Масалан, мехоҳанд миёни шиа ва суннӣ ихтилоф биндозанд, на ин тавр аст, ки худаш ҳарф бизанад. Як суннӣ пайдо мекунад ва ӯ шурӯъ мекунад он чи, ки метавонад алайҳи шиа тӯҳмат мезанад ва дурӯғ мегӯяд. Албатта, дифоъ аз ҳақиқат ба ҷойи худаш, бояд дурӯғҳоро рад кард, вале гоҳе афроде назири соҳиби "*Алхутут ул-ариза*"-ро пайдо мекунанд, ки чаҳорто дурӯғ ҳам ӯ биёяд бибандад. Аз забони ин ба он дурӯғ мебанданд ва аз забони он

ба ин. Инҳо Тавроти худашонро пур аз ин дурӯғҳо карданд ва достонҳо аз умматҳои гузашта ҳаст, ки Таврот ба гунае нақл кардааст, Қуръон ба гунаи дигар ва балки Қуръон ба гунае нақл кардааст, ки дурӯғи инҳоро, ки достонро таҳриф карда ва дар Тавроти таҳрифшуда овардаанд ошкор мекунад.

Ва инҳо барои ин ки Қуръонро — Алаёзу биллоҳ! — таксиб кунанд, омадаанд як силсила ривоятҳо ба номи пайғамбар ё имомон ва ё масалан баъзе аз саҳобаи пайғамбар ва ба нафъи он чи дар Таврот омадааст ҷаъл кардаанд, вале ба гунае ҷаъл кардаанд, ки касе нафаҳмад ин тавр нест. Аз ҷумла — ки шояд ибратомӯз бошад — дар достони Амолиқа, ки ҳамин Байтулмуқаддаси феълиро ишғол карда буданд ва Мӯсо ба инҳо мегуфт: онҳо ба зӯр инҷоро ишғол кардаанд, биёед ба онҷо биравем, инҳо (ҳифзи ҷон) мекарданд ва мегуфтанд:

يَا مُوسَى إِنَّا لَنْ نَدْخُلَهَا أَبَدًا مَا دَامُوا فِيهَا فَاذْهَبْ أَنْتَ وَرَبُّكَ فَقَاتِلَا إِنَّا هَاهُنَا قَاعِدُونَ

(*“Эй Мӯсо! Ҳаргиз мо дар онҷо модоме, ки онҳо бошанд ворид нахоҳем шуд, пас ту бирав ҳамроҳи парвардигорат бо онҳо ҷанг кунед, мо инҷо хоҳем нишаст.” (Сураи Моида, ояти 24)*)

Қуръон обрӯи инҳоро бурда. Ҳар чи Мӯсо гуфт: каме ғайрат дошта бошед, ҳунар дошта бошед, ҳаққатонро бигиред, гуфтанд: на, онҳо (Амолиқа) мардуме ҳастанд зӯрманд, мо инҷо нишастаем, ту ва Худоят дутоӣ биравед онҷо биҷангед, Амолиқаро берун кунед, вақте, ки корҳо тамом шуд, биё моро хабар кун, ки биравем вориди онҷо бишавем. Гуфт:

*Гар ба мағзам заниву гар дунбаам,*

*Ки ман аз ҷойи худ намеҷунбам.*

Мӯсо дубора омад, бо инҳо сӯҳбат кард, ки ин ҳарфҳо яъне чӣ?! Ба Худо таваккул кунед, дар роҳи Худо ҷиҳод кунед, агар дар роҳи Худо ҷиҳод кунед, Худо шуморо ёрӣ мекунад, ки нишон медиҳад қазия, қазияи амалӣ будааст. Гуфтанд: намеравем, ки намеравем. Дар инҷо Қуръон обрӯи инҳоро ба ин сурат бурдааст, ки мегӯяд, инҳо мардуме буданд таммоъ ва мехостанд бидуни он ки заҳмате кашида бошанд (сарзамини Байтулмуқаддас) муфт ба чангашон омада бошад, ки дар ҷанги Бадр зоҳиран Миқдоди Асвад ба пайғамбар арз кард: ё Расулаллоҳ! Мо он ҳарфро намезанем, ки яҳуд ба Мӯсо гуфтанд, ки ту бо Худоят бирав бо онҳо биҷанг, вақте, ки тасфия кардӣ ва монеъро бардоштӣ, моро хабар кун; мо мегӯем, ки ту ҳар чи амр кунӣ, ҳамонро итоат мекунем, агар амр кунӣ худатонро ба дарё бирезед, худамонро ба дарё мерезем.

Инҳо фикр карданд чӣ кор кунанд, ки Тавротро таъйид ва Қуръонро такзиб кунанд, вале мусалмонон ҳам нафаҳманд, ки инҳо доранд Қуръонро такзиб мекунанд. Омаданд афсонаҳо барои Амолиқа сохтанд. Гуфтанд, ин Амолиқа, ки дар Байтулмуқаддас буданд, медонед чӣ гуна одамҳое буданд? (Мехостанд бигӯянд, агар нажоди мо нарафт биҷангад, ҳақ дошт ва Қуръон — Алаёзу биллоҳ! — бехуд эътироз карда, ҷойи ҷангидан набуд. Вале бисёре аз мусалмонон ин матлабро нафаҳмиданд.) Он мардуме, ки дар онҷо буданд, аз нажодҳои одамҳои маъмулӣ набуданд, ки бишавад бо онҳо ҷангид. Албатта инро нагуфтанд, ки "бишавад бо онҳо ҷангид", ки мусалмонон бифаҳманд. Гуфтанд, мардуме онҷо буданд аз авлоди зане ба номи Унок. Ва Унок зане буд, ки вақте менишаст, даҳ ҷариб[22] дар даҳ ҷарибро мегирифт ва писаре дошт ба номи Уҷ, ки вақте Мӯсо бо асояш омад канори ӯ истод, бо ин ки чиҳил зироъ қаддаш буд ва чиҳил зироъ тӯли асояш ва чиҳил зироъ аз замин ҷастан кард, тоза асои ӯ ба қӯзаки[23] пойи Уҷ ибни Унок хӯрд. Ҷамъе аз инҳо омада буданд дар биёбони Байтулмуқаддас. Мӯсо иддае ҷосус фиристода буд барои ин ки бираванд хабар биёваранд, ки инҳо чӣ мекунанд. Одамҳое, ки қаддашон чанд фарсах буд ва ҳатто моҳиро аз дарё мегирифтанд, муқобили хуршед кабоб мекарданд ва мехӯрданд ва дар саҳро он тавр роҳ мерафтанд. Як вақт яке аз онҳо дид, як чизҳое рӯи замин доранд меҷунбанд (ки ҳамон афроди Мӯсо буданд). Чандто аз онҳоро гирифт, дар остинаш рехт ва назди подшоҳашон омад, онҳоро рехт онҷо ва гуфт: "Инҳо мехоҳанд инҷоро аз мо бигиранд."

Агар воқеан дар Байтулмуқаддас якчунин нажоде будааст, пас Мӯсо бехуд гуфт, биравед онҷоро бигиред; ҳақ бо онҳо буд, ки мегуфтанд, кор кори мо нест, ту ва Худоят биравед онҳоро берун кунед, то мо баъд биёем. Онҳо, ки одами маъмулӣ набудаанд.

Инҳо барои он ки интиқоди Қуръон аз қавми яҳудро зиракона рад карда бошанд, омаданд ин достонҳоро ҷаъл карданд ва дар забони худи мусалмонон андохтанд. Баъд худи мусалмонон менишастанд достони Уҷ ибни Унокро мегуфтанд, аз аҳаммияти Амолиқа мегуфтанд ва ин ки агар қазия ин тавр бошад, пас Қуръон ба инҳо чӣ мегӯяд?!

Дар достони Довуд ҳам қазия аз ин қарор буд. Ин достони мурғ ва ошиқ шудани Довуд зани Уриёро ва баъд ба куштан додани Довуд Уриёро (як достони ҷаълӣ аст) ва ҳатто бадтарашро ҳам гуфтаанд, ки ҳанӯз Уриё кушта нашуда буд, ки Довуд — Алаёзу биллоҳ! — зани ӯро ба

---

[22] *Ҷариб: масоҳате тақрибан баробари даҳ ҳазор метри мураббаъ.*

[23] *Қӯзақ: устухони баромадаи соқи по.*

хонаи худаш овард ва бо ӯ зино кард ва хаёл кард кор гузаштааст, вале баъд аз муддате он зан ба ӯ иттилоъ дод, ки ман ҳомила шудаам, таклиф чист? Вақте, ки Довуд дид, ин зан аз ӯ ҳомила шуда ва фардо бачча мутаваллид мешавад ва мушташ боз мегардад, дастур дод кушта шавад.

Қуръон достони Довудро ба он назоҳату назофат нақл карда ва Тавроти таҳрифӣ ин достонро ба ин касофат нақл кардааст. Баъд омаданд ин ривоятҳои маҷъулро ба забони худи мусалмонон ҳам андохтанд.

Арзиши имомон дар инҷо ошкор мешавад. Имом Ризост, ки меояд дурӯғи инҳоро равшан мекунад ва мегӯяд, ин чарандҳо ва музахрафот чист, ки мегӯед?! Ин нисбатҳо чист, ки ба пайғамбари Худо медиҳед?! Дар куҷои Қуръон чунин матлабе омадааст?! Қуръон, ки қазияро беш аз ин нақл намекунад, ки афроде омаданд (назди Довуд ва яке аз онҳо аз дигаре шикоят кард). Ва дар мавриди қазоват низ ҳамин миқдор мегӯяд, ки Довуд вақте, ки сухани муддаиро шунид, фавран ҳукми худашро гуфт, баъд якдафъа мутаваҷҷеҳ шуд, ки иштибоҳ карда ва баъд истиғфор кард. Қазия аз ин қарор буда ва сӯҳбати зане матраҳ набудааст.

Қазия ду ҷанба дорад: оё инҳо фаришта буданд ё инсон? Агар инсон буданд, пас қазия, қазияи воқеӣ буда ва бинобар ин Худо ҳам, ки он инсонҳоро фиристод, аслан онҳо наомада буданд барои ин ки ба истилоҳ Довудро мутанаббеҳ кунанд, балки воқеан барои онҳо достоне пеш омада буд, вале вақте, ки Довуд он суръати қазоватро эъмол кард, худаш ногаҳон мутаваҷҷеҳ шуд. Пас инҷо аз як василаи ғайри ҷоиз, аз як амри дурӯғ истифода нашудааст.

Ва аммо агар онҳое, ки омадаанд, малак бошанд ва барои танаббуҳи Довуд омада бошанд, ин суол матраҳ мешавад, ки он малакҳо чӣ гуна омаданд як саҳнаи сохтагӣ барои бедории Довуд дуруст карданд?! Ва суоле, ки аз мо шуд дар воқеъ ин буд, ки чӣ тавр ду фаришта омаданд як саҳнаи сохтагӣ халқ карданд?! Албатта ҳадафашон танаббуҳи Довуд ва муқаддас буд, вале достоне, ки гуфтанд маҷъул аст. (Посух дар бахши баъдӣ.)

## Посух

Инҷо ман ҳамон матлаберо арз мекунам, ки Аллома Таботабоӣ дар тафсири “*Алмизон*” фармудаанд. Агарчӣ чун баёне, ки эшон кардаанд дар сатҳи болое аст, шояд натавонам дар ин ҷаласа баён кунам.

Эшон мегӯянд: аввалан, қазия мусаллам нест, ки онҳо фаришта будаанд. Ва ба фарзи ин ки фаришта бошанд, тамассули фариштагон будааст ва тамассули фаришта ғайр аз ин аст, ки

дар олами моддӣ ва олами таклиф афроде (бар Довуд ворид шаванд ва достонеро ба дурӯғ нақл кунанд), ки барояшон ҷоиз нест. Ба иборати дигар, эшон мефармоянд: ин масъала, ки як чизе рост аст ё дурӯғ ва мо вазифа дорем рост бигӯем ва дурӯғ нагӯем, марбут ба олами моддӣ ва айнӣ аст. Агар дар олами моддӣ ва айнӣ ду мавҷуд меомаданд дар муқобили Довуд ва суханашонро мегуфтанд ва дурӯғ мегуфтанд, ин дохил дар ин қазия буд, вале масъалаи тамассул масъалаи дигаре аст. **Тамассул яъне ҳақиқате ба сурати дигар зуҳур пайдо мекунад, назири руъёи содиқа**. Руъёи содиқа бо ин ки тамассул аст, сидқу кизб ба ин маъно дар он роҳ надорад.

Масалан (ин мисолро ман зикр мекунам), Пайғамбари Акрам дар олами руъё мушоҳида мекунад, ки гурӯҳе маймун аз минбари ӯ болову поин мераванд ва уммати ӯ пойи минбар нишастаанд ва дар ҳоле, ки рӯи онҳо ба минбар аст, ба қаҳқаро мераванд, яъне ба тарафи ақиб, аз минбар дур мешаванд. Аз хоб бедор мешавад маҳзун. Ҳис мекунад, ки ин нишонаи зарбае аст ба олами ислом. Ҷабраил ин руъёро барои пайғамбар тафсир мекунад:

وَمَا جَعَلْنَا الرُّؤْيَا الَّتِي أَرَيْنَاكَ إِلَّا فِتْنَةً لِلنَّاسِ وَالشَّجَرَةَ الْمَلْعُونَةَ فِي الْقُرْآنِ وَنُخَوِّفُهُمْ فَمَا يَزِيدُهُمْ إِلَّا طُغْيَانًا كَبِيرًا

(*“Ва мо руъёеро, ки дар хоб ба ту намоёндем ва низ он шаҷараи малъуна дар Қуръон (хонадони Банӣ Умайя)-ро қарор надодем, магар барои имтиҳони онҳо. Ва мо эшонро бим медиҳем, вале ҷуз бар туғёни онҳо наяфзояд.” (Сураи Исро, ояти 60)*), ки ин руъё таъбир дорад ва таъбираш ин аст, ки баъд аз ту Банӣ Умайя бар уммати ту мусаллат мешаванд ва бар ҳамин минбари ту хоҳанд нишаст ва дар ҳоле, ки зоҳири исломро риоят мекунанд ва бо номи ислом сухан мегӯянд ва рӯи мардум ҳам ба сӯи ислом аст, амалан мардумро аз ислом дур мекунанд. Ин хобе аст, ки Худо ба пайғамбар намоёндааст.

Ин хоб дурӯғ аст ё рост? Агар бигӯем, хоби рост хобе аст, ки ба ҳамон шакле, ки инсон дида зоҳир бишавад, дар ин сурат ин хоб дурӯғ аст, зеро воқеан маймуне болои минбари пайғамбар нарафт ва воқеан ин тавр иттифоқ наафтод, ки мардум пойи минбари пайғамбар нишаста бошанд ва амалан ба тарафи ақиб аз он дур шаванд.

Вале дар айни ҳол ин хоб рост аст, чун сурате аз як ҳақиқат аст. Маймунҳо тамассули Банӣ Умайя ҳастанд ва ин ки мардуми нишаста ба қаҳқаро мераванд, яъне ҳифзи сурати ислом ва аз байн рафтани маъно ва ҳақиқати ислом.

Агар малоика барои як пайғамбар мутамассил мешаванд, яъне дар тамассулашон, ҳақиқате ба он сурат мутамассил мешавад. Дар онҷо масъалаи росту дурӯғ ба ин шакл матраҳ нест. Росту дурӯғи тамассули фариштагон бар пайғамбар ба ин аст, ки бо як ҳақиқат мунтабиқ

бошад ё набошад, ки бо ҳақиқате ҳам мунтабиқ буд, на ин ки ба ҳамон сурате, ки мутамассил шуда бояд дар олами айнӣ воқеъ шуда бошад, ҳамон тавр, ки дар руъёи содиқа лозим нест сурате, ки мутамассил шуда, дар олами айнӣ воқеъ бишавад.

Бинобар ин, ба фарзи ин ки инҳо фаришта бошанд — агарчӣ қатъӣ нест, ки фаришта будаанд — ҷавоби ин суол, ки чӣ гуна барои як ҳақиқат аз чунин василае истифода шудааст, ҳамин аст, ки Аллома Таботабоӣ додаанд ва аз назари ман ҳам ҷавоби дуруст аст, гӯ ин ки намедонам тавонистам матлабро чунонки бояд тавзеҳ бидиҳам ё натавонистам.

## Тасоҳуби колои куффори Қурайш ва масъалаи истихдоми васила

Суоли дигар, ки ман худам онро як миқдор тавсиа медиҳам ин буд, ки агар дар ислом ҷоиз нест аз василаҳои номашрӯъ ва фосид барои ҳадафи машрӯъ истифода бишавад, чаро пайғамбар иҷоза медод, ки мусалмонон биравандд ҷилави қофилаи молуттиҷораи куффори Қурайшро — ки аз Шом ба Макка мерафт — вақте, ки аз наздики Мадина убур мекард бигиранд ва колои онро тасоҳуб кунанд, ки урупоиҳо ҳатто таъбири зишти “роҳзанӣ”-ро ба кор бурдаанд? Оё ғайр аз ин буд, ки ин кор барои ҳадафи муқаддасе буд?

Ман ин суолро тавсиа медиҳам, мегӯям: мумкин аст касе бигӯяд, худи ҷиҳод ҳам аз ҳамин қабил аст, чун ҷиҳод ҳам дар ниҳояти амр яъне куштани инсонҳо. Бадеҳӣ аст куштани инсонҳо фӣ ҳадди зотиҳ кори дурусте нест. Коре, ки фӣ ҳадди зотиҳ дуруст нест, чаро ислом иҷоза медиҳад? Мегӯед, барои ҳадафи муқаддас. Пас худи иҷозаи ҷиҳод дар ислом, иҷоза додани ин аст, ки аз васоили номашрӯъ барои ҳадафи машрӯъ истифода бишавад.

Мисолҳои дигаре низ дар ин замина дорем: магар фиқҳи мо намегӯяд, ки “дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез аст”? Ин ҷумла моли Саъдӣ аст, вале фиқҳ ҳам ин матлабро иҷоза медиҳад. Фиқҳ ҳам мегӯяд, агар дар ҷое дурӯғе ба маслиҳати иҷтимоъ буд, ин дурӯғ гуфта шавад, ба ин маъно, ки агар дар ҷое амр доир аст миёни як рост гуфтан ва масалан нафси мӯҳтарами як шахси мӯъмини бегуноҳеро ба куштан додан ва ё дурӯғ гуфтан ва бегуноҳеро наҷот додан, дар инҷо дурӯғ бигӯ ва бегуноҳро наҷот бидеҳ.

Ин ҳамон дурӯғи маслиҳатомез аст. Ин магар ғайр аз ин аст, ки мо аз василаи номашрӯъ барои ҳадафи машрӯъ истифода мекунем?

Ҷавоб ин аст: дар баъзе аз маворид ҳатто васила номашрӯъ ҳам нест. Дар мавриди ҷиҳод ва (тасоҳуби) молу сарват (-и куффор) қазия аз ин қарор аст. Ин иштибоҳ аст, ки мо хаёл кунем

ҳамин қадр, ки инсон инсони биологӣ ба истилоҳ шуд, дигар ҷону молаш мӯҳтарам аст. Аз назари инсон бимо ҳува инсон (инсон аз он назар, ки инсон аст), дар ҳар шароите буд, буд. Ин тарзи фикри фарангиҳост, ки мегӯянд, инсонҳо яъне навъи одам, инсони биологӣ, инсоне, ки илми биология ӯро инсон медонад ва албатта инсоне, ки илми биология ӯро инсон медонад яъне он мавҷуде, ки як сару ду гӯшу ду даст ба ин шакли хосс дошта бошад, нохунҳояш паҳн бошад, мустақимулқома бошад ва рӯи ду по роҳ биравад. Мавҷуде бо ин алоим, инсони биологӣ аст. Аз назари зистшиносӣ ва биологӣ, Муовия як инсон аст ва Абӯзар ҳам як инсон. Яъне ин тавр нест, ки масалан бигӯем, гурӯҳи хуни Абӯзар бар гурӯҳи хуни Муовия аз назари биологӣ тарҷеҳ дорад. Аз назари биологӣ Мӯсо Чумбӣ[24] ва Лумумба[25] ду инсон ҳастанд дар як ҳадд.

---

[24] *Мӯсо Чумбӣ (1919-1969), сиёсатмадори аҳли Ҷумҳурии демократии Конго буд. Вай аз соли 1960 то 1963 бо ҳимояти ҳизби CONAKAT як ҳукумати таҷзияталаб дар устони Котонгои Конго эҷод кард, ки мавриди ҳимояти кишвари Белгия буд, ки боиси бӯҳрони Конго шуд. Пас аз сарнагунии давлати таҷзияталаб, Чумбӣ дар июли 1964 ба унвони нахуствазири давлати ҷадиди эътилофӣ интихоб шуд, аммо дар октябри 1965 тавассути Жозеҷ Касавубу, раисиҷумҳури Конго барканор шуд. Дар ноябри 1965 генерал Мобуту кудатои муваффақиятомез алайҳи Касавубу анҷом дод, пас аз он Чумбиро ба хиёнат муттаҳам кард ва ҳамин боиси фирори вай аз кишвар шуд. Чумбӣ дар ҳоле, ки дар соли 1967 ба сурати ғиёбӣ маҳкум ба марг шуда буд, дар 30 июни 1967 дар ҳангоме, ки савор бар ҳавопаймо буд тавассути Фрэнсис Буднен, узви созмони SDECE-и Фаронса рабуда шуд ва ба Алҷазоир бурда ва дар онҷо таҳти боздошти хонагӣ қарор гирифт. Давлати Конго хостори истирдоди вай ба Конго шуд, аммо Алҷазоир ин дархостро напазируфт. Дар ниҳоят Чумбӣ дар соли 1969 ба иллати норасоии қалбӣ даргузашт ва дар Белгия ба хок супурда шуд.*

[25] *Патрис Лумумба (1925-1961), сиёсатмадор ва аввалин нахуствазири кишвари Ҷумҳурии демократии Конго буд. Вай раҳбари истиқлоли Конго аз истеъмори Белгия аст. Лумумба бо муборизаҳое, ки аз ҷавонӣ оғоз кард, роҳро барои истиқлоли Заир аз Белгия фароҳам кард ва дасти белгиҳоро аз манобеъ ва банкҳои Конго кӯтоҳ сохт. Вале пас аз муддате (даҳ ҳафта ҳукумат ба унвони нахуствазир) истеъморгари собиқи Конго, кишвари Белгия, дар тайи тавтиае тавассути раисиҷумҳури вақти Конго азл шуд ва пас аз он мутаворӣ*

Вале дар боби инсон, сухан дар инсони биологӣ нест; сухан дар инсоне аст бо меъёрҳои инсоният. (Ва ба ҳамин хотир) як инсон зидди инсон аз об дармеояд. Мӯсо Чумбӣ инсони зидди инсон аст, Муовия инсони зидди инсон аст, Шимр ибни Зилҷавшан инсони зидди инсон аст, яъне зидди инсониятҳо. Дар он ҷо милок, инсониятҳост. Инсоният ин нест, ки дандонҳои як мавҷуд ба фалон шакл бошад. Инсоният яъне шарофат, фазилат, тақво, адолат, озодихоҳӣ, озодманишӣ, ҳилм, бурдборӣ. Инҳо, ки меъёрҳои инсонӣ аст. Инсони биологӣ, инсони билқувваи иҷтимоӣ аст, на инсони билфеъли иҷтимоӣ. **Агар инсоне бар зидди инсоният қиём кунад; он инсоне, ки бар зидди озодӣ қиём карда, бар зидди тавҳид қиём карда, бар зидди адолат қиём карда, бар зидди ростӣ ва дурустӣ қиём карда, бар зидди ҳамаи хубиҳо қиём карда, ӯ аз ибтидо эҳтиром надорад, хуну молаш эҳтиром надорад**. На ин ки хуну молаш эҳтиром дорад ва аз байн бурдани хуну моли ӯ кори зиште аст, вале мо барои ҳадафи муқаддас ин кори зиштро анҷом медиҳем. Аслан зишт нест. Масъалаи қасос ва қотилро қасос кардан ба маънии ин нест, ки мо мутаассифона кори зиштеро муртакиб мешавем ба хотири як маслиҳати олитар. Агар инсоне ба ҳадде расид, ки инсонҳои дигарро бидуни тақсир кушт, яъне дигар ҳурмати худашро аз байн бурд. Он дасте, ки дида ва дониста ба хиёнат дароз мешавад, ҳурмати худашро аз байн бурдааст.

Чӣ хуб гуфт Сайид Муртазо дар ҷавоби Абулъалои Мааррӣ. Абулъало гуфт: ман ин қонуни исломро намефаҳмам; чӣ тавр аст, ки дар як ҷо мегӯяд, дияи як даст понсад динор аст ва дар ҷои дигар мегӯяд, агар луздӣ кард, ҳатто ба хотири рубъи динор бурида шавад. Арзишаш чӣ қадр аст? Рубъи динор ё понсад динор? Чӣ тавр то ду ҳазор дараҷа навасон пайдо мекунад? Сайид Муртазо фармуд:

عِزُّ الْاَمانَةِ اَغْلاها، وَاَرْخَصَها

ذُلُّ الْخِيانَةِ فَافْهَمْ حِكْمَةَ الْباري

Даст ба маънои ин узви гӯштӣ эҳтиром надорад. Агар мегӯянд, дияи даст понсад динор аст, дасти амин эҳтиром дорад. Эҳтиром моли инсоният ва амонат аст. Иззати амонат аст, ки қиматашро боло бурдааст. Ва зиллати хиёнат ва луздӣ аст, ки ин қадр дараҷаро поин

---

*гашт. Саранҷом генерал Мобуту Сесе Секо ва Жерард Сеорт, маъмури низомии Белгия ва ҳамкоронаш пас аз қитъа-қитъа кардани Лумумба ва ду вазири вафодораш, онҳоро дар кислотаи сулфат андохтанд ва боқимондаҳои пайкарашонро ҳам сӯзонданд.*

меоварад. Амонат арзишро боло мебарад, хиёнат арзишро поин меоварад. Инсоният арзиши хуну молро боло мебарад ва дар муқобил, он меъёрҳои дурӯғу кизбу ғайбату одамкушӣ ва зулму таҷовуз ба ҳуқуқи мардум ва озодииҳо ва ғайра, тамоми арзишҳоро поин меоварад, ки аз ҳар беарзише беарзиштар мешавад.

Куффори Қурайш, ки то он вакт лоақал сездаҳ сол коре надоштаанд ҷуз ин ки ҳулқуми пайғамбарро бигиранд, ки нидои ҳақиқат ба мардум нарасад, чун бар зидди манофеи онҳост мусалмононро таъзиб кунанд, дар зери шиканҷаҳо бикушанд ва аз ҳеч ҷинояте худдорӣ накунанд, дар ҳоле, ки мефаҳманд ӯ дорад ҳакро мегӯяд, боз мо бигӯем, моли инҳо мӯҳтарам аст, молуттиҷораашон мӯҳтарам аст?! Аввалан, он молуттиҷорараро аз куҷо ба даст овардаанд? Ба насси Қуръон, дар Макка як идда рибохор буданд, ки моле ҳам, ки ба даст оварда буданд, аз дуздӣ ва рибохорӣ ба даст оварда буданд. Оё моли инҳо мӯҳтарам аст?!

Пас, ин тавр нест, ки дар айни ин ки ин молҳо мӯҳтарам аст, пайғамбар ба он далел иҷозаи тасоҳуби онҳоро додааст, ки ҳадафаш муқаддас аст, балки агар ҳадафи муқаддасе ҳам набуд, ин мол эҳтиром надошт.

Дар мавориди дигар, масъала аз ин қабил нест, балки аз қабили аҳамму муҳим аст, ки фуқаҳо дар боби муқаддимаи воҷиб, бахусус, матраҳ кардаанд, ки дар ин маврид ҳам бояд тавзеҳе бароятон арз кунам:

Сухани мо дар ин ки ҳадаф василаро мубоҳ намекунад ва низ сухани Аллома Таботабоӣ дар ҳадафи нубувват ин буд, ки мо дар роҳи имон, барои ҳифзу тақвияти имони мардум, дар роҳи даъвати мардум ба ҳаққу ҳақиқат ва ислом, набояд аз ботил истифода кунем. Яъне имон ва даъват ба роҳ ҳақ, табиаташ як табиате аст, ки василаи пучу ботил намепазирад.

Сухани мо дар инҷо буд, на дар ҷои дигар. Ояте, ки эшон ба он истидлол мекунанд, ояти бисёр итобомезе нисбат ба Пайғамбари Акрам аст:

**وَلَوْلَا أَنْ ثَبَّتْنَاكَ لَقَدْ كِدْتَ تَرْكَنُ إِلَيْهِمْ شَيْئًا قَلِيلًا. إِذًا لَأَذَقْنَاكَ ضِعْفَ الْحَيَاةِ وَضِعْفَ الْمَمَاتِ**

(*“Ва агар мо туро собитқадам намегардонидем, наздик буд, ки ба он мушрикон андак тамоюл ва эътимоде пайдо кунӣ. Ва дар он сурат, ба ту ҷазои ин амалро мечашондем ва азоби туро дар ҳаёти дунё ва пас аз марг музоъаф мегардонидем…” (Сураи Исро, оятҳои 74 ва 75)*)

Пайғамбар! Агар инояти илоҳӣ набуд, наздик буд лағзиш кунӣ. Ҳоло лағзиши пайғамбар чӣ буда? Он тавр, ки дар тафосир навиштаанд на ин аст, ки пайғамбар лағзиш кардааст; шояд тасаввураке барои пайғамбар пайдо шуда, вале фавран тасмим ба хилофаш гирифтааст.

Қуръон дар айни ҳол итобаш мекунад. Онҳо гуфтанд: ё Расалаллоҳ! Ба мо иҷоза бидеҳ барои ин ки ислом ихтиёр кунем, як сол намоз нахонем, ё як сол мутаарризи бутҳои мо нашав. Пайғамбар чунин тасмиме нагирифт, вале шояд дар қалби ӯ хутур кард, ки барои ҳидояти инҳо ва барои Худо як мудоҳинае, як созише, як мумошоте кунам (назири он чи, ки аз Алӣ алайҳис салом мехостанд, ки барои Худо бо Муовия мумошот кун).

На, табиати имон ин мудоҳинаҳо ва ин мумошотҳоро намепазирад. Агар масъалаи имон ва ҳақиқат матраҳ набуд, балки масъалаи ҳуқуқи иҷтимоӣ ва ҳуқуқи афрод (матраҳ буд, монее надошт). Масалан, барои наҷоти ҷони як фард ҷӣ монее дорад, ки инсон дурӯғ ҳам бигӯяд, баъд ҳам кашф бишавад, ки ӯ ин дурӯғро барои наҷоти ҷони вай гуфтааст. Айбе надорад. Вале ман бихоҳам мардумро даъват ба Худо кунам, далеле зикр кунам бе ҳақиқат ва дурӯғ, баъд маълум бишавад, ки ин далеле, ки ман овардам ва роҳе, ки барои даъвати мардум ба ҳақиқат тай кардам дурӯғ буда ва аслан ман бо дурӯғ мардумро боимон кардам, ин зарбае ба имон мезанад, ки дигар илтиёмпазир нест.

Пас, сухани мо дар мавзӯи таблиғ буд. Қаблан мисоле арз кардам, ки баъзе мегӯянд, дар роҳи тақвияти имон тӯҳмат ҳам ба аҳли бидъат бизанед ва ба иборати дигар, барои тақвияти имон, ба аҳли бидъат ҳар дурӯғе мехоҳед бибандед. Онҳо мехостанд як чароғи сабз ба истилоҳ дошта бошанд, ба баҳонаи ин ки ҳадафи мо имон аст ва ҳар вақт ҳадаф имон шуд, ислом ба мо чароғи сабз нишон дода, ки ба душманони ислом дурӯғ бибандед. Гуфтем, на, ҳаргиз ислом барои имон ва дар роҳи даъват ба ҳаққу ҳақиқат, дурӯғро иҷоза намедиҳад, ба ҳеч шакле ва ба ҳеч наҳве. Соири корҳои муқаддас ҳам аз ҳамин қабил аст.

## Сухани Ҳоҷӣ Мирзо Ҳусайни Нурӣ

Марҳум Ҳоҷӣ Мирзо Ҳусайни Нурӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу!) аз бузургони муҳаддисини шиа аст ва аз вафоти эшон дар ҳудуди ҳафтоду ду сол бештар намегузарад, чун вафоти эшон дар соли 1321 ҳиҷрии қамарӣ будааст. Марҳум падари мо (Қаддасаллоҳу сирраҳу!), ки дар соли 21 барои таҳсил ба Наҷаф мушриф мешаванд, мефармуданд, дар ин сол — ки аввали талабагиашон будааст — мо як бор дидем, ки марҳум Ҳоҷӣ минбар рафт — ва эшон минбар ҳам мерафтанд; муҳаддиси бузургворе будааст — ва ёдам ҳаст, ки ин оятро унвон кард:

**وَلَا تَقُولَنَّ لِشَيْءٍ إِنِّي فَاعِلٌ ذَٰلِكَ غَدًا. إِلَّا أَنْ يَشَاءَ اللَّهُ**

(*"Ва ту ҳаргиз дар бораи чизе магӯ, ки ман ин корро фардо хоҳам кард, магар он ки бигӯӣ: иншоаллоҳ, агар Худо бихоҳад…" (Сураи Каҳф, оятҳои 24 ва 25)*) Баъд ҳам тӯле накашид,

ки эшон мариз шуданд ва аз дунё рафтанд. Устоди марҳум Ҳоҷӣ Шайх Аббоси Қумӣ (Ризвонуллоҳи алайҳ!) буда. Ва марҳум Ҳоҷӣ Мирзо Ҳусайни Нурӣ воқеан муҳаддиси мутабаҳҳире аст. Китоби кучаке ба форсӣ навишта ба номи “*Луълуъ ва марҷон*” роҷеъ ба дастур барои аҳли минбар ва интиқод аз баъзе аҳли минбар, ки шароити таблиғи динро риоят намекунанд. (Ман ин китобро аз аввал то охир хондам, фавқулъода таҳти таъсири он қарор гирифтам ва мукаррар дар мукаррар аз ин китоб тарвиҷу таблиғ кардаам.)

Эшон гуфтааст, баъзе аз аҳли минбар ду чизро риоят намекунанд: яке, ростгӯиро, он ҳам ба баҳонаи ин ки ҳадафи мо муқаддас аст ва барои ҳадафи муқаддас ин амр аҳаммияте надорад. Агар ҳадиси заиф ҳам хондем, хондем. (Гузашта аз даъват ба имон,) ҳадафи дигари мо гирёндан барои Имом Ҳусайн аст, ки он ҳам ҳадафи муқаддас аст, он ҳам даъват ба имон аст ва масъалаи имон матраҳ аст. Эшон ниме аз китобашро ихтисос додааст ба баҳси росту дурӯғ ва ин ки ба ҳеч ваҷҳ ислом иҷоза намедиҳад мо барои таблиғи дин ҳатто ба ривоятҳои заиф мутавассил бишавем, то чӣ расад ба чизе, ки медонем дурӯғ аст.

Ними дигари китоби худашро ба масъалаи ихлос ихтисос додааст, ки дар таблиғи дин ва дар гирёндан (барои) Имом Ҳусайн алайҳис салом, хулуси ният шарт аст — ки ҷузъи мабоҳисе, ки мехостам дар сираи Пайғамбари Акрам арз кунам, ҳамин масъала аст — ва баъд масъалаи аҷр ва уҷратро тарҳ кардааст.

Эшон дар он китоб рӯи ҳамин матлаб исрори фаровон дорад. Имрӯз ин қазия ба ёдам афтод, ки ҳамин матлабе, ки ман таҳти унвони истихдоми васила зикр кардам, эшон бо унвони дигаре зикр мекунад ва гоҳе ҳам як тиккаҳои хушмазза ва ширин нақл мекунад. Аз ҷумла мегӯяд, ки як олиме аз Ҳиндустон барои ман нома навиштааст, ки дар инҷо афроде меоянд хеле ҳарфҳои дурӯғ мегӯянд ва ҳадисҳои заифу ботил мехонанд; шумо, ки дар марказ ҳастед, коре кунед, китобе бинависед, то ҷилави инҳоро бигиранд. Ман дар ҷавоб навиштам, ки ин дурӯғҳо дар ҳамин марказ ҷаъл мешавад, на дар ҷои дигар.

Баъд, эшон роҷеъ ба ин матлаб мегӯяд — бибинед, кор ба куҷо расидааст — ки як олими яздӣ барои ман нақл кард, ки сафаре аз Язд аз роҳи кавир барои зиёрати ҳазрати Ризо алайҳис салом ба Машҳад мушарраф мешудам. Мусодиф шудем бо айёми Муҳаррам. Як шаб дидам, ки шаби Ошурост ва мо ба як деҳе расидаем. Мутаассир шудам, ки ин айёми Ошуро мо ба Машҳад ё лоақал ба як шаҳре, ки дар он азодорие бишавад, нарасидем. Гуфтем, билохира деҳ ҳам ҳар чи бошад, лобуд як маросиме дар он ҳаст. Пурсидем, маълум шуд, як такяе масалан ҳаст ва онҷо мардум иқомаи азодорӣ мекунанд. Рафтем, дидем, як

бобо, равзахони деҳотӣ, дар онҷо рафт минбар. Вақте, ки болои минбар нишаст, дидам ходими масҷид рафт як доман санг овард ва рехт дар домани ин оқои маддоҳ ё равзахон. Ман тааҷҷуб кардам, ки ин барои чист? Миқдоре равза хонд, вале касе гиря накард. Гуфт, чароғҳоро хомӯш кунед. Чароғҳоро хомӯш карданд. То чароғҳоро хомӯш карданд, шурӯъ кард санг паррондан ба сари ину он. Фарёду ҷиғу доди мардум баланд шуд ва билохира гиря карданд. Баъд, ки кор тамом шуд, ман ба ӯ гуфтам, ин чӣ коре буд? Ин ҷиноят аст ва дия дорад, чаро ин корро кардӣ? Гуфт: ин мардум барои Имом Ҳусайн ҷуз аз ин роҳ гиря намекунанд, ба ҳар ҳол бояд ашки мардумро ҷорӣ кард, аз ҳар васила шуда бояд истифода кард.

Эшон (Ҳоҷӣ Мирзо Ҳусайни Нурӣ) мегӯяд, ин матлаб ғалат аст, “аз ҳар васила шуда” яъне чӣ?! Магар Имом Ҳусайн он қадр масоиби ҷонсӯз надорад?! Агар ӯ дил дорад, агар ӯ муҳаббати Имом Ҳусайнро дорад, агар воқеан шиаи Имом Ҳусайн аст, ки ту равзаи рост ҳам бихонӣ, гиря мекунад. Ва агар дил надорад, агар муҳаббати Имом Ҳусайнро надорад, агар Ҳусайнро намешиносад, мехоҳам сад сол ҳам гиря накунад. Ин чӣ василае аст, ки ту дорӣ истихдом мекунӣ?!

Пас, ин матлабе, ки арз кардам, ки барои ҳақиқат аз ҳар василае намешавад истифода кард, манзурам имон аст ва манзури эшон ҳам ҳамин аст. Яъне дар роҳи даъват ба ҳаққу ҳақиқат, дар роҳи убур додани мардум аз беимонӣ ба имон, (аз ҳар василае намешавад истифода кард.)

Дар инҷо аслан боби аҳамму муҳим ҳам матраҳ нест. Масъалаи аҳамму муҳим ҷояш ҷои дигар аст. Яъне дар масолеҳи иҷтимоӣ ва ҳатто дар мавриди ибодоти шахсӣ ва фардӣ мисли намоз хондан ва ё замини ғасбӣ ва амсоли инҳост. Аммо дар боби таблиғ ва расондани паёми ислом, як зарра набояд инсон аз ҳаққу ҳақиқат (таҷовуз кунад). Инсон мехоҳад ҳадисеро нақл кунад, баъд бигӯяд, агар ин ҳадисро ин тавр тарҳ кунам, асараш бештар аст. Ин гуноҳ аст, бояд гуфт, фузулӣ аст, ҳаққи ин ҳарфҳоро надорӣ. Эшон баъд оятҳое аз Қуръон зикр мекунанд, ки Худо тазмин кардааст:

إِنَّا لَنَنْصُرُ رُسُلَنَا

(*Сураи Ғофир, ояти 51*) Мо паёмбарони худамонро дар роҳи таблиғ ёрӣ мекунем. Эй пайғамбарони ман! Шумо аз роҳи ҳаққу ҳақиқат биравед, дигар асар кардан бо мо; мо тазмин мекунем. Пайғамбарон ҳам аз ҳамин роҳ рафтанд ва ба натиҷае, ки худ мехостанд

расиданд. Пас, **мо дар истихдоми васила дар роҳи даъвати мардум ба дину имон муҷоз нестем, ки аз ҳар васила, ки шудааст истифода кунем**.

Иттифоқан иштибоҳ мекунем, натиҷаи маъкус медиҳад. Мо, ки аз назари манобеъ фақир нестем; бигузор онҳое, ки аз назари манобеъ фақиранд, бираванд ҷаъл кунанд. Мақсудам ин аст, ки мо чаро?! Мо ин қадр аз назари манобеъ ғанӣ ҳастем, ки ҳатто эҳсоси ниёзаш ҳам ғалат аст. Мехоҳӣ мардумро нисбат ба Имом Ҳусайн алайҳис салом бигирёнӣ, саҳнаи Ошуро он қадр пур аз ҳамоса ҳаст, он қадр пур аз отифа ҳаст, он қадр пур аз риққат ҳаст, он қадр саҳнаҳои бошукӯҳ ва ҷаззоб ва дилсӯз дорад, ки агар дар қалби мо заррае аз имон бошад, кофӣ аст, ки номи Ҳусайнро бишнавем ва ашки мо ҷорӣ бишавад.

اِنَّ لِلْحُسَيْنِ مَحَبَّةً مَكْنونَةً فى قُلوبِ الْمُؤْمِنينَ

(*Луълуъ ва марҷон, с.37*) Як муҳаббати махфӣ дар умқи дили ҳар мӯъмин нисбат ба Имом Ҳусайн ҳаст.

اَنَا قَتيلُ الْعَبْرَةِ

Ман куштаи ашкҳо ҳастам.

Шеъре аст ба арабӣ аз яке аз асҳоби Имом Содиқ алайҳис салом ва хеле аҷиб аст. Шояд дар аввалҳои талабагиам дар Машҳад буд ва ҳанӯз ба Қум нарафта будам, ки онро аз китоби "*Нафсатул-масдур*"-и Муҳаддиси Қумӣ ҳифз кардам. Эшон менависанд, ки Абӯҳоруни Макфуф — ки зоҳиран нобино будааст, ки ба ӯ мегуфтаанд макфуф — шоире тавоно буда ва гоҳе марсияи Абӯадуллоҳ (Имом Ҳусайн) мегуфтааст. Ӯ мегӯяд, рӯзе рафтам хидмати Имом Содиқ алайҳис салом. Фармуд: аз он шеърҳое, ки дар марсияи ҷаддам гуфтаӣ, барои мо бихон. Гуфтам: итоат мекунам. Фармуд: занҳоро ҳам бигӯед, биёянд пушти парда, то онҳо ҳам истифода кунанд. Занҳо ҳам аз андарун омаданд наздик, пушти пардаи он утоқ. Шурӯъ кард ба хондани шеърҳое, ки зоҳиран тоза ҳам гуфта буд. Вале мазмунро шумо бибинед ва аслан дарсро бибинед! Вақте ин шеърҳоро — бо ин ки панҷ мисроъ бештар нест – хонд, валвалае дар хонаи Имом Содиқ баланд шуд. Имом Содиқ ҳамин ҷур ашк аз чашмҳояш мерехт ва шонаҳои муборакаш ҳаракат мекард. Садои нолаву гиря аз хонаи Имом баланд шуд, ки баъд зоҳиран худи Имом гуфтанд, дигар кофӣ аст. Ин ҳама марсияҳое, ки гуфта шудааст, ман назири инро ё надидаам ва ё кам дидаам. Мегӯяд:

أُمْرُرْ عَلى جَدَثِ الْحُسَيْنِ

فَقُلْ لِاَعْظُمِهِ الزَّكِيَّة

أَاَعْظُماً لا زِلْتَ مِنْ

وَطْفاءَ ساكِبَةٍ رَوِيَّة

وَاِذا مَرَرْتَ بِقَبْرِهِ

فَاَطِلْ بِهِ وَقْفَ الْمَطِيَّة

وابْكِ الْمُطَهَّرَ لِلْمُطَهَّرِ

والْمُطَهَّرَةِ النَّقِيَّة

كَبُكاءِ مُعْوِلَةٍ اَتَتْ

يَوْماً لِواحِدِها الْمَنِيَّة

(*Нафсатул-масдур, с.46*) Мазмуни шеъраш ин аст, мегӯяд: эй раҳгузар! Эй боди сабо! Гузар кун ба қабри Ҳусайн ибни Алӣ, паёми дӯстонашро ба ӯ бирасон, паёми ошиқонашро ба ӯ бирасон! Эй боди сабо! Паёми моро ба устухонҳои муқаддаси Ҳусайн бирасон, бигӯ: эй устухонҳо! Доиман шумо бо ашки дӯстони Ҳусайн сероб ҳастед. Ин ашкҳо мерезанд ва шуморо сероб мекунанд. Агар рӯзе шуморо аз об манъ карданд ва агар Ҳусайнро бо лаби ташна шаҳид карданд, ин шиаён ва дӯстон доиман ашки худашонро нисори шумо мекунанд. Эй боди сабо! Агар гузаштӣ ва гузар кардӣ, танҳо ба расондани пайғом қаноат накун; ончо маркабатро нигаҳ дор, хеле ҳам нигаҳ дор, биист ва масоиби Ҳусайнро ёд кун ва ашк бирез ва ашк бирез ва ашк бирез, на мисли як одами оддӣ, балки мисли он зане, ки як фарзанд бештар надорад, чӣ гуна дар марги як фарзанди худаш ашк мерезад, ин ҷур ашк бирез, бигирй барои он пок, фарзанди падари пок, фарзанди модари пок.

ولا حول ولا قوة الاّ بالله العلي العظيم، وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

## Арзиши масъалаи таблиғ ва шароити мубаллиғ

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِدًا وَمُبَشِّرًا وَنَذِيرًا. وَدَاعِيًا إِلَى اللَّهِ بِإِذْنِهِ وَسِرَاجًا مُنِيرًا

(*"Эй паёмбар! Мо туро ба рисолат фиристодем, то гувоҳ бошӣ ва муждадиҳанда ва назир бошӣ ва ба изни Ҳақ ба сӯи Худо даъват кунӣ ва чароғи фурӯзони олам бошӣ." (Сураи Аҳзоб, оятҳои 45 ва 46)*)

Яке аз омӯзишҳои лозим аз сираи муқаддаси Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) омӯзиши наҳваи даъват ба ҳақ ва наҳваи таблиғ ва расондани паёми ҳақ ба мардум аст. Шояд дар ибтидо барои афроде кори кучаке ба назар бирасад; ин ки инсон бихоҳад мардумро ба ҳақ ва ба сӯи парвардигор даъват кунад ва паёми илоҳиро ба онҳо бирасонад; фикр кунанд, ки ин даъват ва иблоғи паём чӣ фарқе бо соири даъватҳо ва иблоғи паёмҳо дорад.

Аввал бардошти худи Қуръонро дар ин замина арз кунам, ки Қуръон то чӣ андоза ин корро муҳим ва сахту душвор медонад ва баъд тавзеҳ бидиҳам, ки чӣ тафовуте миёни ин даъват ва иблоғи ин паём ва соири даъватҳо ва иблоғи паёмҳо ҳаст.

## Дархостҳои Мӯсо алайҳис салом аз Худо

Қуръон дар сураи муборакаи Тоҳо, дар мавриди Мӯсо ибни Имрон (Ало набийино ва олиҳӣ ва алайҳис салом!) матлабро тарҳ мекунад, ки ба ҳасби зоҳир ҷараёни дигаре ҳаст: Мӯсо ҳаракат карда, ки ба Миср баргардад. Занаш дарди зоймон мегирад. Ва ӯ ба дунболи оташ барои оташгира меравад, ки ҳамсари худашро дар ин сармо гарм кунад. Дар водии муқаддас мувоҷеҳ бо ваҳйи илоҳӣ мешавад. Барои аввалин бор ваҳй ба ӯ мерасад ва баъд ҳам маъмурият барои расондани паёми илоҳӣ ба Фиръавн ва фиръавниҳо. Мӯсо ба мақоме расидааст, ки ноиби нубувват аст. Пас як одами оддӣ нест, ки чунин сухане гуфта бошад. Вақте, ки ба ӯ мегӯянд, бирав паёми Худоро ба Фиръавн ва фиръавниҳо иблоғ кун, эҳсос мекунад, бори бисёр сангин ва рисолати фавқулъода мушкиле ба дӯши ӯ гузошта шудааст. Бо ин ҷумлаҳо як силсила тақозоҳо мекунад:

رَبِّ اشْرَحْ لِي صَدْرِي

Парвардигоро! Ба ман шарҳи садр бидеҳ. "Шарҳи садр" хулосаи маъниаш ин аст: зарфияти руҳии бисёр васеъ ва таҳаммули фавқулъода зиёд. Худоё! Бар зарфияти руҳии ман бияфзо!

وَيَسِّرْ لِي أَمْرِي

Кори маро бар ман осон гардон! Пас эҳсос мекунад, ки корест сақилу сангин.

وَاحْلُلْ عُقْدَةً مِنْ لِسَانِي

Гиреҳеро (ё гиреҳро) аз забони ман боз кун. Баъзе чунин фикр мекунанд, ки мақсуд аз ин ки “гиреҳ аз забони ман боз кун!” ин аст, ки Мӯсо андаке забонаш мегирифта ва масалан “син”-ро хуб талаффуз намекардааст. Ҳатто гуфтаанд, он вақте, ки бачча буд ва Фиръавн мехост имтиҳонаш кунад, оташи сурхшуда ба даҳонаш гузошт (забонаш дучори лукнат шуд). Хаёл намекунам, инҳо асосе дошта бошад.
“Гиреҳро аз забони ман боз кун!” зоҳиран ҳамон аст, ки Қуръон мукаррар рӯи он таъкид мекунад, ки пайғамбар иблоғаш бояд иблоғи мубин ва паём расонданаш бояд равшан ва ошкор ва ошкоркунанда ва роҳнамоёна бошад. Чун баъдаш мефармояд:

يَفْقَهُوا قَوْلِي

То сухани маро дарк кунанд, ман битавонам паёми туро вориди фаҳми мардум кунам ва мардум бифаҳманд. Фаҳм кардан яъне равшан шудан, дарк кардан, возеҳ шудани матлаб барои шахс.

وَاجْعَلْ لِي وَزِيرًا مِنْ أَهْلِي. هَارُونَ أَخِي. اشْدُدْ بِهِ أَزْرِي. وَأَشْرِكْهُ فِي أَمْرِي. كَيْ نُسَبِّحَكَ كَثِيرًا. وَنَذْكُرَكَ كَثِيرًا

Парвардигоро! Ин бори хеле сангин аст, барои ман кӯмак бифирист. Инсонеро, ки худаш пешниҳод мекунад, бародараш Ҳорун аст: Парвардигоро! Бародарам Ҳорунро вазир — ки маънии луғавиаш муовин аст — ва кӯмаки ман қарор бидеҳ ва ӯро дар ин кор бо ман шарик гардон. Чаро? Барои ин ки кору кӯшиши мо бештар бошад, на ин ки ман мехоҳам — Алаёзу биллоҳ! — имтиноъ (худдорӣ) карда бошам:

كَيْ نُسَبِّحَكَ كَثِيرًا. وَنَذْكُرَكَ كَثِيرًا

## Хитоби Қуръон ба Расули Акрам

Дар ҷои дигар, Қуръон хитоб ба Расули Акрам (вале на ба сурати суоли Расули Акрам аз Худо, балки ба сурати баёни илоҳӣ) як кори анҷомшударо зикр мефармояд. Дар сураи муборакаи “Алам нашраҳ” мефармояд:

أَلَمْ نَشْرَحْ لَكَ صَدْرَكَ

Оё мо ба ту шарҳи садр надодем?

Мӯсо тақозои шарҳи садр мекунад, вале нисбат ба Пайғамбари Акрам ба сурати як амри додашуда Қуръон мефармояд: оё мо ба ту шарҳи садр надодем? Зарфияти фаровон надодем? Яъне зарфияти фаровон шарти ин кор аст ва мо ин шартро ба ту додаем.

وَوَضَعْنَا عَنْكَ وِزْرَكَ

Ин бори сангинро аз дӯши ту ниҳодем. Онҷо Мӯсо мегуфт:

وَيَسِّرْ لِي أَمْرِي

Ин бори сангинро барои ман осон ва сабук кун. Инҷо Қуръон ба Пайғамбари Акрам мефармояд, ки ин бори сангинро аз дӯши ту бардоштем.

الَّذِي أَنْقَضَ ظَهْرَكَ

Ин хеле ҳарф аст: ин бори сангин, ки он чунон сангин буд, ки дошт пушти туро мешикаст. Мухотаб Хотами анбиёст. Бор ҳам ҷуз бори даъват ва таблиғ ва мувоҷеҳ шудан бо мардум нест; мардуме, ки қасди ҳидоят ва роҳнамоӣ, балки кашондани онҳо ба сӯи парвардигорро дорад. Онҷунон ин кор сангин аст, ки таъбири Қуръон ин аст: дошт пушти туро мешикаст. "Анқаза" зоҳиран маънояш ин аст: агар мо сақфе чӯбӣ дошта бошем ва бори бисёр сангине (масалан, иддаи зиёде инсон ё як шайъи сангин) рӯи он бошад, ки ин чӯбҳо садояш дарбиёяд ва ба истилоҳи маъруф, ҷарақ-ҷарақ бикунад, мегӯянд: "анқаза" ё "нақаза" ва ё назири ин таъбир. Вақте мехоҳад бигӯяд, ин бор онҷунон сангин буд, ки гӯӣ садои мӯҳраҳои пушти ту дошт шунида мешуд, мефармояд:

أَنْقَضَ ظَهْرَكَ

وَرَفَعْنَا لَكَ ذِكْرَكَ

Мо номи туро дар ҳама ҷо баланд кардем.

Боз сухан аз сахтии кор аст:

فَإِنَّ مَعَ الْعُسْرِ يُسْرًا. إِنَّ مَعَ الْعُسْرِ يُسْرًا. فَإِذَا فَرَغْتَ فَانْصَبْ. وَإِلَى رَبِّكَ فَارْغَبْ

(*Сураи Инширох̣*) Пайғамбар! Сахт аст кор, аммо агар инсон сахтиҳоро таҳаммул кунад, бо сахтӣ сустӣ (осонӣ) ҳаст. Яъне сустиҳо (осониҳо) дар шиками сахтиҳост, ҳар сахтӣ дар даруни худаш сустӣ (осонӣ) дорад.

Маънояш ин аст: сабр кун, истиқомат биварз.

فَإِنَّ مَعَ الْعُسْرِ يُسْرًا

Бори дигар таъкид кард:

إِنَّ مَعَ الْعُسْرِ يُسْرًا

— ки пайғамбар аз ин оят чунин эҳсос кард, ки ҳамроҳи ҳар сахтӣ ду осонӣ хоҳад буд, ки чеҳраи муборакаш шукуфта шуд ва баъд ҳей такрор мекард, мефармуд, ки як сахтӣ бо ду сустӣ (осонӣ) чӣ хоҳад кард?! Худои ман ба ман ваъдаи осонӣ ва ваъдаи сустӣ ҳамроҳи ин сахтиҳо додааст.

فَإِذَا فَرَغْتَ فَانْصَبْ. وَإِلَى رَبِّكَ فَارْغَبْ

Агар ин оятро муқоисае бо ояти Мӯсо карда бошед ва баъд ин ҷумлаи мутавотир миёни шиа ва сунниро дар назар бигиред, ки пайғамбар роҷеъ ба Алӣ алайҳис салом фармуд:

أَنْتَ مِنِّي بِمَنْزِلَةِ هَارُونَ مِن مُوسَى

Ту нисбатат ба ман нисбати Ҳорун ба Мӯсо аст. (*Ривояти Саъд ибни Абӯваққос, Саҳеҳи Муслим*)

Яъне ҳамчунон ки Ҳорун муовин ва шарики Мӯсо дар ин кор буд, ту ҳам яке аз он ду падари уммат ҳастӣ; дар ин сурат мебинед ин ки дар тафосири шиа омада ва ривоятҳо ҳам зоҳиран таъйид кардааст, ки —

فَإِذَا فَرَغْتَ فَانْصَبْ

— нозир ба мақоми хилофати амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом аст, хеле хуб ба дил мечаспад, ки бояд ҳам чунин бошад, на чизи дигар.

Вале феълан баҳси мо рӯи матлаби дигаре аст.

## Сухани сангин

Ояти дигар дар Қуръон, ки боз аҳаммияти фавқулъода ва сангинии шадиди амри даъват ба ҳақ ва паёмрасонии илоҳиро баён мекунад, ояте аст, ки дар сураи муборакаи:

يَا أَيُّهَا الْمُزَّمِّلُ

— омадааст, ки медонед.

يَا أَيُّهَا الْمُزَّمِّلُ

ва

يَا أَيُّهَا الْمُدَّثِّرُ

— аз сураҳое ҳастанд, ки дар аввали беъсат нозил шуданд. Мефармояд:

إِنَّا سَنُلْقِي عَلَيْكَ قَوْلًا ثَقِيلًا

(*Сураи Муззаммил, ояти 5*) Мо ба зудӣ сухани сангине ба ту илқо мекунем.

Сухан яъне чӣ, ки сангин бошад? Худи сухан аз он ҷиҳат, ки сухан аст, ки сабукиву сангинӣ надорад. Мӯҳтавои сухан ва иҷрои мадлули сухан аст, ки мумкин аст сахту душвор бошад ва мумкин аст осон бошад. Худи мо гоҳе мегӯем: фалон кас ба фалон кас сухани сахте гуфт, яъне сухане, ки таҳаммули маънии он барои ӯ шадид буд. Ё мегӯем: маъмурияти сангине ба мо дода шудааст. Шахсе, ки аз тарафи мақоме маъмур мешавад, мегӯяд, маъмурияти сангине ба мо дода шуд. Як иблоғ содир шудааст, ба ӯ гуфтаанд, бирав фалон корро анҷом бидеҳ, мегӯяд, маъмурияти сангине ба мо дода шуд.

Маъмурият яъне чӣ, ки сангин бошад? Маъмурият, он иблоғ ва он коғаз ва он сухан ва он нома ва ғайра, ки сабукиву сангинӣ надорад. Баҳс дар инҳо нест. Вақте, ки мӯҳтавои он маъмурият коре фавқулъода душвор бошад, мегӯем, маъмурияти сангин. Ояти Қуръон мефармояд:

إِنَّا سَنُلْقِي عَلَيْكَ قَوْلًا ثَقِيلًا

Мо ба зудӣ сухани сангине ба ту илқо мекунем, ки ҷуз ҳамон даъват ва ҳидояти мардум чизи дигаре нест.

Мумкин аст афроде бипурсанд: чаро Қуръон ин ҳама амри даъвату таблиғро кори душворе талаққӣ кардааст?

## Арзиши масъалаи таблиғ

Баъзе аз масоили ҳаст, ки мо баҳақ арзиши он масоилро дарк кардаем. Чун арзишашро яъне сатҳашро дарк кардаем, қаҳран онро дар сатҳи худаш мешиносем. Масалан, амри ифто ва фатво додан. Хушбахтона то ҳадди зиёде, лоақал наваду панҷ дарсади ҷомеаи мо мешиносанд, ки ифто корест сангин ва дар сатҳи бисёр-бисёр боло. На афроде зуд ҷуръат мекунанд, ки чунин иддаое кунанд ва на агар афроди хушиштиҳое ин иддаоро карданд, ҷомеа зуд мепазирад. Ҷомеа инро эҳсос карда, ки сатҳи ин кор болост.

Вале масъалаи даъвати мардум ба сӯи ҳақ, масъалаи таблиғи мардум, масъалаи иршоду ҳидояти мардум, масъалаи ҳаракат додани мардум ба сӯи Худо, ки сухан сухани ҳаракат додан аст, (сатҳи он шинохта нашудааст.) Гуфт:

*Дар ин раҳ анбиё чун сорбонанд,*
*Далелу раҳнамои корвонанд.*
*В-аз эшон сайиди мо гашта солор,*
*Ҳам-ӯ аввал, ҳам-ӯ охир дар ин кор…*
*Мақоми дилгушояш ҷамъи ҷамъ аст,*
*Ҷамоли ҷонфизояш шамъи ҷамъ аст.*
*Шуда ӯ пешу дилҳо ҷумла аз пай,*
*Гирифта дасти дилҳо домани вай.*
*(Шайх Маҳмуди Шабистарӣ)*

Ҳаракат додани башар аст, он ҳам ба куҷо? Ба сӯи охур? На. Хеле мактабҳо ҳастанд, ки башарро ҳаракат медиҳанд, хуб ҳам ҳаракат медиҳанд, аммо ба сӯи чӣ? Ба сӯи охур, ба сӯи манофеаш; каме мақоми муқаддастар ҳам бигӯем: ба сӯи ҳуқуқашон, ки билохира манофеашон дар ҳуқуқашон аст ва то инҷо мо ҳам мувофиқем. Пайғамбарҳо ҳам мардумро ба сӯи эҳқоқи ҳуқуқашон савқ медиҳанд. Ҷузъи барномаи пайғамбарон яке ин ҳаракат додан аст, вале ин, он ҳаракати кучаке аст, ки пайғамбарон медиҳанд, ки маҳрумро савқ медиҳанд ба сӯи ин ки эй маҳрум! Бирав ҳаққи худатро истифо кун! Эй мазлум! Бирав ҳаққи худатро аз золим бигир. Ин ҳам ҷузъи ҳаракатҳое аст, ки анбиё доранд, вале кучактарини ҳаракатҳост, чун ҳаракате аст, ки манофеъ ва майли табиии инсон ҳам онро таъйид мекунад. “Ранҷбарон! Муттаҳид шавед, ҳаққи худатонро аз зӯргӯён бигиред!” Дар ин масири ҳаракат додан, албатта коре аст намехоҳам бигӯям кори кучаке аст, аммо дар барномаи анбиё ин он кори кучаки анбиёст, ки анҷом додаанд ва аз дигарон ҳам беҳтар анҷом додаанд. Он

ҳаракати бузурге, ки анбиё медиҳанд, ҳаракате аст, ки инсонро аз манзили нафс ба сӯи ҳақ савқ медиҳанд. Гуфт:

*Салои бода зад пири харобот,*
*Биё соқӣ, ки фиттаъхири офот.*
*Сулуки роҳи ишқ аз худ раҳоист,*
*На қатъи манзилу тайи мақомот.*
*(Шайх Баҳоӣ)*

**Башарро аз худ раҳондан ва ба ҳақ расондан, яъне башарро аз даруни худаш алайҳи худаш барангехтан. На танҳо шумои мазлумро алайҳи мани золим барангезад, мани золимро ҳам аҳёнан ва дар хеле маворид, алайҳи худам барангезад, ки исмаш мешавад тавба, бозгашт, ҳаракат додани инсонҳо аз худӣ ва аз нафспарастӣ ба сӯи ҳақиқатпарастӣ. Кори мушкил ин аст.** Ҳар кас дар ин кор бо анбиё рақобат кард, он вақт метавонем барояш ҳисоб боз кунем. Фалон раҳбари инқилобӣ мардумро дар ҷиҳати манофеашон ҳаракат додааст, ҳарчанд ба номи эҳқоқи ҳуқуқашон; ба ном ҳам намегӯем, воқеан барои ба даст овардани ҳуқуқашон, таъбири муқаддас ҳам мекунем; кори бузурге аст, аммо кори кучаки анбиёст.

Кори анбиё, ки рақиб надорад ва ҳар доӣ илаллоҳ (даъваткунанда ба сӯи Худо) ва ҳар мубаллиғ ва расонандаи паёми Худо бояд онро таъқиб кунад, ба дунболи пайғамбар ва Алӣ биравад ва коре мушкил аст ин аст: ҳаракат додани инсонҳо аз худӣ, худхоҳӣ, нафспарастӣ ва нафъпарастӣ ба сӯи ҳақпарастӣ ва ҳақиқатпарастӣ. Ин аст, ки кор, бисёр кори душворе аст.

Гуфтем, мо арзиши баъзе аз корҳоро, баъзе аз шуъунро дар сатҳи худаш то ҳадде дарк кардаем ва баҷо дарк кардаем ва бояд ҳам ҳамин тавр дарк кунем, аммо бояд эътироф кунем, ки арзиши баъзе аз корҳоро дар сатҳи худаш дарк накардаем. Имшаб тасодуфӣ рух дод, ки барномаи ман омӯзиш аз сираи набавӣ дар амри таблиғу даъват бошад ва хатиби донишманд, ҷаноби оқои Фалсафӣ ҳам — ки баҳақ бояд гуфт, дар садри ин фан қарор гирифтаанд ва хадамоти бисёр-бисёр бузург ба ин шаҳр ва ба ин кишвар кардаанд — дар маҷлиси мо ҳузур дошта бошанд. Арз кардам, амре аст тасодуфӣ. Мақсудам ин аст, ки ман чунин фикре накарда будам ва инчунин шуд ва хуб шуд. Арзиши инҳо ва арзиши касонеро, ки дар ин сатҳ хуни ҷигарҳо хӯрдаанд, то тавонистаанд ба сурати як доӣ ва як хатиби лоиқ

— мумкин аст бигӯед мақоми ислом хеле болотар аст, лоиқи нисбӣ ҳам бигӯем кофӣ аст – дароянд, бояд донист. Гуфт:

يَرَى النّاسُ دُهْناً فِى الزُّجاجَةِ صافياً

وَلَمْ يَدْرِ ما يَجْرِي عَلى رَأْسِ سِمْسِمِ

Яъне мардум равғани софшудаи кунҷидро дар як шиша мебинанд, аммо намедонанд ба сари он донаи кунҷиди бечора чӣ омад, ки ҳоло онҳо равғани софшудаашро мебинанд. Таблиғи софшуда ва поку покизаашро мардум мебинанд, вале намедонанд чӣ бар сари он бечора омадааст, ки имрӯз онҳо доранд равғани софашро мушоҳида мекунанд.

Ба ҳар ҳол, Қуръон ин матлаброо дар сатҳи бисёр-бисёр боло бурда. Чаро? Худо метавонист фақат ба пайғамбар бигӯяд:

إِنَّا سَنُلْقِي عَلَيْكَ قَوْلًا ثَقِيلًا

ё:

أَلَمْ نَشْرَحْ لَكَ صَدْرَكَ

Вале ҳамаи инҳо барои уммат, омӯзиш аст. Чаро Худо ин ҳақиқатро бо пайғамбари худаш бозгӯ мекунад ва дар ихтиёри ҳамаи уммат мегузорад? Хеле масоил байни Худо ва пайғамбар ҳаст, вале чун марбут ба кори умум нест, Худо медонад ва пайғамбар ва барои ғайр тарҳ нашуда. Вақте, ки масъалае тарҳ мешавад, аломати ин аст, ки бояд онро омӯхт.

Кори даъват аст, кори таблиғ аст, кори осоне нест. Пас мо аз Қуръон меомӯзем, ки аввалин шарт дар амри даъват ва паёмрасонӣ шарҳи садр аст, дили васеъ, зарфияти васеъ ба андозаи дунё.

## Иблоғ ба ақлу фикр

Мумкин аст бигӯед, чаро паём расондан ин қадр кори мушкиле бошад? Арз мекунам:

Ҳар паём расондане ин қадр мушкил нест. Як иблоғ аст, ки фақат иблоғ ба ҳис аст. Бадеҳӣ аст кори осоне аст. Иблоғе, ки маъмури додгустарӣ мекунад ва масалан ихтореро ба шахсе ба унвони мутталеъ ё муттаҳам иблоғ мекунад, иблоғ ба ҳис аст, ки ба руъят мерасонад. Шумо агар бихоҳед паёмеро иблоғ кунед, агар вазифаатон фақат ин бошад, ки ба ҳисси тараф бирасонед, ба руъят ё самъи ӯ бирасонед, кори мушкиле нест; мешавад ба гӯш ё чашми мардум ҳарферо расонд. Вале оё пайғамбарон, ки балоғи мубин доранд, вазифаашон

фақат ин аст, ки матлабро ба гӯши мардум бирасонанд ва ҳамин кофӣ аст? Ба чашми мардум иблоғ шуда бошад кофӣ аст?

На. **Болотар аз иблоғ ба ҳис ва иблоғ ба чашм ё гӯш масалан, иблоғ ба ақлу фикр аст. Яъне матлабро дар чунон баён кардан, ки то ақл нуфуз кунад**. Он чи, ки ба чашми инсон меояд, кофӣ нест, ки ақл ҳам бипазирад. Он чи, ки ба гӯши инсон мерасад, кофӣ нест, ки ақл ҳам бипазирад. Он абзоре, ки як паёмро ба ақл мерасонад, савт ё шакл ё китобат нест, чизи дигар аст. Ақл дарвозаи худашро бастааст ва ҷуз бо абзор ва маркаби бурҳону истидлол ва ба таъбири Қуръон, "ҳикмат", паёмеро дар худаш намепазирад.

**Пайғамбарон мехоҳанд сухани худашонро дар дараҷаи аввал ба ақлҳо иблоғ кунанд**. Агар мебинед, масеҳият бар зидди ин сухан қиём кардааст ва мегӯяд, кори имон бо ақл иртибот надорад, ин дар асари таҳрифи масеҳият аст. Масеҳи аслӣ ҳаргиз чунин сухане намегӯяд. Масеҳи аслӣ на таслис гуфт ва на баъд аз ин ки дид таслис бо ҳеч ақле ҷур дарнамеояд ва ақл дарвозаи худашро бар рӯи таслис бастааст ва ба ҳеч ваҷҳ роҳ намедиҳад, гуфт: имон ҳисобаш аз ақл ҷудост, минтақаи имон барои ақл минтақаи мамнӯъа аст, ақл ҳаққи мудохила надорад! Ин марбут ба таҳрифи масеҳият аст.

Ҳеч пайғамбаре чунин сухане намегӯяд. Вале Қуръон — ки он чи ҳақиқат аст аз ҳамаи пайғамбарон, дар он омадааст бо изофоте — мегӯяд:

ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ

(*"Ба ҳикмат ва мавъизаи (панди) некӯ ба роҳи Худоят даъват кун…" (Сураи Наҳл, ояти 125)*)

Аввалин чизе, ки баён мекунад ҳикмат аст: мардумро ба роҳи парвардигорат бихон, эй доӣ илаллоҳ!

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِدًا وَمُبَشِّرًا وَنَذِيرًا

(*Сураи Аҳзоб, ояти 45*) Туро фиристодаем, ки гувоҳи ин уммат бошӣ (ҳоло гувоҳ ба ҳар маъно, ки бихоҳад бошад, ки феълан баҳси мо нест), туро навидбахш ва навиддиҳанда барои ин уммат фиристодаем; башорат бидеҳ, навид бидеҳ, ташвиқ кун, яъне натоиҷи бисёр олиеро, ки дар ин сайру масир доранд, ба огоҳиашон бирасон –

وَنَذِيرًا

— ва туро назир фиристодаем. Мукаррар гуфтаем, ки **маънии “назир” тарсонанда нест**. Тарсонанда тарҷимаи “мухаввиф” аст. “Назир” як маънии ахасс (хосстар) аз тарсонанда дорад, яъне **эъломи хатаркунанда**. Агар инсон масалан аз дар мехоҳад берун биравад, касе садои ноҳинҷоре эҷод кунад, инсонро тарсондааст, вале ин инзор нест.

Инзор навъе тарсонданро мегӯянд, ки эъломи хатар бошад: шахсе тасмиме гирифтааст ва аз як роҳе меравад; касе меояд эъломи хатар мекунад, мегӯяд: ба дунболи ин кори ту ва ин роҳи ту фалон хатар ҳаст.

(Қуръон мегӯяд) эй пайғамбар! Мо туро фиристодаем, ки назир бошӣ, бимдиҳанда ба ин маъно бошӣ, эъломи хатаркунанда бошӣ; ки дар солҳои аввали беъсаташ омад дар доманаи (кӯҳи) Сафо истод, фарёд кашид — он тавре, ки дар он вақт марсум буд, ки шиор медоданд — ё сабоҳан! Ё сабоҳан!.. (ва аз ин ҷумлаҳо), яъне хатар! Хатар!

Мардум дар доманаи Сафо ҷамъ шуданд. Чӣ хабар аст? Барои аввалин бор аз Муҳаммади Амин (Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ!) мешунаванд: хатар! Хатар! Чӣ хатаре аст? Оё қиссае назири қиссаи омулфил пеш омада? Аввал аз мардум тасдиқ хост: айюҳаннос! То кунун маро дар миёни худ чӣ гуна шинохтаед? Ҳама гуфтанд: амину ростгӯ. Фармуд: агар алъон ман шуморо инзор кунам ва ба шумо эъломи хатар кунам, ки дар пушти ин кӯҳҳо душман бо лашкари ҷаррор омадааст ва мехоҳад бар сари шумо бирезад, сухани маро бовар мекунед ё на? Гуфтанд: албатта. То ин гувоҳиро гирифт, фармуд:

اِنّی نَذیرٌ لَکُمْ بَیْنَ یَدَیْ عَذابٍ شدیدٍ

(“Ман пешопеш шуморо ба азобе сахт бимдиҳандаам.”)

Пас ба шумо эъломи хатар кунам, ки ин роҳе, ки шумо меравед, дунболаш азоби шадиди илоҳӣ аст дар дунё ва охират.

إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِدًا وَمُبَشِّرًا وَنَذِيرًا. وَدَاعِيًا إِلَى اللهِ بِإِذْنِهِ

(*Сураи Аҳзоб, оятҳои 45 ва 46*) Омадаӣ мардумро ба изни парвардигор ба сӯи парвардигор мехонӣ, мардумро ба сӯи парвардигор ҳаракат медиҳӣ. Ту доӣ илаллоҳ ҳастӣ.

Ин даъвати илаллоҳ кори кучаке нест. Ҳоло, ки ту доӣ илаллоҳ ҳастӣ, ба чӣ васила мешавад мардумро даъват кард? Оё мешавад масалан инсон хоб бибинад ва бо хоб мардумро даъвати

илаллоҳ бикунад? Ҳар рӯз субҳ биёяд, бигӯяд, имрӯз барои ин кор хобе дидам, мардум биёед чунин кунед?
На. Қуръон роҳашро муайян карда; даъват ба Худост, даъват ба бузургтарини ҳақоиқи олам аст, даъват ба чизе аст, ки ақлҳои башарро мешавад ба он сӯ ҳидоят кард ва ҳаракат дод, даъват ба чизе аст, ки бояд ақлҳо онро бипазиранд. Бо чӣ? Бо далел, бурҳон, ҳикмат ва сухани мантиқӣ.

## Иблоғ ба дил

Як ҷиҳат аст, ки ин корро душвор мекунад. Оё дар иблоғи паёмбарон ва иблоғи даъвати илоҳӣ, кофӣ аст, ки ин паём ба ақлҳо расонда шавад? Ба ҳис, ки гуфтем ҳеч кофӣ нест, бояд ин паём ба марҳилаи ақл ҳам бирасад. Оё ин кофӣ аст?
На. Ин тоза марҳилаи аввали матлаб аст. Як муаллим вазифааш фақат ҳамин аст, ки сухани худашро, илми худашро ба ақли донишомӯз бирасонад. Меояд пойи тахтаи сиёҳ меистад, донишомӯз онҷо нишастааст, масъалаи риёзиро барояш тарҳ мекунад. Аввал, ки асли масъаларо тарҳ мекунад, донишомӯз ақлаш ҳанӯз намедонад, ки воқеан ин ҷур ҳаст ё на. Далел мехоҳад. Баъд, ки муаллим бурҳону далели риёзиро иқома кард, онҷост, ки муддаои ӯ вориди ақли донишомӯз шудааст. Аммо пайғамбарон наомадаанд, ки фақат муддаоҳоеро вориди ақли мардум кунанд. Фалосифа коре, ки доранд, ҳар андоза муваффақ бишаванд, ин аст, ки суханеро то ақли мардум нуфуз медиҳанд, аммо аз он бештар дигар на.
**Паёми илоҳӣ гузашта аз ин ки дар ақлҳо бояд нуфуз кунад, дар дилҳо бояд нуфуз кунад**. Яъне бояд дар умқи руҳи башар ворид бишавад ва тамоми эҳсосоти ӯ, яъне тамоми вуҷудашро дар ихтиёр бигирад. Ва аз ин рӯ пайғамбаронанд, ки метавонанд башарро дар роҳи ҳақиқат ба ҳаракат дароваранд, на файласуфон. Файласуфи бечора заҳмат мекашад, худашро мекушад, охири кораш фикреро то ақли мардум нуфуз медиҳад, он ҳам на ҳамаи мардум, балки иддае, ки шогирдонаш ҳастанд ва чанд сол бояд биёянд назди ӯ дарс бихонанд, то бо забонаш ошно бишаванд. Чун балоғаш балоғи мубин нест, қудрати балоғи мубин надорад ва бояд дар лаффофаи садҳо истилоҳ сухани худро баён намояд. Ба қавли яке аз асотиди бузурги мо, файласуф, ки ин ҳама истилоҳ ба кор мебарад, аз аҷзу нотавониаш аст. Ҳей мегӯяд: имкони зотӣ, имкони истиқболӣ, имкони истеъдодӣ, воҷибулвуҷуди биззот, ақли аввал, ақли дуввум. Чун наметавонад ҳарфи худашро ҷуз дар лаффофаи инҳо бигӯяд ва ин аз нотавонии ӯст.

Вале пайғамбарон, мо мебинем бидуни ин ки ҳеч истилоҳе дар кор бошад, он охирин ҳарферо, ки дар партав ва дар лаффофаи садҳо истилоҳ баён шудааст, бо балоғи мубин, бо ду калима, бо ду ҷумла гуфтаанд, ки файласуф дармемонад, ки чӣ тавр саҳли мумтанеъ матлаб ба ин соддагӣ гуфта шудааст:

**قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ. اللَّهُ الصَّمَدُ. لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ. وَلَمْ يَكُنْ لَهُ كُفُوًا أَحَدٌ**

(*Сураи Ихлос*)

**سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ. لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ يُحْيِي وَيُمِيتُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ. هُوَ الْأَوَّلُ وَالْآخِرُ وَالظَّاهِرُ وَالْبَاطِنُ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ**

(*Сураи Ҳадид, оятҳои 1-3*) Дар ниҳояти соддагӣ.

Пас, пайғамбарон, гузашта аз ин ки паёми худашонро ба ақли мардум ҳам беҳтар аз фалосифа мерасонанд, кори бузургтаре доранд, ки паёмро ба дил бирасонанд, яъне ба саросари вуҷуд, ки дигар чизе боқӣ намемонад. Он ки муриди як пайғамбар мешавад яъне ба як пайғамбар имон меоварад, саросари вуҷудаш вобастаи ба ӯ мешавад.

## Достони Бӯалӣ ва Баҳманёр

Ин достони маъруфро шояд мукаррар шунидаед, вале чун гувоҳи хубе бар ин муддаост, боз арз мекунам. Достони маъруфи Бӯалӣ Синост. Бӯалӣ Сино дар ҳавоссу фикраш (қавитар аз ҳадди маъмул буд), чун одами хориқулъодае буд. Чашмаш аз дигарон шуоъаш бештар буд, гӯшаш хеле тезтар буд, фикраш хеле қавитар буд. Кам-кам мардум дар бораи ҳисси Бӯалӣ, чашми Бӯалӣ ва гӯши Бӯалӣ афсонаҳо нақл карданд, ки масалан дар Исфаҳон буд ва садои чаккуши мисгарҳои Кошонро мешунид. Албатта инҳо афсона аст, вале афсонаҳоро маъмулан дар заминаҳое месозанд, ки шахс ҷанбаи хориқулъодае дошта бошад.

Шогирдаш Баҳманёр ба ӯ гуфт: ту аз он одамҳое ҳастӣ, ки агар иддаои пайғамбарӣ кунӣ, мардум аз ту мепазиранд ва аз рӯи хулуси ният имон меоваранд. Гуфт: ин ҳарфҳо чист? Ту намефаҳмӣ. Баҳманёр гуфт: хайр, матлаб аз ҳамин қарор аст.

Бӯалӣ хост амалан ба ӯ нишон бидиҳад. Дар як зимистоне, ки бо якдигар дар мусофират буданд ва барфи зиёде омада буд, муқорини тулӯи субҳ, ки муаззин азон мегуфт, Бӯалӣ бедор буд, Баҳманёрро садо кард: Баҳманёр! Бале. Баланд шав. Чӣ кор дорӣ? Хеле ташнаам, ин косаро (бигир ва) аз он кӯза об бидеҳ, ки ман рафъи ташнагӣ кунам. Дар он замон васоиле мисли бухорӣ ва шуфож, ки набуда. Муддате зери лиҳоф дар он ҳавои сард худашро гарм

карда буд. Ҳоло аз ин бистари гарм чӣ гуна берун биёяд?! Шурӯъ кард истидлол кардан, ки устод! Худатон табиб ҳастед, аз ҳама беҳтар медонед, меъда вақте, ки дар ҳоли илтиҳоб бошад, агар инсон оби сард бихӯрад, якмартиба сард мешавад, мумкин аст мариз бишавед, Худой нохоста нороҳат бишавед. Гуфт: ман табибам, ту шогирди манӣ, ман ташнаам, барои ман об биёвар. Боз шурӯъ кард ба истидлол кардан ва баҳона овардан, ки охир, саҳеҳ нест, дуруст аст, ки шумо устод ҳастед, вале ман хайри шуморо мехоҳам, агар ман хайри шуморо риоят кунам, беҳтар аз ин аст, ки амри шуморо итоат кунам. (Гуфт: одами танбалро, ки кор бифармоӣ, насиҳати падарона ба ту мекунад). Шурӯъ кард аз ин насиҳатҳо кардан.

Ҳамин ки Бӯалӣ хуб ба худаш собит кард, ки ӯ баландшав нест, гуфт: ман ташна нестам, хостам туро имтиҳон кунам. Ёдат ҳаст, ки ба ман мегуфтӣ, чаро иддаои пайғамбарӣ намекунӣ, мардум мепазиранд? Ман агар иддаои пайғамбарӣ кунам, ту, ки шогирди манӣ ва чандин сол пеши ман дарс хондаӣ, ҳозир нестӣ амри маро итоат кунӣ; худам дорам ба ту мегӯям баланд шав, барои ман об биёвар, ҳазор далел барои ман меоварӣ алайҳи ҳарфи ман. Он бобо (муаззин) баъд аз ин ҳама сол, ки аз вафоти пайғамбар гузашта, бистари гарми худашро раҳо карда, рафта болои маъзана ба он баландӣ, барои ин ки ин нидоро ба олам бирасонад, ки: “*Ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ*”. Ӯ пайғамбар аст, на ман, ки Бӯалӣ Сино ҳастам.

Вақте, ки паёме, он ҳам паёми илоҳӣ бихоҳад ба дилҳо бирасад ва дилҳоро таҳти нуфуз ва тасхири худаш дарбиёварад, ҷомеаҳоро ба ҳаракат дарбиёварад, он ҳам на танҳо ҳаракат дар масири манофеъ ва ҳуқуқ, балки бихоҳад инсонҳоро тоиб (тавбакунанда) кунад, ашкҳоро бирезад, ки вақте оятҳои Қуръонаш хонда мешавад, сели ашкҳо ҷорӣ бишавад:

يَخِرُّونَ لِلْأَذْقَانِ سُجَّدًا... وَيَخِرُّونَ لِلْأَذْقَانِ يَبْكُونَ

(*Сураи Исро, оятҳои 107-109*) бифтанд рӯи замин ва бигирянд ва бигирянд, ин кори осоне нест, бисёр душвор ва мушкил аст.

## Балоғи мубин

Дар ин замина аст, ки мо мебинем Қуръон аз забони анбиёи дигар ва аз забони Расули Акрам матолибе зикр мекунад, яъне методро ба даст медиҳад, ки даъват кардан чӣ шароите дорад. Аввалин шарташ ҳамон буд, ки арз кардам, ки Қуръон дар оятҳои бисёр зиёде “сухани балоғ”-ро оварда, ки калимаи “балоғ” яъне расондани паём.

Инро ҳам арз кунам: баъзе калимот сарнавиштҳои шуме доранд ва баъзе калимот сарнавиштҳои хубе доранд. Калимаи “таблиғ” (реклама ба русӣ) дар замони мо — албатта дар истилоҳи мутаҷаддидин — сарнавишти баде пайдо карда. Алъон дар миёни мутаҷаддидин “таблиғ” маънояш ин аст, ки як чизе ҳақиқат надорад, бо дурӯғпароканӣ мехоҳем онро ба хӯрди мардум бидиҳем. Вале ин, истилоҳи ғалати имрӯз аст. Ман ҳамеша гуфтаам, агар як истилоҳи саҳеҳе мо дар Қуръон ва суннат дорем ва имрӯз истилоҳ тағйир карда ва мафҳуми дигаре пайдо намуда, мо набояд истилоҳи худамонро раҳо кунем. Чун баъзе мегуфтанд, ин калимаи “таблиғ”-ро дигар ба кор набаред, барои ин ки медонед дар урфи имрӯз вақте мегӯем “таблиғ” яъне он коре, ки бо равғани наботӣ масалан мекунанд, яъне дурӯғи маҳз. Масалан, мегӯянд, агар чанд мисқолашро бихӯрӣ, мисли оҳу метавонӣ бидавӣ, аз фил нерӯят бештар мешавад. Ҳар ҷо гуфтанд “таблиғ”, яъне дурӯғ. Пас хуб аст мо дар истилоҳоти динии худамон калимаи “таблиғ”-ро ба кор набарем. Гуфтам: чаро? Таблиғ истилоҳе аст, ки дар Қуръон омада, балоғ дар Қуръон омада. **Вақте як истилоҳ, як маънии саҳеҳу дуруст дорад, мо набояд ба далели ин ки таҳрифе дар ҷомеа шуда ва маънии дигаре пайдо карда, онро ба кор набарем**. Мо маънии худамонро истеъмол мекунем ва ҳам мегӯем, ки дар Қуръон ва асосан дар луғат асли маънии таблиғ чист. Таблиғ яъне расондани паём.

Пас Қуръон, ҳам калимаи “балоғ”-ро ба кор бурдааст ва ҳам гуфтааст “балоғи мубин”, ошкор ва ошкоркунанда. Он даъваткунандае; он доӣ ва он муаллиғе дар ҳадафи худаш ба натиҷа мерасад, ки балоғаш мубин бошад, баёнаш дар айни ин ки дар авҷи ҳақоиқ аст, содда бошад, равшан бошад, умумифаҳм бошад, мардум ҳарфашро бифаҳманд ва дарк кунанд. Он одаме, ки қулумба-сулумба ҳарф мезанад ва мардум ҳам дар охир баҳ-баҳ мегӯянд (балоғаш балоғи мубин нест). (Шахсе баъд аз баланд шудан аз пойи сухани як суханрон) хеле баҳ-баҳ мегуфт, ки намедонед чӣ қадр хуб буд! Аз ӯ пурсиданд, бисёр хуб, хуб буд, чӣ гуфт? Гуфт: ман, ки нафаҳмидам. Пас, чӣ чизаш хуб буд?!

Дар сухан, асоси матлаб ин аст, ки мустамеъ вақте, ки баланд мешавад, чизе фаҳмида бошад. Бузургтарин ё яке аз шароити доӣ ва мубаллиғ ин аст, ки мустамеъ вақте, ки бармехезад, бо домани пур бархезад, воқеан матлаберо фаҳмида бошад. Ва ин аз тавоноии доӣ ва мубаллиғ аст. Баъзе хаёл мекунанд, агар касе ҳарфҳояш тавре буд, ки нафаҳмиданд, пас ӯ хеле ҳарфҳояш (олӣ аст). На, ин ҷур нест. Пайғамбар ҳам агар ҷое сӯҳбат мекард, дар авҷе мегуфт, ки баъд аз чаҳорсад сол афрод ба маъоние бархӯрд мекарданд, ки қаблиҳо

нафаҳмида буданд, вале тамоми онҳое ҳам, ки дар маҷлиси пайғамбар нишаста буданд, ба андозаи худашон мефаҳмиданд. Хутбаҳои Алӣ бо он авҷе, ки дорад, дар айни ҳол хутбаҳое аст, ки ҳамон касоне ҳам, ки дар маҷлис нишаста буданд, ба андозаи зарфияти худашон аз ин суханон истифода мекарданд ва мефаҳмиданд.

## Нусҳ ё хулуси сухан

Дар Қуръон роҷеъ ба иблоғ ва даъват, калимаи "нусҳ" аз забони доиёни илоҳӣ зиёд омадааст. Нусҳ яъне хайрхоҳӣ ба маънии хулус, чун нусҳ дар луғати араб дар муқобили ғиш аст. Вақте, ки дар як ҷинсе, дар як колое аз ғайри худаш омехта кунанд, истилоҳан мегӯянд ғиш дохилаш кардаанд. Нусҳ, ки дар муқобили ғиш аст яъне сухан бояд хулус дошта бошад, яъне аз камоли хайрхоҳии тараф ва аз сӯзи дил бархоста бошад. Он касе метавонад доӣ илаллоҳ ва мубаллиғи паёми Худо бошад, ки суханаш нусҳ бошад, яъне ҳеҷ ангезае ҷуз хайру маслиҳати мардум надошта бошад, суханаш аз сӯзи дил бархезад, ки:

إِنَّ الْكَلامَ اِذا خَرَجَ مِنَ الْقَلْبِ دَخَلَ فِى الْقَلْبِ وَاِذا خَرَجَ مِنَ اللِّسانِ لَمْ يَتَجاوَزِ الْآذانَ

"*Ки ҳар-ч аз ҷон бурун ояд, нишинад лоҷарам бар дил*." (*Саъдӣ*) Ва сухане, ки фақат аз забон берун биёяд ва дил аз он бехабар бошад, аз гӯшҳои мардум таҷовуз намекунад. Пай дар пай пайғамбарон мегӯянд:

وَأَنْصَحُ لَكُمْ

(*Сураи Аъроф, ояти 62*)

وَأَنَا لَكُمْ نَاصِحٌ

(*Сураи Аъроф, ояти 68*)

إِنِّي لَكُمَا لَمِنَ النَّاصِحِينَ

(*Сураи Аъроф, ояти 21*) Ҳамааш сухан аз ин аст. Вақте, ки Мӯсо ибни Имрон бо Худои худаш аз сангинии кор сухан мегӯяд, он сангинӣ фақат ин нест, ки ман мехоҳам дар муқобили Фиръавн бо он қудрат ва ҷабборият сухан бигӯям, пас кори сангин аст. На. Як сангиниҳои дигар аст: Худоё маро мадад кун, ки Мӯсое бошам, ки Мӯсо дигар дар ӯ вуҷуд надошта бошад, мане вуҷуд надошта бошад, худӣ вуҷуд надошта бошад, инонияте вуҷуд надошта бошад, дар ниҳояти хулус битавонам паёми туро ба мардум арза бидорам.

# Парҳез аз такаллуф

Шарти дигари таблиғи дин, парҳез аз такаллуф аст. Ояте дорем дар Қуръон дар сураи муборакаи Сод:

مَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ وَمَا أَنَا مِنَ الْمُتَكَلِّفِينَ

(*Сураи Сод, ояти 86*) Ман муомилагар нестам, музде намехоҳам ва ман мутакаллиф нестам. Дар мавриди “такаллуф” муфассирон суханоне доранд, ки шояд ҳамаи онҳо ба як матлаб баргардад. Такаллуф яъне ба худ бастан, худро ба машаққат андохтан. Чӣ тавр? Як вақт Худой нохоста инсон чизеро эътиқод надорад; чизеро, ки эътиқод надорад, мехоҳад эътиқодашро дар дили мардум ворид кунад. Дарде аз ин болотар нест, ки инсон худаш ба чизе эътиқод надошта бошад, баъд бихоҳад он эътиқодро дар дили мардум ворид кунад. Гуфт:

*Зоти ноёфта аз ҳастӣ бахш,*
*Чун тавонад, ки бувад ҳастибахш?*
*Хушкабре, ки бувад з-об тиҳӣ,*
*Н-ояд аз вай сифати обдиҳӣ.*
(*Ҷомӣ*)

Кӯҳнаабре, ки об надорад, мехоҳад сарзаминҳоро сероб кунад. Чун як инсон ин корро мехоҳад бикунад, хеле барояш сахт аст.

Маънии дигари “такаллуф” — ки Ибни Масъуд инчунин гуфтааст ва бисёре аз муфассирони дигар ҳам инчунин гуфтаанд — “қавл ба ғайри илм” аст. Яъне ғайр аз пайғамбар ва имом, ҳар каси дигарро шумо дар дунё пайдо кунед ва бихоҳед ҳамаи масоилро аз ӯ суол кунед, қаҳран намедонад. Гуфт: “Ҳама чизро ҳамагон донанд”. Чӣ касе метавонад иддао кунад, ки ҳар чи метавонед аз масоили динӣ (доираашро маҳдуд мекунам), аз ман бипурсед, то ҷавоби ҳамаро ба шумо бидиҳам? Бале, пайғамбар метавонад иддао кунад, Алӣ метавонад бигӯяд:

سَلونی قَبْلَ اَنْ تَفْقِدونی

(*“Бипурсед аз ман қабл аз он ки маро наёбед.” Сафинатул-биҳор, ҷ.1, с.586*) Ғайри Алӣ ҳар, ки мехоҳад бошад, таваққӯъ аз ӯ беҷост. Пас ман бояд ҳадди худамро бишносам. Ман фалон масъала аз масоили диниро мумкин аст бидонам. Хуб, он чиро, ки медонам, ҳамонро ба мардум иблоғ кунам. Чизеро, ки намедонам, аз ман мепурсанд, боз мехоҳам ба зӯр онро

бигӯям. Хуб, чизеро, ки намедонӣ, чӣ гуна метавонӣ ба дигарон бифаҳмонӣ?! Ибни Масъуд гуфт:

قُلْ ما تَعْلَمُ، وَلا تَقُلْ ما لا تَعْلَمُ

Он чиро, ки медонӣ, бигӯ ва он чиро, ки намедонӣ, нагӯ. Он чиро, ки намедонӣ, агар аз ту бипурсанд, бо камоли сароҳат мардона бигӯ, намедонам. Баъд ин оятро хонд:

مَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ وَمَا أَنَا مِنَ الْمُتَكَلِّفِينَ

Ибни ал-Ҷавзӣ яке аз воизони маъруф аст. Рафта буд болои минбаре, ки се пилла дошт. Дошт барои мардум сӯҳбат мекард. Зане аз пойи минбар баланд шуд, масъалае аз ӯ пурсид. Ӯ гуфт: намедонам. Зан пуррӯ буд, гуфт: ту, ки намедонӣ, чаро се пилла аз дигарон болотар нишастаӣ? Гуфт: ин се пилларо, ки ман болотар нишастаам, ба он андозае аст, ки ман медонам ва шумо намедонед. Ба андозаи маълумотам боло рафтаам. Агар ба андозаи маҷҳулотам мехостам боло биравам, бояд минбаре дуруст мекарданд, ки то фалакулафлок боло мерафт. Ман агар ба андозаи намедонамҳоям мехостам болои минбар биравам, минбаре лозим буд, ки то осмон бояд боло мерафт. Инсон чизеро, ки намедонад, мегӯяд намедонам.

Медонем, ки Шайх Ансорӣ шуштарӣ будааст. Марде аст, ки дар илму тақво нобиғаи рӯзгор аст. Ҳанӯз уламо ва фуқаҳо ба фаҳми дақоиқи каломи ин мард ифтихор мекунанд. Мегӯянд, вақте чизе аз ӯ мепурсиданд, агар намедонист, тааммуд дошт бигӯяд, намедонам; мегуфт: Надонум, надонум, надонум! Инро мегуфт, ки шогирдҳо ёд бигиранд, ки агар чизеро намедонанд, нангашон нашавад, бигӯянд, намедонам.

Соле рафта будем Наҷафободи Исфаҳон, моҳи Рамазон буд, чун таътил буд ва дӯстони мо онҷо буданд, ба онҷо рафта будем. Ёдам ҳаст, ки омадам аз арзи хиёбон рад бишавам, васати хиёбон, ки расидам, як бобои деҳотӣ омад ҷилави маро гирифт, гуфт: оқо, масъалае дорам, масъалаи маро ҷавоб бидиҳед. Гуфтам: бигӯ. Гуфт: ғусли ҷанобат ба тан тааллуқ мегирад ё ба ҷун? Гуфтам: ман маънои ин ҳарфро намефаҳмам. Ғусли ҷанобат мисли ҳар ғусле, аз як ҷиҳат ба руҳи одам марбут аст, чун ният мехоҳад. Ва аз ҷиҳати дигар ба тани одам, чун инсон танашро бояд бишӯяд. Мақсудат ин аст? Гуфт: на, ҷавоби дуруст бояд бидиҳӣ. Ғусли ҷанобат ба тан тааллуқ мегирад ё ба ҷун? Гуфтам: ман намедонам. Гуфт: пас ин аммомаро чаро сарат ҳаштаӣ? (Яъне гузоштаӣ?)

وَمَا أَنَا مِنَ الْمُتَكَلِّفِينَ

Ман мутакаллиф нестам. Пайғамбар чунин сухане мегӯяд.

## Равиши таблиғ

الَّذِينَ يُبَلِّغُونَ رِسَالَاتِ اللَّهِ وَيَخْشَوْنَهُ وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ وَكَفَى بِاللَّهِ حَسِيبًا

(*“Онон, ки таблиғи рисолати Худо мекунанд ва аз Худо метарсанд ва аз ҳеч кас ҷуз Худо наметарсанд ва Худо барои ҳисоб ба танҳоӣ кифоят мекунад.” (Сураи Аҳзоб, ояти 39)*)

Баҳс дар бораи сираи набавӣ дар мавриди даъват ва таблиғи ислом буд. Аввал баҳсе роҷеъ ба аҳаммият ва сангинии ин вазифа ва маъмурият кардем ва баъд роҷеъ ба баъзе аз хусусиёти сираи Пайғамбари Акрам ва ё умуми пайғамбаронароизе арз шуд. Масъалаи шарҳи садр, ки Қуръони Карим матраҳ кардааст, ҷузъи ин заруратҳо ва кошиф аз аҳаммияти матлаб аст. Ва дигар масъалаи балоғи мубин, масъалаи нусҳ ва хайрхоҳӣ ва масъалаи адами такаллуф. Акнун қисматҳои дигареро ба ҳавлу қувваи илоҳӣ арз мекунем.

Дар ояте, ки қаблан тиловат кардам, Қуръони Карим дар бораи Пайғамбари Акрам фармуд:

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِدًا وَمُبَشِّرًا وَنَذِيرًا. وَدَاعِيًا إِلَى اللَّهِ بِإِذْنِهِ وَسِرَاجًا مُنِيرًا

(*Сураи Аҳзоб, оятҳои 45 ва 46*) Эй паёмбар! Мо туро фиристодем мубашшир ва навиддиҳанда ва мунзир ва эъломи хатаркунанда (ва даъваткунандаи ба сӯи Худо ба изни ӯ ва чароғи нуронӣ.)

Тавзеҳи мухтасаре дар атрофи табшир ва инзор бидиҳам ва баъд дар атрофи баъзе аз тавсияҳои Пайғамбари Акрам ароизе арз кунам.

## Табшир ва инзор

“Табшир” мужда додан аст, аз мақулаи ташвиқ аст. Масалан агар шумо бихоҳед фарзанди худатонро водор ба як кор кунед, аз яке аз ду роҳ ё аз ҳар ду роҳ дар они воҳид ворид мешавед: яке, роҳи ташвиқ ва навид, ки масалан вақте мехоҳед бачча ба мадраса биравад, шурӯъ мекунед осор ва фавоид ва натоиҷеро, ки мадраса рафтан дорад, барои бачча зикр кардан, то майлу рағбати ӯ барои ин кор таҳрик бишавад ва табъу руҳаш ошиқ ва мутамоил ба ин кор гардад ва ба ин сӯ кашида шавад. Ва роҳи дуввум ин ки авоқиби хатарноки мадраса нарафтанро зикр мекунед, ки агар инсон мадраса наравад ва бесавод бимонад, баъд чунину чунон мешавад. Ва бачча барои ин ки аз он ҳолат фирор кунад, ба дарс хондан рӯ меоварад.

Яке аз ду кори шумо яъне ташвиқ ва табшири шумо кашондани бачча аст аз ҷилав, даъват ва ташвиқ ва таҳрики рағбати ӯст аз ҷилав. Ва кори дигари шумо яъне инзор ва тарсондан (албатта ба ҳамон маъное, ки арз кардам: эъломи хатар кардан), рондани ӯст аз пушти сар. Ин аст, ки мегӯянд табшир қоид аст ва инзор соиқ. "Қоид" яъне ҷилавкаш. Касе, ки маҳори асп ё шутуреро мегирад, аз ҷилав меравад ва ҳайвон аз пушти сараш, ӯро мегӯянд қоид. Ва "соиқ" он касеро мегӯянд, ки аз пушти сар ҳайвонро меронад. Табшир ҳукми қоидро дорад, яъне аз ҷилав мекашад ва инзор ҳукми соиқро, яъне аз пушти сар меронад ва ҳар дуи инҳо як амал анҷом медиҳанд.

Ҳол, агар ин ду бо якдигар бошад, ҳам қоид вуҷуд дошта бошад ва ҳам соиқ, яке аз ҷилав ҳайвонро бикашад ва дигаре аз пушти сар ҳайвонро биронад, ҳар ду омил дар они воҳид ҳукмфармо будааст. Ва ин ҳар ду барои башар зарурӣ аст, яъне табшир ва инзор ҳеч кадом ба танҳоӣ кофӣ нест. Табшир шарти лозим ҳаст, вале шарти кофӣ нест. Инзор ҳам шарти лозим ҳаст, вале шарти кофӣ нест. Ин ки ба Қуръони Карим "сабъул-масонӣ" гуфта мешавад, шояд як ҷиҳаташ ин аст, ки ҳамеша дар Қуръон табшир ва инзор мақрун ба якдигар аст, яъне аз як тараф башорат аст ва навид ва аз тарафи дигар инзор ва эъломи хатар. Дар даъват ин ҳар ду рукн бояд тавъам бошад. Иштибоҳ аст агар доӣ ва мубаллиғ такяаш танҳо рӯи табширҳо ва ё инзорҳо бошад ва балки ҷониби табшир бояд бичарбад. Ва шояд ба ҳамин далел аст, ки Қуръони Карим табширро муқаддам медорад:

بَشِيراً وَنَذِيراً، مُبَشِّراً وَنَذِيراً

## Танфир

Ғайр аз табшир ва инзор, як амали дигар дорем, ки исмаш "танфир" аст. Танфир яъне амали фирор додан. Гоҳе инсон мехоҳад инзор кунад, инзорро бо танфир иштибоҳ мекунад. Инзор он вақт инзор аст, ки амали соиқро анҷом бидиҳад, яъне воқеан аз пушти сар шахсро ба сӯи ҷилав биронад. Вале амали танфир яъне коре кардан, ки ӯ фирор кунад. Боз ба ҳамон ҳайвон мисол мезанам: мисли ин аст, ки инсон ҳайвоне (шутуре, аспе)-ро мекашад, баъд мехоҳад ӯро бештар пушти сари худаш ҳаракат бидиҳад, навъе "ҳойу ҳу" мекунад, ки якмартиба ин ҳайвон муҳкам сарашро ба ақиб мекашад, афсорашро пора мекунад ва фирор мекунад. Инро мегӯянд "танфир".

Дар руҳи инсон, гоҳе баъзе аз даъватҳо на танҳо савқ додан ва қоидият нест, балки танфир аст, яъне нафрат эҷод кардан ва фирор додан аст. Ва ин, асле аст равонӣ; руҳу равони инсон

ин тавр аст. Ҳамон мисоли бачча ва мадрасаро арз мекунем: бисёре аз авқот падару модарҳо ё баъзе аз муаллимҳои баччаҳо ба ҷои табшир ва инзор, танфир мекунанд, яъне коре мекунанд, ки дар руҳи бачча як ҳолати танаффур ва гурез аз мадраса пайдо бишавад ва аксуламали руҳи ин бачча гурез аз мадраса аст.

Таърих менависад:[26] вақте Пайғамбари Акрам Маоз ибни Ҷабалро барои даъват ва таблиғи мардуми Яман,[27] ба Яман фиристод — тибқи нақли Сираи Ибни Ҳишом — ба ӯ чунин тавсия мекунад:

---

[26] *Зоҳиран ин қазия мукаррар иттифоқ афтодааст. Ман он мавридеро, ки ёдам ҳаст арз мекунам.*

[27] *Яман аз он ҷоҳое аст, ки мардумаш бидуни он ки ҳеч гуна лашкаркашӣ сурат гирифта бошад, мусалмон шудаанд. Иллати мусалмон шудани мардуми Яман достони номаи Расули Акрам буд, ки ба Хусрави Парвиз, подшоҳи Эрон навиштанд ва ӯро даъват ба қабули ислом карданд. Номаҳо навиштанд ба ҳамаи сарони бузурги ҷаҳон ва рисолати худашонро ба онҳо иблоғ карданд, аз он ҷумла ба Хусрави Парвиз, подшоҳи Эрон. Агар баъзе аз онҳо ҷавоб надоданд, вале бисёреашон ҷавобҳои бисёр мӯҳтарамона ва мутавозеъона доданд, фиристодаи Пайғамбари Акрамро эҳтиром карданд, ҳамроҳи ӯ ҳадоёе барои ҳазрат фиристоданд ва билохира ҷавоби муаддабонае доданд. Танҳо фарде, ки беадабона рафтор кард, Хусрави Парвиз буд, ки номаи ҳазратро дарид ва чун подшоҳи Яман дастнишондаи Эрон ва Яман таҳти ҳимояти Эрон буд, номае ба Бозон, подшоҳи Яман навишт, ки ин мард кист, ки дар ҷазиратулараб пайдо шуда ва ба худ ҷуръат додааст, ки ба ман нома бинависад ва маро даъват кунад ва исми худашро қабл аз исми ман бинависад?! (Пайғамбар тибқи маъмул навишт ин нома аз кӣ ба сӯи кӣ. Ӯ таваққӯъ дошт, бинависад ба сӯи кӣ аз кӣ, яъне нишон бидиҳад, ки ман кучаки ту ҳастам; дар сурате, ки ин ки аз кӣ ба кӣ бошад, аломати бузургӣ нест, чун қоидаи табиӣ аст, вале ӯ фикр мекард, агар бинависад "ба кӣ аз кӣ", аломати ин аст, ки ту хеле бути бузурге ҳастӣ). Фавран касеро мефиристӣ дар бораи ин мард таҳқиқ кунад ва ӯро дастбаста ба Яман биёварад, баъд ӯро назди ман бифирист, то муҷозоташ кунам ва аз ин мӯҳмалот. Ӯ ҳам намояндаи Эронро бо як намоянда аз тарафи худаш ба Мадина хидмати Расули Акрам фиристод ва гуфт: Хусрав чунин номае навиштааст, шумо чӣ ҷавоб медиҳед? Пайғамбари Акрам инҳоро муаттал кард. Барои ҷавоб омаданд, фармуд: бисёр хуб, ҳоло инҷо бошед, то ман ба шумо ҷавоб*

*бидиҳам. Чанд рӯз баъд омаданд. Фармуд: баъд биёед. Шояд ҳудуди чиҳил рӯз инҳоро муаттал кард. Як рӯз омаданд хидмати ҳазрат, гуфтанд: дигар мо вазифа надорем беш аз ин муаттал бишавем, тасмим гирифтаем биравем, охирин ҷавобе, ки доред бидиҳед, ҷавоби худовандгори мо Хусрави Парвизро чӣ медиҳед? Фармуд: ҷавобаш ин аст, ки "дишаб Худои мо шиками худовандгори шумо Хусрави Парвизро ба дасти писараш Шируя дарид ва мавзӯъ аз асос мунтафӣ шуд". Вақте, ки баргаштанд хабарро ба Бозон доданд, (ҳанӯз гузориш нарасида буд, чун аз Мадоин то онҷо хеле фосила буд), Бозон гуфт: агар ин рост бошад, аломати нубувват ва пайғамбарии ин мард аст. Сабр мекунем, бибинем аз Эрон чӣ хабар меояд. Чанд рӯз гузашт, ки фиристодаи Шируя омад, ки Хусрави Парвиз кушта шуд ва акнун ман подшоҳи ин мамлакат ҳастам. Роҷеъ ба он марде, ки дар Арабистон иддаои нубувват ва рисолат дорад, ту мутаарриз нашав. Инҷо буд, ки заминаи ислом дар Яман пайдо шуд. Ба илова, дар Яман иддаи зиёде эронӣ буданд. Мо дар китоби "Хадамот мутақобили ислом ва Эрон" ин мавзӯъро зикр кардаем, ки асосан эрониҳо аввалин бор дар Яман мусалмон шуданд ва исломи эрониҳо аз ҷанбаи таблиғ аз Яман омад ва хулусе ҳам, ки эрониҳои муқими Яман нишон доданд, ғайри онҳо нишон надоданд. Ва чун Яман таҳти ҳимояти Эрон буд, эрониҳои зиёде ба Яман рафта буданд ва дар онҷо зиндагӣ мекарданд, ки онҳоро абноъ ва аҳрор ва озодагон мегуфтанд ва инҳо қабл аз дигарон ислом ихтиёр карданд. Ниме аз мардуми Яман дар замони Расули Худо мусалмон буданд ва барои ними дигар, ки ҳанӯз мусалмон набуданд, Пайғамбари Акрам як навбат Маоз ибни Ҷабалро ва як навбат ҳам вуҷуди муқаддаси Алӣ алайҳис саломро барои таблиғ ва даъват, ба Яман фиристод, ки ин дуввумӣ навбати охир ва дар Ҳаҷҷатулвидоъ буд (яъне ду моҳ қабл аз вафоти Расули Акрам), ки вақте Алӣ алайҳис салом аз Яман бозгашт, дар Макка бо Расули Худо мулоқот кард ва вақте ҳазрат аз ӯ суол кард: Алиҷон! Ту чӣ гуна эҳром бастӣ яъне чӣ навъ ҳаҷҷеро ният кардӣ? Ҳаҷҷи таматтӯъ ният кардӣ ё чизи дигар? Фармуд: ман вақте, ки дар Миқот ният кардам, ният кардам бар он чи, ки Расули Худо ният кардааст. Шумо ҳар тавр ният кардаед, ман ҳамон тавр ният кардаам. Фармуд: бисёр хуб, мо инчунин ният кардаем, ту ҳам ҳамин тавр ният кардаӣ ва ниятат дуруст аст.*

يا مُعاذُ بَشِّرْ وَلا تُنَفِّرْ، يَسِّرْ وَلا تُعَسِّرْ

(*Сираи Ибни Ҳишом, ҷ.4, с.237*) Барои таблиғи ислом меравӣ. Асоси корат табшир ва мужда ва тарғиб бошад; коре кун, ки мардум имтиёзҳои исломро дарк кунанд ва аз рӯи майлу рағбат ба ислом гароиш пайдо кунанд. Нафармуд:

وَلا تُنْذِرْ

— инзор накун, чун инзор ҷузъи барномае аст, ки Қуръон дастур дода.

Нуктае, ки Пайғамбари Акрам ишора кард ин буд, ки "*башшир ва ло тунаффир*"; коре накун, ки мардумро аз ислом фирор бидиҳӣ ва мутанаффир кунӣ. Матлабро тавре тақрир накун, ки аксуламали руҳии мардум фирор аз ислом бошад. Ва ин чӣ нуктаи бузурге аст ва ниёз ба тавзеҳ дорад ва қабл аз он бояд нуктаи дигареро аз худи Расули Акрам ва ривоятҳои дигаре, ки аз имомони аҳли байт дар тавзеҳу тафсир ва таъйиди он расидааст арз кунам.

## Латофати руҳ

Руҳи инсон фавқулъода латиф аст ва зуд аксуламал нишон медиҳад. Агар инсон дар як коре бар руҳи худаш фишор биёварад — то чӣ расад ба руҳи дигарон — аксуламале, ки руҳи инсон эҷод мекунад, гурез ва фирор аст. Масалан, дар ибодат, ҷузъи тавсияҳои Пайғамбари Акрам ин аст, ки ибодатро он қадр анҷом диҳед, ки руҳатон нишоти ибодат дорад, яъне ибодатро бо майлу рағбат анҷом медиҳед. Вақте як миқдор ибодат кардед; намоз хондед, мустаҳабботро баҷо овардед, нофила анҷом додед, Қуръон хондед ва бедорхобӣ кашидед, дигар ҳис мекунед алъон ин ибодат сахту сангин аст, яъне ба зӯр доред бар худатон таҳмил мекунед. Фармуд: дигар инҷо кофӣ аст, ибодатро ба худат таҳмил накун. Ҳамин қадр, ки таҳмил кардӣ, руҳат кам-кам аз ибодат гурезон мешавад ва гӯӣ ибодатро монанди як даво ба ӯ додаӣ. Он вақт як хотираи бад аз ибодат пайдо мекунад. Ҳамеша кӯшиш кун дар ибодат нишот дошта бошӣ ва руҳат хотираи хуш аз ибодат дошта бошад. Ба Ҷобир фармуд:

يا جابِرُ اِنَّ هذَا الدّينَ لَمَتينٌ فَأَوْغِلْ فيهِ بِرِفْقٍ فَاِنَّ الْمُنْبَتَّ لا اَرْضاً قَطَعَ وَلا ظَهْراً اَبْقى

(*Кофӣ, ҷ.2, с.86 ва 87*) Эй Ҷобир! Дини ислом дини боматонате аст, бо худат бо мудоро рафтор кун. Баъд мефармояд — чӣ ташбеҳи олӣ! — Ҷобир! Он одамҳое, ки хаёл мекунанд бо фишор овардан бар рӯи худ ва сахтгирӣ бар худ, зудтар ба мақсад мерасанд, иштибоҳ мекунанд, аслан ба мақсад намерасанд. Масали онҳо масали он одаме аст, ки маркабе ба ӯ додаанд, ки аз шаҳре ба шаҳре биравад. Ӯ хаёл мекунад ҳар чи ба ин маркаб бештар шаллоқ

бизанад ва фишор биёварад, зудтар мерасад. Чанд манзили аввалро ба як рӯз меравад, вале як вақт мутаваҷҷеҳ мешавад, ки ҳайвони бечораро захмӣ карда ва ҳайвон аз роҳ монда ва ҷо ба ҷо истод, ба мақсад нарасид, маркабашро ҳам маҷрӯҳ ва ноқис кард. Фармуд: одаме, ки бар рӯи худ фишор меоварад ва зоид бар истеъдоди хеш, бар худаш таҳмил мекунад, хаёл мекунад зудтар ба мақсад мерасад, ӯ аслан ба мақсад намерасад; руҳаш мисли маркабе мешавад, ки захм бардошта бошад, аз роҳ мемонад ва дигар қадам аз қадам барнамедорад. Нисбат ба мардум ҳам ҳамин тавр аст.

## Мусалмон ва ҳамсояи масеҳӣ

Имом Содиқ достоне нақл мекунад. Фармуд: марде буд мусалмон ва обид, ҳамсояе дошт масеҳӣ. Бо ӯ рафту омад мекард, то кам-кам тамоюл ба ислом пайдо кард ва ба дасти ӯ мусалмон шуд. Баъд ин одам ба хаёли худаш хост ӯро хеле мусалмон кунад ва хеле ба савоб бирасонад. Он бечора, ки тоза мусалмон шуда буд ва фардо рӯзи аввали исломаш буд, як вақт дид, ки қабл аз тулӯи субҳ касе дари хонаашро мезанад. Кистӣ? Ман ҳамсояи мусалмони туам. Чӣ коре пеш омада? Ман омадаам, ки бо ҳамдигар барои ибодат ба масҷид биравем. Бечора баланд шуд, вузӯ гирифт ва ба масҷид рафт. (Пас аз хондани намозҳои нофила), гуфт: тамом шуд? Гуфт: на, намози субҳ ҳам ҳаст. Намози субҳро ҳам хонд. Тамом шуд? На, бигузор нофила бихонем, мустаҳаб аст. Он қадр нофила бихонем, ки байнаттулӯайн бедор бошем. Офтоб тулӯъ кард. Гуфт: як миқдор баъд аз офтоб ҳам (ибодат кунем). Зуҳр ҳам ӯро барои намоз нигаҳ дошт ва то аср низ нигоҳ дошт ва баъд гуфт: ту, ки ғизо нахӯрдаӣ, нияти рӯза ҳам бикун ва хулоса ӯро то ду соат аз шаб гузашта раҳо накард. Фардо субҳ, ки рафт дари хонаашро зад, гуфт: кистӣ? Гуфт: бародари мусалмонат. Барои чӣ омадаӣ? Омадаам биравем барои ибодат. Гуфт: ин дин барои одамҳои бекор хуб аст, мо истеъфо додем, рафтем ба дини аввал. Баъд Имом Содиқ фармуд, ки ин тавр набошед. Ин шахс инсонеро мусалмон кард ва баъд ба дасти худаш муртадду кофир кард.

Хеле чизҳост, ки асари танфир дорад яъне мардумро аз ислом мутанаффир мекунад. Масалан, назофат дар ислом бидуни шак суннат ва мустаҳабби муаккад аст. Назофат аз имон аст ва пайғамбари мо назифтарини мардуми замони худаш буд. Имрӯз ҳам агар пайғамбар мебуд, ӯро марде фавқулъода назиф медидем. Яке аз чизҳое, ки пайғамбар ҳеч вақт аз он ҷудо намешуд ва тавсия мекард, истеъмоли атр ва бӯи хуш аст. Дар айни ҳол назофат суннат ва амре мустаҳаб аст ва воҷиб нест.

Ҳол, агар як нафар мубаллиғ либосаш касиф ва чиркин ва баданаш мутааффин бошад, аз назари фиқҳӣ шояд нашавад гуфт, ӯ кори ҳароме муртакиб шуда, вале шумо ин ҳисобро кунед, ки ин одам бо ин вазъи касиф ва чиркин ва мутааффин омада ба як ҷавони хеле назиф ва покиза мегӯяд, ман мехоҳам туро ба ислом даъват кунам ва таблиғ намоям. Ин агар суханонаш аз ҷавоҳир ҳам бошад, ӯ зери бори ҳарфаш намеравад. Мутакаллимон ҳарфи хубе мезананд, мегӯянд: яке аз шароити нубувват ин аст, ки дар пайғамбар сифате, ки мӯҷиби танаффури мардум бошад вуҷуд надошта бошад, ҳарчанд нақси ҷисмӣ. Медонем, ки нақси ҷисмӣ ба камоли руҳи инсон садама намезанад. Фарз кунед инсоне як чашмаш кӯр аст, сураташ ҳам як ҷурӣ аст ва вақте нигоҳ мекунад, як ҷурӣ нигоҳ мекунад. Ин магар нақсе аст дар руҳи инсон? На, мумкин аст ин одам дар ҳадди Салмони Форсӣ бошад, аз Салмони Форсӣ ҳам болотар бошад, вале оё чунин одаме бо чунин қиёфае метавонад пайғамбар бошад ё на? Мутакаллимон мегӯянд на, чун қиёфааш нафратовар аст; нақс нест, вале нафратовар аст. Пайғамбар бояд шароите дар ӯ бошад, ки вуҷудаш ҳатто аз ҷанбаи ҷисмонӣ ҷаззоб бошад ва лоақал нафратовар набошад, бо ин ки нақси ҷисмӣ нақси руҳӣ нест.

Пас вақте, ки қиёфаи як нафар мубаллиғ ва даъваткунандаи ба Худо набояд мутанаффир бошад, соири хусусиёти ӯ аз ҷумла рафтор ва кирдораш ва суханоне, ки мегӯяд, набояд тавре бошад, ки дар мардум нафрат ва танаффур ва фирор эҷод кунад.

## Маломати зиёд

Хушунатҳо ва маломатҳои зиёд аз ин қабил аст. Маломат гоҳе хеле муфид аст. Гоҳе як инсон бо маломат ғайраташ таҳрик мешавад. Вале маломат ҳам ҳо дорад. Гоҳе маломат — ба қавли Абӯнувос — сабаби иғро мешавад:

دَعْ عَنْكَ لَوْمي فَإنَّ اللَّوْمَ إغْراءٌ

وَداوِني بِالَّتي كانَتْ هِيَ الدّاءُ

(*"Маломат кардани маро раҳо кун, зеро маломат мӯҷиби таҷаррӣ мешавад ва маро мудово кун бо чизе, ки он чиз дард аст."*)

Ин матлаб куллият надорад, вале дар бисёре аз маворид, маломати зиёд бештар нафрат эҷод мекунад. Масалан, хеле афрод дар тарбияти фарзанд ин иштибоҳро муртакиб мешаванд, доиман баччаро маломат ва сарзаниш мекунанд, ки: эй хок бар сарат, фалон бачча ҳам ҳамсинни туст, бибин ӯ чӣ тавр пеш рафта, ту хеле беурза ва нолоиқ ҳастӣ, ман, ки дигар ба ту умеде надорам. Хаёл мекунанд бо ин маломатҳо ғайрати бачча таҳрик мешавад, дар

сурате, ки дар ин маворид, агар маломат аз ҳаддаш бигузарад, аксуламали хилоф эҷод мекунад; руҳи ӯ ҳолати инқибоз ва фирор пайдо мекунад ва ӯ аз назари руҳӣ бемор мешавад ва маҳол аст, ки дунболи он кор биравад. Ин аст, ки Пайғамбари Акрам дар дастурҳои худаш на танҳо ба Маоз ибни Ҷабал, балки ба Маоз ибни Ҷабалҳо, ба ҳама мефармуд:

بَشِّرْ وَلا تُنَفِّرْ، يَسِّرْ وَلا تُعَسِّرْ

Осон бигир, сахт нагир, ҳей ба мардум нагӯ, “магар диндорӣ кори осоне аст, диндорӣ мушкил аст, хеле ҳам мушкил аст, фавқулъода мушкил аст, кори ҳар кас нест, ҳар кас, ки наметавонад диндор бошад, кори ҳар буз нест хирман кӯфтан — гови нар мехоҳад ва марди куҳан”. Ҳей аз мушкил будани диндорӣ мегӯӣ, дар натиҷа ӯ метарсад ва мегӯяд, вақте ин қадр мушкил аст, пас онро раҳо кунем. Пайғамбар мефармуд: “яссир” осон бигир.

## Ислом дини богузашт ва осон

Ҳамчунин мефармуд:

بُعِثْتُ عَلَى الشَّرِيعَةِ السَّمْحَةِ السَّهْلَةِ

Худо маро бар шариат ва дине мабъус кардааст, ки босамоҳат (богузашт) ва осон аст.
Дини ислом самоҳат дорад. Ба як инсон мегӯянд босамоҳат яъне инсони богузашт, вале “дини богузашт аст” яъне чӣ? Магар дин ҳам метавонад богузашт бошад? Дин ҳам богузашт аст, вале усуле дорад. Чӣ тавр? Дине, ки ба шумо мегӯяд, вузӯ бигир, ҳамин дин ба шумо мегӯяд, агар захм ё бeморӣ дар бадани ту ҳаст ва хавфи зарар дорӣ, бими зарар дорӣ – намегӯяд, яқин ба зарар дорӣ — таяммум кун, вузӯ нагир. Ин маъниаш самоҳати ин дин аст. Яъне як дини якдандаи лаҷуҷи бегузашт нест, дар ҷояш гузашт дорад.
Ё мегӯяд, рӯза воҷиб аст. Воқеан агар инсон бидуни узр рӯзаеро бихӯрад, гуноҳ муртакиб шудааст. Вале ҳамин дин мебинем, дар ҷои худаш гузашти зиёде нишон медиҳад:

يُرِيدُ اللَّهُ بِكُمُ الْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ الْعُسْرَ

Дар мавриди рӯза аст. Мусофир ҳастӣ, дар мусофират рӯза гирифтан барои ту сахт аст, рӯза нагир, баъд қазояшро бигир:

يُرِيدُ اللَّهُ بِكُمُ الْيُسْرَ

Мариз ҳастӣ:

وَمَنْ كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَى سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِنْ أَيَّامٍ أُخَرَ يُرِيدُ اللَّهُ بِكُمُ الْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ الْعُسْرَ

(*Сураи Бақара, ояти 185*) Яъне дине аст босамоҳат ва богузашт. Ҳатто вақте хавфи зарар дорӣ, (лозим нест сад дар сад яқин дошта бошӣ, ҳамин тавр аст.) Ва мумкин аст ин хавф аз гуфтаи як табиби фосиқ ё кофир дар дили ту пайдо бишавад, вале ба ҳар ҳол ин хавф ва нигаронӣ дар қалби ту пайдо шудааст. Ва ҳадис дорем, ки лозим нест ин хавф ва нигаронӣ барои дигарон пайдо бишавад ва дигарон хоиф бошанд.

بَلِ الْإِنْسَانُ عَلَى نَفْسِهِ بَصِيرَةٌ

(*"Балки инсон бар нафси худ огоҳ аст." Сураи Қиёмат, ояти 14*). Агар ту худат дар қалби худат эҳсос мекунӣ, ки хавф дорӣ, ки накунад ин рӯза бемории туро ташдид кунад, ҳамин кофӣ аст ва лозим нест аз каси дигар бипурсӣ. Ҳатто барои як пирамард ё пиразан ё як зани муқриб (яъне зани ҳомилае, ки наздики вазъи ҳамли ӯст) лузуме нест, ки хавфи зарар бошад. Як пирамард ё пиразан мумкин аст хавфи зарар ҳам надошта бошад, вале (чун) ба ҳадди пирӣ ва фартутӣ расида, (рӯза бар ӯ воҷиб нест). Ин, самоҳат ва гузашт аст.

Марҳум Оятуллоҳ Ҳоҷӣ шайх Абдулкарими Ҳоирӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу!) дар охири умр, ки пирамард буд ва рӯза барояш сахт буд, рӯза мегирифт. Ба эшон гуфта буданд: чаро шумо рӯза мегиред? Шумо худатон дар рисола навиштаед ва фатвои худатон аст, ки бар шайх ва шайха рӯза воҷиб нест. Оё фатвоятон иваз шуда ё ҳанӯз худатонро шайх (яъне пир) ҳисоб намекунед? Гуфт: на, фатвоям тағйир накарда, худам ҳам медонам пирам. Пас чаро ифтор намекунед? Гуфт: он раги авомиам намегузорад.

Пайғамбар фармуд:

بُعِثْتُ عَلَى الشَّرِيعَةِ السَّمْحَةِ السَّهْلَةِ

Худо маро бар шариат ва дине богузашт ва дар мавориди худаш саҳлу осон мабъус кардааст. Дине аст амалӣ, дини ғайри амалӣ нест. Иттифоқан аз назари онҳое, ки аз берун доранд нигоҳ мекунанд, яке аз чизҳое, ки ба мӯҷиби он ислом ҳамаро ҷазб мекунад, ҳамин суҳулат ва самоҳати ин дин аст. Пайғамбар фармуд, як нафар мубаллиғ бояд мубаллиғи самоҳату суҳулати ин дин бошад; коре кунад, ки мардум ба амри дин ташвиқу тарғиб бишаванд.

## Хашяти илоҳӣ

Яке дигар аз масоил дар даъват, он чизе аст, ки ояти Қуръон мефармояд:

الَّذِينَ يُبَلِّغُونَ رِسَالَاتِ اللَّهِ وَيَخْشَوْنَهُ وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ

(*Сураи Аҳзоб, ояти 39*) Аз он оятҳои камаршикан барои доиён ва мубаллиғони дину мазҳаб аст. Онон, ки рисолоти илоҳиро таблиғ мекунанд, онон, ки паёмҳои Худоро ба мардум мерасонанд ва ду шарт дар онҳо вуҷуд дорад: яке ин ки худашон аз Худо метарсанд (ва дигар ин ки аз ғайри Худо наметарсанд). Худаш аз Худо метарсад ва як одами Худотарс аст ва хавфи Худо ва хашяти илоҳӣ дар қалбаш ҷо гирифтааст:

إِنَّمَا يَخْشَى اللَّهَ مِنْ عِبَادِهِ الْعُلَمَاءُ

(*“Аз миёни бандагони Худо танҳо донишмандон аз ӯ метарсанд…” (Сураи Фотир, ояти 28)*) Ҷузъи дуоҳое, ки Пайғамбари Акрам мефармуд — ва ин дуоҳо дар китобҳои дуои мо навишта шудааст — дуое аст, ки дар шаби нимаи Шаъбон ворид шудааст, ки ин дуо хонда бишавад, вале менависанд, ин дуоро дар ҳама вақт бихонед; гӯ ин ки дар шаби нимаи Шаъбон ворид шуда, дар ғайри нимаи Шаъбон ҳам хонданаш хуб аст ва дуои Пайғамбари Акрам аст:

اَللّهُمَّ اقْسِمْ لَنا مِنْ خَشْيَتِكَ ما يَحولُ بَيْنَنا وَبَيْنَ مَعْصِيَتِكَ وَمِنْ طاعَتِكَ ما تُبَلِّغُنا بِهِ رِضْوانَكَ وَمِنَ الْيَقينِ ما يَهونُ عَلَيْنا بِهِ مُصيباتُ الدُّنْيا. اَللّهُمَّ اَمْتِعْنا بِاَسْماعِنا وَاَبْصارِنا وَقُوَّتِنا ما اَحْيَيْتَنا وَاجْعَلْهُ الْوارِثَ مِنّا وَاجْعَلْ ثارَنا عَلى مَنْ ظَلَمَنا وَانْصُرْنا عَلى مَنْ عادانا وَلا تَجْعَلْ مُصيبَتَنا فى دينِنا وَلا تَجْعَلِ الدُّنْيا اَكْبَرَ هَمِّنا وَلا مَبْلَغَ عِلْمِنا وَلا تُسَلِّطْ عَلَيْنا مَنْ لايَرْحَمُنا بِرَحْمَتِكَ يا اَرْحَمَ الرّاحِمينَ

Дуое аст, ки Пайғамбари Акрам мехондаанд. Касоне, ки мехоҳанд ёд бигиранд, дар “*Мафотиҳ*” ё *“Зодул-маод”*, аъмоли шаби нимаи Шаъбонро бибинанд. Аз он дуоҳои ҷомеи масолеҳи дунё ва охирати инсон аст. Ҷумлаи аввал ин аст:

اَللّهُمَّ اقْسِمْ لَنا مِنْ خَشْيَتِكَ ما يَحولُ بَيْنَنا وَبَيْنَ مَعْصِيَتِكَ

Парвардигоро! Аз хашяту ҳайбати худат он қадр насиби мо бигардон, ки ҳамеша он хашят дар қалби мо вуҷуд дошта бошад ва ҳамон хашят ҳоил ва монее миёни мо ва маосӣ (гуноҳон) бишавад.

Қуръон дар бораи мубаллиғ, аввалин шарте, ки дар ин оят зикр мекунад, хашяти Аллоҳ аст, ки аз Худо битарсад. Яъне ончунон ҳайбату азамати илоҳӣ дар қалбаш вуруд дорад, ки то тасаввури як гуноҳ дар қалбаш пайдо мешавад, ин хашят гуноҳро ақиб мезанад.

وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ

Ва ҷуз Худо аз аҳаде наметарсанд. Аз Худо метарсад ва аз ғайри Худо аз аҳаде наметарсад. Албатта "хашят" як маънои хоссе дорад, ки бо "хавф" фарқ мекунад. "Хавф" яъне нигарони оқибат ва оянда будан, фикру тадбир барои оянда ва оқибати як кор кардан. Вале "хашят" он ҳолате аст, ки тарс бар инсон мусаллат мешавад ва инсон ҷуръатро аз даст медиҳад. Ҷуръати худро аз даст додан, яъне шуҷоат надоштан, шаҳомат надоштан. Тадбирҳои оқилона барои нигарониҳое, ки дар оқибати кор мумкин аст пеш биёяд, ғайр аз ин аст, ки инсон ҷуръат ва шаҳоматашро аз даст бидиҳад. Қуръон мегӯяд: доиёни илаллоҳ ва мубаллиғони ҳақиқӣ, дар муқобили Худо хашяти илоҳӣ доранд, як зарра ҷуръат ва таҷаррӣ бар Худо дар вуҷудашон нест, вале дар муқобили ғайри Худо ҷуръати маҳз ҳастанд ва як зарра худро намебозанд:

وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ

Аз хусусиёти дигари сираи анбиё ва бахусус сираи Пайғамбари Акрам ҳамин масъалаи ҷуръат яъне худро набохтан ва истиқомат доштан аст, ки дар зиндагии Пайғамбари Акрам бисёр намоён аст.
Як фарангӣ китобе навиштааст ба номи "*Муҳаммад; пайғамбаре, ки аз нав бояд шинохт*". Бо ин ки китобаш айбҳое дорад, вале назар ба ин ки хеле рӯи китобаш кор карда ва таърихи исломро зиёд мутолеа карда ва ҳатто солҳо дар Арабистон буда барои ин ки минтақаро аз наздик бибинад ва таърихро бо минтақаи ҷуғрофиёӣ татбиқ кунад, нукоти хубе ҳам дар ин китоб вуҷуд дорад. Ин китоб ду нуктаро хуб муҷассам карда, ки шояд ҳеч китоби дигаре ба ин хубӣ муҷассам накарда бошад: яке, тадбири хориқулъодаи Расули Акрам, ки агар як ғайри мусалмон ҳам ин китобро мутолеа кунад, наметавонад пайғамбарро ҳаким ва мудаббир ва соиси хориқулъодае надонад. Ва дигар ин ки Пайғамбари Акрам дар шароите, ки ҳар каси дигар мебуд худро мебохт ва ҷуръаташро аз даст медод, як зарра тағйири ҳолат пайдо намекунад. Гоҳе чараёнҳо ба ҷое мерасад — бар ҳасби зоҳир ва шароити зоҳирӣ — ки дигар роҳи умеде барои мусалмонон вуҷуд надорад. Дар ҳамон ҳол вақте инсон пайғамбарро мебинад; мебинад,

كَالْجَبَلِ الرّاسِخ

Мисли кӯҳ истодааст:

وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ

Воқеан шумо таърихи пайғамбарро аз ин назар мутолеа кунед — ва аз ҳар назаре бояд мутолеа кард — то маънии

الَّذِينَ يُبَلِّغُونَ رِسَالَاتِ اللَّهِ وَيَخْشَوْنَهُ وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ

— ро дарёбед ва бибинед чӣ гуна пайғамбар аз Худои худаш хашят дорад ва чӣ гуна аз ғайри Худо аз аҳаде хашяту бим надорад ва ҳеч чизеро ба ҳисоб намеоварад.

Тазаккур

Нуктаи дигар дар таблиғ ва даъват, матлабе аст, ки Қуръон бо ин баён ва баёноти шабеҳи он зикр мекунад: “зикр”. Дар як ҷо мефармояд:

وَذَكِّرْ فَإِنَّ الذِّكْرَى تَنْفَعُ الْمُؤْمِنِينَ

(*Сураи Зориёт, ояти* 55) ва дар ҷои дигар мефармояд:

فَذَكِّرْ إِنَّمَا أَنْتَ مُذَكِّرٌ. لَسْتَ عَلَيْهِمْ بِمُصَيْطِرٍ. إِلَّا مَنْ تَوَلَّى وَكَفَرَ. فَيُعَذِّبُهُ اللَّهُ الْعَذَابَ الْأَكْبَرَ

(*Сураи Ғошия, оятҳои 21-24*), ки роҷеъ ба истисно аст ва ҷудогона бояд баҳс кунем. Эй паёмбар! Мардумро бедор кун, тазаккур бидеҳ, ёдоварӣ кун.

Дар Қуръон ду матлаби наздик ба якдигар зикр шудааст: яке, тафаккур ва дигар, тазаккур.

Тафаккур яъне кашфи чизе, ки намедонем, андешидан барои ба даст овардани он чи, ки намедонем. Қуръон даъват ба тафаккур ҳам мекунад. Ва аммо тазаккур яъне ёдоварӣ. Тизкор яъне ба ёд овардан. Хеле масоил дар фитрати инсон ва ҳатто гоҳе дар таълими инсон вуҷуд дорад, вале инсон аз онҳо ғофил аст; эҳтиёҷ ба танаббуҳ ва бедорӣ дорад, эҳтиёҷ ба тазаккур ва ёдоварӣ дорад. Ба иборати дигар, башар ду ҳолати мухталиф дорад: яке, ҳолати ҷаҳл ва дигар, ҳолати хоб. Гоҳе мо аз атрофи худамон бехабарем ба далели ин ки намедонем; бедорем, вале чун намедонем, бехабарем. Ва гоҳе аз атрофи худ бехабарем на ба далели ин ки намедонем; медонем, вале феълан хобем. Одами хоб олим аст, вале ҳолате бар ӯ истило пайдо кардааст, ки аз донистаҳои худ истифода намекунад. Ин, дар хоби зоҳирӣ.

Башар як хоби дигаре ҳам дорад, ки исми онро “хоби ғафлат” ё “ғафлат” мегузоранд. Эй пайғамбар! Ту хаёл накун, ки фақат бо ҷоҳил рӯбарӯ ҳастӣ, бо ғофил ҳам рӯбарӯ ҳастӣ. **Ҷоҳилро ба тафаккур водор ва ғофилро ба тазаккур**. Ва мардум беш аз он андоза, ки ҷоҳил бошанд, ғофил ва хобанд; хобҳоро бедор кун ва ғофилҳоро мутанаббеҳ. Вақте хобро бедор кардӣ, ӯ худаш дунболи кор меравад. Як одам агар хоб бошад ва хатаре мутаваҷҷеҳи ӯ бошад (масалан қофила ҳаракат карда ва ӯ хоб мондааст), ту ӯро бедор кун. Вақте бедор кардӣ, дигар лозим нест ба ӯ бигӯӣ хатар! Балки ҳамин ки бедор бишавад, худаш мебинад хатар аст. Ба иборати дигар, вақте, ки бедор шуд, лозим нест ба ӯ бигӯӣ бирав, балки вақте бедор шуд ва дид, қофила ҳаракат карда, худаш дунболи қофила роҳ меафтад.

Ин аст, ки (Қуръон хитоб ба Пайғамбари Акрам мефармояд), он эҳсосҳое, ки дар мардум вуҷуд дорад (ва аз онҳо ғофиланд), эҳсосҳои хуфтаро бедор кун. Қисмате аз имон, бедории эҳсосҳои хуфта аст. Ва аз ин рӯ дар ислом ҷабр яъне иҷбор дар имон вуҷуд надорад:

لَا إِكْرَاهَ فِي الدِّينِ قَدْ تَبَيَّنَ الرُّشْدُ مِنَ الْغَيِّ

(*“Кори дин ба иҷбор нест, таҳқиқан роҳи ҳидоят ва залолат бар ҳама кас равшан гардида.” (Сураи Бақара, ояти 256)*)

Ин худаш масъалае аст, ки дар ислом иҷборе ба имон вуҷуд надорад, ки бояд онро як миқдор муфассалтар тарҳ кунем. Иншоаллоҳ баъдан ба тафсил дар бораи ин матлаб баҳс мекунам. Акнун фақат чанд калимае арз мекунам.

## Имон иҷборбардор нест

Оё дар ислом иҷбор бар имон вуҷуд дорад, ки мардумро маҷбур кунед, ки мӯъмин бишаванд? На. Ба чӣ далел? Ба далоили зиёде. Аввалин далелаш ин аст, ки имон иҷборбардор нест.

Он чи пайғамбарон мехоҳанд, имон аст, на исломи зоҳирӣ ва изҳори ислом. Ва имон иҷборбардор нест, чун имон эътиқод аст, гароиш аст, алоқа аст. Эътиқодро, ки бо зӯр намешавад эҷод кард, алоқа ва меҳру муҳаббатро, ки ба зӯр намешавад эҷод кард, гароиши ботиниро, ки ба зӯр намешавад эҷод кард. Оё мешавад падару модаре ба духтарашон — ки писареро, ки аз ӯ хостгорӣ мекунад дӯст надорад — бигӯянд: алъон коре мекунем, ки ӯро дӯст дошта бошӣ, чӯби фалакро биёваред, ин қадр мезанем, то ӯро дӯст дошта бошӣ?! Бале, мешавад он қадр кутакаш зад, то бигӯяд, дӯст дорам, яъне ҳарфашро ба дурӯғ бигӯяд. Аммо

агар тамоми чӯбҳои дунёро ба бадани ӯ хурд кунанд, оё мумкин аст, ки бо чӯб дӯстӣ эҷод бишавад? Чунин чизе маҳол аст. Он, роҳи дигаре дорад. Агар мехоҳем имон дар дили мардум эҷод кунем, роҳаш ҷабру зӯр нест, роҳи он ҳикмат аст,

الْمَوْعِظَةَ الْحَسَنَة

— аст,

وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

— аст. Ҳол, мумкин аст масоиле аз қабили ҷиҳод дар ислом пеш биёяд, ки иншоаллоҳ баъдан дар атрофи ин матлаб баҳс мекунем. Як ҳадиси мухтасар бароятон бихонам ва тадриҷан ароизи худамро хотима бидиҳам.

Дар ҳадис аст (дар "*Биҳор*"), ки амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом бар минбар буд. Ба мардум фармуд (ҷумлае, ки ҳамеша такрор мефармуд):

اَيُّهَا النّاسُ سَلوني قَبْلَ اَنْ تَفْقِدوني

Қабл аз ин ки маро дар миёни худ дарнаёбед, ҳар чи суол доред аз ман бипурсед ва ҳар чи бипурсед, ман ҷавоб медиҳам. Ман ба роҳҳои осмон аз роҳҳои замин огоҳтарам. Яъне аз замин мехоҳед бипурсед, аз осмон мехоҳед бипурсед, маҳдудияте нест.

Як вақт диданд, шахсе, ки қиёфааш нишон медод аз муҳаввадаи араб яъне аз арабҳои яхудӣ аст — ҳам қиёфааш нишон медод, ки араб аст ва ҳам тарзи либос ва қиёфааш нишон медод, ки яҳудӣ аст. Аломате гуфтаанд: як одам масалан борикандом, баландқад, сиёҳчурда, ки камоне ҳам андохта буд — аз гӯшаи маҷлис баланд шуд, шурӯъ кард бо хушунат сӯҳбат кардан:

اَيُّهَا الْمُدَّعي ما لا يَعْلَم

Эй одами пурмуддао, ки чизеро, ки намедонӣ иддао мекунӣ! Ин ҳарфҳо чист, ки аз ҳама ҷо аз ман бипурсед?! Оё воқеан ту метавонӣ ҳар чи аз ту бипурсанд, ҷавоб бидиҳӣ?! Шурӯъ кард ба ҳаттокӣ кардан нисбат ба Алӣ алайҳис салом бо ин ки халифа аст. Мисли ин ки ӯ медонист, ки Алӣ ҷӣ равише дорад ва касе нест, ки агар касе ба ӯ фуҳш (дашном) ҳам бидиҳад, фавран бигӯяд гарданашро бизанед. Чун ҷасорат кард, асҳоб якмартиба аз ҷо ҳаракат карданд ва мехостанд ба ӯ ҳамла кунанд. Фавран Алӣ ҷилавашонро гирифт. Ҷумлае дорад, ки ман ба эътибори он ҷумла ин ҳадисро нақл кардам, фармуд:

Бо фишор, ҳуҷҷатҳои илоҳиро намешавад иқома кард. Ҳарфе зада ва ба ман гуфта; суоле дорад, бигузоред биёяд пеши ман суолашро бикунад. Агар ҷавоб додам, худаш аз амалаш пушаймон мешавад. Шадидан ҷилави онҳоро гирифт. Бо хафа шав, гум шав, кутакаш бизанед, падаратро дармеоварем, ин фузулиҳо яъне чӣ, (ҳуҷҷатҳои илоҳӣ иқома намешавад.) Агар мехоҳед ҳуҷҷати илоҳиро иқома кунед, роҳаш ин нест, роҳаш нармиш ва мулоимат аст, чун сару кор бо дил аст, сару кор бо фикр аст, сару кор бо руҳ аст. Вақте, ки мақом, мақоми даъват ва таблиғи ислом мешавад, матлаб аз ин қабил аст.

Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом онҷо, ки бо лиҷоҷи душман рӯбарӯ мешавад, сарро чунон боло мегирад, ки ҳеч қудрате наметавонад хам ба абрӯи ӯ биёварад, то чӣ расад, ки ин сарро поин биёварад. Вале вақте ҳам бо ашхосе мувоҷеҳ мешавад, ки бояд инҳоро иршоду ҳидоят кунад, аҳёнан аз беэътиноиҳояшон ҳам сарфи назар ва чашмпӯшӣ мекунад. Зуҳайр ибни Қин аз Макка ҳаракат карда бо қофилааш дорад меояд. Имом Ҳусайн ҳам дорад меояд. Зуҳайр кӯшиш мекунад, ки бо Имом Ҳусайн рӯбарӯ нашавад. Яъне агар мебинад Имом Ҳусайн наздик аст, қофиларо аз тарафи дигар мебарад. Агар як ҷо эшон фуруд омаданд, махсусан дар як сарчашма ва манзили дигар фуруд меояд. Мегӯяд, намехоҳам чашмам ба чашми Ҳусайн биафтад, барои ин ки ба рӯдарбоистиаш[28] гирифтор нашавам. (Ин хулосаи ҳарфаш аст). Имом Ҳусайн ҳам мефаҳмад, ки (дур шудани) Зуҳайр барои ин аст. Аммо Имом Ҳусайн, ки инҷо ташхис дода Зуҳайр марде аст иғфолшуда, вале одами беғаразе аст, (бо худ мегӯяд), ба мо беэътиноӣ кардааст, бикунад, мо вазифаи ҳидоят ва иршод дорем. Иттифоқан дар яке аз манозили байни роҳ, Зуҳайр иҷборан дар ҷое фуруд омад, ки Абӯадуллоҳ фуруд омада буд. Чун агар мехост ба манзили дигар биравад, қофилааш наметавонист ба ҳаракат идома диҳад. Албатта Абӯадуллоҳ хаймаашонро дар як тараф зада буданд ва Зуҳайр дар тарафи дигар. Имом Ҳусайн медонад, ки Зуҳайр мехоҳад бо ӯ мувоҷеҳ нашавад, вале мехоҳад Зуҳайрро мутазаккир кунад:

[28] *Рӯдарбоистӣ: ҳолати шарм аз гуфтани гуфторе ё кардани коре ба мулоҳизаи ҳурмати шахси ҳозир, ки ин гуфтаҳову кардаҳо бар хилофи ҳифзи эҳтироми ӯст, ҳаё.*

فَذَكِّرْ إِنَّمَا أَنْتَ مُذَكِّرٌ

Мехоҳад бедораш кунад, аз хоби ғафлат берун биёварад ва намехоҳад маҷбураш кунад. Як нафарро назди ӯ фиристод, фармуд, бирав ба Зуҳайр бигӯ:

آَجِبْ آَبا عَبْدِاللّٰه

Абӯабдуллоҳ туро мехоҳад, биё инҷо. Зуҳайр ва асҳобаш дар хаймае даври ҳамдигар нишастаанд, суфра паҳн карда ва машғули ғизо хӯрдан ҳастанд. Якмартиба парда боло рафт ва ин мард ворид шуд:

يا زُهَيْرُ ! آَجِبْ آَبا عَبْدِاللّٰه

Ҳусайн ибни Алӣ туро мехоҳад. (Зуҳайр бо худ гуфт:) эй вой! Омад ба сарам ҳар он чи метарсидам. Асҳобаш ҳам (қазияро) медонистанд. Навиштаанд, дасти инҳо — ба истилоҳи мо — ҳамин ҷур дар ғизо монд. Аз тарафе ҳам Зуҳайр медонист, Имом Ҳусайн кист, фарзанди пайғамбар аст ва рад кардани ӯ кори саҳеҳе нест. Араб масале дорад, мегӯяд:

كَأَنَّهُ عَلى رَأْسِهِ الطَّيْرُ

(“*Гӯӣ парандае рӯи сараш мебошад.*”) Дар бораи инҳо мегӯянд:

كَأَنَّهُ عَلى رُؤوسِهِمُ الطَّيْرُ

Яъне ҳамин ҷур монданд. Зуҳайр дармонд, ки чӣ бигӯяд. Сукут (фазои хаймаро фаро гирифта буд.) Ҷаноби Зуҳайр зани орифае дорад. Ин зан муроқиби авзоъу аҳвол буд. Аз беруни хайма мутаваҷҷеҳ шуд, ки фиристодаи Абӯадуллоҳ омадааст ва Зуҳайрро даъват карда ва Зуҳайр сукут намудааст, на мегӯяд меоем ва на мегӯяд намеоем. Ин зани орифаи мӯъмина ба ғайраташ бархӯрд, якмартиба омад хаймаро боло зад ва итобомез гуфт: Зуҳайр! Хиҷолат намекашӣ?! Писари Фотима туро мехоҳад ва ту мураддидӣ, ки ҷавобашро бидиҳӣ?! Баланд шав! Зуҳайр фавран аз ҷо ҳаракат кард ва рафт хидмати Абӯадуллоҳ.

Тазаккур ин тавр кор мекунад. Аз музокироти Абӯадуллоҳ ва Зуҳайр ибни Қин иттилои дақиқе дар даст нест, ки ҳазрат чӣ ба Зуҳайр фармуд, вале он чи қатъӣ ва мусаллам аст ин аст, ки Зуҳайре, ки рафт хидмати Абӯадуллоҳ, бо Зуҳайре, ки берун омад, гӯӣ ду нафар буданд. Яъне Зуҳайри хастаи кӯфтаи бемайле бо рӯдарбоистӣ ва ахмҳои гирифта рафт, якмартиба диданд Зуҳайри башшош, хандон ва хушҳол аз ҳузури Абӯадуллоҳ берун омад.

Ҳамин қадр муаррихон навиштаанд: ҳазрат ҷараёнҳоеро, ки дар аъмоқи руҳи ӯ буд ва фаромӯш карда буд ва ғофил буд, ба ёдаш овард, яъне як хобро бедор кард. (Вақте, ки табшир бошад, тазаккур бошад, бедорӣ бошад, ин тавр як афсурдаро табдил ба муҷассамае аз нерӯ ва энергия мекунад). Диданд, Зуҳайр чеҳрааш тағйир кард ва он Зуҳайри қаблӣ нест ва ба сӯи хаймагоҳи худаш омад. То расид, фармон дод: хаймаи маро биканед! Ва шурӯъ кард ба васият кардан: амволи ман чунин бишавад, писарҳои ман чунин, духтарҳои ман чунин; роҷеъ ба занаш васият кард: фалон кас ӯро назди падараш бибарад. Тавре ҳарф зад, ки ҳама фаҳмиданд, ки Зуҳайр рафт. Диданд, Зуҳайр ба гунае дорад Худоҳофизӣ мекунад, ки дигар барнамегардад. Ин зани орифа беш аз ҳар каси дигар матлабро дарк кард. Омад даст ба домани Зуҳайр андохт ва гирист ва ашк рехт; гуфт: Зуҳайр! Ту ба мақомоти олия ва ҷое, ки бояд бирасӣ, расидӣ. Ман фаҳмидам, ту дар рикоби фарзанди Фотима шаҳид хоҳӣ шуд, Ҳусайн шафеъи ту дар қиёмат хоҳад шуд. Зуҳайр! Коре накун, ки миёни ману ту дар қиёмат ҷудоӣ биафтад, ман даст ба домани ту мезанам ба ин умед, ки дар қиёмат модари Ҳусайн аз ман ҳам шафоат кунад.

Ин тазаккур ва бедорӣ корро ба ҷое расонд, ки ҳамин Зуҳайри кориҳи (нохуши) аз мулоқоти Имом Ҳусайн, ба ҷое расид, ки дар садри асҳоби Абӯадуллоҳ қарор гирифт ва рӯзи Ошуро Абӯадуллоҳ майманаро ба Зуҳайр дод. Он қадр ин мард шариф аз об даромад, ки медонем дар рӯзи Ошуро вақте, ки Абӯадуллоҳ танҳо монд ва дигар аҳаде аз асҳоб ва ёрон ва аҳли байташ набуд, он гоҳ, ки омад васати майдон ва асҳоби худашро садо зад, яке аз афроде, ки дар радифи аввал, номашонро бурд, ҷаноби Зуҳайр буд:

يا اَصْحابَ الصَّفا وَيا فُرْسانَ الْهَيْجاءِ يا مُسْلِمَ بْنَ عَقيلٍ يا هانِئَ بْنَ عُرْوَةَ وَيا زُهَيْرُ قوموا عَنْ نَوْمَتِكُمْ بَنِي الْكِرامِ وَادْفَعوا عَنْ حَرَمِ الرَّسولِ الطُّغاةَ اللِّئامَ

Хулоса, мегӯяд: Зуҳайрҷон! Азизам! Чаро хобидаӣ? Баланд шав аз ҳарами пайғамбари худат дифоъ кун.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم. باسمك العظيم الأعظم الأجلّ الأكرم يا الله

Парвардигоро! Оқибати амри ҳамаи мо хатми ба хайр бифармо!

Хавфу хашяти худатро дар қалбҳои ҳамаи мо қарор бидеҳ!

Ниятҳои ҳамаи моро холис бигардон!

# Сираи набавӣ ва густариши сареъи ислом

**فَبِمَا رَحْمَةٍ مِنَ اللَّهِ لِنْتَ لَهُمْ وَلَوْ كُنْتَ فَظًّا غَلِيظَ الْقَلْبِ لَانْفَضُّوا مِنْ حَوْلِكَ فَاعْفُ عَنْهُمْ وَاسْتَغْفِرْ لَهُمْ وَشَاوِرْهُمْ فِي الْأَمْرِ فَإِذَا عَزَمْتَ فَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ**

(*Сураи Оли Имрон, ояти 159*)

Масъалаи густариши сареъи ислом яке аз масоили муҳимми таърихии ҷаҳон аст, ки дар бораи иллатҳои он баҳсу гуфтугӯ мешавад. Албатта масеҳият ва то андозае дини Будо ҳам аз адёне ҳастанд, ки дар ҷаҳон густариш ёфтаанд, махсусан масеҳият, ки маҳд ва сарзаминаш Байтулмуқаддас аст, вале дар ғарби ҷаҳон беш аз шарқи ҷаҳон густариш ёфтааст.

Ҳамчунон ки медонем, аксарияти мардуми Урупо ва Омрико масеҳӣ ҳастанд; гӯ ин ки масеҳӣ будани онҳо ахиран бештар ҷанбаи исмӣ дорад, на расмӣ ва воқеӣ, вале билохира минтақаи онҳо минтақаи масеҳият шумурда мешавад. Дини Будо ҳам дине аст, ки зуҳураш дар Ҳинд будааст. Будо дар Ҳинд зуҳур кард, вале густариши дини ӯ бештар дар хориҷи Ҳинд масалан дар Япония ва Чин аст ва албатта дар худи Ҳинд ҳам пайравоне дорад. Дини яҳуд дине аст қавмӣ ва нажодӣ, маҳдуд ва аз як қавму нажод хориҷ нашудааст. Дини Зардушт ҳам тақрибан дине аст маҳаллӣ, ки дар дохили Эрон зуҳур кард ва ҳатто натавонист ҳамаи мардуми Эронро иқноъ кунад ва ба ҳар ҳол по аз Эрон берун нагузошт. Ва агар имрӯз мебинем зардуштиҳое дар Ҳинд ҳастанд, ки ба номи “порсиёни Ҳинд” маъруфанд, онҳо ҳиндӣ нестанд, балки зардуштиҳои эронӣ ҳастанд, ки аз Эрон ба Ҳинд муҳоҷират кардаанд. Ва ҳаминҳо, ки аз Эрон ба Ҳинд муҳоҷират кардаанд, натавонистаанд як ҳастаи зиндаеро ташкил бидиҳанд ва дини Зардуштро дар миёни дигарон густариш бидиҳанд.

Ислом аз он ҷиҳат, ки аз сарзамини худаш хориҷ шуд ва уфуқҳои дигареро гушуд, монанди масеҳият аст. Ислом дар ҷазиратулараб зуҳур кард ва имрӯз мо мебинем, ки дар Осиё, Африқо, Урупо, Омрико ва дар миёни нажодҳои мухталифи дунё пайравоне дорад. Ва ҳатто адади мусалмонон гӯ ин ки масеҳиҳо кӯшиш мекунанд камтар аз он чи, ки ҳаст нишон бидиҳанд ва ағлаби китобҳои мо оморашонро аз фарангиҳо мегирифтанд, вале тибқи таҳқиқе, ки дар ин замина ба амал омада, шояд аз адади масеҳиён бештар бошад ва камтар набошад. Вале дар ислом як хусусияте ҳаст аз назари густариш, ки дар масеҳият нест. Ва он масъалаи суръати густариши ислом аст. Масеҳият хеле кунд пешравӣ кардааст, вале

ислом фавқулъода сареъ пешравӣ кардааст, чӣ дар сарзамини Арабистон ва чӣ дар хориҷи Арабистон, чӣ дар Осиё, чӣ дар Африқо ва чӣ дар ҷоҳои дигар.

Ин масъала матраҳ аст, ки чаро ислом ин андоза сареъ пешравӣ кард? Ҳатто *Ламартин*, шоири маъруфи фаронсавӣ мегӯяд, агар се чизро дар назар бигирем, аҳаде ба пояи пайғамбари ислом намерасад: яке, фуқдони васоили моддӣ: марде зуҳур мекунад ва даъвате мекунад, дар ҳоле, ки ҳеч нерӯ ва қудрате надорад ва ҳатто наздиктарини афродаш ва хонадони худаш бо ӯ ба душманӣ бармехезанд; так зуҳур мекунад, ҳеч ҳамкору ҳамдасте надорад, аз худаш шурӯъ мешавад, ҳамсараш ба ӯ имон меоварад, тифле, ки дар хона ҳаст ва писарамуи ӯст (Алӣ алайҳис салом) имон меоварад, тадриҷан афроди дигар имон меоваранд, он ҳам дар чӣ сахтиҳо ва машаққатҳо! Ва дигар, суръати пешрафт ё омили замон. Ва севвум, бузургии ҳадаф. Агар аҳаммияти ҳадафро бо фуқдони васоил ва бо суръате, ки бо ин фуқдони васоил ба он ҳадаф расидааст, дар назар бигирем, пайғамбари ислом — ба гуфтаи Ламартин ва дуруст мегӯяд — дар дунё шабеҳ ва назире надорад. Масеҳият агар дар дунё нуфуз ва пешрафте пайдо кард, баъд аз чанд сад сол, ки аз рафъи Масеҳ[29] гузашта буд, то андозае дар ҷаҳон ҷое барои худ пайдо кард.

Роҷеъ ба иллатҳои пешрафти сареъи ислом, мо ба таносуби баҳси худамон, ки баҳс дар сираи набавӣ аст сухан мегӯем. Қуръон ин матлабро тавзеҳ додааст ва таърих ҳам ҳамин матлабро ба вузуҳ таъйид мекунад, ки яке аз он иллатҳо ва омилҳо "сираи набавӣ" ва равиши Пайғамбари Акрам яъне хулқу хӯй ва рафтор ва тарзи даъват ва таблиғи Пайғамбари Акрам аст. Албатта иллатҳои дигаре ҳам дар кор аст. Худи Қуръон, ки мӯъҷизаи пайғамбар аст, он зебоии Қуръон, он умқи Қуръон, он шӯрангезии Қуръон, он ҷозибаи Қуръон, бидуни шак омили аввал аст. Омили аввал барои нуфуз ва тавсиаи ислом дар ҳар ҷо, худи Қуръон ва мӯҳтавои Қуръон аст.

Вале аз Қуръон, ки сарфи назар кунем, шахсияти Расули Акрам, хулқу хӯйи Расули Акрам, сираи Расули Акрам, тарзи рафтори Расули Акрам, навъи раҳбарӣ ва мудирияти Расули Акрам, омили дуввуми нуфуз ва тавсиаи ислом аст ва ҳатто баъд аз вафоти Пайғамбари Акрам ҳам таърихи зиндагии Пайғамбари Акрам яъне сираи ӯ, ки баъд дар таърих нақл шудааст, худи ин сираи таърихӣ омили бузурге будааст барои пешрафти ислом. Ояте, ки дар ибтидои суханам тиловат кардам, мефармояд:

---

[29] *Уруҷи Масеҳ ба олами боло.*

فَبِمَا رَحْمَةٍ مِنَ اللَّهِ لِنْتَ لَهُمْ

Худо ба пайғамбараш хитоб мекунад: эй паёмбари гиромӣ! Ба мӯҷиби раҳмати илоҳӣ ба ту, дар партави лутфи Худо ту нисбат ба мусалмонон ахлоқи лайину нарм ва бисёр мулоиме дорӣ, нармиш дорӣ, мулоим ҳастӣ; руҳияи ту руҳияе аст, ки бо мусалмонон ҳамеша дар ҳоли мулоимат ва ҳилму бурдборӣ ва ҳусни хулқ ва ҳусни рафтор ва таҳаммул ва афв ва амсоли инҳо ҳастӣ.

وَلَوْ كُنْتَ فَظًّا غَلِيظَ الْقَلْبِ لَانْفَضُّوا مِنْ حَوْلِكَ

Агар ин хулқу хӯйи ту набуд, агар ба ҷои ин ахлоқи нарму мулоим ахлоқи хашину дуруште доштӣ, мусалмонон аз даври ту пароканда мешуданд. Яъне ин ахлоқи ту худ як омиле аст барои ҷазби мусалмонон. Ин худаш нишон медиҳад, ки раҳбар, мудир ва он ки мардумро ба ислом даъват мекунад ва мехонад, яке аз шароиташ ин аст, ки дар ахлоқи шахсӣ ва фардӣ нарму мулоим бошад. Дар инҷо тавзеҳоте бояд бидиҳам, ки ҷавоби баъзе аз суолоте, ки дар зеҳнҳо пайдо мешавад, дода бишавад.

## Нармиш дар масоили шахсӣ ва салобат дар масоили усулӣ

Ин ки арз мекунем пайғамбар мулоим буд ва бояд як раҳбар мулоим бошад, мақсуд ин аст, ки пайғамбар дар масоили фардӣ ва шахсӣ нарму мулоим буд, на дар масоили усулӣ ва куллӣ. Дар онҷо пайғамбар сад дар сад салобат дошт, яъне инъитофнопазир буд.

Як вақт касе рафтори баде роҷеъ ба шахси Пайғамбар мекард, масалан ба шахси Пайғамбар иҳонат мекард. Ин, масъалае буд марбут ба шахси худаш. Ва як вақт касе қонуни исломро нақз мекард, масалан дуздӣ мекард. Оё ин ки мегӯем, пайғамбар нарм буд, мақсуд чист? Оё яъне агар касе шурби хамр мекард, пайғамбар мегуфт, муҳим нест, тозиёна ба ӯ назанед, муҷозоташ накунед?! Он, дигар марбут ба шахси пайғамбар набуд, марбут ба қонуни ислом буд. Оё агар касе дуздӣ мекард, боз пайғамбар мегуфт, муҳим нест, лозим нест муҷозот бишавад?! Абадан. пайғамбар дар сулуки фардӣ ва дар умури шахсӣ нарму мулоим буд, вале дар тааҳҳудҳо ва масъулиятҳои иҷтимоӣ ниҳояти дараҷа салобат дошт. Ривояте арз мекунам:

Шахсе меояд дар кӯча ҷилави пайғамбарро мегирад, муддаӣ мешавад, ки ман аз ту талабкорам, талаби маро алъон бояд бидиҳӣ. Пайғамбар мегӯяд: аввалан ту аз ман талабкор нестӣ ва бехуд иддао мекунӣ. Ва сониян, алъон пул ҳамроҳам нест, иҷоза бидеҳ биравам. Мегӯяд: як қадам намегузорам он тараф биравӣ. (Пайғамбар ҳам мехоҳад биравад дар намоз

ширкат кунад) Ҳамин ҷо бояд пули манро бидиҳӣ ва дайни маро бипардозӣ. Ҳар чи пайғамбар бо ӯ нармиш нишон медиҳад, ӯ бештар хушунат меварзад, то онҷо, ки бо пайғамбар галовез (даст ба гиребон) мешавад ва ридои пайғамбарро лӯла мекунад,[30] даври гардани эшон мемечад ва мекашад, ки асари қирмизиаш дар гардани пайғамбар зоҳир мешавад. Мусалмонон меоянд, ки чаро пайғамбар дер кард, мебинанд як яҳудӣ чунин иддаое дорад. Мехоҳанд хушунат кунанд, пайғамбар мегӯяд: коре надошта бошед, ман худам медонам бо рафиқам чӣ кунам. Он қадр нармиш нишон медиҳад, ки яҳудӣ ҳамон ҷо мегӯяд:

أَشْهَدُ أَنْ لا اِلهَ اِلاَّ للهُ وَأَشْهَدُ أَنَّكَ رَسولُ اللهِ

— ва мегӯяд, ту бо чунин қудрате, ки дорӣ ин ҳама таҳаммул (нишон медиҳӣ?!) Ин таҳаммул, таҳаммули як фарди оддӣ нест, пайғамбарона аст.

(Ривояте дигар) Зоҳиран дар фатҳи Макка аст. Зане аз ашрофи Қурайш дуздӣ кардааст. Ба ҳукми қонуни ислом дасти дузд бояд бурида шавад. Вақте қазия собит ва мусаллам шуд ва зан иқрор кард, ки дуздӣ кардаам, мебоист ҳукм дар бораи ӯ иҷро мешуд. Инҷо буд, ки тавсияҳо ва висотатҳо шурӯъ шуд. Яке гуфт: ё Расулаллоҳ! Агар мешавад аз муҷозот сарфи назар кунед, ин зан духтари фалон шахс аст, ки медонед чӣ қадр мӯҳтарам аст, обрӯи як фомили мӯҳтарам аз байн меравад. Падараш омад, бародараш омад, дигаре омад, ки обрӯи як фомили мӯҳтарам аз байн меравад. Ҳар чи гуфтанд, фармуд: маҳол ва мумтанеъ аст, оё мегӯед, ман қонуни исломро муаттал кунам?! Агар ҳамин зан як зани бекас мебуд ва вобаста ба як фомили ашрофӣ намебуд, ҳамаи шумо мегуфтед, бале дузд аст, бояд муҷозот бишавад… Як фақир, ки ба иллати фақраш масалан дуздӣ карда муҷозот бишавад, вале ин зан ба далели ин ки вобаста ба ашрофи Қурайш аст ва ба қавли шумо, обрӯи як фомили ашрофӣ аз байн меравад, муҷозот нашавад?! Қонуни Худо таътилбардор нест. Абадан шафоатҳо ва висотатҳоро напазируфт.

Пас пайғамбар дар масоили усулӣ ҳаргиз нармиш нишон намедод, дар ҳоле, ки дар масоили шахсӣ фавқулъода нарму меҳрубон буд ва фавқулъода афв дошт ва богузашт буд. Пас, инҳо бо якдигар иштибоҳ нашавад.

Алӣ алайҳис салом дар масоили фардӣ ва шахсӣ дар ниҳояти дараҷа нарму меҳрубон ва хушрӯст, вале дар масоили усулӣ як зарра инъитоф намепазирад. Ду намунаро ба унвони

---

[30] *Лӯла кардан: печидан.*

далел зикр мекунам. Алӣ марде буд башшош, бар хилофи муқаддасмаобҳои мо, ки ҳамеша аз мардуми дигар баҳои муқаддасӣ мехоҳанд, ҳамеша чеҳраҳои абус ва ахмҳои дарҳамкашида доранд ва ҳеч вақт ҳозир нестанд як табассум ба лабашон биёяд, гӯӣ лозимаи қудсу тақво абус будан аст. Гуфт:

*Сабо аз ман бигӯ ёри абусан қамтариро*

*Намечасбӣ ба дил заҳмат мадеҳ самғу катироро*

Чаро бояд ин тавр буд ва ҳол он ки:

اَلْمُؤْمِنُ بِشْرُهُ فى وَجْهِهِ وَحُزْنُهُ فى قَلْبِهِ

Мӯъмин башошаташ дар чеҳрааш аст ва андӯҳаш дар дилаш. (*Наҳҷул-балоға, ҳикмати 333*) Мӯъмин андӯҳи худашро дар ҳар мавриде (андӯҳи дунё, андӯҳи охират, марбут ба зиндагии фардӣ, марбут ба олами охират, ҳар чи ҳаст) дар дилаш нигаҳ медорад ва вақте бо мардум мувоҷеҳ мешавад, шодиашро дар чеҳрааш зоҳир мекунад. Алӣ алайҳис салом ҳамеша бо мардум бо башошат ва бо чеҳраи башшош рӯбарӯ мешуд, мисли худи пайғамбар. Алӣ бо мардум мизоҳ мекард модом, ки ба ҳадди ботил нарасад, ҳамчунон ки пайғамбар мизоҳ мекард. Мухолифони ӯ ягона айбе, ки барои хилофат ба Алӣ гирифтанд — айби воқеӣ, ки наметавонистанд бигиранд — ин буд, ки гуфтанд: “*Айби Алӣ ин аст, ки хандарӯст ва мизоҳ мекунад; марде бояд халифа бишавад, ки абус бошад ва мардум аз ӯ битарсанд, вақте ба ӯ нигоҳ мекунанд беҷиҳат ҳам шуда аз ӯ битарсанд.*” Пас чаро пайғамбар ин тавр набуд? Худо, ки дар бораи пайғамбар мефармояд:

فَبِمَا رَحْمَةٍ مِنَ اللَّهِ لِنْتَ لَهُمْ وَلَوْ كُنْتَ فَظًّا غَلِيظَ الْقَلْبِ لَانْفَضُّوا مِنْ حَوْلِكَ

Агар ту одами тундхӯ ва хашин ва сангдиле мебудӣ, наметавонистӣ мусалмононро ҷазб кунӣ ва мусалмонон аз даври ту мерафтанд.

Пас, сабку метод ва равишу мантиқе, ки ислом дар раҳбарӣ ва мудирият меписандад, лайин будан ва нарм будан ва хушхӯ будан ва ҷазб кардан аст, на абус будан ва хашин будан он тавр, ки Алӣ алайҳис салом дар бораи халифаи дуввум мефармояд:

فَصَيَّرَها فى حَوْزَةٍ خَشْناءَ يَغْلُظُ كَلْمُها وَيَخْشُنُ مَسُّها وَيَكْثُرُ الْعِثارُ فيها وَالْاِعْتِذارُ مِنْها

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 3 (Шақшақия)*) Абӯбакр хилофатро ба шахсе дод дорои табиат ва руҳи хашин, мардум аз ӯ метарсиданд, абус (мисли муқаддасҳои мо) ва хашин, ки Ибни Аббос мегуфт, фалон масъаларо то умр зинда буд, ҷуръат накардам тарҳ кунам ва гуфтам:

**دِرَّةُ عُمَرَ اَهْيَبُ مِنْ سَيْفِ حَجّاج**

Тозиёнаи Умар ҳайбаташ аз шамшери Ҳаҷҷоҷ бештар аст.

Чаро бояд ин тавр бошад?! Алӣ дар масоили шахсӣ хушхӯ ва хандарӯ буд ва мизоҳ мекард, вале дар масоили усулӣ инъитофнопазир буд. Бародараш Ақил чанд рӯз баччаҳояшро махсусан гурусна нигаҳ медорад, мехоҳад саҳна бисозад, ончунон ин тифлакҳоро гуруснагӣ медиҳад, ки чеҳраи онҳо аз гуруснагӣ тира мешавад –

**كَالْعِظْلِم**

(*Монанди нил.*) Баъд Алиро даъват мекунад ва ба ӯ мегӯяд: ин баччаҳои гуруснаи бародаратро бибин, қарз дорам, гурусна ҳастам, чизе надорам, ба ман кӯмак кун. Мефармояд: бисёр хуб, аз ҳуқуқи (маоши) худам ба ту медиҳам. (Ақил мегӯяд) бародарҷон! Ҳамаи ҳуқуқи ту чӣ ҳаст?! Чӣ қадраш харҷи ту бишавад ва чӣ қадраш ба ман бирасад?! Дастур бидеҳ аз байтулмол бидиҳанд. Алӣ алайҳис салом дастур медиҳад, оҳанеро доғу қирмиз мекунанд ва ҷилави Ақил, ки кӯр буд мегузоранд ва мефармояд: бародар, бардор! Ақил хаёл кард, кисаи пул аст. То дасташро дароз кард, сӯхт. Худи Ақил мегӯяд: мисли як гов нола кардам. То нола кард, фармуд:

**ثَكِلَتْكَ الثَّواكِلُ يا عَقيلُ، أَتَئِنُّ مِنْ حَديدَةٍ أَحْميها اِنْسانُها لِلَعِبِهِ وَتَجُرُّني اِلى نارٍ سَجَرَها جَبّارُها لِغَضَبِهِ**

(*"Ақил! Доғдидагон ба азоят биншинанд! Оё аз оҳане, ки як инсон аз рӯи бозӣ ва шӯхӣ доғ намуда фарёд мекунӣ, вале маро ба сӯи оташе мекашӣ, ки Худованди ҷаббор аз рӯи хашми худ онро барафрӯхтааст?!" Наҳҷул-балоға, хутбаи 224*)

Ҳамон Алие, ки дар масоили шахсӣ ва фардӣ он қадр нарм аст, дар масоили усулӣ, дар он чи, ки марбут ба муқаррароти илоҳӣ ва ҳуқуқи иҷтимоӣ аст, то ин андоза салобат дорад. Ва ҳамон Умар, ки дар масоили шахсӣ ин ҳама хушунат дошт ва бо занаш бо хушунат рафтор мекард, бо писараш бо хушунат рафтор мекард, бо муоширонаш бо хушунат рафтор мекард, дар масоили усулӣ то ҳадди зиёде нармиш нишон медод. Масъалаи табъиз дар байтулмол аз Умар шурӯъ шуд, ки саҳми мусалмононро бар асоси як навъ маслиҳатбиниҳо ва сиёсатбозиҳо ба тафовут бидиҳанд, яъне бар хилофи сираи пайғамбар. Дар масоили усулӣ инъитоф доштанд ва дар масоили фардӣ хушунат. Ва ҳол он ки пайғамбар ва Алӣ дар масоили фардӣ нарм буданд ва дар масоили усулӣ босалобат. Қуръон мефармояд:

فَبِمَا رَحْمَةٍ مِنَ اللَّهِ لِنْتَ لَهُمْ

“Ба мӯҷиби лутфи парвардигор, рафтори шахсӣ ва фардии ту бо мусалмонон рафтори мулоим аст ва ба ҳамин ҷиҳат мусалмононро ҷазб кардаӣ ва агар ту одами хашин ва қасиюлқалбе (сангдиле) мебудӣ, мусалмонон аз даври ту пароканда мешуданд.

فَاعْفُ عَنْهُمْ

Гузашт дошта бош, афв кун, бигузар. (Худи афв доштан аз шуъуни нармӣ аст.)

وَاسْتَغْفِرْ لَهُمْ

Барои мусалмонон истиғфор ва талаби мағфират кун. Лағзише мекунанд, назди ту меоянд, барояшон дуо ва талаби мағфират кун.
Пайғамбар бо мусалмонон öнчунон ахлоқи нарме дошт, ки аҷиб буд. Фирефтагӣ ва шефтагии мусалмонон нисбат ба пайғамбар фавқулъода аст. Пайғамбари Акрам бо мусалмонон ончунон ягона аст, ки масалан зане, ки бачааш мутаваллид шуда буд, медавид: ё Расулаллоҳ! Дилам мехоҳад ба гӯши ин баччаи ман азон ва иқома бигӯӣ. Ё дигаре баччаи яксолаашро меоварад: ё Расулаллоҳ! дилам мехоҳад ин баччаи маро миқдоре рӯи зонуи худат биншонӣ ва ба ӯ нигоҳ кунӣ, то табаррук бишавад, ё ба баччаам дуо кунӣ; Мефармуд: бисёр хуб. Ҳадис дорад, шиа ва суннӣ ривоят кардаанд, ки гоҳе иттифоқ меафтод бачча дар домани пайғамбар идрор мекард. То ӯ идрораш шурӯъ мешуд, падару модарҳо нороҳат ва асабонӣ медавиданд, ки баччаро аз бағали пайғамбар бигиранд. Мефармуд:

لا تُزْرِموا

Ин корро накунед, бачча аст, идрораш гирифтааст, коре накунед идрори бачча қатъ бишавад, ки мӯҷиби беморӣ мешавад. (Ва ин масъалае аст, ки дар тибб ва равоншиносии имрӯз собит шуда, ки ин кор бисёр иштибоҳ аст: гоҳе падару модарҳо баччаашонро дар ҷое нишондаанд, ин бачча идрор мекунад, барои ин ки ҷилави идрори баччаро бигиранд, фавран ӯро бо асабоният ба тарафе парт мекунанд ё ба сараш фарёд мекашанд ва басо ҳаст, ки ин бачча як беморӣ пайдо мекунад, ки то охири умр асараш аз байн намеравад, чун як ҳолати ҳаяҷон ва гумроҳӣ пайдо мекунад. Аз назари бачча идрор кардан як амри табиӣ аст, баъд бо аксуламали шадиди падар ё модар мувоҷеҳ мешавад. Табиат мегӯяд, идрор кун, падар ё модар мегӯяд, идрор накун, дар натиҷа дучори ҳаяҷон ва изтироб ва ошуфтагии руҳӣ мешавад.) То ин ҳадд Пайғамбари Акрам (мулоим буд).

# Машварат

**وَشَاوِرْهُمْ فِي الْأَمْرِ**

(*"Ва дар корҳо бо онҳо машварат кун…" (Сураи Оли Имрон, ояти 159)*) Ин ҳам аз шуъуни ахлоқи нарму мулоими пайғамбар буд. (Қуръон мегӯяд) пайғамбари мо, азизи мо! Дар корҳо бо мусалмонон машварат кун.

Аҷабо! Пайғамбар аст, ниёзе ба машварат надорад. Раҳбаре машварат мекунад, ки ниёз ба машварат дорад. Ӯ ниёз ба амри машварат надорад, вале барои ин ки ин аслро поягузорӣ накунад, ки баъдҳо ҳар кас, ки ҳоким ва раҳбар шуд, (бигӯянд, ӯ) мофавқи дигарон аст, ӯ фақат бояд дастур бидиҳад, дигарон бояд амал кунанд ва машварат маънӣ надорад, (аз ин рӯ, машварат мекард). Алӣ ҳам машварат мекард, пайғамбар ҳам машварат мекард. Онҳо ниёзе ба машварат надоштанд, вале машварат мекарданд барои ин ки аввалан дигарон ёд бигиранд ва сониян, машварат кардан, шахсият додан ба ҳамроҳон ва пайравон аст.

Он раҳбаре, ки машварат накарда — ҳарчанд сад дар сад ҳам яқин дошта бошад — тасмим мегирад, атбоъи ӯ чӣ ҳис мекунанд? Мегӯянд, пас маълум мешавад, мо ҳукми абзорро дорем; абзоре бе руҳу беҷон. Вале вақте худи онҳоро дар ҷараён гузоштед, равшан кардед ва дар тасмим шарик намудед, эҳсоси шахсият мекунанд ва дар натиҷа беҳтар пайравӣ мекунанд.

**وَشَاوِرْهُمْ فِي الْأَمْرِ فَإِذَا عَزَمْتَ فَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ**

Эй пайғамбар! Вале кори машваратат ба онҷо накашад, ки мисли одамҳои дудил бошӣ; қабл аз ин ки тасмим бигирӣ машварат кун, вале раҳбар ҳамин қадр, ки тасмим гирифт, тасмимаш бояд қотеъ бошад. Баъд аз тасмим, яке мегӯяд: агар ин ҷур кунем, чӣ тавр аст? Дигаре мегӯяд: он ҷур кунем, чӣ тавр аст? Бояд гуфт: на, дигар тасмим гирифтем ва кор тамом шуд. Қабл аз тасмим, машварат, баъд аз тасмим, қотеъият. Ҳамин қадр, ки тасмим гирифтӣ, ба Худо таваккул кун ва кори худатро шурӯъ кун ва аз Худои Мутаъол ҳам мадад бихоҳ.

Ин матлабро, ки арз кардам, ба муносибати баҳси даъвату таблиғ буд, ки яке аз усули даъвату таблиғ, рифқ ва нармиш ва мулоимат ва парҳез аз ҳар гуна хушунат ва икроҳ ва иҷбор аст. Худи масъалаи раҳбарӣ ва мудирият масъалаи мустақилле дар сираи набавӣ аст, ки агар бихоҳем як сираи таҳлилӣ баён кунем, яке аз масоили он равиши Пайғамбари Акрам дар мудирият ва идораи ҷомеа аст, ки миқдоре ба таносуб арз кардам, ки Пайғамбари Акрам

дар мудирияташон чӣ гуна буданд ва Алӣ алайҳис салом ҳам ҳамон тавр ва ба ҳар ҳол худи баҳси равиши пайғамбар дар мудирият баҳси мустақилле аст ва иншоаллоҳ шояд дар ҷаласаи дигаре баҳси худамро дар бораи сираи набавӣ идома бидиҳам ва қисматҳои дигаре аз сираи набавиро аз ҷумла дар боби раҳбарӣ ва мудирият арз кунам. Феълан баҳси мо дар даъват ва таблиғ аст.

## Парҳез аз хушунат дар даъват ва таблиғ

Даъват набояд тавъам бо хушунат бошад ва ба иборати дигар, даъват ва таблиғ наметавонад тавъам бо икроҳ ва иҷбор бошад. Масъалае аст, ки хеле мепурсанд: оё асоси даъвати ислом бар зӯру иҷбор аст? Яъне имони ислом асосаш бар иҷбор аст? Ин, чизе аст, ки кашишҳои масеҳӣ дар дунё рӯи он фавқулъода таблиғ кардаанд. Исми исломро гузоштаанд "дини шамшер" яъне дине, ки мунҳасиран аз шамшер истифода мекунад. Шак надорад, ки ислом дини шамшер ҳам ҳаст ва ин камоле аст дар ислом, на нақсе дар ислом, вале онҳо, ки мегӯянд, "ислом дини шамшер"; мехоҳанд бигӯянд, абзоре, ки ислом дар даъвати худаш ба кор мебарад, шамшер аст, яъне чунонки Қуръон мегӯяд:

ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

("*Бо ҳикмат ва андарзи некӯ ба сӯи роҳ парвардигорат даъват намо. Ва бо онҳо ба тариқе, ки некӯтар аст истидлол ва мунозира кун…*" *Сураи Наҳл, ояти 125*) Онҳо мехоҳанд ин тавр вонамуд кунанд, ки дастури пайғамбари ислом ин буда:

أُدْعُ بِالسَّيْف

("*Бо шамшер даъват намо.*") Ҳоло касе нест бигӯяд, пас чаро Қуръон гуфтааст:

ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

Ва дар амал ҳам пайғамбар чунин будааст? Як навъ халти мабҳасе мекунанд, баъд мегӯянд, ислом дини –

أُدْعُ بِالسَّيْف

— аст, даъват ва таблиғ кун бо шамшер. Ҳатто дар баъзе аз китобҳояшон ба Пайғамбари Акрам иҳонат мекунанд; корикотури мардеро мекашанд, ки дар як дасташ Қуръон аст ва дар дасти дигараш шамшер ва болои сари афрод истода, ки ё бояд ба ин Қуръон имон биёварӣ ва ё гарданатро мезанам. Кашишҳо аз ин корҳо дар дунё зиёд кардаанд.

# Моли Хадичҷа ва шамшери Алӣ

Инро ҳам ба шумо арз кунам: гоҳе худи мо, мусалмонон ҳарфҳое мезанем, ки на бо таърих мунтабиқ аст ва на бо Қуръон; бо ҳарфҳои душманҳо мунтабиқ аст. Яъне ҳарферо, ки як ҷанбааш дуруст аст, ба гунае таъбир мекунем, ки аслиҳа ба дасти душман медиҳем. Мисли ин ки бархе мегӯянд, ислом бо ду чиз пеш рафт: бо моли Хадичҷа ва шамшери Алӣ, яъне бо зару зӯр. Агар дине бо зару зӯр пеш биравад, он чӣ дине метавонад бошад?! Оё Қуръон дар як ҷо дорад, ки дини ислом бо зару зӯр пеш рафт? Оё Алӣ алайҳис салом як ҷо гуфт, ки дини ислом бо зару зӯр пеш рафт? Шак надорад, ки моли Хадичҷа ба дарди мусалмонон хӯрд, аммо оё моли Хадичҷа сарфи даъвати ислом шуд, яъне Хадичҷа пули зиёде дошт, пули Хадичҷаро ба касе доданд ва гуфтанд, биё мусалмон шав? Оё як ҷо инсон дар таърих чунин чизе пайдо мекунад? Ё на, дар шароите, ки мусалмонон ва Пайғамбари Акрам дар ниҳояти дараҷаи сахтӣ ва тахти фишор буданд, ҷаноби Хадичҷа молу сарвати худашро дар ихтиёри пайғамбар гузошт, вале на барои ин ки пайғамбар — Алаёзу биллоҳ! — ба касе ришва бидиҳад. Ва таърих низ ҳеч гоҳ чунин чизе нишон намедиҳад. Ин мол он қадр ҳам зиёд набуда ва аслан дар он замон, сарват наметавониста ин қадр зиёд бошад.

Сарвати Хадичҷа, ки зиёд буд, нисбат ба сарвате, ки дар он рӯз дар он манотиқ буд зиёд буд, на дар ҳадди сарвати масалан яке аз миллиардерҳои Теҳрон, ки бигӯем ӯ мисли яке аз сармоядорҳои Теҳрон буд. Макка шаҳри кучаке буд. Албатта як идда тоҷир ва бозаргон дошт, сармоядор ҳам дошт, вале сармоядорҳои Макка мисли сармоядорҳои Нишопур масалан буданд, на мисли сармоядорҳои Теҳрон ё Исфаҳон ё Машҳад ва аз ин қабил.

Пас, агар моли Хадичҷа набуд, шояд фақр ва тангдастӣ мусалмононро аз по дармеовард. Моли Хадичҷа хидмат кард, аммо на хидмати ришва додан, ки касеро бо пул мусалмон карда бошад, балки хидмат ба ин маънӣ, ки мусалмонони гуруснаро наҷот дод ва мусалмонон бо пули Хадичҷа тавонистанд садди рамақе кунанд.

Шамшери Алӣ бидуни шак ба ислом хидмат кард ва агар шамшери Алӣ набуд, сарнавишти ислом сарнавишти дигаре буд, аммо на ин ки шамшери Алӣ рафт болои сари касе истод ва гуфт: ё бояд мусалмон бишавӣ ё гарданатро мезанам! Балки дар шароите, ки шамшери душман омада буд решаи исломро канад, Алӣ буд, ки дар муқобили душман истод. Кофӣ аст мо "Бадр" ё "Уҳуд" ва ё "Хандақ"-ро дар назар бигирем, ки шамшери Алӣ дар ҳамин маворид ба кор рафтааст. Дар "Хандақ" мусалмонон тавассути куффори Қурайш ва қабоили ҳамдасти онҳо иҳота мешаванд, даҳ ҳазор нафар мусаллаҳ Мадинаро иҳота мекунанд,

мусалмонон дар шароити бисёр сахти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қарор мегиранд ва ба ҳасби зоҳир дигар роҳи умеде барои онҳо боқӣ намондааст. Кор ба ҷое мерасад, ки Амр ибни Абдувуд ҳатто он хандақеро, ки мусалмонон ба даври худ кашидаанд мешикофад.

Албатта ин хандақ дар тамоми даври Мадина набудааст, чун даври Мадина он қадр кӯҳ аст, ки хеле ҷоҳояш эҳтиёҷе ба хандақ надорад. Як хатти каҷе дар шимоли Мадина дар ҳамон байни роҳи Уҳуд будааст, ки мусалмонон миёни ду кӯҳро канданд, чун Қурайш ҳам аз тарафи шимоли Мадина омада буданд ва чорае надоштанд ҷуз ин ки аз онҷо биёянд. Мусалмонон ин тарафи хандақ буданд ва онҳо он тарафи хандақ. Амр ибни Абдувуд нуқтаи бориктареро пайдо мекунад, аспи қавие дорад, худи ӯ ва чанд нафари дигар аз он хандақ мепаранд ва ба ин сӯ меоянд. Он гоҳ меояд дар муқобили мусалмонон меистад ва садои "ҳал ман мубориз"-ашро баланд мекунад. Аҳаде аз мусалмонон ҷуръат намекунад берун биёяд, чун шак надорад, ки агар биёяд бо ин мард мубориза кунад, кушта мешавад.

Алии бисту чандсола аз ҷо баланд мешавад: ё Расулаллоҳ! Ба ман иҷоза бидеҳ. Фармуд: Алиҷон! Биншин. Пайғамбар мехост итмоми ҳуҷҷат бо ҳамаи асҳоб комил бишавад. Амр рафт ва ҷавалоне дод, аспашро тохт ва омад дубора гуфт: ҳал мин мубориз? Як нафар ҷавоб надод. Қудраташро надоштанд, чун марди фавқулъодае буд. Алӣ аз ҷо баланд шуд: ё Расулаллоҳ! Ман. Фармуд: биншин Алиҷон! Бори севвум ё чаҳорум Амр раҷазе хонд, ки то устухон мусалмононро оташ зад ва ҳамаро нороҳат кард. Гуфт:

وَلَقَدْ بَحِحْتُ مِنَ النِّداءِ بِجَمْعِكُمْ هَلْ مِنْ مُبارِز

وَوَقَفْتُ اِذْ جَبُنَ الْمُشَجِّعُ مَوْقِفَ الْقِرْنِ الْمُناجِز

إِنَّ السَّماحَةَ وَالشَّجا

عَةَ فِى الْفَتى خَيْرُالْغَرائِز

Гуфт: дигар хафа шудам аз бас гуфтам "ҳал мин мубориз". Як мард инҷо вуҷуд надорад?! Оҳой мусалмонон! Шумо, ки иддао мекунед куштаҳои шумо ба биҳишт мераванд ва куштаҳои мо ба ҷаҳаннам, як нафар пайдо бишавад биёяд ё бикушад ва ба ҷаҳаннам бифиристад ва ё кушта бишавад ва ба биҳишт биравад. Алӣ аз ҷо ҳаракат кард. Умар барои ин ки узри мусалмононро бихоҳад гуфт: ё Расулаллоҳ! Агар касе баланд намешавад, ҳақ дорад, ин марде аст, ки бо ҳазор нафар баробар аст, ҳар ки бо ӯ рӯбарӯ бишавад, кушта мешавад. Кор ба ҷое мерасад, ки пайғамбар мефармояд:

بَرَزَ الْإِسْلامُ کُلُّهُ اِلَی الشِّرْکِ کُلِّهِ

Тамоми ислом бо тамоми куфр рӯбарӯ шудааст. Инҷост, ки Алӣ алайҳис салом Амр ибни Абдувудро аз по дармеоварад ва исломро наҷот медиҳад.

Пас, вақте мегӯем агар шамшери Алӣ набуд, исломе набуд, маъноаш ин нест, ки шамшери Алӣ омад ба зӯр мардумро мусалмон кард; маъноаш ин аст, ки агар шамшери Алӣ дар дифоъ аз ислом набуд, душман решаи исломро канда буд, ҳамчунон ки агар моли Хадиҷа набуд, фақр мусалмононро аз по даровarда буд. Ин куҷо ва он ҳарфи муфт куҷо?!

## Дифоъ аз тавҳид

Ислом дини шамшер аст, аммо шамшераш ҳамеша омодаи дифоъ аст; ё аз ҷони мусалмонон ё аз моли мусалмонон ё аз сарзамини мусалмонон ва ё аз тавҳид агар ба хатар афтода бошад, ки Аллома Таботабоӣ (Салламаҳуллоҳу Таъоло! ) ин матлабро дар тафсири "*Алмизон*" чӣ дар оятҳои қитол дар сураи Бақара ва чӣ дар ояти:

لَا إِكْرَاهَ فِي الدِّينِ قَدْ تَبَيَّنَ الرُّشْدُ مِنَ الْغَيِّ

(*"Кори дин ба иҷбор нест, таҳқиқан роҳи ҳидоят ва залолат бар ҳама кас равшан гардида…" (Сураи Бақара, ояти 256)*) олӣ баҳс кардаанд. Бале, ислом як матлабро аз они башарият медонад; ислом ҳар ҷо, ки тавҳид ба хатар биафтад, барои наҷоти тавҳид мекӯшад, чун тавҳид азизтарин ҳақиқати инсонӣ аст.

Ин оқоёне, ки роҷеъ ба озодӣ баҳс мекунанд, намедонанд, ки тавҳид лоақал дар ҳадди озодӣ аст, агар болотар набошад ва қатъан болотар аст. Инро ман мукаррар дар маҷолис гуфтаам: агар касе аз ҷони худаш дифоъ кунад, оё ин дифоъро саҳеҳ медонед ё ғалат? Агар ҷони шумо мавриди ҳамла қарор гирифт, оё мегӯед бигузор ӯ ҳар кор мехоҳад кунад, ман набояд ба зӯр мутавассил шавам, бигузор маро бикушад? На. Ҳамчунин мегӯем, агар номуси касе мавриди таҷовуз воқеъ шуд, бояд дифоъ кунад, агар молу сарвати касе мавриди таҷовуз қарор гирифт, бояд дифоъ кунад, агар сарзамини мардуме мавриди таҷовуз воқеъ шуд, бояд дифоъ кунанд. То инҷо касе баҳс надорад. Мегӯям, агар ҷон ё мол ва ё сарзамини мардуми мазлум мавриди таҷовузи золиме қарор гирифт, оё барои як шахси севвум ширкат дар дифоъ аз мазлум кори саҳеҳе аст ё на? На танҳо саҳеҳ аст, балки болотар аст аз вақте, ки аз худаш дифоъ мекунад, чун агар инсон аз озодии худаш дифоъ кунад, аз худаш дифоъ карда, аммо агар аз озодии дигарӣ дифоъ кунад, аз озодӣ дифоъ карда, ки хеле муқаддастар аст.

Агар як нафар масалан аз Урупо баланд шавад, биравад ба дифоъ аз ветнамиҳо ва бо омрикоиҳо биҷангад, шумо ӯро сад дараҷа бештар тақдис мекунед аз як ветнамӣ ва мегӯед, бибинед ин чӣ марди бузурге аст! Бо ин ки худаш дар хатар нест, аз мамлакати худаш ҳаракат карда ва ба сарзамини дигаре рафтааст барои дифоъ аз озодии дигарон, аз ҷони дигарон, аз моли дигарон ва аз сарзамини дигарон. Ин сад дараҷа болотар аст. Чаро? Чун озодӣ муқаддас аст.

Агар касе барои дифоъ аз илм биҷангад, чӣ тавр? Ҳамин тавр аст. (Дар ҷое илм ба хатар афтода, инсон ба далели ин ки илм, ки яке аз муқаддасоти башар аст ба хатар афтода, барои наҷоти илм биҷангад). Барои наҷоти сулҳ биҷангад чӣ тавр? Ҳамин тавр аст.

Тавҳид ҳақиқате аст, ки моли ману шумо нест, моли башарият аст. Агар дар ҷое тавҳид ба хатар биафтад — чун тавҳид ҷузъи фитрати инсон аст ва ҳеч вақт фикри башар ӯро ба зидди тавҳид раҳбарӣ намекунад, балки омили дигаре дахолат дорад — ислом барои наҷоти тавҳид дастури иқдом медиҳад, вале ин маънояш ин нест, ки мехоҳад тавҳидро ба зӯр вориди қалби мардум кунад, балки омилҳоеро, ки сабаб шудааст тавҳид аз байн биравад аз байн мебарад. Омилҳо, ки аз байн рафт, фитрати инсон ба сӯи тавҳид гароиш пайдо мекунад.

Масалан, вақте тақолид, талқинот, бутхонаҳо ва буткадаҳо ва чизҳоеро, ки вуҷуди онҳо сабаб мешавад, ки инсон аслан дар тавҳид фикр накунад аз байн бурд, фикри мардум озод мешавад, ба таъбире, ки Қуръон дар бораи ҳазрати Иброҳим мефармояд. Мегӯяд: Иброҳим дар рӯзе, ки мардум аз шаҳр хориҷ шуда ва шаҳрро хилват карда буданд ва буткада ҳам хилват буд, рафт бутҳоро шикаст ва табарро ба гардани бузургтарини бутҳо овехт. Шаб, ки мардум баргаштанд ва барои арзи ҳоҷат ва изҳори ихлос назди бутҳо рафтанд, диданд буте вуҷуд надорад, хурду хамир шудаанд, фақат бути бузург вуҷуд дорад бо табар. Зоҳири амр ҳикоят мекунад, ки ин бути бузург омада ин кучакҳоро зада ва аз байн бурда, вале фитрати башар қабул намекунад. Чӣ касе чунин кардааст?

قَالُوا سَمِعْنَا فَتًى يَذْكُرُهُمْ يُقَالُ لَهُ إِبْرَاهِيمُ

(*Сураи Анбиё, ояти 60*) Суроғи Иброҳим мераванд:

أَأَنْتَ فَعَلْتَ هَذَا بِآلِهَتِنَا يَا إِبْرَاهِيمُ

Иброҳим ту бо маҳбубҳои мо чунин кардӣ?

قَالَ بَلْ فَعَلَهُ كَبِيرُهُمْ هَذَا فَاسْأَلُوهُمْ إِنْ كَانُوا يَنْطِقُونَ

Ин кор кори он бути бузург аст, бояд аз худашон бипурсед. Гуфтанд: онҳо, ки наметавонанд ҳарф бизананд. Гуфт: агар наметавонанд ҳарф бизананд, пас чӣ чизро парастиш мекунед?! Қуръон мегӯяд:

فَرَجَعُوا إِلَى أَنْفُسِهِمْ

(*Сураи Анбиё, оятҳои 62-64*) Инҷо буд, ки ба худ бозомаданд.

## Озодии ақида

Мукаррар ин матлабро гуфтаам: онҳое, ки ба баҳонаи озодии ақида вориди бутхонаҳо мешаванд ва як калима ҳарф намезананд, (дар воқеъ эҳтиром ба асорат мегузоранд). Маликаи Англистон ба Ҳиндустон рафт. Ба хотири эҳтиром ба ақоиди ҳиндуҳо агар худи ҳиндуҳо аз дари бутхона кафшҳоро меканданд, ӯ аз сари кӯча кафшҳоро ба эҳтироми бутҳо канд (ки бигӯянд) аҷаб мардуме ҳастанд! Чӣ қадр барои ақоиди мардум эҳтиром қоиланд! Охир он ақидаро, ки фикр ба инсон намедиҳад! Он ақида инъиқод аст, тақлид аст, талқин аст, яъне занҷире аст, ки ваҳм ба дасту пойи башар бастааст. Башарро дар ин тавр ақоид озод гузоштан, яъне занҷирҳои авҳомеро, ки худи башар ба дасту пойи худаш бастааст, ба ҳамон ҳол боқӣ гузоштан. Вале ин, эҳтиром ба асорат аст, на эҳтиром ба озодӣ.

Эҳтиром ба озодӣ ин аст, ки бо ин ақоид — ки фикр нест, балки ақида аст, яъне сирфан инъиқод аст — мубориза шавад. **Ақида мумкин аст ношӣ аз тафаккур бошад ва мумкин аст ношӣ аз тақлид ё ваҳм ё талқин ва ё ҳазорон чизи дигар бошад. Ақоиде, ки ношӣ аз ақлу фикр нест, сирфан инъиқоди руҳӣ аст, яъне бастагӣ ва занҷири руҳӣ аст. Ислом ҳаргиз иҷоза намедиҳад як занҷир ба дасту пойи касе бошад, ҳарчанд он занҷирро худаш бо дасти мубораки худаш баста бошад.**

Пас, масъалаи озодии ақида ба маънии аъамм, як матлаб аст, масъалаи озодии фикр ва озодии имон ба маънии ин ки ҳар касе бояд имони худашро аз рӯи таҳқиқ ва фикр ба даст биёварад, матлаби дигар. **Қуръон меҷангад барои ин ки мавонеъи озодиҳои иҷтимоӣ ва фикриро аз байн бибарад.**

Мепурсанд, чаро мусалмонон ба фалон мамлакат ҳуҷум бурданд? Ҳатто дар замони хулафо — ман коре надорам, ки корашон ба худии худ саҳеҳ буда ё саҳеҳ набудааст — мусалмонон, ки ҳуҷум бурданд, нарафтанд ба мардум бигӯянд, бояд мусалмон бишавед. Ҳукуматҳои

ҷабборе дасту пойи мардумро ба занҷир баста буданд; мусалмонон бо ҳукуматҳо ҷангиданд, миллатҳоро озод карданд. Ин дуро бо ҳамдигар иштибоҳ мекунанд.

Мусалмонон агар бо Эрон ё Рум ҷангиданд, бо давлатҳои ҷаббор меҷангиданд, ки миллатҳоеро озод карданд ва ба ҳамин далел миллатҳо бо шавқу шаъаф мусалмононро пазируфтанд. Чаро таърих мегӯяд, вақте, ки сипоҳи мусалмонон ворид мешуд, мардум бо дастаҳои гул ба истиқболашон мерафтанд? Чун онҳоро фариштаи наҷот медонистанд.

Бархе инҳоро бо якдигар иштибоҳ мекунанд, ки “аҷаб! Мусалмонон ба Эрон ҳамла карданд. Лобуд вақте ба Эрон ҳамла карданд, ба суроғи мардум рафтанд ва ба онҳо гуфтанд, ҳатман бояд ислом ихтиёр кунед”. Онҳо ба мардум коре надоштанд, бо давлатҳои ҷаббор кор доштанд. Давлатҳоро хурд карданд, баъд мардумеро, ки ҳамин қадр шоибаи тавҳид дар онҳо буд, дар имонашон озод гузоштанд, ки агар мусалмон бишавед, айнан мисли мо ҳастед ва агар мусалмон нашавед, дар шароити дигаре бо шумо қарордод мебандем, ки он шароитро “шароити зимма” мегӯянд ва шароити зиммаи мусалмонон фавқулъода саҳлу осон ва содда будааст.

Пас, асли рифқ, нармӣ, мулоимат ва парҳез аз хушунат ва икроҳу иҷбор роҷеъ ба худи имон (на роҷеъ ба мавонеъи иҷтимоӣ ва фикрии имон, ки он ҳисоби дигаре дорад), ҷузъи усули даъвати исломӣ аст:

لَا إِكْرَاهَ فِي الدِّينِ قَدْ تَبَيَّنَ الرُّشْدُ مِنَ الْغَيِّ فَمَنْ يَكْفُرْ بِالطَّاغُوتِ وَيُؤْمِنْ بِاللَّهِ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَى

(*“Кори дин ба иҷбор нест, таҳқиқан роҳи ҳидоят ва залолат бар ҳама кас равшан гардида. Пас ҳар ки аз роҳи куфру саркашии деви раҳзан баргардад ва ба роҳи имон ба Худо гарояд, бегумон ба риштаи маҳкам ва устуворе чанг зада…” (Сураи Бақара, ояти 256)*)

Хулосаи мантиқи Қуръон ин аст, ки дар амри дин иҷборе нест, барои ин ки ҳақиқат равшан аст; роҳи ҳидоят ва рушд равшан, роҳи залолат ҳам равшан, ҳар кас мехоҳад ин роҳро интихоб кунад ва ҳар кас мехоҳад он роҳро.

Дар шаъни нузули ин оят чанд чиз навиштаанд, ки наздики якдигар аст ва ҳама метавонад дар они воҳид дуруст бошад. Вақте, ки Банӣ Назир, ки ҳампаймони мусалмонон буданд хиёнат карданд, Пайғамбари Акрам дастур ба ҷилои ватан дод, ки бояд аз инҷо берун биравед. Иддае аз фарзандони мусалмонон дар миёни онҳо буданд, ки яҳудӣ буданд. Ҳол, чаро яҳудӣ буданд? (Қабл аз зуҳури ислом) яҳудиҳо фарҳанг ва сақофати болотаре аз аъроби Ҳиҷоз доштанд. Аъроби Ҳиҷоз мардуме буданд фавқулъода бесавод ва беиттилоъ. Яҳудиҳо, ки аҳли китоб буданд, саводу маълумоти бештаре доштанд ва аз ин рӯ фикри

худашонро ба онҳо таҳмил мекарданд. Тавре буд, ки ҳатто бутпарастон ба инҳо ақида меварзиданд. Ибни Аббос мегӯяд, дар миёни занони аҳли Мадина гоҳе иттифоқ меафтод баъзе занҳо, ки баччадор намешуданд, назр мекарданд, ки агар баччае пайдо кунанд, ӯро ба миёни яҳудиҳо бифиристанд, яҳудӣ бишавад. Ин эътиқодро доштанд, чун ҳис мекарданд мазҳаби онҳо аз мазҳаби худашон, ки бутпарастӣ аст, болотар аст. Ва гоҳе баччаҳои ширхорашонро назди яҳудиҳо мефиристоданд, то ба онҳо шир бидиҳанд. Он баччаҳое, ки инҳо назр карда буданд яҳудӣ бишаванд, бадеҳӣ аст яҳудӣ мешуданд ва ба миёни яҳудиҳо мерафтанд. Баччаҳое ҳам, ки яҳудиҳо ба онҳо шир медоданд, қаҳран ахлоқи яҳудиҳоро мегирифтанд, модару бародару хоҳари ризоӣ пайдо мекарданд ва бо онҳо ошно мешуданд ва бархе аз онҳо яҳудӣ мешуданд. Ба ҳар ҳол, як идда баччаяҳудӣ, ки падару модарҳояшон аз ансор ва аз Авс ва Хазраҷ буданд вуҷуд доштанд. Вақте, ки қарор шуд Банӣ Назир бираванд, мусалмонон гуфтанд, мо намегузорем баччаҳоямон бираванд. Иддае аз баччаҳо, ки ба дини яҳуд буданд гуфтанд, мо бо ҳамдинонамон меравем. Масъалае барои мусалмонон шуд. Мусалмонон гуфтанд, мо ҳаргиз намегузорем инҳо баччаҳоямонро бо худашон бибаранд ва яҳудӣ боқӣ бимонанд, вале худи баччаҳо бархе гуфтанд, мо мехоҳем бо ҳамдинонамон биравем. Омаданд хидмати Пайғамбари Акрам: ё Расулаллоҳ! Мо намехоҳем бигузорем баччаҳоямон бираванд. (Оят зоҳиран дар онҷо нозил шуд). Пайғамбари Акрам фармуд: иҷборе дар кор нест. Баччаҳои шумо агар дилашон мехоҳад, ислом ихтиёр кунанд. Агар намехоҳанд, ихтиёр бо худашон. Мехоҳанд бираванд, бираванд, дин амри иҷборӣ нест:

لَا إِكْرَاهَ فِي الدِّينِ قَدْ تَبَيَّنَ الرُّشْدُ مِنَ الْغَيِّ فَمَنْ يَكْفُرْ بِالطَّاغُوتِ وَيُؤْمِنْ بِاللَّهِ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَى

Чун табиати имон иҷбору икроҳ ва хушунатро ба ҳеч шакл намепазирад.

فَذَكِّرْ إِنَّمَا أَنْتَ مُذَكِّرٌ. لَسْتَ عَلَيْهِمْ بِمُصَيْطِرٍ. إِلَّا مَنْ تَوَلَّى وَكَفَرَ. فَيُعَذِّبُهُ اللَّهُ الْعَذَابَ الْأَكْبَرَ

(*Сураи Ғошия, оятҳои 21-24*) Эй паёмбар! Ба мардум тазаккур бидеҳ (қаблан маънии тазаккурро арз кардам), мардумро аз хоби ғафлат бедор кун, ба мардум бедорӣ бидеҳ, ба мардум огоҳӣ бидеҳ, мардумро аз роҳи бедорӣ ва огоҳиашон ба сӯи дин бихон.

إِنَّمَا أَنْتَ مُذَكِّرٌ

Ту шаъне ғайр аз музаккир будан надорӣ, ту мусайтир нестӣ, яъне Худо туро ин тавр қарор надода, ки ба зӯр бихоҳӣ коре бикунӣ.

إِلَّا مَنْ تَوَلَّى وَكَفَرَ

Оё

إِلَّا مَنْ تَوَلَّى وَكَفَرَ

истисное аз

لَسْتَ عَلَيْهِمْ بِمُصَيْطِرٍ

аст ё истисное аз

فَذَكِّرْ إِنَّمَا أَنْتَ مُذَكِّرٌ

Дар тафсири “*Алмизон*” мефармояд ва далоил зикр мекунад, ки истисное аз

فَذَكِّرْ إِنَّمَا أَنْتَ مُذَكِّرٌ

аст: тазаккур бидеҳ.

إِلَّا مَنْ تَوَلَّى وَكَفَرَ

Магар (ба) афроде, ки ту ба онҳо тазаккур додаӣ. Бо ин ки тазаккур додаӣ, бо вуҷуди ин эъроз кардаанд ва дигар тазаккур баъд аз тазаккур фоида надорад.

فَيُعَذِّبُهُ اللَّهُ الْعَذَابَ الْأَكْبَرَ

(Пас Худо ӯро азоб мекунад, азоби акбар), ки азоби ҷаҳаннам аст.

## Алӣ ва реҳлати Заҳро

Шаби охир аст ва махсусан бояд зикри мусибат бишавад ва тибқи маъмул ва хусусан бо таносуби айём, бояд зикри мусибати ҳазрати Заҳро (Саломуллоҳи алайҳо!) бишавад.

Мусибати Заҳро бар Алӣ фавқулъода сахт ва душвор аст. Ҳазрати Заҳро ҳолашон номусоид буд ва дар бистар буданд. Алӣ алайҳис салом болои сари Заҳро нишаста буд. Заҳро шурӯъ кард ба сухан гуфтан. Мутавозеъона ҷумлаҳое фармуд, ки Алӣ алайҳис салом аз ин тавозӯи фавқулъодаи Заҳро риққат кард ва гирист. Мазмуни таъбири ҳазрат ин аст: Алиҷон! Даврони зиндагии мо дорад ба поён мерасад, ман дорам аз дунё меравам, ман дар хонаи ту ҳамеша кӯшиш кардаам чунину чунон бошам, амри туро ҳамеша итоат кунам, ман ҳаргиз амри туро мухолифат накардам ва таъбироте аз ин қабил. Онҷунон Алиро мутаассир кард, ки фавран Заҳроро дар оғӯш гирифт, сари Заҳроро ба сина часпонид ва гирист: духтари пайғамбар! Ту волотар аз ин суханон ҳастӣ, ту волотар аз ин ҳастӣ, ки асосан гуфтани ин

суханон аз сӯи ту саҳеҳ бошад. Яъне чаро ин қадр тавозӯъ мекунӣ?! Ман аз ин тавозӯи ту норохат мешавам. Муҳаббати фавқулъодае миёни Алӣ ва Заҳро ҳукмфармост, ки қобили тавсиф нест ва аз ин рӯ метавонем бифаҳмем, ки танҳоии Алӣ баъд аз Заҳро, бо Алӣ чӣ мекунад. Фақат чанд ҷумлаеро, ки худи мавлои муттақиён Алӣ алайҳис салом рӯи қабри Заҳро фармуд, ки ҷузъи калимоти эшон дар "*Наҳҷул-балоға*" аст, арз мекунам.

Заҳро васият карда буд: "Аличон! Худат маро ғусл бидеҳ ва таҷҳиз ва дафн кун. Шаб маро дафн кун, намехоҳам касоне, ки ба ман зулм кардаанд, дар ташйеъи ҷанозаи ман ширкат кунанд".

Таърих кораш ҳамеша лавс аст. Афроде ҷиноятеро муртакиб мешаванд ва баъд худашон дар қиёфаи як дилсӯз зоҳир мешаванд барои ин ки таърихро лавс кунанд, айни коре, ки Маъмун кард: Имом Ризоро шаҳид мекунад, баъд худаш беш аз ҳама мушт ба сараш мезанад ва фарёд мекунад ва марсиясаройӣ менамояд ва аз ин рӯ таърихро дар ибҳом боқӣ гузошта, ки иддае наметавонанд бовар кунанд, ки Маъмун будааст, ки Имом Ризоро шаҳид кардааст. Ин лавси таърих аст.

Заҳро барои ин ки таърих лавс нашавад, фармуд, маро шаб дафн кун. Лоақал ин аломати истифҳом дар таърих бимонад: пайғамбар як духтар, ки бештар надошт; чаро бояд ин як духтар шабона дафн бишавад ва чаро бояд қабраш маҷҳул бимонад?! Ин бузургтарин сиёсате аст, ки Заҳрои Марзия эъмол кард, ки ин дарро ба рӯи таърих боз бигузорад, ки баъд аз ҳазор сол ҳам, ки шуда биёянд ва бигӯянд:

وَلِأَيِّ الْأُمورِ تُدْفَنُ لَيْلاً

بِضْعَةُ الْمُصْطَفى وَيُعْفى ثَراها

Таърих бигӯяд: Субҳоналлоҳ! Чаро духтари пайғамбарро дар шаб дафн кунанд?! Магар ташйеъи ҷаноза як амри мустаҳаббе нест, он ҳам мустаҳабби муаккад ва он ҳам ташйеъи ҷанозаи духтари пайғамбар?! Чаро бояд афроде маъдуд ба ӯ намоз бихонанд?! Ва чаро аслан маҳалли қабраш маҷҳул бимонад ва касе надонад Заҳроро дар куҷо дафн кардаанд?!

Алӣ Заҳроро дафн кард. Заҳро ҳамчунин васият карда буд: Аличон! Баъд, ки маро ба хок супурдӣ ва қабри маро пӯшонидӣ, лаҳзае рӯи қабри ман биист ва дур нашав, ки ин, лаҳзае аст, ки ман ба ту ниёз дорам. Алӣ дар он шаби торик тамоми васоёи Заҳроро мӯ ба мӯ иҷро мекунад. Ҳоло бар Алӣ чӣ мегузарад, ман наметавонам тавсиф кунам: Заҳрои худро бо

дасти худ дафн кунад ва бо дасти худ қабри ӯро бипӯшонад. Вале ин қадр медонам, ки таърих мегӯяд:

**فَلَمّا نَفَضَ يَدَهُ مِنْ تُرابِ الْقَبْرِ هاجَ بِهِ الْحُزْنُ**

Алӣ қабри Заҳроро пӯшонд ва гарду хоки либосҳояшро такон дод. То он лаҳза машғули кор буд ва иштиғол ба як кор қаҳран то ҳадде барои инсон инсироф эҷод мекунад. Кораш тамом шуд. Ҳоло мехоҳад васияти Заҳроро иҷро кунад, яъне бимонад. То ба ин марҳила расид, ғамҳои дунё бар дили Алӣ рӯ овард; эҳсос мекунад ниёз ба дарди дил дорад. Гоҳе Алӣ дарди дилҳои худашро бо чоҳ мегуфт, сарашро дар чоҳ фурӯ мебурд. Вале барои дарди диле, ки дар заминаи Заҳро дорад, фикр мекунад ҳеч кас беҳтар аз пайғамбар нест. Рӯ мекунад ба қабри муқаддаси Пайғамбари Акрам:

**اَلسَّلامُ عَلَيْكَ يا رَسولَ اللهِ عَنّي وَعَنِ ابْنَتِكَ النّازِلَةِ فى جِوارِكَ وَالسَّريعَةِ اللِّحاقِ بِكَ. قَلَّ يا رَسولَ اللهِ عَنْ صَفِيَّتِكَ صَبْري**

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 193*)

**ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين**

# Замима

## Таърихчаи зиндагонии Паёмбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ:

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله رب العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلوة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه وحافظ سرّه ومبلّغ رسالاته سيّدنا ونبيّنا ومولانا أبي القاسم محمّد وآله الطّيّبين الطّاهرين المعصومين. أعوذ بالله من الشيطان الرجيم

لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ

(*"Ҳамоно расуле аз ҷинси шумо барои (ҳидояти) шумо омад, ки фақру парешонӣ ва ҷаҳлу фалокати шумо бар ӯ сахт меояд ва бар (осоиш ва наҷоти) шумо бисёр ҳарис ва ба мӯъминон рауфу меҳрубон аст." (Сураи Тавба, ояти 128)*)

Рӯзи вилодати Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ва ҳамчунин рӯзи вилодати имоми шашум Имом Содиқ алайҳис салом аст. Имрӯз барои мо қаҳран рӯзе аст, ки ид музоаф аст, чун ду ид аст, ду вилодати бузург дар ин рӯз воқеъ шудааст. Вале як гилоя аз худамон намешавад накард. Ва он ин ки бо ин ки аз назари мо аз он ҷиҳат, ки мусалмон ҳастем, ин рӯз рӯзи вилодати Пайғамбари Акрам аст ва аз он ҷиҳат, ки мусалмони шиа ҳастем, рӯзи вилодати Имом Содиқ аст, вале ибрози эҳсосоте, ки мо мардуми шиа дар ин рӯз ба харҷ медиҳем, на бо ибрози эҳсосоте, ки масеҳиён дар вилодати Масеҳ ба харҷ медиҳанд баробарӣ мекунад (ва балки таносуб ҳам надорад) ва на бо ибрози эҳсосоте, ки дунёи тасаннун дар ҳамин рӯзҳо ба муносибати вилодати Расули Акрам мекунад.

Медонед, ки дунёи масеҳият дар вилодати Масеҳ чандин рӯз иди расмии худро мегирад, ба тавре, ки осораш дар миёни мо, мусалмонон ҳам зоҳир мешавад. Ва дунёи тасаннун ҳам тӯлонитарин иде, ки барои худ мегирад, ки тақрибан бо иди Наврӯзи мо эрониҳо баробарӣ мекунад, ҳамон вилодати Расули Акрам аст, ки таътили чандрӯза доранд ва иди чандрӯза аст. Албатта онҳо рӯзи 12-уми Рабиъулаввал яъне панҷ рӯз қабл аз рӯзи 17-умро, ки мо ид мегирем, рӯзи вилодати Расули Акрам медонанд, вале иди онҳо аз рӯзи 12-ум шурӯъ мешавад ва зоҳиран то панҷ рӯз баъд аз 17-ум идома пайдо мекунад. Он чи барои мо иди Наврӯз яъне як иди умумии тӯлонӣ аст, дар дунёи тасаннун ҳамон айёми вилодати Расули Худост. Вале дар миёни мо шиаён — ки арз кардам ин гиларо аз худамон намешавад накард

— вилодати Расули Худо меояд ва мегузарад ва бисёре аз мардуми мо эҳсос намекунанд, ки чунин рӯзе ҳам бар онҳо гузашт. Ва агар танҳо масъалаи таътили расмӣ ва таътил шудани банкҳо ва бекор шудани кормандони идорӣ набуд, асосан кучактарин эҳсосе дар ҷомеаи мо рух намедод, бо ин ки ид музоаф аст. Ҳоло исми инро чӣ мешавад гузошт, ман намедонам. Имрӯз ман қасд дорам як баҳси хеле мухтасар дар бораи таърихчаи Расули Акрам дар ҳадде, ки барои ҷавонони донишомӯз ва аҳёнан баъзе донишҷӯён, ки дар ин замина иттилооти каме доранд муфид бошад кунам, баъд сухани худамро ихтисос бидиҳам ба қисмате аз калимоти Расули Акрам ва тафсири баъзе аз суханони он бузургвор.

## Вилодат ва даврони кӯдакӣ

Вилодати Пайғамбари Акрам ба иттифоқи шиа ва суннӣ дар моҳи Рабиъулаввал аст, гӯ ин ки аҳли тасаннун бештар рӯзи 12-умро гуфтаанд ва шиа бештар рӯзи 17-умро, ба истисноi Шайх Кулайнӣ, соҳиби китоби “*Кофӣ*”, ки эшон ҳам рӯзи 12-умро рӯзи вилодат медонанд. Расули Худо дар чӣ фасле аз сол мутаваллид шудааст? Дар фасли баҳор. Дар “*Ассиратул-ҳалабийя*” менависад:

وُلِدَ فى فَصْلِ الرَّبيعِ

Дар фасли рабиъ (баҳор) ба дунё омад. Баъзе аз донишмандони имрӯз ҳисоб кардаанд, то бибинанд, рӯзи вилодати Расули Акрам бо чӣ рӯзе аз айёми моҳҳои шамсӣ мунтабиқ мешавад, ба ин натиҷа расидаанд, ки 12-ум рабиъи он сол мутобиқ мешавад бо 20-уми апрел. Ва 20-уми апрел мутобиқ аст бо 31-уми фарвардин. Ва қаҳран 17-уми рабиъ мутобиқ мешавад бо 5-уми урдибиҳишт. Пас қадри мусаллам ин аст, ки Расули Акрам дар фасли баҳор ба дунё омадааст, ҳол ё 31-уми фарвардин ё 5-уми урдибиҳишт.

Дар чӣ рӯзе аз айёми ҳафта ба дунё омадааст? Шиа мӯътақид аст, ки дар рӯзи ҷумъа ба дунё омадаанд, аҳли тасаннун бештар гуфтаанд, дар рӯзи душанбе. Дар чӣ соате аз шабонарӯз ба дунё омадаанд? Шояд иттифоқи назар бошад, ки баъд аз тулӯи фаҷр ба дунё омадаанд, дар байнаттулӯайн.

Таърихчаи Расули Акрам таърихчаи аҷибе аст. Падари бузургворашон Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб аст. Ӯ писари бисёр рашид ва барозандае аст, ки ҳоло достони он масъалаи назри зибҳаш ва ин ҳарфҳо бимонад. Абдуллоҳи ҷавон ҷавоне буд, ки дар ҳамаи Макка медурахшид. Ҷавоне буд бисёр зебо, бисёр рашид, бисёр муаддаб, бисёр маъқул, ки духтарони Макка орзуи ҳамсарии ӯро доштанд. Ӯ бо мухаддара (зани боҳиҷоб) Омина

духтари Ваҳб, ки аз фомили наздики онҳо ба шумор меояд, издивоҷ мекунад. Дар ҳудуди чиҳил рӯз бештар аз зифофаш намегузарад, ки ба азми мусофират ба Шом ва Сурия аз Макка хориҷ мешавад ва зоҳиран сафар сафари бозаргонӣ будааст. Дар баргаштан ба Мадина, меояд, ки хешовандони модари ӯ дар онҷо буданд ва дар Мадина вафот мекунад. Абдуллоҳ дар вақте вафот мекунад, ки Пайғамбари Акрам ҳанӯз дар раҳими (баччадони) модар аст.

Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ятим ба дунё меояд яъне падар аз сараш рафтааст. Ба расми он вақт, араб барои тарбияти кӯдак лозим медонистанд, ки баччаро ба мурзиъа (зани ширдиҳанда) бидиҳанд, то ба бодия бибарад ва дар онҷо ба ӯ шир бидиҳад. Ҳалимаи Саъдия (Ҳалима зане аз қабилаи Банӣ Саъд) аз бодия ба Мадина меояд, ки он ҳам достони муфассале дорад. Ин тифл насиби ӯ мешавад, ки худи Ҳалима ва шавҳараш достонҳо нақл мекунанд, ки аз рӯзе, ки ин кӯдак по ба хонаи мо гузошт, гӯӣ баракат аз замину осмон бар хонаи мо меборид. Ин кӯдак то синни чаҳорсолагӣ дур аз модар ва дур аз ҷадд ва хешовандон ва дур аз шаҳри Макка, дар бодия дар миёни бодиянишинон пеши доя зиндагӣ мекунад. Дар синни чаҳорсолагӣ ӯро аз доя мегиранд. Модари меҳрубон ин баччаро дар домани худ мегирад.

Ҳол шумо Оминаро дар назар бигиред: зане, ки шавҳари маҳбуб ва ба истилоҳ шавҳари идеале доштааст ба номи Абдуллоҳ, ки он шабе, ки бо ӯ издивоҷ мекунад, ба ҳамаи духтарони Макка ифтихор мекунад, ки ин ифтихори бузург насиби ман шудааст, ҳанӯз бачча дар раҳимаш аст, ки ин шавҳарро аз даст медиҳад. Барои зане, ки алоқаи вофир ба шавҳари худ дорад, бадеҳӣ аст, ки бачча барои ӯ як ёдгори бисёр бузург аз шавҳари азиз ва маҳбубаш аст, хусусан агар ин бачча писар бошад. Омина тамоми орзуҳои худ дар Абдуллоҳро дар ин кӯдаки хурдсол мебинад. Ӯ ҳам, ки дигар шавҳар намекунад.

Ҷаноби Абдулмутталиб, падарбузурги Расули Худо, илова бар Омина, мутакаффили ин кӯдаки кучак ҳам ҳаст. Қавму хешҳои Омина дар Мадина буданд. Омина аз Абдулмутталиб иҷоза мегирад, ки сафаре барои дидори хешовандонаш ба Мадина биравад ва ин кӯдакро ҳам бо худаш бибарад. Ҳамроҳи канизе, ки дошт ба номи Умми Айман бо қофила ҳаракат мекунад. Ба Мадина меравад ва дидори дӯстонро анҷом медиҳад. (Сафаре, ки Пайғамбари Акрам дар кӯдакӣ карда, ҳамин сафар аст, ки дар синни панҷсолагӣ аз Макка ба Мадина рафтааст.) Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ бо модар ва канизи модар бармегардад. Дар байни роҳи Макка ва Мадина, дар манзиле ба номи “Абвоъ”, ки алъон ҳам ҳаст, модари

ӯ мариз мешавад, ба тадриҷ нотавон мегардад ва қудрати ҳаракатро аз даст медиҳад. Дар ҳамон ҷо вафот мекунад. Ин кӯдаки хурдсол марги модарро дар хилоли мусофират, ба чашм мебинад. Модарро дар ҳамон ҷо дафн мекунанд ва ҳамроҳи Умми Айман, ин канизи бисёр-бисёр бовафо — ки баъдҳо зани озодшудае буд ва то охири умр хидмати Расули Худо ва Алӣ ва Фотима ва Ҳасан ва Ҳусайнро аз даст надод ва он ривояти маъруфро ҳазрати Зайнаб аз ҳамин Умми Айман ривоят мекунад ва дар хонаи аҳли байти паёмбар пиразани муҷаллалае буд — ба Макка бармегардад.

Тақрибан панҷоҳ сол баъд аз ин қазия, ҳудуди соли севвуми ҳиҷрат буд, ки Пайғамбари Акрам дар яке аз сафарҳо омад аз ҳамин манзили Абвоъ убур кунад, поин омад. Асҳоб диданд пайғамбар бидуни ин ки бо касе ҳарф бизанад, ба тарафе равона шуд.

Баъзе дар хидматаш рафтанд, то бибинанд куҷо меравад. Диданд рафт ва рафт, дар нуқтае нишаст ва шурӯъ кард ба хондани дуо ва “Ҳамд” ва “Қул ҳуваллоҳ”… Вале диданд дар тааммули амиқе фурӯ рафт ва ба ҳамон нуқтаи замин таваҷҷӯҳи хоссе дорад ва дар ҳоле, ки бо худаш мехонд, кам-кам ашкҳои нозанинаш аз гӯшаи чашмонаш ҷорӣ шуд. Пурсиданд: ё Расулаллоҳ! Чаро мегирйед? Фармуд: инҷо қабри модар ман аст, панҷоҳ сол пеш ман модарамро дар инҷо дафн кардам.

Абдулмутталиб дигар баъд аз марги ин модар, тамоми зиндагиаш Расули Акрам шуда буд ва баъд аз марги Абдуллоҳ ва арӯсаш Омина, ин кӯдакро фавқулъода азиз медошт ва ба фарзандонаш мегуфт, ки ӯ бо дигарон хеле фарқ дорад, ӯ аз тарафи Худо ояндае дорад ва шумо намедонед. Вақте, ки мехост аз дунё биравад, Абӯтолиб — ки писари аршад ва бузургтар ва шарифтар аз ҳамаи фарзандони боқимондааш буд — дид падараш як ҳолати изтиробе дорад.

Абдулмутталиб хитоб ба Абӯтолиб гуфт: ман ҳеч нигаронӣ аз мурдан надорам, ҷуз як чиз ва он сарнавишти ин кӯдак аст. Ин кӯдакро ба чӣ касе бисупорам? Оё ту мепазирӣ? Аз ноҳияи ман тааҳҳуд мекунӣ, ки кафолати ӯро ба ӯҳда бигирӣ? Арз кард: бале, падар! Ман қавл медиҳам ва кард. Баъд аз он, ҷаноби Абӯтолиб, падари бузургвори амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом мутакаффили бузург кардани Пайғамбари Акрам буд.

## Мусофиратҳо

Расули Акрам ба хориҷи Арабистон фақат ду мусофират кардааст, ки ҳар ду қабл аз давраи рисолат ва ба Сурия будааст. Як сафар дар дувоздаҳсолагӣ ҳамроҳи амуяш Абӯтолиб ва сафари дигар дар бисту панҷсолагӣ ба унвони омили тиҷорат барои зане бева ба номи

Хадиҷа, ки аз худаш понздаҳ сол бузургтар буд ва баъдҳо бо ӯ издивоҷ кард. Албатта баъд аз рисолат, дар дохили Арабистон мусофиратҳое кардаанд. Масалан, ба Тоиф рафтаанд, ба Хайбар, ки шаст фарсах то Макка фосила дорад ва дар шимоли Макка аст рафтаанд, ба Табук, ки тақрибан марзи Сурия аст ва сад фарсах то Мадина фосила дорад рафтаанд, вале дар айёми рисолат аз ҷазиратулараб ҳеч хориҷ нашудаанд.

## Шуғлҳо

Пайғамбари Акрам чӣ шуғлҳое доштааст? Ҷуз шабонӣ ва бозаргонӣ, шуғлу кори дигареро мо аз эшон суроғ надорем. Бисёре аз пайғамбарон дар даврони қабл аз рисолаташон шабонӣ мекардаанд (ҳоло ин чӣ рози илоҳие дорад, мо дуруст намедонем) ҳамчунон ки Мӯсо шабонӣ кардааст. Пайғамбари Акрам ҳам қадри мусаллам ин аст, ки шабонӣ мекардааст. Гӯсфандонеро бо худаш ба саҳро мебурдааст, риоят мекарда ва мечаронида ва бармегаштааст. Бозаргонӣ ҳам, ки кардааст. Бо ин ки як сафар, сафари аввалӣ буд, ки худаш ба бозаргонӣ мерафт (фақат як сафар дар дувоздаҳсолагӣ ҳамроҳи амуяш рафта буд), он сафарро бо чунон маҳорате анҷом дод, ки мӯҷиби тааҷҷуби ҳамагон шуд.

## Савобиқ

Савобиқи қабл аз рисолати Пайғамбари Акрам чӣ будааст? Дар миёни ҳамаи пайғамбарони ҷаҳон, Пайғамбари Акрам ягона пайғамбаре аст, ки таърихи комилан мушаххасе дорад. Яке аз савобиқи бисёр мушаххаси Пайғамбари Акрам ин аст, ки уммӣ буд, яъне мактабнарафта ва дарснахонда буд, ки дар Қуръон ҳам аз ин нукта ёд шудааст. Аксари мардуми он минтақа дар он замон уммӣ буданд.

Яке дигар ин аст, ки дар ҳамаи он чиҳил соли қабл аз беъсат, дар он муҳит, ки фақат ва фақат муҳити бутпарастӣ буд, ӯ ҳаргиз бутеро саҷда накард. Албатта иддаи қалиле — маъруф ба “ҳунафо” — ки онҳо ҳам аз саҷда кардани бутҳо эҳтироз доштаанд, вале на аз аввал то охири умрашон, балки баъдан ин фикр барояшон пайдо шуд, ки ин кор, кори ғалате аст ва аз саҷда кардани бутҳо эъроз карданд ва баъзе аз онҳо масеҳӣ шуданд. Аммо Пайғамбари Акрам дар ҳамаи умраш, аз аввали кӯдакӣ то охир, ҳаргиз эътиное ба бут ва саҷдаи бут накард. Ин, яке аз мушаххасоти эшон аст. Ва агар як бор кучактарин тавозӯе дар муқобили буте карда буд, дар даврае, ки бо бутҳо мубориза мекард, ба ӯ мегуфтанд: ту худат будӣ, ки як рӯз омадӣ инҷо муқобили Лоту Ҳубал тавозӯъ кардӣ.

На танҳо бутеро саҷда накард, балки дар тамоми даврони кӯдакӣ ва ҷавонӣ, дар Макка, ки шаҳри лаҳву лаъиб буд, ба ин умур олуда нашуд. Макка ду хусусият дошт: яке ин ки маркази бутпарастии Арабистон буд ва дигар ин ки маркази тиҷорат ва бозаргонӣ буд ва сармоядорони араб дар Макка хуфта буданд ва бардадорони араб дар Макка буданд. Инҳо бардаҳо ва канизҳоро хариду фурӯш мекарданд. Дар натиҷа маркази айшу нӯши аъёну ашроф ҳам ҳамин шаҳр буд. Анвоъи лаҳву лаъибҳо, шаробхориҳо, навохтанҳо ва раққосиҳо доир буд, ба тавре, ки мерафтанд канизҳои сафеду зеборо аз Рум (ҳамин Шом ва Сурия) мехариданд ва меомаданд дар Макка ба истилоҳ ишраткада дуруст мекарданд ва аз ин ишраткадаҳо истифодаи молӣ мекарданд, ки яке аз чизҳое, ки Қуръон ба хотири он сахт ба инҳо метозад ҳамин аст, мефармояд:

وَلَا تُكْرِهُوا فَتَيَاتِكُمْ عَلَى الْبِغَاءِ إِنْ أَرَدْنَ تَحَصُّنًا

(*Сураи Нур, ояти 33*) Он бечораҳои бадбахт (канизҳо) мехостанд ифофи худашонро ҳифз кунанд, вале инҳо ба иҷбор ин бечораҳоро водор ба зино мекарданд ва дар муқобил пуле мегирифтанд. Хонаҳои Макка дар ду қисмат буд, дар боло ва поини шаҳр. Болоҳоро аъёну ашроф менишастанд ва поинҳоро ғайри аъёну ашроф. Дар хонаҳои аъёну ашроф ҳамеша садои тору танбӯр ва бизану бикӯбу бинӯш баланд буд. Пайғамбари Акрам дар тамоми умраш ҳаргиз дар ҳеҷ маҷлисе аз ин маҷолиси доири Макка ширкат накард.

Дар даврони қабл аз рисолат, ба садоқат ва амонат ва ақлу фитонат маъруфу машҳур буд. Ӯро ба номи “Муҳаммади Амин” мехонданд. Ба садоқат ва амонаташ эътимоди фаровон доштанд. Дар бисёре аз корҳо ба ақли ӯ иттико мекарданд. Ақл ва садоқат ва амонат аз сифоте буд, ки Пайғамбари Акрам сахт ба онҳо машҳур буд, ба тавре, ки дар замони рисолат вақте, ки фармуд: оё шумо то кунун аз ман сухани хилофе шунидаед, ҳама гуфтанд: абадан, мо туро ба сидқу амонат мешиносем.

Яке аз ҷараёнҳое, ки нишондиҳандаи ақл ва фитонати эшон аст ин аст, ки вақте хонаи Худоро хароб карданд, (деворҳои онро бардоштанд,) то думартиба бисозанд, Ҳаҷаруласвадро низ бардоштанд. Ҳангоме, ки мехостанд дубора онро насб кунанд, ин қабила мегуфт, ман бояд насб кунам, он қабила мегуфт, ман бояд насб кунам ва анқариб буд, ки задухӯрди шадиде рӯй диҳад. Пайғамбари Акрам омад қазияро ба шакли хеле соддае ҳал кард. Қазия маъруф аст, дигар намехоҳам вақти шуморо бигирам.

Масъалаи дигаре, ки боз дар даврони қабл аз рисолати эшон ҳаст, масъалаи эҳсоси таъйидоти илоҳӣ аст. Пайғамбари Акрам баъдҳо дар давраи рисолат, аз кӯдакии худаш

фармуд. Аз ҷумла фармуд: ман дар корҳои инҳо ширкат намекардам… Гоҳе ҳам эҳсос мекардам, ки гӯӣ як нерӯи ғайбӣ маро таъйид мекунад. Мегӯяд: ман ҳафт солам бештар набуд. Абдуллоҳ ибни Ҷудъон, ки яке аз ашрофи Макка буд, иморате месохт. Баччаҳои Макка ба унвони кори завқӣ ва кӯмак додан ба ӯ мерафтанд аз нуқтае ба нуқтаи дигар санг ҳамл мекарданд. Ман ҳам мерафтам ҳамин корро мекардам. Онҳо сангҳоро дар доманашон мерехтанд, доманашонро боло мезаданд ва чун шалвор надоштанд, кашфи аврат мешуд. Ман як дафъа то рафтам сангро дар доманам гузоштам, мисли ин ки эҳсос кардам, ки дасте омад ва зад доманро аз дастам андохт. Ҳис кардам, ки ман набояд ин корро кунам, бо ин ки кӯдаки ҳафтсола будам. Имом Боқир алайҳис салом дар ривоятҳое ва низ амирулмӯъминин дар "*Наҳҷул-балоға*" ин матлабро комилан таъйид мекунанд:

وَلَقَدْ قَرَنَ اللهُ بِهِ مِنْ لَدُنْ أَنْ كانَ فَطيماً أَعْظَمَ مَلَكٍ مِنْ مَلائِكَتِهِ، يَسْلُكُ بِهِ طَرِيقَ الْمَكارِمِ وَمَحاسِنَ أَخْلاقِ الْعالَمِ

(*"Ҳамоно Худованд аз оғози кӯдакии ҳазрат, бузургтарин фаришта аз фариштагони худро маъмури вай сохта буд, ки ӯро ба роҳи макорим ва маҳосини ахлоқи олам мебурд." ("Наҳҷул-балоға", хутбаи 234 (Қосиъа)*)

Имом Боқир алайҳис салом мефармояд: буданд фариштагони илоҳӣ, ки аз кӯдакӣ ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Паёмбар мефармуд: ман гоҳе салом мешунидам, як касе ба ман мегуфт, ассалому алайк ё Муҳаммад! Нигоҳ мекардам, касеро намедидам. Гоҳе бо худам фикр мекардам шояд ин санг ё дарахт аст, ки дорад ба ман салом медиҳад, баъд фаҳмидам, фариштаи илоҳӣ буда, ки ба ман салом медодааст.

Аз ҷумлаи қазоёи қабл аз рисолати эшон, ба истилоҳи мутакаллимон "ирҳосот" аст, ки ҳамин достони малак ҳам ҷузъи ирҳосот ба шумор меояд. Руъёҳои фавқулъода аҷибе буда, ки Пайғамбари Акрам махсусан дар айёми наздик ба рисолаташ медидааст. Мегӯяд: ман хобҳое медидам, ки

يَأْتي مِثْلُ فَلَقِ الصُّبْح

Мисли фаҷр, мисли субҳи содиқ содиқ ва мутобиқ буд; инчунин хобҳои равшан медидам. Баъзе аз руъёҳо аз ҳамон навъи ваҳй ва илҳом аст, на ҳар руъёе, на руъёе, ки аз меъдаи инсон бармехезад, на руъёе, ки маҳсули укдаҳо, хаёлот ва таваҳҳумоти пешин аст. Ҷузъи аввалин мароҳиле, ки Пайғамбари Акрам барои илҳом ва ваҳйи илоҳӣ дар даврони қабл аз рисолат тай мекард, дидани руъёҳое буд, ки ба таъбири худашон, монанди субҳи содиқ зуҳур мекард. Гоҳе худи хоб барои инсон равшан нест, пароканда аст ва гоҳе хоб равшан аст, вале

таъбираш содиқ нест. Аммо гоҳ хоб дар ниҳояти равшанӣ аст, ҳеч ибҳом ва торикӣ ва ба истилоҳ, ошуфтагӣ надорад ва баъд ҳам таъбираш дар ниҳояти вузуҳ ва рӯшноӣ аст.

Аз савобиқи дигар қабл аз рисолати Расули Акрам яъне дар фосилаи вилодат то беъсат, ин аст, ки — арз кардем — то синни бисту панҷсолагӣ дубор ба хориҷи Арабистон мусофират кард. Пайғамбар фақир буд, аз худаш надошт, яъне ба истилоҳ, як сармоядор набуд. Ҳам ятим буд, ҳам фақир ва ҳам танҳо. Ятим буд, хуб маълум аст, балки латим ҳам буд, яъне падару модар ҳар ду аз сараш рафта буданд. Фақир буд, барои ин ки як шахси сармоядоре набуд, худаш шахсан кор мекард ва зиндагӣ менамуд. Ва танҳо буд. Вақте инсон руҳе пайдо мекунад ва ба марҳилае аз фикр ва уфуқи фикрӣ ва эҳсосоти руҳӣ ва маънавиёт мерасад, ки хоҳ нохоҳ дигар бо мардуми замонаш таҷонус надорад, танҳо мемонад.

Танҳоии руҳӣ аз танҳоии ҷисмӣ сад дараҷа бадтар аст. Агарчӣ ин мисол хеле расо нест, вале матлабро равшан мекунад: шумо як олими бисёр олим ва бисёр боимонеро дар миёни мардуми ҷоҳил ва беимон қарор бидиҳед. Ҳарчанд он афрод падару модару бародарону ақвоми наздикаш бошанд, ӯ танҳост. Яъне пайванди ҷисмонӣ наметавонад ӯро бо инҳо пайванд бидиҳад. Ӯ аз назари руҳӣ дар як уфуқ зиндагӣ мекунад ва инҳо дар уфуқи дигаре. Гуфт: “*Чандон ки доноро аз нодон нафрат аст, нодонро аз доно ваҳшат аст.” (Саъдӣ*)

Пайғамбари Акрам дар миёни қавми худаш танҳо буд, ҳамфикр надошт. Баъд аз сисолагӣ дар ҳоле, ки худаш бо Хадиҷа зиндагӣ ва оила ташкил додааст, кӯдакеро дар дусолагӣ аз падараш мегирад ва ба хонаи худаш меоварад. Кӯдак, Алӣ ибни Абӯтолиб аст. То вақте, ки ба рисолат мабъус мешавад ва танҳоиаш бо мусоҳибати ваҳйи илоҳӣ тақрибан аз байн меравад (яъне то ҳудуди дувоздаҳсолагии ин кӯдак), мусоҳиб ва ҳамроҳаш фақат ин кӯдак аст. Яъне дар миёни ҳамаи мардуми Макка касе, ки лиёқати ҳамфикрӣ ва ҳамруҳӣ ва ҳамуфуқии ӯро дошта бошад, ғайр аз ин кӯдак нест. Худи Алӣ алайҳис салом нақл мекунад, ки ман бачча будам, пайғамбар вақте ба саҳро мерафт, маро рӯи дӯши худ савор мекард ва мебурд.

Дар бисту панҷсолагӣ маънан Хадиҷа аз ӯ хостгорӣ мекунад. Албатта мард бояд хостгорӣ кунад, вале ин зан шефтаи хулқу хӯй ва маънавият ва зебоӣ ва ҳама чизи ҳазрати Расул аст; худаш афродеро таҳрик мекунад, ки ин ҷавонро водор кунед, ки биёяд аз ман хостгорӣ кунад. Меоянд, мефармояд: охир ман чизе надорам. Хулоса ба ӯ мегӯянд, ту ғуссаи ин чизҳоро нахӯр ва ба ӯ мефаҳмонанд, ки Хадиҷае, ки ту мегӯӣ, ашрофу аъён ва риҷол ва шахсиятҳо аз ӯ хостгорӣ кардаанд ва ҳозир нашудааст. Худаш мехоҳад. То билохира

достони хостгорӣ ва издивоҷ рух медиҳад. Аҷиб ин аст: ҳоло, ки ҳамсари як зани бозаргон ва сарватманд шудааст, дигар дунболи кори бозаргонӣ намеравад. Тоза давраи ваҳдат яъне давраи инзиво, давраи хилват, давраи таҳаннуф ва давраи ибодаташ шурӯъ мешавад.

Он ҳолати танҳоӣ яъне он фосилаи руҳие, ки ӯ бо қавми худаш пайдо кардааст, рӯз ба рӯз зиёдтар мешавад. Дигар ин Макка ва иҷтимои Макка гӯӣ руҳашро мехӯрад. Ҳаракат мекунад танҳо дар кӯҳҳои атрофи Макка роҳ меравад, тафаккур ва тадаббур мекунад. Худо медонад, ки чӣ оламе дорад! Мо, ки наметавонем бифаҳмем. Дар ҳамин вақт аст, ки ғайр аз он кӯдак яъне Алӣ алайҳис салом, каси дигар ҳамроҳ ва мусоҳиби ӯ нест.

Моҳи Рамазон, ки мешавад, дар яке аз ҳамин кӯҳҳои атрофи Макка — ки дар шимоли шарқи ин шаҳр аст ва аз силсилакӯҳҳои Макка муҷаззо ва махрутишакл аст — ба номи кӯҳи “Ҳиро”, ки баъд аз он давра онро Ҷабалуннур (кӯҳи Нур) номиданд, хилват мегузинад.

Шояд хеле аз шумо, ки ба ҳаҷ мушарраф шудаед, ин тавфиқро пайдо кардаед, ки ба кӯҳи Ҳиро ва ғори Ҳиро биравед ва ман ду бор ин тавфиқ насибам шудааст ва ҷузъи орзуҳоям ин аст, ки мукаррар дар мукаррар ин тавфиқ насибам бишавад. Барои як одами мутавассит ҳадди ақал як соат тӯл мекашад, ки аз поини доманаи ин кӯҳ ба қуллаи он бирасад ва ҳудуди се рубъ ҳам тӯл мекашад то поин биёяд.

Моҳи Рамазон, ки мешавад, аслан ба куллӣ Маккаро раҳо мекунад ва ҳатто аз Хадиҷа ҳам дурӣ мегузинад. Як тӯшаи хеле мухтасар; обе, ноне бо худаш бармедорад ва ба кӯҳи Ҳиро меравад ва зоҳиран Хадиҷа ҳар чанд рӯз якмартиба касеро мефиристод, то миқдоре обу нон барояш бибарад. Тамоми ин моҳро ба танҳоӣ дар хилват мегузаронад. Албатта гоҳе фақат Алӣ алайҳис салом дар онҷо ҳузур дошта ва шояд ҳамеша Алӣ алайҳис салом будааст. Инро ман алъон намедонам. Қадри мусаллам ин аст, ки гоҳе Алӣ алайҳис салом будааст, чун мефармояд:

**وَلَقَدْ جاوَرْتُ رَسولَ اللهِ عليه السلام بِحِراءَ حينَ نُزولِ الْوَحْيِ**

Он соате, ки ваҳй нузул пайдо кард, ман онҷо будам.

Аз он кӯҳ поин намеомад ва дар онҷо Худои худашро ибодат мекард. Ин ки чӣ гуна тафаккур мекард, чӣ гуна ба Худои худаш ишқ меварзид ва чӣ оламҳоеро дар онҷо тай мекард, барои мо қобили тасаввур нест. Алӣ алайҳис салом дар ин вақт баччае аст ҳаддиаксар дувоздаҳсола. Дар он соате, ки бар Пайғамбари Акрам ваҳй нозил мешавад, ӯ онҷо ҳозир аст. Пайғамбар як олами дигареро дорад тай мекунад. Ҳазорҳо мисли мо агар дар онҷо мебуданд, чизеро дар атрофи худ эҳсос намекарданд, вале Алӣ алайҳис салом як

дигаргуниҳоеро эҳсос мекунад. Қисматҳои зиёде аз оламҳои пайғамбарро дарк мекардааст, чун мегӯяд:

**وَلَقَدْ سَمِعْتُ رَنَّةَ الشَّيْطانِ حينَ نُزولِ الْوَحْيِ**

Ман садои нолаи шайтонро дар ҳангоми нузули ваҳй шунидам.

Мисли шогирди маънавӣ, ки ҳолатҳои руҳии худашро ба устодаш арза медорад, ба пайғамбар арз кард: ё Расулаллоҳ! Он соате, ки ваҳй дошт бар шумо нозил мешуд, ман садои нолаи ин малъунро шунидам. Фармуд: бале Алиҷон!

**إنَّكَ تَسْمَعُ ما أَسْمَعُ وَتَرى ما أَرى إلاّ أَنّكَ لَسْتَ بِنَبِيٍّ**

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 192*) Шогирди ман! Ту онҳо, ки ман мешунавам, мешунавӣ ва онҳо, ки ман мебинам, мебинӣ, вале ту пайғамбар нестӣ.

Ин, мухтасаре буд аз қазоёи марбут ба қабл аз рисолати Пайғамбари Акрам, ки лозим медидам барои шумо арз кунам.

# Сайре дар суханони Расули Акрам

Чанд сухан аз суханони ин шахсияти бузургворро барои шумо нақл мекунам, ки худи суханони пайғамбар мӯъҷиза аст — Қуръон, ки сухани Худост ба ҷойи худ — махсусан бо таваҷҷӯҳ ба савобиқе, ки арз кардам. Кӯдаке, ки сарнавишт ӯро ятим қарор дод дар вақте, ки дар раҳими модар буд. Ва латим қарор дод дар синни панҷсолагӣ. Даврони ширхорагиаш дар бодия гузаштааст. Ва дар Макка сарзамини уммият ва бесаводӣ бузург шуда. Ва зери дасти ҳеч муаллим ва мураббие кор накардааст. Мусофиратҳояш маҳдуд буда ба ду сафари кучак, он ҳам сафари бозаргонӣ ба хориҷи ҷазиратулараб. Ва бо ҳеч файласуфе, ҳакиме, донишманде бархӯрд надоштааст. Бо вуҷуди ин, Қуръон ба забони ӯ ҷорӣ мешавад ва бар қалби муқаддаси ӯ нозил мегардад. Ва баъд ҳам суханони худи ӯ мегӯяд ва ин суханон ончунон ҳакимона аст, ки бо суханони тамоми ҳукамои олам на танҳо баробарӣ мекунад, балки бар онҳо бартарӣ дорад. Ҳоло ин ки мо мусалмонҳо ин қадрҳо урзаи ин корҳоро надорем, ки суханони ӯро ҷамъ кунем ва дуруст пахш ва ташреҳ намоем, масъалаи дигаре аст.

Калимоти пайғамбарро дар ҷоҳои мухталиф нақл кардаанд. Ман махсусан аз қадимтарин манобеъ қисматеро нақл мекунам. Аз қадимтарин манобее, ки дар даст аст ё лоақал ман дар даст доштаам, китоб “*Албаёну ват-табйин*”-и Ҷоҳиз аст. Ҷоҳиз дар нимаи дуввуми қарни севвум мезистааст, яъне ин суханон тақрибан дар нимаи аввали қарни севвум навишта шудааст. Ин китоб ҳатто аз назари фарангиҳо ва мусташриқин ҷузъи китобҳои бисёр мӯътабар аст. Инҳо суханоне нест, ки бигӯед баъдҳо нақл кардаанд. На. Дар қарни севвум ба сурати як китоб даромадааст, ки албатта қабл аз қарни севвум ҳам будааст, чун Ҷоҳиз инҳоро бо санад нақл мекунад.

Масалан, шумо бибинед дар заминаи масъулиятҳои иҷтимоӣ, ин шахсияти бузург чӣ гуна сухан мегӯяд; мефармояд: мардуме савори киштӣ шуданд ва дарёе паҳноварро тай мекарданд. Як нафарро диданд, ки дорад ҷойи худашро накр мекунад яъне сӯрох мекунад. Як нафар аз инҳо нарафт дасти ӯро бигирад. Чун досташро нагирифтанд, об вориди киштӣ шуд ва ҳамаи онҳо ғарқ шуданд ва инчунин аст фасод.

Тавзеҳ ин ки: як нафар дар ҷомеа машғули фасод мешавад, муртакиби мункарот мешавад. Яке нигоҳ мекунад мегӯяд, ба ман чӣ, дигаре мегӯяд, ман ва ӯро, ки дар як қабр дафн намекунанд. Фикр намекунад, ки масали ҷомеа, масали киштӣ аст. Агар дар як киштӣ об

ворид бишавад, ҳарчанд аз ҷойгоҳи як фард ворид бишавад, танҳо он фардро ғарқ намекунад, балки ҳамаи мусофиринро якҷо ғарқ мекунад.

Оё дар бораи мусовоти афроди банӣ Одам, сухане аз ин болотар метавон гуфт?

النّاسُ سَواءٌ كَأسْنانِ الْمشْطِ

Шонаро нигоҳ кунед, дандонаҳои онро бибинед. Бибинед, оё яке аз дандонаҳои он аз дандонаи дигар баландтар ҳаст? На. Инсонҳо монанди дандонаҳои шона баробари якдигаранд. Бибинед, дар он муҳит ва дар он замон, инсоне инчунин дар бораи мусовоти инсонҳо сухан мегӯяд, ки баъд аз ҳазору чаҳорсад сол ҳанӯз касе ба ин хубӣ сухан нагуфтааст!

أَيُّهَا النّاسُ! إِنَّ رَبَّكُمْ واحِدٌ وَإِنَّ أَباكُمْ واحِدٌ، كُلُّكُمْ لِآدَمَ وَآدَمُ مِنْ تُرابٍ، لا فَضْلَ لِعَرَبِيٍّ عَلى عَجَمِيٍّ اِلاّ بِالتَّقْوى

Айюҳаннос! Парвардигори ҳамаи мардум яке аст, падари ҳамаи мардум якест, ҳамаатон фарзанди Одам ҳастед, Одам ҳам аз хок офарида шудааст. Ҷое боқӣ намемонад, ки касе ба нажоди худаш, ба насаби худаш, ба қавмияти худаш ва ба ин ҷур ҳарфҳо ифтихор кунад. Ҳама аз хок ҳастем. Хок, ки ифтихор надорад. Пас ифтихор ба фазилатҳои руҳӣ ва маънавӣ аст; ба тақвост. Милоки фазилат фақат тақвост ва ғайр аз ин чизи дигаре нест.

Ин ҳадисро, ки аз Расули Акрам аст, аз “*Кофӣ*” нақл мекунам:

ثَلاثٌ لا يُغِلُّ عَلَيْهِنَّ قَلْبُ امْرِئٍ مُسْلِمٍ: اِخْلاصُ الْعَمَلِ لِلّهِ وَالنَّصيحَةُ لِأَئِمَّةِ الْمُسْلِمينَ وَاللُّزومُ لِجَماعَتِهِمْ

Се чиз аст, ки ҳаргиз дили мӯъмин нисбат ба онҳо ҷуз ихлос чизи дигаре намеварзад (яъне дар он се чиз маҳол аст хиёнат кунад): яке ихлоси амал барои Худо. (Як мӯъмин дар амалаш риё намеварзад.) Дигар, хайрхоҳӣ барои пешвоёни воқеии мусалмонон. (Яъне хайрхоҳӣ дар ҷиҳати хайри мусалмонон, иршоду ҳидояти пешвоён дар ҷиҳати хайри мусалмонон.) Севвум, масъалаи ваҳдат ва иттифоқи мусалмонон. (Яъне нифоқ наварзидан, шаққи асои мусалмонон накардан, ҷамоати мусалмононро мутафарриқ накардан.)

كلُّكم راعٍ وكلُّكم مسؤولٌ عن رعيتِهِ

الْمُسْلِمُ مَنْ سَلِمَ الْمُسْلِمونَ مِنْ لِسانِهِ وَيَدِهِ

لَنْ تقَدَّسَ أُمَّةٌ حَتّى يُؤْخَذَ لِلضَّعيفِ فيها حَقُّهُ مِنَ الْقَوِيِّ غَيْرَ مُتَتَعْتِعٍ

Ҳеҷ миллате ба мақоми қадосат намерасад магар он гоҳ, ки афроди заифаш битавонанд ҳуқуқашонро аз ақвиё бидуни лукнати забон мутолиба кунанд.

Бибинед, сират чист ва чӣ мекунад?! Асҳобаш нақл кардаанд, ки дар давраи рисолат, дар сафаре хидматашон будем. Дар манзиле поин омада будем ва қарор буд, ки дар онҷо ғизое таҳия шавад. Гӯсфанде омода шуда буд, то ҷамоат онро зибҳ кунанд ва аз гӯшти он масалан обгӯште бисозанд ва тағзия кунанд. Яке аз асҳоб ба дигарон мегӯяд, сар буридани гӯсфанд бо ман, дигаре мегӯяд, пӯст кандани он бо ман, севвуме масалан мегӯяд, пухти он бо ман ва… Пайғамбари Акрам мефармояд, ҷамъ кардани ҳезум аз саҳро бо ман. Асҳоб арз карданд: ё Расулаллоҳ! Мо худамон ифтихори ин хидматро дорем, шумо сари ҷои худатон биншинед, мо худамон ҳамаи корҳоро анҷом медиҳем. Фармуд: бале, медонам, ман нагуфтам, ки шумо анҷом намедиҳед, вале матлаб чизи дигаре аст. Баъд ҷумлае гуфт; фармуд:

إِنَّ اللهَ يَكْرَهُ مِنْ عَبْدِهِ أَنْ يَراهُ مُتَمَيِّزاً بَيْنَ أَصْحابِهِ

Худо дӯст намедорад, ки бандаеро дар миёни бандагони дигар бибинад, ки барои худ имтиёз қоил шудааст.

Ман агар инҷо биншинам ва фақат шумо бираведа кор кунед, пас барои худам нисбат ба шумо имтиёз қоил шудаам. Худо дӯст надорад, ки бандае худашро ба чунин вазъе дарбиёварад. Бибинед, чӣ қадр амиқ аст!

Ин масъалаи ба истилоҳи имрӯз, “эътимод ба нафс” дар муқобили эътимод ба инсонҳои дигар, ҳарфи дурусте аст, албатта на дар муқобили эътимод ба Худо. Эътимод ба нафс сухани бисёр дурусте аст. Яъне иттикол ба инсони дигар надоштан, кори худро то ҷое, ки мумкин аст худ анҷом додан ва аз аҳаде тақозо накардан.

Бибинед ин тарбиятҳо чӣ қадр олӣ аст! Ин —

بُعِثْتُ لِأُتَمِّمَ مَكارِمَ الْأَخْلاق

— маъниаш чист? Боз асҳобаш нақл кардаанд, ки дар яке аз мусофиратҳо дар манзиле фуруд омадем. Ҳама мутафарриқ шуданд барои ин ки таҷдиди вузӯе кунанд ва омодаи намоз бишаванд. Дидем, ки Пайғамбари Акрам баъд аз он ки аз маркаб поин омад, тараферо гирифт ва рафт. Миқдоре, ки дур шуд, ногаҳон баргашт. Асҳоб бо худ фикр мекунанд, ки пайғамбар барои чӣ бозгашт? Оё аз тасмими ин ки имрӯз инҷо бимонем, мунсариф шудааст? Ҳама мунтазиранд бибинанд оё фармон медиҳад, ки ҳаракат кунед биравем. Вале мебинанд паёмбар чизе намегӯяд. То ба маркабаш мерасад. Баъд, аз он хӯрҷин ё тубраи рӯи он, зонубанд шутурро дармеоварад, зонуи шутурашро мебандад ва дубора ба ҳамон тараф роҳ

меафтад. Асҳоб бо тааҷҷуб гуфтанд: паёмбар барои чунин коре омад?! Ин ки кори кучаке буд! Агар аз онҷо садо мезад: ой фалон кас! Бирав зонуи шутури маро бибанд, ҳама бо сар медавиданд. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ! Мехостед ба мо амр бифармоед. Ба ҳар кадоми мо амр мефармудед, бо камоли ифтихор ин корро анҷом медод. Бибинед, сухан, дар чӣ мавқеъ ва дар чӣ маҳалл ва чӣ қадр олӣ аст! Фармуд:

**لا يَسْتَعِنْ أَحَدُكُمْ مِنْ غَيْرِهِ وَلَوْ بِقُضْمَةٍ مِنْ سِواكٍ**

То метавонед, дар корҳо аз дигарон кӯмак нагиред, ҳарчанд барои хостани як мисвок. Он кореро, ки худат метавонӣ анҷом бидиҳӣ, худат анҷом бидеҳ. Намегӯяд кӯмак нагир ва аз дигарон истимдод накун, ҳарчанд дар коре, ки наметавонӣ анҷом бидиҳӣ. На. Онҷо ҷои истимдод аст.

Агар касе ин тавфиқро пайдо кунад, ки суханони Расули Акрамро аз мутуни кутуби мӯътабар ҷамъоварӣ кунад ва ҳам тавфиқ пайдо кунад, ки сираи Пайғамбари Акрамро ба сабки сираи таҳлилӣ аз рӯи мадорики мӯътабар ҷамъу таҷзияву таҳлил кунад, он вақт маълум мешавад, ки дар ҳамаи ҷаҳон шахсияте монанди ин шахси бузургвор зуҳур накардааст. Тамоми вуҷуди пайғамбар эъҷоз аст. На фақат Қуръонаш эъҷоз аст, балки тамоми вуҷудаш эъҷоз аст. Ароизи худамро бо чанд калима дуо хотима медиҳам:

**باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله**

Парвардигоро! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!
Анвори маърифату муҳаббати худатро бар дилҳои мо битобон!
Моро шиносои зоти муқаддаси худат қарор бидеҳ!
Моро шиносои пайғамбари бузургворат қарор бидеҳ!
Анвори муҳаббати Пайғамбари Акраматро дар дилҳои ҳамаи мо қарор бидеҳ!
Анвори муҳаббату маърифати аҳли байти пайғамбарро дар дилҳои ҳамаи мо қарор бидеҳ!
Моро ошно бо сирати пайғамбари худат ва имомони атҳор қарор бидеҳ!
Моро қадрдони ислом ва Қуръон ва ин вуҷудоти муқаддас бифармо!
Амвоти моро машмули иноёт ва раҳмати худат бифармо!

**وعجّل فى فرج مولانا صاحب الزمان**

## Сад сухан аз калимоти кӯтоҳи ҳазрати Расул Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ:

1. Ҳар чи фарзанди Одам пиртар мешавад, ду сифат дар ӯ ҷавонтар мегардад: ҳирс ва орзу.
2. Ду гурӯҳ аз уммати ман ҳастанд, ки агар салоҳ ёбанд, уммати ман салоҳ меёбад ва агар фосид шаванд, уммати ман фосид мешавад: уламо ва ҳукком.
3. Шумо ҳама шабон (чӯпон) ва масъули нигоҳбонии якдигаред.
4. Наметавон ҳамаро ба мол розӣ кард, аммо ба ҳусни хулқ метавон.
5. Нодорӣ балост. Аз он бадтар, бемории тан ва аз бемории тан душвортар, бемории дил.
6. Мӯъмин ҳамвора дар ҷустуҷӯи ҳикмат аст.
7. Аз нашри дониш наметавон ҷилав гирифт.
8. Дили инсонӣ ҳамчу паре аст, ки дар биёбон ба шохаи дарахте овезон бошад; аз вазиши бодҳо доим дар инқилоб аст ва зеру рӯ мешавад.
9. Мусалмон он аст, ки мусалмонон аз дасту забони ӯ дар осоиш бошанд.
10. Раҳнамои ба кори нек, худ кунандаи он кор аст.
11. Ҳар дили сӯхтаеро оқибат подоше аст.
12. Биҳишт зери қадамҳои модарон аст.
13. Дар рафтор бо занон аз Худо битарсед ва он чи дар бораи онон шояд, аз некӣ дареғ нанамоед.
14. Парвардигори ҳама якест ва падари ҳама яке. Ҳама фарзанди Одамед ва Одам аз хок аст. Гиромитарини шумо назди Худованд парҳезгортарини шумост.
15. Аз лиҷоҷ бипарҳезед, ки ангезаи он, нодонӣ ва ҳосили он, пушаймонӣ аст.
16. Бадтарини мардум касе аст, ки гуноҳро набахшад ва аз лағзиш чашм напӯшад ва боз аз ӯ бадтар касе аст, ки мардум аз газанди ӯ дар амон ва ба некии ӯ умедвор набошанд.
17. Хашм магир ва агар гирифтӣ, лахте дар қудрати Кирдгор биандеш.
18. Чун туро ситоиш кунанд, бигӯ, эй Худо! Маро беҳтар аз он чи гумон доранд бисоз ва он чиро аз ман намедонанд бар ман бибахш ва маро масъули он чи мегӯянд қарор мадеҳ!
19. Ба сурати мутамаллиқон хок бипошед.
20. Агар Худо хайри бандаеро ирода кунад, нафси ӯро воиз ва раҳбари ӯ қарор медиҳад.
21. Субҳу шоме бар мӯъмин намегузарад, магар он ки бар худ гумони хато бибарад.
22. Сахттарин душмани ту ҳамоно нафси аммора аст, ки дар миёни ду паҳлӯи ту ҷо дорад.

23. Диловартарини мардум он аст, ки бар ҳавои нафс ғолиб ояд.
24. Бо ҳавои нафси худ набард кунед, то молики вуҷуди худ гардед.
25. Хушо ба ҳоли касе, ки таваҷҷӯҳ ба айбҳои худ ӯро аз таваҷҷӯҳ ба айбҳои дигарон боздорад.
26. Ростӣ ба дил оромиш мебахшад ва аз дурӯғ шакку парешонӣ мезояд.
27. Мӯъмин осон унс мегирад ва маънуси дигарон мешавад.
28. Мӯъминин ҳамчу аҷзои як бино ҳамдигарро нигоҳ медоранд.
29. Масали мӯъминин дар дӯстӣ ва дилбастагӣ ба якдигар, масали пайкаре аст, ки чун узве аз он ба дарде биёяд, боқии аъзо ба таббу бехобӣ дучор мешаванд.
30. Мардум монанди дандонаҳои шона бо ҳам баробаранд.
31. Донишҷӯӣ бар ҳар мусалмоне воҷиб аст.
32. Фақре сахттар аз нодонӣ ва сарвате болотар аз хирадмандӣ ва ибодате волотар аз тафаккур нест.
33. Аз гаҳвора то гӯр донишҷӯ бошед.
34. Дониш биҷӯед гарчӣ ба Чин бошад.
35. Шарофати мӯъмин дар шабзиндадорӣ ва иззати ӯ дар бениёзӣ аз дигарон аст.
36. Донишмандон ташнаи омӯхтананд.
37. Дилбохтагӣ кару кӯр мекунад.
38. Дасти Худо бо ҷамоат аст.
39. Парҳезгорӣ ҷону танро осоиш мебахшад.
40. Ҳар кас чиҳил рӯз ба хотири Худо зиндагӣ кунад, чашмаи ҳикмат аз дилаш ба забон ҷорӣ хоҳад шуд.
41. Бо хонаводаи худ ба сар бурдан, аз гӯшаи масҷид гирифтан, назди Худованд писандидатар аст.
42. Беҳтарин дӯсти шумо он аст, ки айбҳои шуморо ба шумо бинумояд.
43. Донишро ба банди навиштан дароваред.
44. То дил дуруст нашавад, имон дуруст нахоҳад шуд ва то забон дуруст нашавад, дил дуруст нахоҳад буд.
45. То ақли касеро наозмудаед, ба ислом овардани ӯ вақъе нагузоред.
46. Танҳо ба ақл метавон ба некиҳо расид. Он ки ақл надорад, аз дин тиҳӣ аст.
47. Зиёни нодонон беш аз зараре аст, ки табаҳкорон ба дин мерасонанд.

48. Ҳар соҳибхираде аз уммати маро чаҳор чиз зарурӣ аст: гӯш додан ба илм, ба хотири супурдан ва мунташир сохтани дониш ва ба он амал кардан.
49. Мӯъмин аз як сӯрох ду бор гузида намешавад.
50. Ман барои уммати худ аз бетадбирӣ бим дорам, на аз факр.
51. Худованд зебост ва зебоиро дӯст медорад.
52. Худованд мӯъмини соҳиби ҳирфаро дӯст дорад.
53. Тамаллуқ хӯи мӯъмин нест.
54. Нерӯмандӣ ба зӯри бозу нест; нерӯманд касе аст, ки бар хашми худ ғолиб ояд.
55. Беҳтарини мардум судмандтарини онон ба ҳоли дигаронанд.
56. Беҳтарин хонаи шумо он аст, ки ятиме дар он ба иззат зиндагӣ кунад.
57. Чӣ хуб аст сарвати ҳалол дар дасти марди нек.
58. Риштаи амал аз марг бурида мешавад магар ба се василa: хайроте, ки мустамир бошад, илме, ки ҳамвора манфиат бирасонад, фарзанди солеҳе, ки барои волидайн дуои хайр кунад.
59. Парастишкунандагони Худо се гурӯҳанд: яке, онон, ки аз тарс ибодат мекунанд ва ин ибодати бардагон аст. Дигар, онон, ки ба тамаи подош ибодат мекунанд ва ин ибодати муздурон аст. Гурӯҳи севвум онон, ки ба хотири ишқу муҳаббат ибодат мекунанд ва ин ибодати озодагон аст.
60. Се чиз нишонаи имон аст: дастгирӣ бо вуҷуди тангдастӣ, аз ҳаққи худ ба нафъи дигарӣ гузаштан, ба донишҷӯ илм омӯхтан.
61. Дӯстии худро ба дӯст зоҳир кун, то риштаи муҳаббат муҳкамтар шавад.
62. Офати дин се чиз аст: фақеҳи бадкор, пешвои золим, муқаддаси нодон.
63. Мардумро аз дӯстонашон бишносед; чи, инсон ҳамхӯи худро ба дӯстӣ мегирад.
64. Гуноҳи пинҳон ба соҳиби гуноҳ зиён мерасонад, гуноҳи ошкор ба ҷомеа.
65. Дар беҳбудии кори дунё бикӯшед, аммо дар кори охират чунон кунед, ки гӯӣ фардо рафтанӣ бошед.
66. Рӯзиро дар қаъри замин биҷӯед.
67. Чӣ басо, ки аз худситоӣ, аз қадри худ мекоҳанд ва аз фурӯтанӣ, бар мақоми худ меафзоянд.
68. Худоё! Фарохтарин рӯзии маро дар пирӣ ва поёни зиндагӣ каромат фармо!
69. Аз ҷумлаи ҳуқуқи фарзанд бар падар ин аст, ки номи некӯ бар ӯ бигузорад ва навиштан ба ӯ биёмӯзад ва чун болиғ шуд, ӯро ҳамсар интихоб кунад.

70. Соҳиби қудрат онро ба нафъи худ ба кор мебарад.

71. Сангинтарин чизе, ки дар тарозуи аъмол гузорда мешавад, хушхӯӣ аст.

72. Се амр шоистаи таваҷҷӯҳи хирадманд аст: беҳбудии зиндагонӣ, тӯшаи охират, айши ҳалол.

73. Хушо касе, ки зиёдии молро ба дигарон бибахшад ва зиёдии суханро барои худ нигоҳ дорад.

74. Марг моро аз ҳар носеҳе бениёз мекунад.

75. Ин ҳама ҳирси ҳукумату риёсат ва ин ҳама ранҷу пушаймонӣ дар оқибат!

76. Олими фосид бадтарини мардум аст.

77. Ҳар ҷо, ки бадкорон ҳукмраво бошанд ва нобихрадонро гиромӣ бидоранд, бояд мунтазири балое буд.

78. Нафарин бод бар касе, ки бори худро ба дӯши дигарон бигузорад!

79. Зебоии шахс дар гуфтори ӯст.

80. Ибодат ҳафт гуна аст, ки аз ҳама волотар талаби рӯзии ҳалол аст.

81. Нишонаи хушнудии Худо аз мардуме, арзонии қиматҳо ва адолати ҳукумати онҳост.

82. Ҳар қавме шоистаи ҳукумате аст, ки дорад.

83. Аз носазо гуфтан, ба ҷуз кинаи мардум суде намебарӣ.

84. Пас аз бут парастидан, он чи ба ман наҳй кардаанд, дарафтодан бо мардум аст.

85. Коре, ки насанҷида анҷом шавад, басо, ки эҳтимоли зиён дорад.

86. Он ки аз неъмати созиш бо мардум маҳрум аст, аз некиҳо яксара маҳрум хоҳад буд.

87. Аз дигарон чизе нахоҳед гарчӣ як чӯби мисвок бошад.

88. Худованд дӯст надорад, ки бандаеро байни ёронаш бо имтиёзи махсус бибинад.

89. Мӯъмин хандарӯву шӯх аст ва мунофиқ абусу хашмнок.

90. Агар фоли бад задӣ, ба кори худ идома бидеҳ ва агар гумони бад бурдӣ, фаромӯш кун ва агар ҳасуд шудӣ, худдор бош.

91. Дасти якдигарро ба дӯстӣ бифишоред, ки кинаро аз дил мебарад.

92. Ҳар, ки субҳ кунад ва ба фикриислоҳи кори мусалмонон набошад, мусалмон нест.

93. Хушрӯӣ кинаро аз дил мебарад.

94. Мабодо, ки тарс аз мардум шуморо аз гуфтани ҳақиқат боздорад!

95. Хирадмандтарини мардум касе аст, ки бо дигарон беҳтар бисозад.

96. Дар як сатҳ зиндагӣ кунед, то дилҳои шумо дар як сатҳ қарор бигирад. Бо якдигар дар тамос бошед, то ба ҳам меҳрубон шавед.

97. Ҳангоми марг мардумон мепурсанд: аз сарват чӣ боқӣ гузошта? Фариштагон мепурсанд: аз амали нек чӣ пеш фиристода?

98. Манфуртарини ҳалолҳо назди Худованд талоқ аст.

99. Беҳтарин кори хайр, ислоҳ байни мардум аст.

100. Худоё! Маро ба дониш тавонгар соз ва ба бурдборӣ зинат бахш ва ба парҳезгорӣ гиромӣ бидор ва ба тандурустӣ зебоӣ деҳ!

***Поёни китоб***